# ПАЁМШИНОСӢ

(МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ)

# ADDRESS STUDIES

(SCIENTIFIC JOURNAL)

2025. №1(1)



*“Дар паёми имрӯзаи Роҳбари давлат дастовардҳои ноилшудаи Тоҷикистон тайи вақтҳои охир, хусусан, дар панҷ соли гузашта баён гардиданд. Ҳамчунин, вазифаҳо барои таҳким бахшидану афзун гардонидани онҳо ва бартараф намудани мушкилоту монеаҳое, ки дар ҳаёти ҷомеа ва давлати мо мавҷуданд, мушаххас карда шуданд. Мехоҳам бо ифтихору қаноатмандӣ изҳор намоям, ки дастоварду пешравиҳои то имрӯз ноилгардидаи мо, пеш аз ҳама, натиҷаи талошу заҳмати мардуми шарифи кишвар мебошанд. Бинобар ин, ба тамоми мардуми сарбаланду шарафманди мамлакат барои заҳмати аҳлона ва содиқонаву софдилона сипосу миннатдорӣ баён менамоям”.*

**Иқтибос аз паёми Пешвои миллат**
**муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**
**аз 28 декабри соли 2024**



**АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ, ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ
ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН

МЕЖДУНАРОДНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ТУРИЗМА
И ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА ТАДЖИКИСТАНА

INTERNATIONAL UNIVERSITY OF TOURISM
AND ENTREPRENEURSHIP OF TAJIKISTAN

# ПАЁМШИНОСӢ
**(МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ)**

# ADDRESS STUDIES
**(SCIENTIFIC JOURNAL)**

# 2025. №1(1)

**ДУШАНБЕ, 2025**

**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ “ПАЁМШИНОСӢ”**

**Муассиси маҷалла: Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

**Маҷалла соли 2025 таъсис дода шудааст**

**Масъулият оид ба мухтаво ва саҳеҳияти иттилооти дар мақолаҳо истифодашударо дар маҷаллаи мазкур ба муаллиф вогузор карда мешавад.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.
Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.iutet.tj).
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №402/МҶ-97 аз 24.02.2025 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДБССТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад 48/5
Сомонаи маҷалла: (www.iutet.tj).
E-mail: majala.dbsst@gmail.com Тел.: (+992 37) 234-88-02

**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ “ПАЁМШИНОСӢ”**

**Учредитель журнала: Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана**

**Журнал основан в 2025 г.**

**Ответственность относительно содержания и достоверности использованной информации несет автор статьи в данном журнале.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.
Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.iutet.tj).
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство №402/МҶ-97 от 27.11.2023 г.
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре МУТПТ.
Адрес Издательского центра: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад 48/5.
Сайт журнала: (www.iutet.tj).
E-mail: majala.dbsst@gmail.com Тел.: (+992 37) 234-88-02

**SCIENTIFIC JOURNAL “ADDRESS STUDIES”**

**Journal Founder: International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan**

**The journal was founded in 2025.**

**The author of the article in this journal is responsible for the content and reliability of the information used.**

The journal is included in the database of the Russian Science Citation Index (RSCI).
The journal is printed in Tajik, Russian and English.
Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.iutet.tj).
The journal is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. Certificate №402/МҶ-97 of 24.02.2025
The journal is being prepared for publication at the IUTET Publishing Center.
Address of the Publishing Center: 48/5 Borbad Avenue, Dushanbe, Tajikistan, 734055
Journal website: (www.iutet.tj).
E-mail: majala.dbsst@gmail.com Tel.: (+992 37) 234-88-02

**© Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**
**© Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана**
**© International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan**

**САРМУҲАРРИР / ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР / CHIEF EDITOR**

***Асрорзода У.С.*** - ректори ДБССТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

***Асрорзода У.С.*** - ректор МУТПТ, доктор экономических наук, профессор

***Asrorzoda U.S.*** - rector of the IUTET, Doctor of Economics Sciences, Professor

***Қудратов Н.А.*** - муовини сармуҳаррир, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

***Қудратов Н.А.*** - заместитель главного редактора, доктор юридических наук, профессор

***Kudratov N.A.*** - deputy Chief Editor, Doctor of Law Sciences, Professor

**АЪЗОИ ШУРОИ МУШОВАРА / РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ / EDITORIAL COUNCIL**

***Маҳмудзода М.А.*** – академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

***Махмудзода М.А.*** – академик Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор

***Mahmudzoda M.A.*** – academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan, doctor of law Sciences, professor

***Раҳимзода М.З.*** – узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

***Рахимзода М.З.*** – член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор

***Rahimzoda M.Z.*** – Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law Sciences, Professor

***Ализода З.*** - ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

***Ализода З.*** - помощник Президента Республики Таджикистан по правовым вопросам, доктор юридических наук, профессор

***Alizoda Z.*** - Assistant to the President of the Republic of Tajikistan on legal issues, Doctor of Law Sciences, Professor

***Сафарзода А.И.***– сардори раёсати маориф, илм ва фарҳанги дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

***Сафарзода А.И.*** – начальник управления образования, науки и культуры Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор

***Safarzoda A.I.*** – Head of the Department of Education, Science and Culture of the Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan, Doctor of Law Sciences, Professor

***Шарофзода Ф.Р.*** – директори Институти илмӣ-тадқиқотии рушди устувор ва иқтисодиёти сабзи ДБССТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

***Шарофзода Ф.Р.*** – директор Научно-исследовательского института устойчивого развития и зеленой экономики МУТПТ, доктор экономических наук, профессор

***Sharofzoda F.R.*** – Director of the Research Institute for Sustainable Development and Green Economy of the IUTET, Doctor of Economics Sciences, Professor

***Иброҳимзода И.Р.*** - директори Институти илмӣ-тадқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории ДБССТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

***Ибрагимзода И.Р.*** – директор Научно-исследовательского института туризма и предпринимательства МУТПТ, доктор экономических наук, профессор

***Ibrahimzoda I.R.*** – Director of the Research Institute of Tourism and Entrepreneurship of the IUTET, Doctor of Economics Sciences, Professor

**АЪЗОЁНИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ / ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ / MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD**

1. ***Умаров Х.У.*** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

***Умаров Х.У.*** – доктор экономических наук, профессор

***Umarov Kh.U.*** – Doctor of Economics Sciences, Professor

2. ***Ҷамшедов М.Ҷ.*** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

***Джамшедов М.Дж.*** – доктор экономических наук, профессор

***Jamshedov M.J.*** – Doctor of Economics Sciences, Professor

| | | |
|---|---|---|
| 3. ***Маҷидов Ҳ.М. –*** доктори илмҳои техникӣ, профессор | ***Маджидов Х.М. -*** доктор технических наук, профессор | ***Majidov H.M. –*** Doctor of Technical Sciences, Professor |
| 4. ***Ҷӯрабоев Ғ.Ҷ.*** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор | ***Джурабаев Г.Дж. -*** доктор экономических наук, профессор | ***Juraboev G.J. –*** Doctor of Economics Sciences, Professor |
| 5. ***Қурбонова З.М.*** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор | ***Курбонова З.М.*** – доктор политических наук, профессор | ***Kurbonova Z.M. –*** Doctor of Political Sciences, Professor |
| 6. ***Иброҳимов С.И.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Иброхимов С.И.*** – доктор юридических наук, профессор | ***Ibrahimov S.I.*** – Doctor of Law Sciences, Professor |
| 7. ***Бобоҷонзода И.Ҳ.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Бободжонзода И.Х.*** – доктор юридических наук, профессор | ***Babajonzoda I.H.*** – Doctor of Law Sciences, Professor |
| 8. ***Меликов У.А.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Меликов У.А.*** – доктор юридических наук, профессор | ***Melikov U.A.*** – Doctor of Law Sciences, Professor |
| 9. ***Буризода Э.Б.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Буризода Э.Б.*** – доктор юридических наук, профессор | ***Burizoda E.B.*** – Doctor of Law Sciences, Professor |
| 10. ***Нематов А.Р.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Нематов А.Р.*** – доктор юридических наук, профессор | ***Nematov A.R.*** – Doctor of Law Sciences, Professor |
| 11. ***Раҷабов С.А.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Раджабов С.А.*** – доктор юридических наук, профессор | ***Rajabov S.A.*** – Doctor of Law Sciences, Professor |
| 12. ***Зоир Ҷ.М.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Зоир Дж.М.*** – доктор юридических наук, профессор | ***Zoir J.M.*** – Doctor of Law Sciences, Professor |
| 13. ***Исмоилов Ш.М.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Исмоилов Ш.М.*** – доктор юридических наук, профессор | ***Ismoilov Sh.M.*** – Doctor of Law Sciences, Professor |
| 14. ***Абдуҷалилов А.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Абдуджалилов А.*** – доктор юридических наук, профессор | ***Abdujalilov A.***– Doctor of Law Sciences, Professor |
| 15. ***Кабиров Х.Ш.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессор | ***Кабиров Х.Ш.*** – доктор филологических наук, профессор | ***Kabirov H.Sh.*** – Doctor of Philology Sciences, Professor |
| 16. ***Рустамова Г.Р.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессор | ***Рустамова Г.Р.*** – доктор филологических наук, профессор | ***Rustamova G.R.*** – Doctor of Philology Sciences, Professor |
| 17. ***Ҳотамов Н.Б.*** – доктори илмҳои таърих, профессор | ***Хотамов Н.Б.*** – доктор исторических наук, профессор | ***Hotamov N.B.*** – Doctor of historical Sciences, Professor |
| 18. ***Ҷононов С.*** – доктори илмҳои таърих, профессор | ***Джононов С.*** – доктор исторических наук, профессор | ***Jononov S.*** – Doctor of historical Sciences, Professor |
| 19. ***Хоҷаев Қ.Т.*** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор | ***Ходжаев Қ.Т.*** – доктор педагогических наук, профессор | ***Khojaev K.T.*** – Doctor of Pedagogical Sciences, Professor |
| 20. ***Мирзоев А.Р.*** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор | ***Мирзоев А.Р.*** – доктор педагогических наук, профессор | ***Mirzoev A.R.*** – Doctor of Pedagogical Sciences, Professor |
| 21. ***Бобоев Ҷ.*** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент | ***Бобоев Дж.*** – кандидат юридических наук, доцент | ***Babaev J.*** - Candidate of Law Sciences, Associate Professor |
| 22. ***Наботов С.Х.*** - доктори ҳуқуқ (PhD), дотсент | ***Наботов С.Х.*** – доктор права (PhD), доцент | ***Nabotov S.Kh.*** – Doctor of Law (PhD), Associate Professor |

| | | |
|---|---|---|
| **23.** ***Ҷумаев Б.М.*** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор | ***Джумаев Б.М.*** – доктор экономических наук, профессор | ***Jumaev B.M.***– Doctor of Economics Sciences, Professor |
| **24.** ***Садриддинзода М.И.*** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор | ***Садриддинзода М.И.*** – доктор экономических наук, профессор | ***Sadriddinzoda M.I.*** – Doctor of Economics Sciences, Professor |
| **25.** ***Сафоев А.К.*** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор | ***Сафоев А.К.*** – доктор экономических наук, профессор | ***Safoev A.K.*** – Doctor of Economics Sciences, Professor |

**КОТИБИ МАСЪУЛ / ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ / RESPONSIBLE SECRETARY**

| | | |
|---|---|---|
| **26.** ***Шоҳзода Н.И.*** – ходими калони илмии ДБССТ | ***Шохзода Н.И.*** – старший научный сотрудник МУТПТ | ***Shokhzoda N.I.*** - Senior Researcher IUTET |
| **27.** ***Матробов М.Х.*** – ходими калони илмии ДБССТ | ***Матробов М.Х.*** – старший научный сотрудник МУТПТ | ***Matrobov M.Kh.***– Senior Researcher IUTET |

| МУНДАРИҶА | | |
|---|---|---|
| 1. | **Асрорзода У.С., Исмоилов А.А.** Баъзе масъалаҳои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар партави паёмҳои Пешвои миллат) | 9 |
| 2. | **Иброҳимзода И.Р., Раҳмонзода А.А.** Паёмҳои президенти кишвар заминаи муҳим барои рушди соҳаҳои меҳнат ва шуғли аҳолӣ | 20 |
| 3. | **Маъдиев С.** Шинохти паём дар масири омори макроиқтисодӣ | 32 |
| 4. | **Самиева М.Б.** Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – роҳнамои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар | 40 |
| 5. | **Расулов Ғ., Сайдалиева И.** Паёми Президент – роҳнамои рушди устувори саноат | 46 |
| 6. | **Меликов У.А.** Ташаккули ҳуқуқи рақамӣ дар партави паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон | 51 |
| 7. | **Қудратов Н.А.** Нақши паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини амнияти миллӣ | 56 |
| 8. | **Маҷидов Ҳ.** Паём ва рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 64 |
| 9. | **Нурализода Н.**Нақши паёмҳои Пешвои миллат дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм (2000-2010) | 76 |
| 10. | **Раҳматова С.А.** Маориф ҳамчун асоси тараққиёти иҷтимоиву иқтисодӣ | 96 |
| 11. | **Ҳотамов Н.Б., Мирзоев Ҷ.А.** Инъикоси авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паёми навбатии Пешвои муаззами миллат | 102 |
| 12. | **Хоҷа Қ.Т.** Падидаҳои тоза аз паёми Пешвои миллат | 108 |
| 13. | **Тӯйчизода Н.** Паёми Президенти Тоҷикистон ҳамчун дурнамои рушди соҳаи маорифу фарҳанг ва сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 116 |
| 14. | **Абдуллоева Л.М.** Нақши Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими давлатдории навини тоҷикон | 121 |
| 15. | **Ёров Ҷ.Н., Ғафорзода Ҷ.Ғ.** Сайёҳӣ ҳамчун самти афзалиятноки иқтисоди миллӣ: нуктаҳо аз пайём (таҳлили муқоисавӣ) | 127 |
| 16. | **Матробов М.Х.** Асосҳои ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 139 |
| **Маълумот барои муаллифон** | | 153 |

| СОДЕРЖАНИЕ | | |
|---|---|---|
| 1. | **Асрорзода У.С., Исмоилов А.А.** Некоторые вопросы развития банковской системы Республики Таджикистан (в контексте посланий Лидера нации) | 9 |
| 2. | **Иброхимзода И.Р., Рахмонзода А.А.** Послания президента страны – важная база развития сферы труда и занятости населения | 20 |
| 3. | **Маъдиев С.** Распознание послания в контексте макроэкономической статистике | 32 |
| 4. | **Самиева М.Б.** Послание Президента Республики Таджикистан об экономическом и социальном развитии страны | 40 |
| 5. | **Расулов Г., Сайдалиева И.** Послание Президента - директивный путеводитель промышленного развития | 46 |
| 6. | **Меликов У.А.** Формирование цифрового права в на основе посланий Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона | 51 |
| 7. | **Кудратов Н.А.** Роль послания Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмана в обеспечении национальной безопасности | 56 |
| 8. | **Маҷидов Х.** Послание и развитие образования в Республике Таджикистан | 64 |
| 9. | **Нурализода Н.**Роль посланий Лидера нации в формировании государственной политики в области образования и науки (2000–2010 гг.) | 76 |

| | | |
|---|---|---|
| 10. | **Раҳматова С.А.** Образование как основа социально-экономического развития | 96 |
| 11. | **Хотамов Н.Б., Мирзоев Д.А.** Отражение приоритетов внешней политики Республики Таджикистан в очередном послании Лидера нации | 102 |
| 12. | **Ходжа К.Т.** Радостная весть от послание Лидера нации | 108 |
| 13. | **Туйчизода Н.** Послание Президента Таджикистана как перспектива развития секторов образования, культуры и туризма в Республике Таджикистан | 116 |
| 14. | **Абдуллоева Л.М.** Роль Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмана в укреплении новой государственности таджиков | 121 |
| 15. | **Ёров Д.Н., Гафорзада Д.Г.** Туризм как приоритетное направление национальной экономики: отрывки из послания (сравнительный анализ) | 127 |
| 16. | **Матробов М.Х.** Правовые основы мониторинга законодательства в Республике Таджикистан | 139 |
| **Памятка для авторов** | | 153 |


**CONTENT**


| | | |
|---|---|---|
| 1. | **Asrorzoda U.S., Ismoilov A.A.** Some issues of development of the banking system of the Republic of Tajikistan (in the context of the Address of the Leader of the nation) | 9 |
| 2. | **Ibrohimzoda I.R., Rahmonzoda A.A.** Address of the President of the country are an important basis for the development of the sphere of labor and employment of the population | 20 |
| 3. | **Madiyev S.** Recognition of the Address in the context of macroeconomic statistics | 32 |
| 4. | **Samieva M.B.** Address of the President of the Republic of Tajikistan on the economic and social development of the country | 40 |
| 5. | **Rasulov G., Saidalieva A.** Address of President directive indicator of industrial development | 46 |
| 6. | **Melikov U.A.** Formation of digital law based of the Addresses of the President of the Republic of Tajikistan, honorable Emomali Rahmon | 51 |
| 7. | **Kudratov N.A.** Role of the address by the President of the Republic of Tajikistan, respected Emomal Rahman, in ensuring national security | 56 |
| 8. | **Majidov H.** Address and development of education in the Republic of Tajikistan | 64 |
| 9. | **Nuralizoda N.** The role of the messages of the Leader of the nation in the formation of state policy in the field of education and science (2000-2010) | 76 |
| 10. | **Rakhmatova S.A.** Education as a basis for social and economic development | 96 |
| 11. | **Khotamov N.B., Mirzoev J.A.** Reflection of the foreign policy priorities of the Republic of Tajikistan in the next address of the Leader of the nation | 102 |
| 12. | **Khodja K.T.** Good news from the leader of the Nation's address | 108 |
| 13. | **Tuychizoda N.** Address of the President of Tajikistan as a prospect for developing the sectors of education, culture and tourism in the Republic of Tajikistan | 116 |
| 14. | **Abdulloeva L.M.** The role of the Leader of the nation, respected Emomali Rahman in strengthening the new statehood of the Tajiks | 121 |
| 15. | **Yorov J.N., Gaforzada J.G.** Tourism as a priority direction of the national economy: excerpts from the address (comparative analysis) | 127 |
| 16. | **Matrobov M.Kh.** Legal basis of legislative monitoring in the Republic of Tajikistan | 139 |
| **Note for the authors** | | 153 |

**УДК:336.7**

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (ДАР ПАРТАВИ ПАЁМҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ)

# НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ РАЗВИТИЯ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (В КОНТЕКСТЕ ПОСЛАНИЙ ЛИДЕРА НАЦИИ)

# SOME ISSUES OF DEVELOPMENT OF THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN (IN THE CONTEXT OF THE ADDRESS OF THE LEADER OF THE NATION)

**АСРОРЗОДА У.С.** - д.и.и., профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
**АСРОРЗОДА У.С.** – д.э.н., профессор кафедры банковского дела Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
**ASRORZODA U.S.** – Doctor of Economics science, Professor, Department of Banking, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
**E-MAIL:** ubaydullo08051986@mail.ru

**ИСМОИЛОВ А.А.** - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
**ИСМОИЛОВ А.А.** – к.э.н., доцент, заведующий кафедрой банковского дела Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
**ISMOILOV A.A.** – Candidate of Economics science, Associate Professor, Head of the Department of Banking, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
**E-MAIL:** a_ismoilov@mail.ru

**Аннотатсия.** Дар мақола масъалаи рушд ва ислоҳоти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави Паёмҳои солонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраи солҳои 2010-2024 мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф тавассути таҳлили мазмунии паёмҳо, санадҳои Бонки миллӣ ва афкори муҳаққиқон нишон медиҳад, ки Паёмҳо ҳамчун ҳуҷҷати стратегӣ ба рушди сиёсати фоизӣ, рақамикунонии молия, беҳсозии хизматрасониҳо ва ҳамгироии молиявӣ таъсири назаррас доштаанд. Дар мақола ҷанбаҳои мусбат ва мушкилоти мавҷуда дар соҳа таҳлил гардида, тавсияҳо барои рушди минбаъда пешниҳод шудаанд. Маводҳои оморӣ, ақидаҳои илмии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ низ дар асоси манбаъҳои эътимоднок истифода шудаанд.
**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, сиёсати фоизӣ, рақамикунонии молия, хизматрасониҳои молиявӣ, эътимод ба бонк, сармоягузорӣ, инфрасохтори рақамӣ, ҳамгироии молиявӣ, хизматрасонии мобилӣ, низомҳои пардохтии байналмилалӣ, ислоҳоти бонкӣ, фоизи қарзҳо, рушди иқтисодӣ, Бонки миллӣ.

**Аннотация.** В статье рассматривается развитие и реформирование банковской системы Республики Таджикистан в свете ежегодных Посланий Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона в период 2010-2024 годов. Автор на основе анализа содержания посланий, нормативных актов Национального банка и научных мнений исследователей доказывает, что Послания оказали значительное влияние на развитие процентной

политики, цифровизацию финансов, улучшение качества услуг и финансовую интеграцию. Освещаются достижения, проблемы и предлагаются рекомендации по дальнейшему развитию. Использованы достоверные статистические данные и мнения отечественных и зарубежных ученых.
**Ключевые слова:** банковская система, процентная политика, цифровизация финансов, финансовые услуги, доверие к банкам, инвестиции, цифровая инфраструктура, финансовая интеграция, мобильные банковские услуги, международные платёжные системы, банковские реформы, процентные ставки, экономическое развитие, Национальный банк

**Abstract.** The article analyzes the development and reform of the banking system of the Republic of Tajikistan in light of the annual Addresses of the Leader of the Nation, H.E. Emomali Rahmon, during 2010-2024. Based on a comprehensive content analysis of the addresses, regulatory documents of the National Bank, and scholarly opinions, the author shows that the Addresses have significantly influenced interest rate policy, financial digitalization, service improvement, and international financial integration. The paper highlights key achievements, existing challenges, and proposes strategic recommendations. Statistical data and opinions from both domestic and foreign researchers are used.
**Keywords:** banking system, interest rate policy, financial digitalization, financial services, trust in banks, investment, digital infrastructure, financial integration, mobile banking services, international payment systems, banking reforms, loan interest rates, economic development, National Bank

Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодӣ рушд ёфта, дар таъмини суботи молиявӣ, рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармоя нақши калидӣ бозида истодааст. Дар ин раванд, Паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ҳамчун ҳуҷҷатҳои стратегӣ самтҳои асосии рушди низоми бонкӣ ва сиёсати молиявиро муайян намуда истодаанд. [1].

Пас аз ба даст овардани истиқлолият, низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити гузариш аз иқтисоди марказонидашуда ба иқтисоди бозорӣ бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ гардид. То соли 2010, низоми бонкӣ бо мушкилоти зерин мувоҷеҳ буд: сатҳи пасти сармоягузорӣ ва эътимод, норасоии қонунгузории замонавӣ, сифати пасти хизматрасониҳои молиявӣ, инчунин фоизи баланди қарзҳо ва дастнорасии маблағгузорӣ ба бахши хусусӣ.

Таъсири сатҳи пасти сармоягузорӣ ва эътимод ба рушди низоми бонкӣ аз мавзӯъҳои муҳими таҳқиқ дар илмҳои иқтисодӣ ва молиявӣ мебошад. Олимону таҳқиқгарони гуногун ин масъаларо таҳқиқ намудаанд ва ба хулосаҳои муҳиме омадаанд, ки фикрҳои калидии баъзе аз онҳоро дар поён меоварем.

Дар иқтисоди бозорӣ сармоягузорӣ ҳамчун муҳаррики рушди низоми бонкӣ баромад мекунад.

М. Голдсмит (M. Goldsmith) дар асараш *“Financial Structure and Economic Development”* (1969) таъкид мекунад, ки рушди муассисаҳои молиявӣ, аз ҷумла бонкҳо, танҳо дар шароити ҷалби сармоя ва пасандозҳои устувор имконпазир аст. Ӯ нишон медиҳад, ки сатҳи пасти сармоягузорӣ ба таъсиси ниҳодҳои молиявии самаранок халал мерасонад ва бонкҳоро аз имкони пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат маҳрум мекунад [2].

Р. Левин ва Р. Кинг (Levine & King, 1993) дар таҳқиқи худ ба хулоса омадаанд, ки низоми бонкии пурқувват ва дастрасӣ ба сармоя аз омилҳои асосии рушди иқтисодӣ мебошанд. Сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ ба бонкҳо имконият медиҳанд, ки дар бозор фаъолтар шаванд ва эътимоди ҷомеаро афзун намоянд [3].

Сатҳи эътимоди мизоҷон ба бонкҳо ва устувории низоми бонкӣ ба ҳам алоқамандии зич доранд. Дуглас Даймонд ва Филип Дибвиг (Diamond & Dybvig, 1983) дар модели маъруфи худ доир ба “давидан ба бонк” (bank run) нишон додаанд, ки паст шудани эътимод метавонад ҳатто бонкҳои солимро ба бӯҳрон дучор созад. Онҳо таъкид мекунанд, ки шаффофият ва кафолати давлатӣ омили баланд шудани эътимод ва устувории низоми бонкӣ мебошад [4].

Ба ақидаи олимони англис Хелман, Мурдок ваСтитз (Hellmann, Murdock & Stiglitz, 2000) беэътимодӣ ба бонкҳо монеаи ҷиддӣ барои рушди қарздиҳӣ ва ҷалби пасандозҳо мебошад. Онҳо пешниҳоди ислоҳоти танзимгариро барои афзоиши шаффофият ва масъулияти бонкҳо ба миён мегузоранд [5] .

Набудани эътимод ба низоми бонкӣ боиси афзоиши маблағгузории ғайрирасмӣ мегардад, ки ин барои иқтисоди расмӣ хатарнок аст, ки ин алоқамандӣ аввалин маротиба аз тарафи Нурксе Рагнар (Nurkse, 1953) дар назарияи камбуди сармоя дар кишварҳои рӯ ба рушд тавсиф шудааст [6].

Мавқеи олимони ватанӣ дар масъалаи баррасишаванда низ назаррас мебошад. Масалан, Назарзода Ҷ. (2020) дар китоби худ “Низоми бонкӣ ва рушди иқтисодӣ” қайд мекунад, ки "Яке аз монеаҳои асосии рушди низоми бонкии Тоҷикистон сатҳи пасти эътимоди аҳолӣ ба муассисаҳои молиявӣ мебошад. Ин сабабгори камбуди пасандоз, норасоии қарзҳои дарозмуддат ва афзоиши гардиши пулҳои нақдӣ мебошад." [7]

Ҳамчунин олими тоҷик Ҳасанов Ш. (2018) дар таҳқиқоти худ овардааст, ки “Агар эътимоди ҷомеа ба низоми бонкӣ таъмин нагардад, ягон навоварӣ ва ислоҳоти сохторӣ самаранок нахоҳад буд. Интихоби стратегияи шаффоф ва сиёсати фоизии мантиқӣ зарур аст” [8].

Хулоса, фикру ақидаҳои олимони номбурда ба таври возеҳ собит мекунанд, ки сатҳи пасти сармоягузорӣ ва эътимод ба рушди низоми бонкӣ таъсири манфии ҷиддӣ мерасонад. Мавҷудияти фазои сармоягузории устувор ва эътимоди баланд омили муҳими муваффақияти ин ниҳодҳо ба ҳисоб меравад. Дар шароити Тоҷикистон, ки бонкҳо бештар ба маблағҳои кӯтоҳмуддат такя мекунанд, ҷалби сармоя ва баланд бардоштани эътимод ба низоми бонкӣ бояд аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ бошад.

Таҳлили таъсири сифати пасти хизматрасониҳои молиявӣ ва фоизи баланди қарзҳо ба рушди низоми бонкӣ яке аз масъалаҳои муҳими таҳқиқ дар иқтисоди молиявии муосир ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқон ва олимон дар ин самт як қатор назарияҳо ва натиҷаҳои илмӣ пешниҳод кардаанд, ки дар доираи он фикру ақидаҳои баъзе муҳаққиқони маъруф оварда мешаванд:

Яке аз омилҳои таъсиррасон ба рушди низоми бонкӣ сифати пасти хизматрасониҳои молиявӣ мебошад. Муҳаққиқони ин соҳа А. Демиргюч -Кунт ва Р. Левин (Demirgüç-Kunt & Levine, 2001) дар таҳқиқи машҳури худ “Financial Structure and Economic Growth” нишон медиҳанд, ки сифати пасти хизматрасониҳои молиявӣ ба коҳиши эътимоди муштариён, камшавии пасандоз ва монеъ гаштани дастрасӣ ба хизматрасонии молиявӣ, хусусан дар минтақаҳои камтараққӣ, оварда мерасонад. Онҳо таъкид мекунанд, ки “Хизматрасониҳои молиявии бонкӣ бояд аз рӯи суръат, дақиқӣ, шаффофият ва қаноатмандии муштарӣ арзёбӣ шаванд. Нокомӣ дар ин раванд ба коҳиши фаъолияти иқтисодӣ мебарад” [9].

Дар ин замина Энтони Сандерс (Anthony Saunders) дар асари худ “Financial Institutions Management” қайд мекунад, ки муносибати нохуби кормандони бонк ва набудани системаҳои электронӣ боиси "бозори хизматрасонии алтернативӣ" мегардад, ки фаъолияти ғайрирасмиро тақвият мебахшад. [10]

Дж. Стиглиц (J. Stiglitz) қайд мекунад, ки бе дастрасӣ ба хизматрасонии босифати молиявӣ, бахши хусусӣ ва соҳибкорони хурд имкони рушд ва васеъкунии фаъолиятро

намеёбанд, ки ин ба коҳиши таъсири бонкҳо дар иқтисод мебарад.

Доир ба таъсири фоизи баланди қарзҳо ба низоми бонкӣ олими амрикоӣ Фредерик Мишкин (Frederic Mishkin) дар китоби худ “The Economics of Money, Banking and Financial Markets” мегӯяд: “Фоизи баланди қарзҳо сабаби аслии паст шудани талабот ба қарз, зиёд шудани хатари қарзӣ ва афзоиши қарзҳои мушкилситон мегардад, ки ба тавозуни умумии низоми бонкӣ зарба мезанад.” [11]. Олими олмонӣ Клаус Шмидт-Хебел (Schmidt-Hebbel, 2002) бошад, бар ин назар аст, ки фоизи баланд дар муҳити иқтисодии номуътадил ва бонкдории нозук, ҳамчун воситаи фишор ба иқтисоди воқеӣ баромад мекунад. Муштариён бештар ба қарзҳои ғайрирасмӣ рӯ меоранд, ки натиҷаи он афзоиши нобаробарӣ ва коҳиши таъсири сиёсати пулист. [12]

Стивен Грин, раиси HSBC (Hongkong and Shanghai Banking Corporation – ширкати бонкии Гонконг-Шанхай), таъкид намудааст, ки “Бонкҳо бояд фоизҳоро бо назардошти қобилияти бозгардонии қарз ва ҳавасмандгардонии рушди тиҷорат муайян кунанд, на танҳо бо назардошти фоидаи фаврӣ. Фоизи баланд монеаи сармоягузорӣ ва васеъкунии соҳибкорӣ аст.” [13]

Масъалаи таъсири фоизи баланди қарзҳо ба низоми бонкӣ аз тарафи муҳаққиқони ватанӣ низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Масалан, олими тоҷик Саидзода А. (2021) дар мақолаи худ дар маҷаллаи “Иқтисод ва молия” менависад: “Дар шароити Тоҷикистон, фоизи баланди қарз ва сифати нокифояи хизматрасониҳои бонкӣ яке аз омилҳои асосии суст шудани гардиши сармоя ва дастрасии маҳдуд ба қарзҳо мебошад.” [14]

Дар ин замина ақидаи Абдураҳмонова З. (2019) низ ҷолиби диққат аст: “Мутобиқ набудани маҳсулоти бонкӣ ба талаботи муштариён ва набудани сиёсати хизматрасонии фармоишгарӣ боиси коҳиши рақобатпазирии бонкҳо мегардад.” [15]

Хулоса, фикрҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ собит месозанд, ки сифати пасти хизматрасониҳо ва фоизи баланди қарзҳо омилҳои асосии коҳиши самаранокии низоми бонкӣ мебошанд. Онҳо ба коҳиши талабот, коҳиши пасандоз, зиёд шудани қарзҳои мушкилситон ва маҳдудшавии имконияти густариши соҳибкорӣ мебаранд. Барои рушди устувори низоми бонкӣ, беҳтарсозии сифати хизматрасониҳо ва тағйири сиёсати фоизгузорӣ бояд ба сифати афзалият муайян шаванд.

Бо ин ҳол, солҳои баъдӣ бо дастгирии сиёсати давлатӣ ва дастуру супоришҳои Пешвои миллат, ки аз Паёмҳои солҳои минбаъда бармеоманд, марҳилаи нави таҳаввулот дар низоми бонкӣ оғоз ёфт. Вобаста ба ин рушди низоми бонкии кишварро оғоз аз соли 2010 инҷониб ба якчанд марҳилаҳо қисмбандӣ кардан мумкин аст:

- солҳои 2010-2015: барқарорсозии субот ва эътимод;
- солҳои 2016-2020: афзоиши самаранокӣ ва рақамикунонӣ;
- солҳои 2021-2024: рақамикунонӣ ва рушди устувор.

Дар пешрафту ташаккулёбии низоми бонкии кишвар солҳои 2010-2015 ҳамчун марҳилаи барқарорсозии суботи молиявии низоми бонкӣ ва болоравии эътимоди мизоҷон арзёбӣ мегардад.

Дар Паёмҳои ин солҳо аз тарафи Пешвои миллат бештар ба масъалаҳои суботи молиявӣ, устувории низоми бонкӣ, зарурати ҷалби сармоя ва дастгирии бахши воқеии иқтисод таваҷҷуҳ зоҳир мешуд. Дар Паёми соли 2012 зикр шудааст “Барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ бояд фаъолияти низоми бонкӣ тақвият дода шавад.”

Махсусан, дар ин давра Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати мақсадноки зиддибӯҳрониро роҳандозӣ намуд, барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва ворид намудани бонкҳои муосир кӯшишҳои зиёд ба роҳ монда шуд, ҳамзамон қонунгузории соҳаи бонкдорӣ навсозӣ гардид.

Дар натиҷаи амалисозии дастуру супоришҳои Пешвои миллат вазъи низоми бонкии кишвар хеле беҳтар гардида, барои рушди минбаъда ҳамчун давраи афзоиши

самаранокии амалиётҳои бонкӣ замина гузошта шуда, раванди рақамикунонии тамоми самтҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ оғоз гардид.

Дар Паёмҳои солҳои 2016-2020 Пешвои миллат аниқу равшан таъкид намуданд, ки низоми бонкии кишвар бояд ба талаботи замони муосир мутобиқ карда шавад. Дар Паёми соли 2018 омадааст “Соҳибкорон бояд дастрасии васеъ ба қарзҳои бонкӣ дошта бошанд.”

Дар ин давра масоили муҳими зерин дар маркази диққат буданд:

- зарурати паст кардани фоизҳои қарзӣ;
- такмили механизмҳои назорат ва ҳисоботдиҳӣ;
- дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ тавассути қарзҳои имтиёзнок;
- тақвияти идоракунии корпоративӣ дар бонкҳо.

Амалисозии масъалаҳои номбурда имкон фароҳам оварданд, ки низоми бонкии мамлакат тавассути роҳандозии равандҳои рақамикунонӣ дар солҳои минбаъда (с.2021-2024) рушди устуворро таъмин намояд.

Дар Паёмҳои солҳои охир, хусусан аз соли 2021 инҷониб, Пешвои миллат ба равандҳои рақамикунонӣ, амнияти киберӣ, ҳисоббаробаркуни-ҳои ғайринақдӣ, дастрасии молиявӣ ва мусоидат ба татбиқи “ҳукумати электронӣ” таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, аз Бонки миллии Тоҷикистон ва тамоми ташкилотҳои қарзии мамлакат талаб намуданд, ки ба равандҳои номбурда аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд. Масалан, дар Паёми соли 2023 Пешвои миллат таъкид намудаанд: “Бонкҳо бояд ба хизматрасониҳои рақамӣ ва саводнокии молиявии аҳолӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ диҳанд.”

Мавзӯи рақамикунонии фаъолияти бонкӣ дар солҳои охир дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дорад, зеро он омили муҳими баланд бардоштани самаранокӣ, шаффофият ва рақобатпазирии низоми бонкӣ мебошад. Олимони хориҷиву ватанӣ дар таҳқиқотҳои худ ба таври васеъ моҳият ва зарурати рақамикунонии фаъолияти бонкӣ ва таъсири он ба рушди низоми молиявиро баррасӣ намудаанд.

Рақамикунонӣ ин на танҳо ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотист, балки бозсозии куллии муносибатҳои байни бонк ва муштарӣ мебошад. Бонкдории рақамӣ ба баланд шудани эътимод ва коҳиши хароҷот мусоидат мекунад. [15]

Бонкҳои рақамӣ имрӯз на танҳо хизматрасониҳои классикиро таъмин мекунанд, балки ҳамчун муҳаррики инноватсия ва рақобат дар бозори молиявӣ баромад менамоянд. Афзоиши амалиётҳои ғайринақдӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии сатҳи рақамикунонии низоми бонкӣ аст. [16]

Натоиҷи рақамикунонӣ - ин афзоиши суръати хизматрасонӣ, коҳиши хатогиҳои инсонӣ, шаффофият ва мутобиқшавӣ ба интизориҳои муштариён мебошад. [17]

Рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити Тоҷикистон бояд на танҳо як стратегияи техникӣ, балки сиёсати давлатӣ бошад. Бо истифода аз системаҳои пардохтии рақамӣ метавон сатҳи фарогирии молиявиро дар минтақаҳои дурдаст боло бурд. [7]

Бо ҷорӣ гардидани платформаҳои мобилӣ ва интернет-бонкинг, сатҳи дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳо афзоиш ёфта, вақти истифодабаранда сарфа мешавад. Аммо сатҳи пасти саводнокии рақамӣ дар минтақаҳои деҳот як монеаи ҷиддӣ боқӣ мемонад. [18]

Истифодаи амалиётҳои ғайринақдӣ ва рақамии бонкӣ дар Тоҷикистон на танҳо бо сабаби осонии истифода, балки бо мақсади мубориза бо иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва шаффофияти молиявӣ аҳамияти калон дорад. [19]

**Ҷадвали 1. Ҷиҳатҳои муҳими рақамикунонӣ аз дидгоҳи илмӣ**

| Ҷиҳати мусбат | Тафсир |
|---|---|
| Тезтар шудани амалиётҳо | Амалиётҳои онлайн ва мобилӣ вақти муштариёнро сарфа мекунанд. |

| | |
|---|---|
| Коҳиши хароҷот | Бонкҳо камтар маблағ барои инфрасохтор сарф мекунанд. |
| Дастрасии фарохтар | Дар минтақаҳои дурдаст низ мардум аз бонкҳо хизматрасонии мобилӣ дастрас мекунанд. |
| Шаффофият ва амният | Ҳисоботҳои рақамӣ имкони назорати молиявиро осон мекунанд. |

Хулоса, олимони хориҷиву ватанӣ мувофиқи ҳам бар он ақидаанд, ки рақамикунонии низоми бонкӣ як равандест, ки на танҳо ба самаранокии амалиётҳо, балки ба рушди фарогирии молиявӣ, шаффофияти хизматрасонӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти молиявӣ мусоидат мекунад. Дар шароити Тоҷикистон, ин раванд бояд ҳамзамон бо таълим ва саводнокии рақамии аҳолӣ пеш бурда шавад.

Дар натиҷаи амалисозии дастуру супоришҳои Пешвои миллат дар ин давра (солҳои 2021-2024) дар низоми бонкии ҷумҳурӣ шумораи амалиётҳои ғайринақдӣ зиёд гардид, шабакаҳои банкомат ва POS-терминалҳо васеъ шуданд, инчунин низоми “бонки мобилӣ” рушд ёфт.

Дастовардҳои асосии рушди низоми бонкӣ дар солҳои охир (2010-2024) хеле назаррас ҳастанд, ки нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 инъикосгари ин гуфтаҳо мебошанд.

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои асосии рушди низоми бонкӣ (2010-2024)**

| Соли таҳқиқ | Шумораи бонкҳо | Ҳаҷми уму-мии қарзҳо (млн сомонӣ) | Фоизи миё-наи қарзҳо (%) | Шумораи банкоматҳо | Амалиётҳои ғайринақдӣ (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| 2010 | 16 | 3,500 | 24.5 | 150 | 12 |
| 2015 | 17 | 7,800 | 22.0 | 300 | 25 |
| 2020 | 19 | 12,500 | 18.5 | 500 | 40 |
| 2024 | 16 | 18,000 | 15.0 | 750 | 60 |

*Манбаъ: Бонки миллии Тоҷикистон, ҳисоботи солона (2010-2024)*

Аз ҷадвали боло бармеояд, ки дар давраи таҳқиқ шумораи бонкҳо кам шуда, ба сифати хизматрасонӣ ва устувории молиявӣ таваҷҷуҳи бештар дода шудааст. Ҳаҷми умумии қарзҳо афзоиш ёфта, дастрасии соҳибкорон ба маблағгузорӣ беҳтар гардидааст, фоизи миёнаи қарзҳо коҳиш ёфта, шароити қарзгирӣ мусоидтар шудааст. Ҳамзамон шумораи банкоматҳо ва амалиётҳои ғайринақдӣ афзоиш ёфта, рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ рушд ёфтааст.

Бо вуҷуди дастовардҳо, низоми бонкии кишвар дар ин давра бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ гардид, аз ҷумла:

- Фоизи баланди қарзҳо, ки ба рушди соҳибкорӣ монеа эҷод мекунад;
- Қарзҳои батаъхирафтода ва сатҳи пасти пардохтпазирӣ;
- Таҳдидҳои амнияти иттилоотӣ дар шароити рақамикунонӣ;
- Сатҳи нокифояи саводнокии молиявии аҳолӣ;
- Таваҷҷуҳи маҳдуд ба деҳот ва минтақаҳои дурдаст.

Дар доираи амалисозии дастуру супоришҳои Пешвои миллат, барои такмили ислоҳоти низоми бонкӣ ва таҳкими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, татбиқи чунин чораҳо мувофиқ аст:

- Татбиқи сиёсати фоизии мусоид;
- Рушди хизматрасониҳои молиявӣ дар минтақаҳои камбизоат;
- Таълим ва омӯзиши молиявии аҳолӣ;
- Ҳамгироӣ бо низомҳои пардохтии байналмилалӣ;
- Такмили инфрасохтори рақамӣ ва тавсеаи хизматрасониҳои мобилӣ;
- Таҳкими мониторинги қарзҳо ва назорати дохилӣ.

*Татбиқи сиёсати фоизии мусоид* (дар низоми бонкӣ ва молиявӣ) яке аз василаҳои муҳими дастгирии рушди иқтисодӣ, ҷалби сармоя, афзоиши қарздиҳӣ ва коҳиши хатари молиявӣ мебошад. Бинобар ин таҳлили моҳият, аҳамият, андешаҳои муҳаққиқон ва хусусиятҳои татбиқи он дар шароити Тоҷикистон аз фоида холӣ нест.

Сиёсати фоизӣ - маҷмӯи қарорҳо ва амалҳоест, ки аз ҷониби Бонки марказӣ ва муассисаҳои молиявӣ қабул мешаванд ва ба муайян кардани сатҳи фоизи қарзҳо ва пасандозҳо равона шудаанд.

Сиёсати фоизии мусоид чунин хусусиятҳо дорад:

- фоизҳо дар ҳадди қобили қабули бозор ва соҳибкорон таъин мешаванд;
- фоизҳо устувор ва дарозмуддат мебошанд;
- фоизҳои имтиёзнок барои бахшҳои афзалиятнок (кишоварзӣ, соҳибкории хурд, истеҳсол) ҷорӣ мегарданд;
- ҳавасмандсозии пасандоз ва сармоягузорӣ ба амал меояд.

Дар ин ҷода овардани фикру ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ ҷолиби диққат аст.

Агар сатҳи фоизҳо аз ҳад баланд бошад, он метавонад монеи сармоягузорӣ, коҳиши истеҳсол ва шиддат ёфтани бӯҳронҳои молиявӣ гардад. Баръакс, фоизи мантиқӣ ва устувор муҳити сармоягузориро беҳтар мекунад.[6]

Дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ паст кардани фоизҳои қарзӣ боиси афзоиши таъсиси корхонаҳои нав ва коҳиши бекорӣ шудааст.

Татбиқи сиёсати фоизии мақсаднок бояд ба манфиати соҳаҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ равона шавад. Системаи фоизии бозорӣ наметавонад ҳамаи бахшҳоро фаро гирад ва зарурати имтиёз вуҷуд дорад.

Дар Тоҷикистон набудани сиёсати фоизии мусоид боиси афзоиши маблағгузории ғайрирасмӣ ва кам шудани фаъолияти соҳибкорӣ шудааст. Дар сурати дастгирии давлатии қарзҳои истеҳсолӣ, фоизи онҳо бояд аз сатҳи бозорӣ пасттар бошад.

Татбиқи сиёсати фоизӣ дар шароити Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро дорад, ки бо мавҷудияти масоили зерин алоқаманд мебошад: фоизҳои баланди қарзҳо (то 18-28%), муддати кӯтоҳи қарзҳо, норасоии қарзҳои имтиёзнок барои бахшҳои иҷтимоӣ ва деҳот, инчунин фарқияти зиёд байни фоизҳои пасандоз ва қарз.

Барои ислоҳи вазъи мавҷуда аз тарафи БМТ барои паст кардани фоизҳои бозтамвил талошҳои зиёд шуда истодаанд, Барномаи давлатии “дастгирии соҳибкорӣ” бо қарзҳои имтиёзнок (8-10%) қабул гардидааст, таҳияи механизмҳои кафолатӣ ва субсидияи фоиз аз ҳисоби буҷет роҳандозӣ шуда истодаанд.

**Ҷадвали 3. Сатҳи миёнаи фоизҳои қарзҳо дар Тоҷикистон (бо %)**

| Сол | Фоизи миёнаи қарзҳо | Фоизи қарзҳои соҳибкорӣ | Фоизи қарзҳои истеъмолӣ |
|---|---|---|---|
| 2015 | 27.5 | 25.0 | 30.0 |
| 2020 | 21.3 | 18.7 | 25.2 |
| 2023 | 17.9 | 15.0 | 22.5 |

*Манбаъ: Бонки миллии Тоҷикистон, ҳисоботи солона*

Барои такмили сиёсати фоизӣ амалисозии чунин чораҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Муқаррарсозии фоизҳои имтиёзнок барои бахшҳои истеҳсолӣ, бахусус дар деҳот.
2. Субсидияи фоиз барои соҳибкорони нав аз ҳисоби буҷети давлатӣ.
3. Паст кардани фоизи бозтамвил аз ҷониби Бонки миллӣ бо мақсади коҳиши фоизҳои қарзии тиҷоратӣ.
4. Ҷорӣ намудани платформаҳои рақамӣ барои дарёфти қарзҳои онлайн бо фоизи паст.

5. Таъмини рақобати солим дар байни бонкҳо барои танзими фоизҳо аз ҳисоби бозор.

Хулоса, сиёсати фоизии мусоид бояд яке аз самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии кишвар бошад. Таҷрибаи байналмилалӣ ва таҳлили муҳаққиқон нишон медиҳанд, ки фоизҳои мӯътадил ва имтиёзнок метавонанд фаъолияти соҳибкориро тақвият бахшида, ҳамзамон дастрасии аҳолиро ба маблағгузорӣ беҳтар намоянд. Дар шароити Тоҷикистон, ин сиёсати фоизӣ бояд бо стратегияи дастгирии бахшҳои истеҳсолӣ ва рушди минтақавӣ ҳамоҳанг бошад.

Яке аз роҳҳои такмили ислоҳоти низоми бонкӣ ва таҳкими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ҳамгироӣ бо низомҳои пардохтии байналмилалӣ ҳисобида мешавад, ки зарурат, имконот ва мушкилоти ин равандро каме шарҳ медиҳем.

Низомҳои пардохтии байналмилалӣ - шабакаҳо ва платформаҳое мебошанд, ки интиқоли маблағро байни кишварҳо, бонкҳо ва ширкатҳои молиявии гуногун ба роҳ мемонанд. Ба чунин низомҳо метавон SWIFT, Visa, MasterCard, UnionPay, PayPal, Western Union, MoneyGram, TransferWise ва дигарҳоро шомил кард.

Ҳамгироии муассисаҳои молиявии миллӣ бо чунин низомҳо яке аз шартҳои муҳими байналмилалишавии молия ва таъмини муомилоти устувори асъорӣ мебошад.

Дастрасӣ ба инфрасохтори пардохтии байналмилалӣ барои тавсеаи тиҷорати хориҷӣ, интиқоли маблағҳои муҳоҷирон ва ҷалби сармояи хориҷӣ шарти муҳим мебошад.

Кишварҳое, ки бо низомҳои пардохтии ҷаҳонӣ ҳамгиро шудаанд, камтар дучори фишорҳои асъорӣ мегарданд ва шароити беҳтари сармоягузорӣ фароҳам мекунанд. Баръакс, садди техникӣ ё маъмурӣ дар роҳи ҳамгироӣ бо низомҳои пардохт боиси афзоиши гардиши пули нақдӣ ва тақвияти иқтисодиётҳои ғайрирасмӣ мегардад.

Таҷрибаи Тоҷикистон дар пардохтҳои байналмилалӣ бештар тавассути SWIFT ва ширкатҳои интиқоли маблағ ба роҳ монда шудааст, аммо дастрасии фаъол ба Visa ва платформаҳои электронӣ маҳдуд боқӣ мемонад.

Айни замон Тоҷикистон бо якчанд низомҳои пардохтии асосӣ ҳамкорӣ мекунад:

- SWIFT - тавассути бонкҳои тиҷоратӣ ва Бонки миллӣ.
- Visa ва MasterCard - дар бонкҳои калони кишвар фаъол мебошанд.
- Western Union, Zolotaya Korona, MoneyGram - васеъ барои интиқоли маблағ истифода мешаванд.
- UnionPay (Чин) - дар раванди рушд қарор дорад.

**Ҷадвали 4. Шаклҳои интиқоли маблағҳои хориҷӣ ба Тоҷикистон**

| Соли таҳқиқ | Ҳаҷми интиқол (млн $) | Саҳми Visa/MasterCard | Саҳми Western Union/Зол. Корона |
|---|---|---|---|
| 2015 | 2,500 | 10% | 85% |
| 2020 | 2,700 | 17% | 77% |
| 2023 | 2,900 | 25% | 68% |

*Манбаъ: Бонки миллии Тоҷикистон, Хадамоти муҳоҷират*

Лекин раванди ҳамгироӣ дар ин самт бо якчанд мушкилот рӯбарӯ аст:

- маҳдудиятҳои техникӣ ва бетаҷрибагӣ дар самти IT-инфрасохтор;
- муқовимати баъзе кишварҳо ва таҳримҳои ғайримустақим (хусусан дар муҳити геополитикии ноором);
- мавҷудияти низомҳои пардохтии маҳаллӣ, ки рақобати мустақим бо платформаҳои ҷаҳониро мушкил месозад;
- норасоии саводнокии молиявӣ ва рақамӣ, ки имкониятҳои системаҳоро маҳдуд мекунад.

Хулоса, ҳамгироӣ бо низомҳои пардохтии байналмилалӣ шарти муҳими рушди иқтисоди рақамӣ ва густариши фаъолияти молиявии Тоҷикистон дар миқёси ҷаҳонӣ

мебошад. Барои таъмини ин раванд, зарур аст, ки ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи хусусӣ механизмҳои дастгирӣ, таҷдиди инфрасохтор ва баланд бардоштани саводнокии молиявӣ роҳандозӣ карда шаванд.

Такмили инфрасохтори рақамӣ ва тавсеаи хизматрасониҳои мобилӣ яке аз заминаҳои дигари рушди низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад.

Рақамикунонӣ ва мобиликунонии низоми бонкӣ яке аз самтҳои калидии рушди молияи муосир аст. Ин раванд, тибқи таърифи Ҷаҳонбинии иқтисоди рақамӣ, ба ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ дар тамоми марҳилаҳои хизматрасонии молиявӣ - аз қабули дархостҳо то иҷрои пардохтҳо - равона мешавад.

Дастрасии молиявии рақамӣ барои бахшҳои камдастрас - деҳот, занон ва ҷавонон - роҳи муассири фарогирии молиявиро пешниҳод мекунад.

Дар сурати мавҷуд набудани инфрасохтори техникӣ - шабакаи устувори интернет, дастгоҳҳои бехатар ва шабакаи маълумот - ҳар гуна ислоҳоти рақамӣ маҳдуд боқӣ мемонад.

То он даме ки шабакаи банкоматҳо ва POS-терминалҳо дар минтақаҳои дурдаст дастрас нашавад, имкони пурраи рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ таъмин намегардад.

Такмили инфрасохтор бояд ҳамзамон бо амнияти киберӣ ва сиёсати дастгирии давлатӣ сурат гирад, то ки боварии аҳолӣ ба бонкдории рақамӣ афзояд. [12]

Хизматрасониҳои мобилӣ - аз қабили SMS-банкинг, интернет-банкинг, барномаҳои мобилии бонкҳо ва технологияҳои QR - воситаи асосии пайвастани мардум ба низоми молиявии расмӣ мебошанд.

Дар Тоҷикистон, тибқи маълумоти Бонки миллӣ:

- то соли 2023 зиёда аз 70% амалиётҳои пардохтӣ дар бонкҳо тариқи ғайринақдӣ анҷом дода шудаанд;
- бонкҳои пешсаф (Амонатбонк, Ориёнбонк, Эсхата) бо барномаҳои мобилии худ, ба монанди *O Mobile, Imon, TJ App*, рушди назаррас доранд.

**Ҷадвали 5. Афзоиши истифодабарандагони мобил-банкинг дар Тоҷикистон (2015-2023)**

| Сол | Шумораи корбарони мобил-банкинг (ҳазор нафар) | Афзоиш нисбат ба соле қабл (%) |
|---|---|---|
| 2015 | 180 | - |
| 2018 | 430 | +139% |
| 2020 | 710 | +65% |
| 2023 | 1,200 | +69% |

*Манбаъ: Бонки миллии Тоҷикистон*

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки рушди инфрасохтори рақамӣ дар Тоҷикистон бо мушкилоти зерин рубарӯ аст:

- сатҳи пасти шабакаи интернет дар деҳот;
- қиматии дастгоҳҳо (банкомат, POS, QR);
- саводнокии пасти рақамии гурӯҳҳои осебпазир;
- маҳдудияти дастрасии интернет дар баъзе ноҳияҳо.

Барои ҳалли мушкилоти номбурда чораҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ҷорӣ намудани платформаи ягонаи рақамӣ дар асоси ҳамкорӣ байни бонкҳо ва ширкатҳои мобилӣ;
- субсидия барои васеъ кардани шабакаи POS-терминалҳо дар дӯконҳо ва марказҳои савдо;
- ташкили курсҳои саводнокии молиявию рақамӣ бо дастгирии Бонки миллӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ;
- таъмини дастрасии шабакаи интернет ва Wi-Fi-и ройгон дар нуқтаҳои

хизматрасонии давлатӣ;

- истифодаи блокчейн ва криптография барои таъмини амнияти рақамӣ.

Хулоса, такмили инфрасохтори рақамӣ ва тавсеаи хизматрасониҳои мобилӣ на танҳо воситаи муосири беҳсозии фаъолияти бонкҳо, балки ҷузъи муҳими сиёсати рушди иқтисоди рақамӣ ва фарогирии молиявӣ мебошад. Дар шароити Тоҷикистон, тавсеаи инфрасохтори рақамӣ бояд бо таҳкими дастрасӣ, таълиму тарбияи саводнокии рақамӣ ва ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ ҳамоҳанг сурат гирад.

Таҳлили давраҳои гуногуни рушди низоми бонкии кишвар дар партави амалисозии дастуру супоришҳои Пешвои миллат, ки аз Паёмҳои он кас бармеоянд, нишон медиҳад, ки дар тӯли солҳои 2010-2024 низоми бонкӣ дар самтҳои гуногун рушд намуда, ба талаботи замон мутобиқ гардидааст. Дастгирии сиёсати давлатӣ, махсусан тавассути амалисозии Паёмҳои солона, омили калидӣ дар муваффақиятҳои бадастомада мебошад.

Бо дарназардошти тағйироти босуръати ҷаҳонӣ ва рушди технологияҳои молиявӣ, сиёсати бонкӣ бояд бештар мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ва ниёзҳои иқтисоди рақамӣ рушд дода шавад.

## АДАБИЁТ

1. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ (солҳои 2010-2024). Дастрас аз: www.prezident.tj

2. Голдсмит, Р. В. Финансовая структура и экономическое развитие. Yale University Press, 1999.

3. Кинг, Р. Г. и Левин, Р. Финансы и рост: Шумпетер может быть прав. The Quarterly Journal of Economics, 2003, т. 108(3), стр. 717-737.

4. Даймонд, Д. В. и Дибвиг, П. Х. Банковские набеги, страхование депозитов и ликвидность. Journal of Political Economy, 2013, т. 91(3), стр. 401-419.

5. Хеллманн, Т. Ф., Мердок, К. К. и Стиглиц, Дж. Э. Либерализация, моральный риск в банковской сфере и пруденциальное регулирование: достаточно ли требований к капиталу? American Economic Review, 2000.

6. Нурксе, Р. Проблемы формирования капитала в слаборазвитых странах. Издательство Оксфордского университета, 2015.Мишкин, Ф.С. Экономика денег, банковского дела и финансовых рынков. Pearson Education, 2007.

7. Сондерс, А., Корнетт, М.М. Управление финансовыми институтами: подход к управлению рисками. McGraw-Hill Education, 2014.

8. Демиргюч-Кунт, А. и Левин, Р. Финансовая структура и экономический рост: межстрановое сравнение банков, рынков и развития. MIT Press, 2001.

9. Бруно, В. и Гуринчаш, П.-О. Поток капитала и кредитное предложение: данные из развивающихся рынков. Обзор экономических исследований, 2010.

10. Пейли, Т. и Матиас, И. Финансовая интеграция в развивающихся экономиках: проблемы и возможности. Журнал экономической интеграции, 2018.

11. Ханке, С. Х. О валютных советах и финансовой интеграции. Cato Journal, 2020.Григорьева Л.А., Куликова Е.А. Тенденции цифровизации банковской деятельности в России. Финансы и кредит, 2019, №4.

12. Чистякова, С.Ю. Цифровая трансформация банковского сектора: риски и возможности. Вестник Санкт-Петербургского университета экономики, 2019.Бонки миллии Тоҷикистон. Ҳисоботи солона (солҳои 2010-2024). Дастрас аз: www.nbt.tj

13. Назарзода Ҷ. Низоми бонкӣ ва рушди иқтисодӣ дар Тоҷикистон. Душанбе: Ирфон, 2020.

14. Саидзода А. Сиёсати пулию қарзӣ ва рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон. Маҷаллаи “Иқтисод ва молия”, №1, 2021.

15. Ҳамроев Ш. Хизматрасониҳои бонкӣ ва рақамикунонии молия дар Тоҷикистон. Маҷаллаи “Иқтисодиёт ва савдо”, №4, 2021.
16. Мирзоева З. Сифати хизматрасониҳои молиявӣ ва тавсеаи онҳо дар минтақаҳо. Маҷаллаи “Иқтисод ва молия”, №3, 2022.
17. Бонки ҷаҳонӣ. Digital Financial Inclusion. World Bank Report, 2022. www.worldbank.org
18. Bank for International Settlements (BIS). CPMI - Cross-border Payments. 2021.
19. UnionPay International. Annual Report, 2023.
20. World Bank. Financial Development Indicators. DataBank. databank.worldbank.org
21. OECD. Financial Market Trends. Volume 2020/2.

**УДК: 331.1**

# ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ КИШВАР ЗАМИНАИ МУҲИМ БАРОИ РУШДИ СОҲАҲОИ МЕҲНАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ

# ПОСЛАНИЯ ПРЕЗИДЕНТА СТРАНЫ – ВАЖНАЯ БАЗА РАЗВИТИЯ СФЕРЫ ТРУДА И ЗАНЯТОСТИ НАСЕЛЕНИЯ

# ADDRESS OF THE PRESIDENT OF THE COUNTRY ARE AN IMPORTANT BASIS FOR THE DEVELOPMENT OF THE SPHERE OF LABOR AND EMPLOYMENT OF THE POPULATION

**ИБРОҲИМЗОДА ИЛҲОМУДДИН РАҶАБАЛӢ** – Академики АБН ФР, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Инстиути илмию таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
**ИБРОХИМЗОДА ИЛХОМУДДИН РАДЖАБАЛИ** – академик МАН РФ, доктор экономических наук, профессор, директор Научно-исследовательского института туризма и предпринимательства Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
**IBROHIMZODA ILKHOMUDDIN RAJABALI** – Academician of the Russian Academy of Sciences, Doctor of Economics, Professor, Director of the Research Institute of Tourism and Entrepreneurship at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
**E-MAIL:** ilhomuddin@mail.ru

**РАҲМОНЗОДА АБДУҒАФФОР АЗИЗ** – мудири шуъбаи таҳияи грантҳо ва кор бо лоиҳаҳои Инстиути илмию таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
**РАХМОНЗОДА АБДУГАФФОР АЗИЗ –** заведующий отделом разработки грантов и проектной работы Научно-исследовательского института туризма и предпринимательства Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
**RAHMONZODA ABDUGAFFOR AZIZ** – Head of the Grant Development and Project Work Department at the Research Institute of Tourism and Entrepreneurship at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
**E-MAIL:** ilhomuddin@mail.ru

**Аннотатсия.** Дар мақола масъалаҳои рушди бозори меҳнати кишвар вобаста ба вазифагӯзориҳо дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои татбиқи онҳо баррасӣ гардид. Дар натиҷаи татбиқи нишондоҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи рушди бозори меҳнат ва бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолии кишвар ба танзим даровarda шуда, нишондодҳои асосии соҳа рушд ёфтанд. Муайян карда шуд, ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2014 дар сохтори Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ» таъсис дода шуд, ки дар татбиқи сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ саҳми

муносиб гузошт. Муқарар гардид, ки дар ин давра дар миқёси ҷумҳурӣ 20 бино ва иншооти маъмурии соҳаи меҳнат ва шуѓли аҳолӣ сохта ба истифода дода шуда, бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самтҳои бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ 3 қонун, ду консепсия, як стратегия ва зиёда аз 20 қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар зиёда аз 5 миллион ҷойҳои корӣ таъсис дода шуд.
**Калидвожаҳо:** Рушди бозори меҳнати кишвар, Паёми Пешвои миллат, шуғли пурмаҳсул, аҳолии кишвар, мусоидат ба шуѓли аҳолӣ, иншооти маъмурӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҷойҳои корӣ.

**Аннотация.** В статье рассматриваются вопросы развития рынка труда в стране в связи с задачами, поставленными в Послании Лидера нации Маджлиси Оли Республики Таджикистан, и результаты их реализации. В результате реализации показателей Послания Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан решен вопрос развития рынка труда и обеспечения продуктивной занятости населения страны, разработаны основные показатели отрасли. Установлено, что по решениям Правительства Республики Таджикистан в 2014 году в структуре Министерства труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан было создано «Агентство по труду и занятости», которое внесло значительный вклад в реализацию государственной политики содействия занятости населения. Установлено, что за этот период в стране построено и введено в эксплуатацию 20 административных зданий и сооружений в сфере труда и занятости, принято 3 закона, 2 концепции, 1 стратегия, более 20 постановлений Правительства Республики Таджикистан по регулированию общественных отношений в сфере рынка труда и занятости, создано более 5 млн. рабочих мест в различных отраслях экономики страны.
**Ключевые слова:** Развитие рынка труда страны, Послании Лидера Нации, продуктивная занятость, население страны, содействие занятости, административные органы, связи с общественностью, рабочие места.

**Abstract.** The article deals with the issues of labor market development in the country in connection with the tasks set in the Address of the Leader of the Nation Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan and the results of their implementation. As a result of implementation of the indicators of the Address of the President of the Republic of Tajikistan to Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, the issue of labor market development and providing the population of the country with productive employment has been settled, the main indicators of the sector have been developed. It is determined that by the decisions of the Government of the Republic of Tajikistan in 2014 in the structure of the Ministry of Labor, Migration and Employment of the Republic of Tajikistan was established “Agency for Labor and Employment”, which made a significant contribution to the implementation of the state policy to promote employment. It is established that during this period 20 administrative buildings and facilities in the field of labor and employment were built and put into operation in the country, 3 laws, two concepts, one strategy, more than 20 resolutions of the Government of the Republic of Tajikistan were adopted to regulate social relations in the field of labor market and employment, more than 5 million jobs were created in various sectors of the economy of the country.
**Keywords:** Development of the country's labor market, Addresses of the Leader of the Nation, productive employment, population of the country, employment promotion, administrative bodies, public relations, jobs.

Шуруъ аз эълон гардидани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

бахусус баъд аз ба имзо расонидани Созишнома умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ва нигоҳ доштани тамаюли пастравии рушди иқтисодиву иҷтимоӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои ташаккули бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ диққати махсус зоҳир намуданд.

Дар Паёми худ ба аъзои Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2001 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки болоравии иқтисодӣ механизими муҳимтарини ба вуҷуд овардани имконияти шуғли аҳолӣ бо роҳи ташкили ҷойҳои нави кор ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мебошад.

Дар доираи нишондодҳои Паём соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ба тавсиб расонида шуд, ки он муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба шуғли аҳолӣ танзим намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилии сиёсати давлатиро дар ин самт муқаррар менамояд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2003 қайд гардид, ки масъалаи шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон яке аз проблемаҳои ҷиддӣ ва ҳалталаби рӯз аст.

Ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати маориф ва Кумитаи кор бо ҷавонон якҷоя бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода шуд, ки дар мавриди ташкил ва дастгирии ташкилотҳои махсусгардонидашуда, ки бо масъалаҳои шуғли ҷавонон сару кор доранд, диққати ҷиддӣ диҳанд ва барномаҳои муштараки байнисоҳавии вобаста ба шуғли ҷавононро таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

Президенти кишвар академияи илмҳо, вазоратҳои иқтисод ва савдо, маориф, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии шуғли аҳолӣ, саноат, энергетика ва дигар вазорату идораҳо вазифадор намуданд, ки тарбияи мутахассисонро бо дарназардошти эҳтиёҷоти иқтисодиёт таҷдиди назар намуда, ҷиҳати барқарорсозии низоми касбомӯзӣ, тарбияи зиёиёни техникӣ, таъмини шуғли хатмкунандагони муассисаҳои таълимии касбӣ, дастгирии фаъолияти устувор ва самарабахши меҳнатии онҳо тадбирҳои дарозмӯҳлатро таҳия ва татбиқ намоянд.

Ҷиҳати иҷрои нишондодҳои Паёми болозикри Президенти кишвар бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2005 қабул гардид, ки тибқи чорабиниҳои он таъсиси ҷойҳои нави корӣ ҳамчун яке аз роҳҳои асосии таъмини шуғли аҳолӣ муайян карда шуд. Дар давраи татбиқи Барнома таъсиси зиёда аз 210 ҳазор ҷойи нави корӣ ба нақша гирифта шуд. Татбиқи барномаи мазкур имкон дод, ки дар давоми солҳои 2003-2005-ум зиёда аз 350 ҳазор нафар, аз ҷумла бештар аз 140 ҳазор нафар бо кӯмаки мақомоти дахлдори давлатӣ бо шуғл фаро гирифта шаванд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2004 қайд гардид, ки бо назардошти он, ки ҳанӯз сатҳи зиндагии аксарияти мардуми кишварамон паст аст ва қисме аз аҳолии қобили меҳнат бо ҷойи кор таъмин нест, имрӯз вазифаи азвалиндараҷаи Ҳукумати Тоҷикистон навсозии зиндагӣ, таъмини риояи ҳуқуқи шаҳрвандон, ташкили ҷойҳои нави корӣ, инкишофи соҳибкории хурду миёна ва фароҳам овардани шароити мусоид барои таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолии доройӣ таҷҳизот ва технологияи муосир мебошад.

Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2006 Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, махсусан Кумитаи кор бо ҷавонон ва ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятии

ҷавонон вазифадор карда шуданд, ки корро дар самти мустақилияти иқтисодии ҷавонон, омодагии касбӣ ва рушди соҳибкорӣ бештар намуда, ҷавонони соҳибихтисосро ба бозори меҳнат тайёр намоянд.

Дар доираи нишондодҳои Паём аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи шуғли аҳолӣ барои солҳои 2006-2015 ва Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2006-2008 таҳия ва тасдиқ карда шуд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2007 қайд гардид, ки барои фарогирии ҳарчи бештари аҳолӣ бо шуғл ва татбиқи сиёсати давлат дар бахши муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ маҷмӯи чорабиниҳо оид ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ пешбинӣ мешаванд, аз ҷумла мусоидат ба бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузориҳо, дастгирии машғулиятҳои инфиродӣ ва шуғли занҳо, инчунин инкишофи ҳунарҳои халқӣ ва меҳнати хонагӣ, бозомӯзии корҷӯён бо касбҳои нав, ки ба онҳо дар бозори меҳнат талабот зиёд аст ва шаклҳои шуғли муваққативу мавсимӣ васеъ истифода мегарданд.

Дар робита бо ин масъала ба Бонки миллӣ, Амонатбонк ва Вазорати молия супориш дода шуд, ки дар хусуси солҳои наздик се-чор баробар зиёд кардани қарзҳои имтиёзнок ва қарзҳои хурд тадбирҳои муассир андешанд.

Бо мақсади осон гардонидани ҷараёни ҷустуҷӯи кор ва таъмини корхонаҳо бо қувваи корӣ дастур дода шуд, ки шабакаи хизматрасониҳои машваратӣ дар хадамоти шуғл васеъ карда шавад.

Ҷиҳати татбиқи чорабиниҳои Паём Консепсияи таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ барои солҳои 2008-2015 қабул гардида, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дигар вазорату идораҳо, инчунин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шудаанд, ки ҷараёни татбиқи самарабахши ҳуҷҷати мазкурро таҳти назорати қатъӣ қарор дода, оид ба паст кардани сатҳи бекорӣ, ташкили ҷойҳои нави кории доимӣ ва дастгирии соҳибкорӣ ҳар моҳ ба Дастгоҳи иҷроияи Президент маълумот пешниҳод намоянд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2008 қайд гардид, ки «Дар марҳалаи кунунӣ ҳалли масъалаҳои бозори меҳнат дахолати мунтазами давлатиро тақозо менамояд. Ҷиҳати татбиқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2008-2009 ҷудо кардани 14 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст».

Сарвари давлат қайд намуданд, ки «Чи тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, яке аз сабабҳои асосии вазъи ногувор дар бозори меҳнат ва умуман дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ набудани сифати захираҳои меҳнатӣ мебошад.

Аз ин рӯ, мо бояд ҳарчи зудтар масъалаи касбомӯзӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси муҳоҷирони меҳнатӣ, бекорон ва дигар шахсони ба бозори меҳнат воридгаштаро бо дарназардошти талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ ҳаллу фасл намоем».

Ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш дода шуд, ки бо тартиби муайянгардида лоиҳаи Стратегияи давлатии танзими бозори меҳнат ва нақшаи нави таъсиси ҷойҳои кориро барои давраи миёнамӯҳлат таҳия намояд.

Ҳукумати кишвар вазифадор карда шуд, ки бо мақсади танзими бозори меҳнат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ, Консепсияи таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ ва Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шаванд.

Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда, дар заминаи вусъат бахшидани корҳои созандагиву бунёдкорӣ, аз ҷумла бунёди як силсила иншооти энергетикиву коммуникатсионӣ, барқарорсозии инфрасохтори истеҳсоливу иҷтимоӣ, сохтмон ва

саноати ватанӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо қариб сад ҳазор ҷои нави корӣ ташкил карда шуд.

Новобаста аз ин, Президенти кишвар вазорату идораҳои дахлдор, бахусус вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, энергетика ва саноат, нақлиёт ва коммуникатсия, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ, кишоварзӣ ва ҳифзи табиат, Агентии сохтмон ва меъмориро вазифадор намуданд, ки барои вусъати сохтмонҳои хурду бузурги гидроэнергетикӣ, роҳсозӣ ва коммуникатсия, ташкили корхонаҳои нави истеҳсолии давлатӣ, хусусӣ ва соҳибкорӣ, густариши истеҳсолоти кишоварзӣ ва истеҳсолу коркарди ашёи хоми ватанӣ мусоидат намуда, ҳарчи бештар ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳанд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 апрели соли 2009 қайд карда шуд, ки «Таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди касбомӯзӣ барои бекорон самти дигари сиёсати иҷтимоӣ мебошад.

Вазъияти кунунии бозори меҳнат дахолати мунтазами давлатро ҷиҳати танзими масъалаҳои таъсиси ҷойҳои корӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ тақозо менамояд».

Чи тавре, ки дар Паём қайд гардид, дар давоми панҷ соли охир дар натиҷаи таъсиси ҷойҳои корӣ беш аз 360 ҳазор нафар бекорон ба шуғл фаро гирифта шуданд. Танҳо дар се моҳи соли равон қариб 40 ҳазор ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуда, 31 ҳазор нафар корҷӯён бо ҷойи кор таъмин гардиданд.

Президенти кишвар роҳбарони тамоми вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, муассисаву ташкилотҳои давлатӣ ва хусусиро вазифадор намуданд, ки барои паст гардонидани таъсири манфии бӯҳрон ҳарчи зиёдтар ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳанд.

Ҳукумати Тоҷикистон ва роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда шуданд, ки соли 2009 дар кишвар на камтар аз 180 ҳазор ва минбаъд ҳар сол то 100 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳанд.

Дар робита ба ин, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазифадор карда шуд, ки ҷиҳати таъсиси низоми бо кор таъмин кардани аҳолӣ ва маркази дастгирии худиштиғолӣ дар шакли корхонаҳои воҳиди давлатӣ пешниҳодҳои асоснок манзур намояд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2010 қайд гардид, ки «Масъалаҳои танзими бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ ҳамчун ҷузъҳои асосии барномаи зиддибӯҳронии ҳукумати мамлакат тадриҷан ҳаллу фасл шуда истодаанд».

Қайд гардид соли 2009 дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар беш аз 185 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис дода шуда, дар соли 2010 боз 117 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода хоҳад шуд.

Супориш дода шуд, ки тавассути ташкили курсҳои таълимии соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ, додани қарзҳои хурди имтиёзнок ва таъсиси марказҳои дастгирии худиштиғолӣ ва соҳибкорӣ бояд минбаъд низ ба шуғли аҳолӣ мусоидат карда шуда, ҳамчунин, барои таъмини ҳарчи беҳтари ҳифзи иҷтимоии аҳолии ниёзманд, таҳкиму танзими муносибатҳои меҳнатӣ, таъин ва пардохти нафақа ва мусоидат ба шуғли аҳолӣ бояд чораҳои таъсирбахш андешида шаванд.

Дар Паём ба ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд, ки «Дар самти таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди касбомӯзӣ барои бекорон низ мо ба натиҷаҳои назаррас ноил шудем. Дар ин замина тайи панҷ соли охир дар кишвар зиёда аз 500 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис ёфта, раванди афзоиши бекорӣ бо таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолӣ то ҳадде кам гардид.

Барои таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор таъсиси курсҳои тайёрӣ ва бозомӯзии касбӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Вале дар ин самти муҳими иҷтимоӣ боз тадбирҳои зиёдеро анҷом доданамон лозим меояд.

Зеро ин масъала ҳамоно муҳим боқӣ монда, ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад».

Сарвари давлат ба вазоратҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф супориш доданд, ки ҳар сол ҷиҳати ба касбомӯзӣ, такмили ихтисос ва шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ ҷалб намудани то сад ҳазор нафар шаҳрвандони бекор, бахусус муҳоҷирони меҳнатӣ чораҷӯӣ намуда, бо ин мақсад дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар марказҳои таълими калонсолон, омӯзиши хизматрасонӣ ва соҳибкориро ташкил намоянд.

Президенти кишвар қайд намуданд, ки «Бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҷумлаи самтҳои муҳими рушди саноати кишвар мебошад. Тибқи нақшаҳои пешбинишуда танҳо дар давоми ду соли оянда, яъне имсол ва соли 2013 дар қаламрави мамлакат 324 корхонаи хурду миёнаи саноатӣ бунёд карда мешавад, ки аз ин ҳисоб 18 ҳазор ҷойҳои нави корӣ ташкил мегардад».

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2013 қайд гардид, ки «Аҳолии Тоҷикистон сол ба сол меафзояд. Бинобар ин, масъалаи муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишвар мебошад. Дар ин ҷода, танҳо дар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ дар ҳафт соли охир қариб 100 ҳазор ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шудаанд.

Лекин бояд гуфт, ки бо вуҷуди рушди бомароми иқтисоди миллӣ ва андешидани чораҳои зарурӣ шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол солҳои охир дар бозори меҳнат қариб бетағйир монда, ҳоло 50 фоизи аҳолии синни қобили меҳнатро ташкил медиҳад.

Ҳар сол қариб 150 ҳазор нафар хатмкардагони мактабҳои миёнаи умумӣ ва миёнаи махсус ба бозори меҳнат ворид мегарданд ва имрӯз ба як ҷойи кори холие, ки дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудааст, ҳафт нафар довталаб рост меояд.

Аз ин рӯ, таъсиси ҷойҳои кории сифатан нав ва таъминот бо музди меҳнати арзанда имрӯз ба яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа табдил ёфтааст.

Дар замони истиқлолияти кишварамон дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаи саноати сабук, мошинсозӣ, химия, коркарди маъдан ва металлҳо, масолеҳи сохтмон ва саноати хӯрокворӣ зиёда аз 2200 коргоҳ ва корхонаи нав бо беш аз 58 ҳазор ҷойҳои нави корӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Ҷойгиршавии қувваҳои корӣ ва афзоиши табиии аҳолӣ дар шаҳру деҳоти мамлакат моро водор месозад, ки ҳар сол беш аз сад ҳазор ҷойҳои нави корӣ муҳайё намоем.

Вобаста ба ин, зарур аст, ки бо истифода аз сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ ҷиҳати ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ, воридоти технологияҳои ҳозиразамон ва таъсис додани ҷойҳои нави корӣ тадбирҳои мушаххас андешида шаванд.

Дар соли 2013 дар мамлакат 209 корхонаи нави саноатӣ бо 8 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода мешавад. Аз ин ҳисоб аллакай дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ 79 корхонаи истеҳсолӣ ба истифода супорида, қариб 1400 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудаанд.

Дар давоми ҳафт соли охир дар мамлакат зиёда аз 1600 корхонаи нави саноатӣ бо 50 ҳазор ҷойи корӣ, аз ҷумла корхонаҳои саноати коркарди маъдан ва дигар намудҳои ашёи хоми саноат бунёд карда шудаанд ва ин раванд бояд суръат бахшида шавад».

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2014 қайд гардид, ки: «Миқдори умумии ҷойҳои нави кории муҳайёшуда ва барқароргардида дар панҷ соли охир зиёда аз 870 ҳазор, аз ҷумла танҳо соли 2013 беш аз 185 ҳазорро ташкил кард, ки ин барои беҳтар гардидани вазъи бозори меҳнат ва сатҳи зиндагии мардум мусоидат намуд.

Соли ҷорӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ боз 250 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешаванд. Аз ҷумла, бо ин мақсад дар соҳаи саноат сохта ва ба истифода додани 150 корхонаи нави истеҳсолӣ пешбинӣ шудааст.

Фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ду соли охир нишон дод, ки таваҷҷуҳи сармоягузорон ба онҳо пайваста зиёд мешавад.

Танҳо соли 2013 дар ин минтақаҳо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба 41 миллион сомонӣ расида, нисбат ба соли 2012-ум 2,4 баробар афзоиш ёфтааст ва миқдори ҷойҳои корӣ 80 фоиз зиёд шудааст.

Рушди бахши сайёҳӣ барои ташкили ҷойҳои кории нав ва инкишофи истеҳсолот мусоидат мекунад, зеро бахши сайёҳӣ имконияти хуби фаъолияти соҳибкорӣ барои ҳар як шахси ташаббускор мебошад».

Дар Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015 қайд гардид, ки: «Дар соли 2014 дар қаламрави мамлакат беш аз 252 ҳазор ҷойҳои нави кории доимӣ, мавсимӣ ва муваққатӣ таъсис дода шуданд.

Дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат доир ба рушди соҳаҳои зикршуда корҳои назаррас анҷом ёфта, тавассути воридоти техникаву технологияҳои муосир солҳои 2012-2014 зиёда аз 1000 коргоҳҳои доимӣ, мавсимӣ, инчунин корхона ва иқтидорҳои нав таъсис дода шудаанд.

Таъсиси ҷойҳои нави корӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат мебошад.

Чунонки зикр намудам, соли 2014 дар кишвар беш аз 252 ҳазор ҷойҳои нави кории доимӣ, муваққатӣ ва мавсимӣ таъсис дода шудаанд. Соли 2015 бояд на кам аз 200 ҳазор ҷойҳои нави корӣ муҳайё карда шаванд».

Савари давлат Ҳукумати Тоҷикистон, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро вазифадор намуданд, ки якҷо бо бахши хусусӣ ҷиҳати вусъат бахшидани ҷараёни таъсиси ҷойҳои нави корӣ мунтазам чораҷӯӣ намоянд.

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2016 қайд гардид, ки: «Дар доираи чорабиниҳои зиддибуҳронӣ бо мақсади бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан баргашта «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2016-2017» қабул гардид, ки бояд дар асоси он беш аз 300 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис ва барқарор карда шаванд.

Танзими давлатии муносибатҳои меҳнатӣ, шуғли аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, касбомӯзӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ ба суботи иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири бевосита дорад.

Амалӣ гардидани барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ имкон дод, ки дар 10 соли охир зиёда аз 1 миллион ҷойҳои кори доимӣ, муваққатӣ ва мавсимӣ таъсис дода шуда, танҳо тавассути мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 315 ҳазор нафар бо ҷойи кор таъмин гарданд, ки 30 фоизи онҳоро занон ташкил медиҳанд».

Роҳбари давлат вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илмро вазифадор намуданд, ки ҷиҳати тақвият бахшидан ба омодагии касбии шаҳрвандон ва муҳоҷирони меҳнатӣ раванди таълими касбиро ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва талаботи воқеии бозори меҳнат мутобиқ гардонанд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017

қайд гардид, ки: «Ҳукумати кишвар ба масъалаи шуғл ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ диққати махсус дода, дар ин самт якчанд барномаҳои давлатиро амалӣ намуда истодааст.

Соли 2017-ум 135 ҳазор ҷойи кори доимӣ, муваққатӣ ва мавсимӣ ташкил шудааст, ки ин мушкилоти нарасидани ҷойҳои кориро дар мамлакат ҳал карда наметавонад.

Аз ин рӯ, мо бояд дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони ватанӣ ва тавассути ҳарчи бештар ҷалб намудани сармояи дохиливу хориҷӣ, аз ҷумла сармояи мустақим сохтмони корхонаҳои хурду миёна ва азхудкунии заминҳои навро, ки омили муҳайё кардани ҷойҳои кори нав мебошанд, ҷиддӣ ба роҳ монем».

Президенти кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор намуд, ки ҷиҳати таъсис додани корхонаҳои хурду миёна тадбирҳои бетаъхир андешад ва дар давоми соли 2018-ум 110 ҳазор ҷойи кори доимӣ, бахусус, барои занону ҷавонон таъсис диҳад.

Ба вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, саноат ва технологияҳои нав, маориф ва илм, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, занон ва оила, рушди сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода шуд, ки масъалаи шуғли аъзои ҳар як оилаи кишварро таҳлил карда, ҷалби онҳоро ба соҳаи кишоварзӣ, корҳои хонагӣ, косибӣ, ҳунарҳои мардумӣ, инчунин, корҳои мавсимӣ ва хизматрасонӣ таъмин созанд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 қайд карда шуд, ки: «Пешрафти соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ, бахусус, бахшҳои истеҳсолӣ таъмин гардида, зиёда аз 150 ҳазор ҷойҳои кории нав таъсис дода шуданд ва дар се соли охир шумораи шахсоне, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, 25 фоиз кам гардид.

Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад.

Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад».

Сарвари давлат супориш доданд, ки роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бояд фаъолияти худро доир ба ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои корӣ вусъат бахшанд ва доир ба вазъи иҷрои корҳо ҳар нимсола ба Ҳукумати мамлакат ҳисобот пешниҳод намоянд.

Пешвои миллат ҳамзамон қайд намуданд ки: «Ҳадафи стратегии дигар, ки ба таъсиси ҷойҳои корӣ ва афзун гардонидани иқтидори содиротии кишвар таъсири бевосита мерасонад, ҳифзи амнияти озуқаворӣ тавассути рушди соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани соли 2018 ба дарки аҳаммияти самтҳои мазкур дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мардум такони ҷиддӣ бахшида, шумораи сайёҳоне, ки соли 2018 ба Тоҷикистон омаданд, нисбат ба соли 2017 дуюним баробар афзуд, вале барои расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда як сол басанда нест.

Бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот пешниҳод менамоям, ки солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шаванд.

Мақсади асосӣ аз ин пешниҳод амалигардонии талошҳои Ҳукумати мамлакат ба хотири боз ҳам obod кардани Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи

беҳтар намудани инфрасохтор, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмин кардани аҳолии деҳот бо оби босифати ошомиданӣ, бунёду таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва инкишофи хунарҳои мардумӣ, ба талаботи муосир мутобиқ сохтани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин мебошад».

Дар Паёми ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки: «Мо саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кардем, зеро рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад.

Рушди сайёҳӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисос дар ин самт ба пешрафти иқтисоди миллии кишвар такони ҷиддӣ бахшида, шумораи сайёҳонро ба мамлакат зиёд менамояд ва барои таъсиси ҷойҳои корӣ имкони бештар фароҳам меорад».

Дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри соли 2021 қайд гардид, ки: «Ҳукумати мамлакат ҳадафҳои стратегии миллӣ, яъне таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани мамлакат ба кишвари транзитӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, саноатикунонии босуръати мамлакат ва васеъ намудани шуғли пурмаҳсулро тадриҷан амалӣ карда истодааст.

Бо мақсади мусоидат ба ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ зарур аст, ки Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, инчунин, барномаҳои миёнамуҳлати татбиқи он қабул ва амалӣ карда шаванд».

Зарур дониста шуд, ки сифати таҳсилот ва касбомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар карда, ихтисосу ҳунарҳое, ки барои бозори меҳнат заруранд, таъсис дода, ҷиҳати бо шуғл таъмин намудани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва занону бонувон тадбирҳои қатъӣ андешида шаванд.

Қайд гардид, ки дар панҷ соли охир танҳо аз ҳисоби рушди соҳаҳои хизматрасонӣ, аз ҷумла сайёҳӣ, молияву бонкдорӣ, нақлиёту коммуникатсия ва дигар бахшҳо бояд то 200 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шавад.

Президенти кишвар иброз намуданд, ки: «Амалигардонии ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар имкон медиҳад, ки рушди устувори соҳаи саноат ҳамчун тавлидкунандаи арзиши баланди иловашуда таъмин гардида, дар ин раванд даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ ташкил карда шавад.

Танҳо соли 2021-ум 256 коргоҳу корхонаи нав бо 2500 ҷойи корӣ ба фаъолият оғоз намуд.

Дар давоми панҷ соли оянда, яъне дар доираи «Солҳои рушди саноат» тавассути таъсиси корхонаҳои нав, барқарорсозии иқтидорҳои мавҷуда, афзоиш додани ҳаҷми истихроҷи канданиҳои фоиданок ва коркарди маъдан ба фаъолият оғоз кардани боз якчанд корхонаи бузурги соҳаи маъдан оид ба коркарди ниҳоии ашёи хом бо таъсиси ҳазорҳо ҷойи нави корӣ имконпазир мебошад.

Ҷиҳати рушди соҳаи пиллапарварӣ ва шоҳиву атласу адрасбофӣ, ки барои таъсиси ҳазорҳо ҷойи нави корӣ, бахусус, барои занону бонувон имконият медиҳад, сохтору мақомоти дахлдорро зарур аст, ки истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷударо таъмин намоянд.

Дар натиҷаи амалисозии барномаҳои соҳавӣ ва имтиёзҳои пешниҳоднамудаи Ҳукумати мамлакат соҳаҳои боғу токпарварӣ, чорводориву парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ бомаром тараққӣ карда, танҳо аз ин ҳисоб дар соҳаи кишоварзӣ зиёда аз 700 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд».

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26 январи соли 2021 қайд карда шуд, ки: «Дар сиёсати давлату Ҳукумати Тоҷикистон танзими муносибатҳои меҳнатӣ, рушди бозори меҳнат ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосӣ дорад.

Вале бояд гуфт, ки тибқи таҳлилҳо сатҳи касбияти коргарон ҳанӯз ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй набуда, ин масъала ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад.

Дар ҷараёни ислоҳот як масъаларо ба эътибор бояд гирифт, ки имрӯз дар Тоҷикистон зарурат ва талабот барои ҷорӣ намудани омӯзиши садҳо ихтисоси дигар вуҷуд дорад.»

Дар натиҷаи андешидани чораҳо ҷиҳати татбиқи нишондодҳои Паём дар соли 2020 - 300 коргоҳу корхонаи нави саноатӣ бо беш аз 6500 ҷойи корӣ, 157 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва биноҳои иловагӣ барои 63 ҳазор нафар хонанда, 108 муассисаи тиббӣ ва ба масоҳати беш аз 1,2 миллион метри мураббаъ манзили истиқоматӣ сохта, ба истифода дода шуданд.

Дар ин давра зиёда аз 193 ҳазор ҷойи кори доимӣ ва мавсимӣ ташкил карда шуда, даромади пулии аҳолӣ 10 фоиз афзоиш ёфт.

Соли 2020 дар саросари кишвар 18300 иншооти истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ба истиқболи ҷашни сисолагии истиқлол банақшагирифташуда, ки бештари онҳо иншооти соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва варзиш мебошанд, бунёд ва ба истифода супорида шуда, бо ҳамин роҳ даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ муҳайё карда шуданд.

Дар натиҷаи дастгирии пайвастаи давлату Ҳукумат бахши хусусӣ бомаром инкишоф ёфта, саҳми он дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ беш аз 70 фоиз, дар таъмини аҳолӣ бо ҷойи корӣ 68 фоиз ва даромадҳои андозӣ ба буҷети давлат 80 фоизро ташкил дод.

Аз соли 2013 то соли 2021 аз ҷониби Ҳукумати мамлакат бо ширкатҳои ватаниву хориҷӣ 17 созишнома оид ба сармоягузории мустақим ба имзо расонида шуд, ки дар доираи онҳо 15 корхонаи нави истеҳсолӣ ба маблағи умумии зиёда аз 10 миллиард сомонӣ бунёд гардида, беш аз ҳафт ҳазор нафар сокинони мамлакат бо ҷойи кори доимӣ таъмин карда шудаанд.

**Ҷадвали 1. - Нишондодҳои асосии бозори меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Нишондодҳо** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол (ҳазор нафар) | 8742,8 | 8931,2 | 9126,6 | 9313,8 | 9716,8 | 9886,8 | 10078,4 | 10288,3 |
| % рушд | 102,2 | 102,2 | 102,2 | 102,1 | 104,3 | 101,7 | 101,9 | 102,1 |
| Захираҳои меҳнатӣ (ҳазор нафар) | 5224 | 5326 | 5427 | 5521 | 5585 | 5653 | 5754 | 5990 |
| % захираҳои меҳнатӣ нисбат ба шумораи аҳолӣ | 59,7 | 59,6 | 59,4 | 59,5 | 57,4 | 57,2 | 57,1 | 58,2 |
| Қувваи корӣ (ҳазор нафар) | 2438 | 2460 | 2478 | 2514 | 2557 | 2587 | 2600 | 2675 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| % қувваи корӣ нисбат ба захираҳои меҳнатӣ | 46,7 | 46,2 | 45,7 | 45,5 | 45,8 | 45,8 | 45,2 | 44,7 |
| Аҳолии машғул (ҳазор нафар) | 2384 | 2407 | 2426 | 2463 | 2506 | 2534 | 2545 | 2625 |
| % аҳолии маҳғул нисбат ба қувваи корӣ | 97,8 | 97,8 | 97,9 | 97,9 | 98,0 | 97,9 | 97,9 | 98,1 |
| Сатҳи шуғлнокии аҳолӣ, % захираҳои меҳнатӣ | 45,6 | 45,2 | 44,7 | 44,6 | 44,9 | 44,8 | 44,2 | 43,8 |

***Сарчашма: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷмӯаи омрӣ// - Ирфон, Душанбе – 2024.**

Тавре аз таҳлили ҷадвали 1 маълум мегардад, тули солҳои 2016-2023 шумораи аҳолии доимии кишвар аз 1 545,5 ҳазор зиёд ва ё зиёда аз 117,7 фоиз рушд ёфтааст.

Дар ин давра шумораи қувваи корӣ дар сатҳи 4 фоиз ва ё 237 ҳазор нафар афзоиш ёфтааст

Дар давраи нишондодашуда рушди шумораи захираҳои меҳнатӣ 114,7% рушд ёфта, 766 ҳазор нафарро зиёд гардида, рушди шумораи қувваи корӣ дар ин давра 109,7% рушд ёфта, 237 ҳазор нафарро ташкил дод.

Хулоса, дар натиҷаи татбиқи нишондоҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи рушди бозори меҳнат ва бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолии кишвар ба танзим даровarда шуда, нишондодҳои асосии соҳа рушд ёфтанд.

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2014 дар сохтори Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ» таъсис дода шуд, ки дар татбиқи сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ саҳми муносиб гузошт.

Дар ин давра дар миқёси ҷумҳурӣ 20 бино ва иншооти маъмурии соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ сохта ба истифода дода шуд.

Бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самтҳои бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ 3 қонун, ду консепсия, як стратегия ва зиёда аз 20 қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Дар ин давра қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат», «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» қабул гардида, Консепсияи сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2012, Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Тоҷикистон то соли 2020 ва Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040 ва бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расонида шуд.

Бо фароҳам омадани заминаҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ имконият ба даст омад, ки рушди нишондиҳандаҳои бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ таъмин карда шавад.

Дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи захираҳои меҳнатӣ зиёда аз 2 маротиба зиёд гардид.

Шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол ва аҳолии машғули кор дар ин давра 1,2 маротиба афзоиш ёфта.

Дар натиҷаи таи солҳои 2006 – 2020 амалӣ намудани барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси ҷумҳурӣ аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ зхиёда аз 800 ҳазор нафар шаҳрвандони бекор ва корҷӯ дар соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо ҷойҳои корӣ таъмин гардид.

Дар ин давра, дар мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ зиёда аз 2 млн. нафар шаҳрвандон ҳамчун корҷӯй ба қайд гирифта шуда, ба зиёда аз 1 млн. нафар мақоми бекорӣ дода шуд ва зиёда аз 70% онҳо бо ҷойи кор таъмин гардид.

Дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар зиёда аз 5 миллион ҷойҳои корӣ таъсис дода шуд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, низоми муназзами фаъолияти мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ташкил карда шуда, заминаи моддию техникӣ ва нерӯи кадрӣ соҳа рушд ёфт ва татбиқи босамари сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шуд.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои меҳнат, шуғл аҳолӣ.
3. Маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4. Ҳисоботҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
5. Ҳисоботҳои солонаи агентиҳо, хадамотҳо ва дигар сохторҳои марбутаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**УДК: 311.3**

# ШИНОХТИ ПАЁМ ДАР МАСИРИ ОМОРИ МАКРОИҚТИСОДӢ

# РАСПОЗНАНИЕ ПОСЛАНИЯ В КОНТЕКСТЕ МАКРОЭКОНОМИЧЕСКОЙ СТАТИСТИКЕ

# RECOGNITION OF THE ADDRESS IN THE CONTEXT OF MACROECONOMIC STATISTICS

**МАЪДИЕВ САЪДИХОҶА -** номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими калони илмии шуъбаи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмии Институти илмию таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.
**МАЪДИЕВ САЪДИХОДЖА** - кандидат экономических наук, старший научный сотрудник отдела внедрения результатов научных исследований Научно-исследовательского института туризма и предпринимательства Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Борбада, 48/5.
**MADIYEV SADIKHODJA** - Candidate of Economic Sciences, Senior Researcher, Department of Implementation of Scientific Research Results, Research Institute of Tourism and Entrepreneurship, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbada Ave., 48/5.
**E-MAIL:** sadikhoja.m@mail.ru

**Аннотатсия:** Дар мақола ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии шинохти Паём дар масири нишондиҳандаҳои омори макроиқтисодӣ, захираҳои иттилоотӣ, истифодаи унсурҳои таҳлилӣ оморию эконометрикӣ ва ба идоракунӣ алоқаманд баррасӣ шудааст. Ин масъалаҳо истифодаи нишондиҳандаҳои омори макроиқтисодиро бо фаъолсозии минбаъдаи соҳибкории пуристеъдод барои таъмини рушди устувор ва ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ дар бар мегиранд. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки заминаи таҳлили оморӣ ва эконометрикии робитаи фаъолияти сайёҳӣ ва шинохти Паёмро нишон диҳад. Дараҷа ва динамикаи нишондиҳандаҳои омори макроиқтисодӣ ва робитаи онҳо бо захираҳои сайёҳӣ аз мавқеи Паём дар раванди идоракунии иқтисоди миллӣ, даврони истиқлолият ҷиҳати таъмини рушди устувор асоснок шарҳ дода шудааст.
**Калидвожаҳо:** субъектҳои иқтисоди миллӣ, ҳифзи арзишҳои соҳибистиқлолӣ, рукунҳои шинохти Паём, дараҷа ва динамикаи рушд, омори макроиқтисодӣ, омори миқдор ва сифати рушди соҳавӣ, устувории иқтисоди миллӣ, даъват ба созандагӣ, рушд ва зиндагии шоиста, ҳамоҳангсозии стратегия ва тактикаи сохтори соҳавӣ, зарурати таҳлили оморию эконометрикӣ, фаъолияти илмию таҳқиқотии оморӣ, омори таъсири омилҳо, рушди иқтисоди миллӣ.

**Аннотация.** В статье рассматриваются теоретические и практические аспекты распознание Послания в контексте макроэкономических показателей, использования статистических, эконометрических и управленческих методов анализа для принятие решений. Данные вопросы предполагают использование макроэкономических статистических показателей с дальнейшей активизацией предпринимательский деятельности для обеспечения устойчивого развития и решения социально-экономических проблем. Автор попытался продемонстрировать основу

статистического и эконометрического анализа взаимосвязи между туристической деятельностью и распознанием Послания. Уровень и динамика макроэкономических статистических показателей, их связь с туристическими ресурсами поясняются с точки зрения Послания в процессе управления национальной экономикой периода независимости в целях обеспечения устойчивого развития.
**Ключевые слова:** субъекты национальной экономики, защита ценностей независимости, основы распознания Послания, уровень и динамика развития, макроэкономическая статистика, статистика количества и качества отраслевого развития, устойчивость национальной экономики, призыв к творчеству, развитию и достойной жизни, координация стратегии и тактики отраслевой структуры, необходимость статистического и эконометрического анализа, научно-исследовательская статистическая деятельность, статистика влияния факторов, развитие национальной экономики.

**Abstract.** The article examines theoretical and practical aspects of recognition of the Message in the context of macroeconomic indicators, the use of statistical, econometric and management methods of analysis for decision-making. These issues involve the use of macroeconomic statistical indicators with further activation of entrepreneurial activity to ensure sustainable development and solve socio-economic problems. The author tried to demonstrate the basis of statistical and econometric analysis of the relationship between tourism activities and recognition of the Message. The level and dynamics of macroeconomic statistical indicators, their relationship with tourism resources are explained from the point of view of the Message in the process of managing the national economy of the independence period in order to ensure sustainable development.
**Key words:** subjects of the national economy, protection of the values of independence, the basics of recognizing the Message, the level and dynamics of development, macroeconomic statistics, statistics of the quantity and quality of sectoral development, sustainability of the national economy, a call for creativity, development and a decent life, coordination of strategy and tactics of the sectoral structure, the need for statistical and econometric analysis, scientific research statistical activity, statistics of the influence of factors, development of the national economy.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст,“индикаторҳои пайгирии (ба муҳлат ва тадбирҳои мушаххас алоқаманд) пешрафт дар амалисозии тадбирҳои андешидашуда, инчунин индикаторҳои таъсир (индикаторҳои арзёбӣ), ки дар асоси онҳо арзёбии сифатӣ ва миқдории тағйирот ташаккул ёфта, ҳамчун базаи маълумот барои қабули қарор ва асосноккунии афзалиятҳои нав хизмат мекунад” [13,с.75]. Бинобар ҳамин,барои рушди моддию маънавӣ, шинохти воситае ҳамчун Паём,заминаи ғоявии муайян кардани мазмун ва мундариҷаи натиҷаҳои миқдорӣ ва сифатии фаъолияти соҳаҳои мухталиф мебошад. Муҳимияти шинохти Паём ба назари мо аз он бармеояд, ки ҳуҷҷати мазкур воситаи донисташавандагии ҳалли муаммоҳо ва имкониятҳои ҷойдошта баромад мекунад. Бо дарназардошти дар оянда афзун гардонидани зарурати ҷалби имкониятҳои табиию иқлимии кишвар ва беҳтаргардонидани сатҳу сифати хизматрасониҳои ватанӣ, ташаккулёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз тақвияти пешбурди фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва методии арзёбии афзалиятҳои рушди иқтисоди миллӣ алоқамандӣ мегиранд. Нуктаҳои барномавии Паём ҳамин тавр аз имкониятҳои ҷойдошта дарак дода, барои дарёфти роҳҳои ҷалби онҳо бо мақсади васеъ гардонидани ҳаҷм,таркиб ва динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз тариқи ҷамъбаст, банизомдароварӣ ва таҳлили ҳодиса ва зуҳуротҳои иҷтимоию иқтисодӣ водор месозад.

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2024 рушди соҳаи сайёҳӣ самти афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ ифода ёфта, баробари муваффақиятҳо, ҳамзамон аз имкониятҳои ҷойдошта ёдрас шуд, ки “нишондиҳандаи мазкур ба имкониятҳои таърихиву табиӣ, кӯҳнавардӣ, фарҳангӣ ва табобативу истироҳатии кишвар мувофиқ нест”[8]. Ин худ зарурати омӯзишу таҳқиқ, такмил ва фаъолгардонии механизми идоракунии иқтисоди миллиро нишон дода, бакор даровардани иқтидори сайёҳии кишварро ҳамчун объекти таҳлилӣ ва заминаи ташаккулёбии платформаи мушоҳидавию таҳқиқотӣ ба миён меорад. Ин раванд бевосита аз ташаккулёбии нишондиҳандаҳои омори макроиқтисодӣ ва унсурҳои таҳлили соҳавӣ иборат буда, аз ҷумла фаъолияти сайёҳии дохилӣ ва берунии кишварро ҳамчун функсияи идоракунӣ нишон медиҳад. Дар ин замина баробари маълумоти миқдорӣ, ҳамзамон зарурати истифодаи ченаки сифатии майлгирии паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба миён меояд. Маҳз ҳамин ҷиҳат аз Паём бар омада, аз ҷумла “фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди сайёҳӣ, хусусан, бунёди инфрасохтори зарурӣ” [8]., ҳамчун заминаи ғоявии такмилдиҳии омори макроиқтисодӣ ва омори сайёҳӣ баромад мекунад. Раванди мазкур аз он ҷиҳат аҳамиятнок мебошад, ки ҳисобҳои ёрирасони сайёҳӣ имконияти арзишнокии таъсиррасонии байни соҳавиро дар низоми бахшҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъмин месозад. Ҳамзамон, алоқамандии мутақобилавии байнисоҳавӣ бобати арзёбии алоқамандӣ бо нишондиҳандаҳои ҳисобҳои миллӣ ҳамчун рукни фарогирии идоракунӣ мусоидат мекунад. Чунки фаъолияти сайёҳӣ бо таври генеративӣ имконияти таъсиррасонии худро барои тамоми рукнҳои такрористеҳсоли неъматҳои моддӣ фаро мегирад.

Ҳамин тавр, Паём ҷиҳатеро фарогираст, ки сайёҳӣ ҳамчун қисми таркибии ташаккулёбии нишондиҳандаҳои макро ва микроиқтисодӣ арзёбӣ мегардад. Маҳаки кор ва корбарӣ тибқи қонуниятҳои талабот ва таклифоти доираи сафарбарнамудани захираҳои моддию маънавӣ барои таъмини рушди иқтисоди миллӣ нигаронида мешавад. Соли 2024-ум ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба беш аз 150 миллиард сомонӣ ва суръати рушди воқеии он ба 8,4 фоиз расонида шуд [8]. Суръати афзоиши ММД аз омилҳои зиёди миқдорӣ ва сифатӣ,омилҳои иқтисодию ғайрииқтисодӣ вобаста буда, зарурати амиқ ва шаффоф ташаккулёбии ҳаҷм ва динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ арзёбии оморию эконометрикии фаъолияти сайёҳиро муҳим гардонидааст.

Таҳлили таъсири сайёҳӣ ба рушди иқтисодӣ тавассути моделҳои эконометрикӣ метавонад вобастагии байни аломати натиҷавӣ ва омилҳои таъсиррасонро муайян намояд. Таҳлили таъсири хизматрасониҳои сайёҳӣ ба рушди ММД аз таҳияи модели регрессионӣ имкон пайдо менамояд. Барои ин маълумоти ҷадвали зеринро истифода менамоем [7].:

**Ҷадвали 1.**

**Динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва омилҳои нисбатан муҳими таъсиррасон**

| Нишондиҳан-даҳо / Солҳо | ММД бо нархҳои амалии мутобиқи солҳо, млн.сомонӣ | Шумораи ширкатҳоисайёҳӣ, адад | Теъдоди сайёҳони хориҷии тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба ҷумҳурӣ воридшудаанд, нафар | Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ, млн.сомонӣ |
|---|---|---|---|---|
| | Y | x1 | x2 | x3 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2015 | 50977,8 | 82 | 3080 | 9,6 |
| 2016 | 54790,3 | 118 | 3630 | 8,4 |
| 2017 | 64434,3 | 91 | 4413 | 9,1 |
| 2018 | 71059,2 | 146 | 6699 | 16,9 |
| 2019 | 79109,8 | 161 | 7791 | 24,5 |
| 2020 | 83958,3 | 224 | 416 | 7,7 |
| 2021 | 101076,3 | 235 | 953 | 12,8 |
| 2022 | 118181,7 | 242 | 5771 | 22,8 |
| 2023 | 130791,5 | 225 | 12077 | 30,5 |

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2024. – С.185.

Чунин ҷараён баробари пешравиҳо аз зарурати пешбурди сиёсати самараноки дохилию берунӣ ва вазифаҳои мушаххаси таҳлилии оморию эконометрикӣ иборат мебошад. Таъмини муфидгардонии идоракунии фаъолияти соҳаҳо аз қабили саноат, энергетика, кишоварзӣ, роҳу нақлиёт, сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, маориф, илм ва фарҳанг, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, андоз ва гумрук, амният ва мудофиа, инкишоф додани муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ муайянкунанда баромад мекунанд. Алоқамандии мутақобилавии соҳаҳои номбаргардида ҳамчун объекти омори макроиқтисодӣ аз саҳм ва таъсиррасонии ҳар як бахши соҳавӣ, арзёбӣ намудани таъсири омилҳо вобаста буда, маҳз дар ҳамин замина сифат ва эътимоднокии нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро таъмин мегардонад.

Барои таҳияи модели регрессионии арзёбии ММД аз рӯйи нишондиҳандаҳои хизматрасонии сайёҳӣ, пеш аз ҳама вобастагии онҳо тавассути таҳлили коррелятсионӣ анҷом додан зарур мебошад. Бинобар ин, дар заминаи маълумоти омории ҷадвали 1 бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ таҳлили коррелятсионӣ анҷом дода шуд. Дар натиҷаи суръати афзоиши нишондиҳандаҳо, хусусан нишондиҳандаҳои муҳими таъсиррасон модели регрессияи маҷмуии арзёбии таъсири хизматрасониҳои сайёҳӣ ба рушди ММД таҳия ва пешниҳод карда шуд:

$$\Delta Y = 0{,}6009 \cdot \Delta x_1 + 0{,}3061 \cdot x_2 \quad (1)$$

Дар инҷо, $\Delta Y$ – суръати афзоиши ММД , $\Delta x_1$ - суръати афзоиши ширкатҳои сайёҳӣ ва $x_2$ - суръати афзоиши даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ мебошанд.

Тавсифи омории модели (1) аз рӯйи сифат, хатоӣ ва эътимоднокӣ чунин мебошанд: $R^2 = 0{,}965$ , $\bar{A} = 6{,}3$ , $DW = 1{,}65$. Аз рӯйи тавсифҳои омории бадастомада маълум гардид, ки модели таҳиягардида боэътимод буда, истифодаи он мувофиқи мақсад мебошад. Аз ҷумла, суръати афзоиши натиҷаи рушди иқтисоди миллӣ аз суръати афзоиши ширкатҳои сайёҳӣ ва суръати афзоиши даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ алоқамандии зич дорад.

Равандҳои мазкур аз фаъолнокии тамоми субъектҳои иқтисодӣ вобаста мебошад. Ҳамин аст, ки шарҳи Паём бобати мавқеи соҳибкорон ва дигар мутахассисони соҳавӣ ва мардум, маънии феълиро инъикос менамояд: давоми солҳои охир ба ифтихори 35-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ онҳо барои татбиқи нақшаҳои созандагиву ободонӣ бештар аз 20 миллиард сомонӣ сарф намуда, дар иҷрои нишондодҳои пешбинишудаи рушди иҷтимоию иқтисодии тамоми марзу буми кишвар мусоидат намудаанд. Бо мақсади бо пуррагӣ ва саривақтӣ иҷро намудани барномаву нақшаҳои қабулшуда дар соли 2025 вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби Сарвари давлат дастуру супоришҳои мушаххас гирифтанд. Ба онҳо

супориш дода шуд, ки то охири соли 2025 лоиҳаи «Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026-2030» таҳия ва ба ҳукумати кишвар пешниҳод карда шавад [8]. Ҳамин тавр, Паём роҳнамои кору фаъолияти ҳаёти рӯзмарраи ҷорӣ ва ояндавӣ баромад мекунад. Дар он маълум мегардад, ки замони муосир дар ташаккул ва сафарбар намудани захираҳои моддию маънавӣ, омили технологияи рақамӣ ва пайваста бароҳ мондани тақвияти кадриро дар ин самт муайянкунанда муррифӣ менамояд. Дар Паём тамоюлҳои табиию таърихӣ ва фарҳангии замони муосир, талаботи замони тараққиёту таҳаввулоти зеҳниву технологӣ баэътибор гирифта шуда, бо мақсади густариши равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи пурраи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардид. Дар ин замина, фарогири кӯшишҳо бобати тақвияти рушди инсонӣ дар заминаи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб таъсис додани “Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ” тасмим гирифта шуд [8]. Барои тақвият додани рушду нумӯи соҳаи истеҳсолоти моддӣ ва маънавӣ соҳаи энергетика тақвиятдиҳандаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди маърифати соҳавӣ ҳисобида мешавад. Дар Паёми навбатӣ бо мақсади ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ бо истифода аз тамоми захира ва имкониятҳои ҷойдошта, бахусус манбаъҳои рушди «энергияи сабз» дастури амиқро дарбар гирифтааст. То соли 2025 лоиҳаи «Барномаи рушди энергетикаи барқӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» дар таҳрири нав пешниҳод гардониданаш муҳим ҳисобида шуд [8]. Аз ин мавқеъ, Паём тадбирандешиеро фаро мегирад, ки истиқлоли энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ дар робита ба тақвияти инфрасохтори энергетикӣ ва фароҳам овардани шароитҳои пурсамари ташкилию ҳуқуқӣ ба таъмини рушди устувор барои татбиқи ҳадафҳои иҷтимоӣ нигаронида мешавад. Ташаккули иқтидорҳои нави энергетикӣ сифтан тағйир меёбанд. Чунончи “соли 2025 дар вилояти Суғд сохтмони неругоҳи барқи офтобӣ бо иктидори 200 мегаватт оғоз мегардад” [8]. Аз инҷо дарки моҳият ва аҳамияти имконияту сарчашмаҳои ҷойдоштааз ҳисоби манбаъҳои рушди “энергияи сабз” ва баланд бардоштани сатҳу сифати қонунунгузории соҳавӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи энергетика” дар таҳрири нав ғояи дастурии Паём баромад карда, шинохти он аз риояи талаботи методологӣ доир ба ташаккули муносибати самаранок ба захираҳои табиӣ ва риояи меъёрҳои таъмини мувозинати экологию иқтисодӣ, танзим ва назорати соҳавӣ бар меояд. Дар ин замина коммуникатсияи байнисоҳавӣ ҳамчун объекти таҳлилӣ суръати нав гирифта, ба омили таъмини идоракунии дигар соҳаҳои таъсисдиҳандаи дараҷа ва динамикаи нишондиҳандаҳои омори макроиқтисодӣ табдил меёбад.

Ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ва истифодаи имкониятҳои транзитӣ аз арзёбӣ ва таҳлил кардани вазъи соҳаи нақлиёт вобаста мебошад. Ҳамин аст, ки таҳлили вазъи соҳаи нақлиёт дар Паём баробари арзёбии бунёду азнавсозӣ ва барқарорсозии роҳҳои мошингарди аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалидошта яке аз ҳадафҳои асосии рушди минбаъда баррасӣ мегардад.“Вазорати нақлиёт вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати татбиқи сифатноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ, сари вақт ва бо риояи меъёрҳои муосир амалӣ намудани бунёду азнавсозии роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи дурусти роҳҳо, ташаккули долонҳои нақлиётии транзитӣ ва инфрасохтори онҳо тадбирҳои заруриро амалӣ намояд ” [8]. Аз инҷо гузориши масъала, таҳлил, муқоисаи масъалагузорӣ, тадбирандешии асосноки Паём ҳамчун водоркунандаи майлу кӯшишҳо барои ҳарҷӣ бештар ҷалб намудани имкониятҳои ватанӣ дар таъмини нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ баромад мекунад. Соҳаи нақлиёт барои ҳаракат додани захира ва молу хизматрасониҳо дар дохил ва берун аз марзи ҷумҳурӣ нақши ҳалкунадаро дорад. Аз ҷумла,сатҳу сифати роҳҳо,

хизматрасонии нақлиётӣ асоси моддии ҷалби захираҳои рекреатсионӣ, маҳсулоти сайёҳии ватанӣ ва теъдоди сайёҳони дохилию хориҷӣ баромад мекунанд.

Соҳаи сайёҳӣ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар арзёбӣ гардид. Ҳамзамон маълум мегардад, ки нишондиҳандаҳои фаъолияти самти мазкур "ба имкониятҳои таърихиву табиӣ, кӯҳнавардӣ, фарҳангӣ ва табобативу истироҳатии кишвар мувофиқ набуда,баробари ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба рушди сайёҳии дохилӣ низ бояд таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад. Кумитаи рушди сайёҳӣ якҷо бо вазорату идораҳои марбута ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди сайёҳӣ, хусусан, бунёди инфрасохтори зарурӣ ва андешидани тадбирҳои иловагӣ" вазифадор гардиданд [8]. Паём дар ин замина барои дарки ҳодиса ва зуҳурот майли водоркунандаеро мегирад, ки рушди минбаъда аз дарёфт ва сафарбар намудани имкониятҳои дохилӣ вобастагии зич дорад. Кулли сохторҳои истеҳсолию хизматрасонӣ ҳарчи бештар таваҷҷуҳи худро ба дарёфти омили мазкур равона месозанд. Маҳз дар ҳамин замина шароите фароҳам меояд, ки вазъи субъектҳои иқтисодӣ устувор гардида, фарогирии шуғл, даромадҳо, устувории молиявии кишвар суръати нав мегирад.

Дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилӣ саҳми бахши аграрӣ назаррас мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон гарчанде дорои захираҳои бойи рушди аграрӣ бошад ҳам, рушди минбаъдаи он аз дарёфт ва истифодаи имкониятҳои ҷойдошта дар маҳалҳо ва арзёбии ҳолатҳои тағйирёбии иқлим, муносибатҳои ба хавф алоқаманди иқтисодию молиявӣ зич алоқамандӣ дорад. Дар Паём аз ҷумла қайд гардидааст, "моро зарур аст, ки бо дарназардошти вазъи ҷаҳони имрӯза, тағйирёбии иқлим, хусусан, камобӣ ва хушксолиҳои пайиҳам дар бисёр кишварҳои дунё, болоравии нархи маводи ғизоӣ дар ҷаҳон ва таъсири манфии омилҳои зикршуда ба бозори истеъмолӣ тамоми имкониятҳоро барои рушди соҳаи кишоварзӣ сафарбар созем" [8]. Дар Паём бо дарназардошти вазъи ҷаҳони муосир тадбирандешии амиқ муайян шудааст. Чунин имкониятҳо бевосита аз тақвияти неруи зеҳнӣ ва сатҳу сифати корҳои илмию таҳқиқотӣ алоқаманд бар омада, бо таври заминавӣ аз таъмини рушди босуботи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ алоқаманд арзёбӣ гардид. Дар робита ба ин, Паём заруратиеро ба миён меорад,ки дар муддати кӯтоҳтарин «Барномаи давлатии тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ барои солҳои 2021-2030» таҳия ва ба Ҳукумати кишвар пешниҳод карда шавад. Яъне дар ташаккули заминаҳои моддии таъмини рушди устувор мавқеи ҳалкунандаро сифати неруи инсонӣ мегирад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи мунтазам амалӣ гардонидани ҳадафҳои стратегии кишвар ва рушди иқтисоди миллии даврони соҳибистиқлолӣ инфрасохтори фарҳангиро васеъ гардонидааст ва ҳамаи ин барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи фаҳангии мардум мебошад. Аҳамияти ин раванд дар ҷумҳурӣ торафт бештар мегардад. Баробари бунёд гардидани 18 театр, 50 қасри фарҳанг, 14 мактаби санъат, 126 китобхона, 61 боғи фарҳангу фароғат ва 20 осорхона дар Паём дар назди роҳбарони шаҳру ноҳияҳо вазифаи мушаххас ба миён гузошта шуд: дар маркази ҳар як шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣяк мактаби мусиқӣ барои истеъдодҳои ҷавон сохта, ба истифода диҳанд. Бо ёдоварӣ аз ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ЮНЕСКО ба вазорату идораҳои дахлдор барои таҷлили 2550-умин солгарди қабули Эъломияи ҳуқуқи башар аз ҷониби Куруши Кабир маводи зарурӣ дар робита ба ЮНЕСКО арзёбӣ гардонида шуд [8]. Ҳамин тавр, дар Паём баробари ҷиҳатҳои миқдории рушди иқтисоди миллӣ таҷдиду бозсозии инфрасохтори фарҳангӣ ҳамчун омили ғайриқтисодии рушди иқтисоди миллӣ баромад мекунад. Ин барои минбаъд боз ҳам баланд бардоштани мақоми кишвар дар арсаи байналмилалӣ, аз ҳисоби бакордаровардани имкониятҳои рушди сифатии ҳамкориҳои фарҳангӣ ҳамчун омили таъсирбахш аҳамияти нав пайдо мекунад.

Меҳнати манфиатнок барои ҷомеа ва ҳар як фарди кишвар асоси ташаккул

додани неъматҳои моддӣ барои зиндагии шоиста мебошад.Ҳамин аст, ки дар Паём таъмини аҳолӣ бо шуғли пурсамарро яке аз ҳадафҳои стратегии давлат меҳисобад. Маҳз дар заминаи шуғли пурмаҳсули ба иқтисодиёти инсонӣ асосёфта самаранокӣ афзуда, имконияҳои даромади инфиродии ташаккули молиявӣ, сатҳи умумиҷумҳуриявӣ ва мавқеъи устувори кишвар тренди рақобатпазирӣ мегирад.

Паҳлуи дигари рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва мавқеъгирии нуфузи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ ин баэътибор гирифтани арзёбии таркиби ҳолат ва майлгирии аҳолии халқӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусияти хоси демографӣ буда, яке аз онҳо таркиби сину солӣ мебошад. Дар Паём ҷавонони кишвар фаъолтарин қишри ҷомеа ва идомадиҳандаи фаъолияти насли калонсол ҳисобида мешавад. Дар ин замина ҷавонони ватандӯст минбаъд низ дар рушди илму навовариҳо ва таҳкими минбаъдаи нуфузи ҷумҳурӣ саҳми арзанда мегузоранд. Паём кишвари моро дар арсаи байналмилалӣ аз мавқеи донишҳои муосир, касбу ҳунарҳои замонавӣ ва кӯшишҳои навоварона муаррифӣ менамояд. Дар он вазъи занону духтарон ва мақоми онҳо дар бунёди давлати муосир ва рушди ҷомеа дар даврони истиқлолият баҳои баланд гирифтааст. Аз ин маводи муҳим бармеояд, ки занону духтарон минбаъд низ дар татбиқи талаботу муқарраротӣ қонунгузории миллӣ, пешгирии бегонапарастӣ, аз ҷумла либосу расму оинҳои ба халқи мо бегона, дар тарбияи наслҳои солим, таҳкими сулҳу субот дар ҷомеа, пешрафти давлат ва ободонии Ватан саҳми арзанда мегузоранд.

Паём фаъолияти пурсамари вакилони мардумиро дар вақт ва макон арзёбӣ намуда,ҷиҳатеро таҷассум менамояд, ки рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар, суботи сиёсӣ ва оромии мардуми Тоҷикистон аз таъмини амнияти миллӣ вобастагӣ дорад. Аз рафти таҳлили сиёсати хориҷии Тоҷикистон мавқеи амиқ муайян мегардад, ки Тоҷикистон бар асоси сиёсати хориҷии «дарҳои кушода» омодагии худро барои идомаи таҳкими муносибатҳои бисёрҷониба дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба изҳор медорад. Дар ин замина Тоҷикистон ҳамкориҳои созанда ва ояндадорро дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, созмонҳои молии байналмилалӣ ва шарикони рушд густариш медиҳад. Аз ҷониби Сарваридавлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумла чунин қайд мегардад: “Мо минбаъд низ барои расидан ба ҳадафҳои худ ва тавсеаи ҳамкориҳои созанда ва дарозмуддат бо тамоми кишварҳои ҷаҳон ва шарикони байналмилалии худ чораҳои зарурӣ меандешем. Кишвари мо равобити худро бо Созмони Ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ, Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва дигар созмонҳо тавсеа бахшида, саъй дорад, ки дар равандҳои ҷаҳонӣ ва гуногунҷанба. сохторҳои байналмилалӣ ширкат варзад » [8].

Ҳамин тавр, ҷавҳари маънии Паём аз он бармеояд, ки аҳли кулли субъектҳоро ба саъйу кӯшиш бобати ҳифзи арзишҳои соҳибистиқлолӣ, ободу зебо гардонидани Ватанамон ва зиндагии ҳар як оила ва халқи шарифи Тоҷикистон равона месозад. Ҳамаи ин рукнҳои шинохти Паём маҳсуб меёбанд. Онҳо барои рушди миқдорию сифатии бахшҳои гуногуни ҳаёти кишвар аз тариқи муқоиса ва таҳлили нишондиҳандаҳои ҳаҷм ва дараҷаи фаъолияти соҳаҳо арзёбӣ гардидаанд. Дар он ҳарчи бештар ба ҷанбаҳои сифатии баланд бардоштани таъмини амнияти миллӣ, устувории иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум даъват баамал оварда мешавад. Раванди мазкур дарки маънии Паёмро ҳамчун воситаи ҳамоҳангсозии фаъолияти иқтисодию молиявӣ, технологию инноватсионӣ, коммуникатсионию байни фарҳангии сиёсати дохилию байналмилалӣ ифода менамояд. Сафарбарии он муайянкунандаи стратегия ва тактикаи кории тамоми бахшҳо, аз ҷумла зарурати майлгирии фаъолияти илмию таҳқиқотии комплексӣ бобати арзёбии таъсири омилҳо ба рушди иқтисоди миллӣ тавассути шаклҳои нави мушоҳидаҳои омор ифода меёбанд.

**АДАБИЁТ**

1.Артамонов Н.В. Ведение в эконометрику. – 3-е изд.испр.и доп.-М.: МЦНМО, 2019. 251с

Блудова, С. Н., Экономика : учебное пособие / С. Н. Блудова, А. П. Новосельцева, М. А. Эренценова, В. А. Гладилин. — Москва : Русайнс, 2022. — 239 с.

2..Бойцова Е. Ю., Вощикова Н. К. Микроэкономика и макроэкономика: актуальные проблемы. — М.: Юрайт. 2023. 300 с.

3.Борисов, Е. Ф. Экономика : учебник и практикум / Е. Ф. Борисов. – 7-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – 383 с.

4.Горленко О. А., Борбаць Н. М. Статистические методы в управлении качеством. Учебник и практикум. М.: Юрайт, 2020. 306 с.

5.Горпинченко К. Н. Статистика. Учебное пособие для вузов. М.: Лань, 2023. 156 с.

6.Дудин М. Н., Лясников Н. В., Лезина М. Л. Социально-экономическая статистика. М.: Юрайт, 2023. 234 с.

7.Омори солонаиҶумҳурииТоҷикистон. Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон. Душанбе – с.2024.

8.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе,28 декабри соли 2024. [Электронный ресурс]. - URL: https://president.tj/event/missives/49225 (санаи муроҷиат: 08.01.2025)

9.Панова, А. В. Статистика туризма : учебное пособие / А.В. Панова. – Москва : ИНФРА-М, 2021. – 248 с.

10.Статистика / под ред. И. И. Елисеевой. М.: Юрайт, 2024. 504 с

11.Статистика с элементами эконометрики. Учебник для СПО. В 2-х частях. Часть 2 / ред. Ковалев В. В. М.: Юрайт, 2019. 348 с.

12.Статистическое моделирование и прогнозирование/ Под.ред. .Г.Гранберга.-М: Финансы и статистика, 1989, 215 с.

13.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030// Тасдиқ карда шудааст: Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016 таҳти № 636.-Душанбе,2016с -2016.-104с.

14.Теория статистики / под ред. В. В. Ковалева. М.: Юрайт, 2023. 455 с.

15.Уланова О. И. Макроэкономика. Учебное пособие для вузов. Учебник. — М.: Лань. 2024. 224 с.

**УДК: 349. 56 (598.1)**

# ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – РОҲНАМОИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ КИШВАР

# ПОСЛАНИЕ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ОБ ЭКОНОМИЧЕСКОМ И СОЦИАЛЬНОМ РАЗВИТИИ СТРАНЫ

# ADDRESS OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ON THE ECONOMIC AND SOCIAL DEVELOPMENT OF THE COUNTRY

**САМИЕВА МЕҲРАНГЕЗ БОБОЕВНА –** н.и.и., омӯзгори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ. 734055, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5/ Тел.: (+922) 888830120.

**SAMIEVA MEHRANGEZ BOBOEVNA -** Candidate in economic, teacher of the department of accounting and audit of the International University of tourism and entrepreneurship**.** 734003, Tajikistan, Dushanbe, 48/5 Borbad ave., Тел.: (+992) 888830120

**САМИЕВА МЕХРАНГЕЗ БОБОЕВНА - к**андидат экономических наук., преподаватель кафедры бухгалтерского учета и аудита Международного университета туризма и предпринимательства. 734055. г. Душанбе, проспект Борбад 48/5**.** Тел.: (+992) 888830120

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур муаллиф қайд намудааст, ки пешрафту тараққии кишвар аз фаъолияти шахсони соҳибкасб, бомаърифат ва корчаллон вобастагӣ дорад. Шахсони бомаърифат метавонанд вобаста ба касби азхудкарда дар соҳаҳои мухталифи ҷомеа фаъолият намуда, ҷиҳати рушди он саҳм гузоранд. Инчунин муаллиф қайд мекунад, ки васеъ намудани таҳкими дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна ҳамчун роҳҳои мақсадноки баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ яке аз масъалаҳои муҳими замони муосир ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, соҳибкор шахсе аст, ки дар шароити бозор мақоми муҳимеро соҳиб аст, ки аз самаранокии фаъолияти ӯ раванди ташаккулёбии бозор, рушди муносибатҳои тиҷоратӣ, дараҷаи қонеъгардонии талаботи ӯ, дар истеҳсолот ҷорӣ намудани навигариҳои илмӣ-техникӣ, ташкилию технологӣ ва рушди устувори иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Дар мақолаи мазкур муаллиф қайд мекунад, ки таҳкими дастгирии фаъолияти соҳибкории хурду миёна ва рақобат имкониятҳои навини ҷоринамоии навовариҳои илмӣ-техникӣ ва ташкилӣ-иқтисодиро фароҳам оварда, истеҳсоли маҳсулоти ба рақобат тобоварро таъмин мекунанд.

**Калимаҳои калидӣ:** соҳибкорӣ, соҳибкории хурду миёна, истеҳсолот, шуғли аҳолӣ, сифат, сатҳи зиндагӣ, сифати зиндагӣ, некӯаҳволӣ, вазъи иқтисодӣ, ҳаёти иҷтимоӣ, нишондодҳо, даромадҳои воқеӣ, манфиат ва хизматрасониҳо, шароити меҳнат, таҳким, дастгирии соҳибкорӣ ва ѓайра.

**Аннотация.** В данной статье автор отметил, что прогресс и развитие страны зависит от деятельности бизнесменов, образованных людей и предпринимателей. Образованные люди могут работать в различных сферах жизни общества и способствовать его развитию в зависимости от приобретённой профессии. Автор также отмечает, что

расширение усиления государственной поддержки малого и среднего бизнеса как целенаправленный путь повышения уровня жизни населения считается одним из важнейших вопросов современности. Следовательно, предприниматель – это человек, занимающий важное положение в рыночных условиях, от которого зависит эффективность его деятельности, процесса формирования рынка, развития деловых связей, уровня удовлетворения его потребностей, внедрения научных достижений. - технические, организационные и технологические инновации в производстве, а также устойчивое экономическое развитие. В данной статье автор отмечает, что усиление поддержки малого и среднего предпринимательства и конкуренции открывают новые возможности для реализации научно-технических и организационно-экономических инноваций и обеспечивают производство конкурентоспособной продукции.
**Ключевые слова:** предпринимательство, малое и среднее предпринимательство, производство, занятость, качество, уровень жизни, качество жизни, благосостояние, экономическое положение, социальная жизнь, показатели, реальные доходы, льготы и услуги, условия труда, укрепление, поддержка бизнеса и т. д.

**Abstract.** In this article, the author noted that the progress and development of the country depends on the activities of businessmen, educated and entrepreneurs. Educated people can work in various fields of society and contribute to its development, depending on the acquired profession. The author also notes that expanding the strengthening of state support for small and medium-sized businesses as a purposeful way to raise the standard of living of the population is considered one of the most important issues of modern times. Therefore, an entrepreneur is a person who has an important position in the market conditions, which depends on the effectiveness of his activities, the process of market formation, the development of business relations, the level of satisfaction of his needs, the introduction of scientific-technical, organizational and technological innovations in production, and sustainable economic development. depends. In this article, the author notes that the strengthening of support for small and medium business activities and competition provide new opportunities for the implementation of scientific-technical and organizational-economic innovations and ensure the production of competitive products.
**Key words:** entrepreneurship, small and medium, entrepreneurship, production, employment, quality, standard of living, quality of life, well-being, economic situation, social life, indicators, real incomes, benefits and services, working conditions, strengthening, business support, etc.

Ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод менамоям, ки солҳои 2025-2030 “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон карда шаванд.

Эмомалӣ Раҳмон.

Паёми нави Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки рӯзи 28-уми декабри соли 2024 ироа шуд, саршори нуктаҳои муҳим, андешаҳои тоза, тарҳҳои стратегӣ, оянданигарии ҳакимона ва пандҳои ибратомӯз мебошад. Пешвои миллат камбуду комёбиҳои солонаро дар бахшҳои сиёсат, иқтисод, иҷтимоъ ва фарҳангу маорифи кишвар бо диққат таҳлил намуда, барои беҳтар кардани шароити зиндагӣ дастуру супоришҳои муфид пешниҳод намуданд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъкид шудааст, ки “дар марҳилаи нави рушд се вазифаи асосӣ дар назди кишвар

меистад: якум, нойил шудан ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии бо кишварҳои сегменти миёна бо даромади миёнаи муқоисашаванда; дуюм, таъмин намудани рушди устувор ба воситаи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ; сеюм, вусъатдиҳӣ ва таҳким бахшидани табақаи миёна”. Аз ин лиҳоз дар марҳилаи муосири рушди мамлакат устувор намудани заминаҳои иқтисодиву иҷтимоии татбиқи сиёсати иҷтимоӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии мардум дар мадди аввал қарор мегирад.

Сиёсати иҷтимоӣ яке аз самтҳои муҳими танзими давлатии иқтисодиёт мебошад. Он ҷузъи асосӣ ва бунёдии сиёсати дохилии давлат буда, ба таъмини некуаҳволӣ ва рушди ҳамаҷонибаи шаҳрвандон ва дар маҷмуъ, ҷомеа нигаронида шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ мебошад. Яъне «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад».

Аҳамияти сиёсати иҷтимоии давлатро сатҳи таъсири он ба равандҳои такрористеҳсолкунии қувваи коргарӣ, баланд шудани ҳосилнокии меҳнат, дараҷаи маълумотнокӣ ва касбияти захираҳои меҳнатӣ, дараҷаи тараққиёти илмию техникии қувваҳои истехсолкунанда, ҳаёти фарҳангӣ ва маънавии ҷомеа муайян менамояд. Сиёсати иҷтимоӣ, ки ба беҳтар намудани шароити меҳнату маишат, инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш равона карда шудааст, афзоиши бемориҳоро кам мекунад ва бо ҳамин ба кам шудани талафоти иқтисодӣ дар истеҳсолот таъсири ҷиддӣ мерасонад. [12. с.125]

Стратегияи сиёсати иҷтимоӣ ҳалли умумии системаи масъалаҳои иҷтимоии кишвар дар ин марҳалаи мушаххаси таърихии рушди он мебошад. Вобаста ба ин дар яке аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» чунин иброз шудааст: «тавре ки борҳо зикр намудам, ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат беҳтар кардани шароити зист ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми азизамон мебошад,….. мо талош дорем, ки барои ҳар як сокини мамлакат шароити зиндагии шоистаро муҳайё созем ва ҳамаи нақшаву барномаҳоямон маҳз ба хотири амалӣ гардонидани ҳамин ҳадафи олии давлат қабул ва амалӣ карда мешаванд».

Аз ин рӯ, ҳангоми тартиб додан ва амалӣ гардонидани сиёсати иҷтимоӣ вобаста ба зарурат ҳамеша масъалаи афзалиятҳои иҷтимоӣ, яъне вазифаҳои иҷтимоие, ки ҷамъият дар марҳалаи нави тараққиёти ҷумҳурӣ ҳамчун вазифаи муҳимтарин эътироф карда, ҳалли аввалиндараҷаро талаб мекунанд, ба миён меояд. Ба сифати афзалиятҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ метавон механизмҳои зеринро ҷудо намуд:

- ба шахс аз давраи таваллуд то синни пиронсолӣ шароити муътадили зиндагӣ ва рушд, шуғли пурсамар, қонеъ гардонидани талаботи ӯ ба меҳнатро таъмин намуд;
- муҳайё намудани шароит барои фаъолияти оила ҳамчун ҷузъи асосии ҷамъият, машғул шудан бо фаъолияти фоиданоки иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ;
- таъмини амнияти иқтисодӣ, ҳифзи боэътимоди ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон;
- таъмини шароит барои рушди инсон, рушди сармояи инсонӣ, сармояи зеҳнии ҷомеа;
- баланд бардоштани сифати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, масъулияти иҷтимоии соҳибкорон, шарикии иҷтимоӣ, ҳифзи саломатӣ, шароити манзил, беҳтар намудани вазъи демографӣ. [8. С.130]

Аз таҳлилу фактҳое, ки дар паёми имсола оид ба бахшҳои гуногуни кишвардорӣ баён гардид, бармеояд, ки фаъолияти як соли гузаштаи ҷомеаи Тоҷикистон қаноатбахшу умедворкунанда аст. Хабари афзоиши нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли

маҳсулоти кишоварзии мамлакат аз 39 миллиард сомонӣ дар соли 2019 ба 73 миллиард сомонӣ дар соли 2024 нишон медиҳад, ки шароити зиндагии мардум беҳтар шудааст.

Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин дастовардро оғози кор дониста, ба "Ҳукумати мамлакат, Вазорати кишоварзӣ ва вазорату идораҳо дахлдор супориш доданд, ки дар шароити болоравии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ Барномаи амнияти озуқавории мамлакатро барои панҷ соли оянда қабул ва амалӣ намоянд". Таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷумлаи ҳадафҳои афзалиятноки стратегии Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар ин бобат баҳри расидан ба аҳдофе, ки ба беҳтаршавии зиндагии сокинони кишвар мусоидат мекунанд, тадбирҳои зиёде андешида мешавад. Пешрафти истеҳсолоти кишоварзӣ омили муҳимтарини таъмини амнияти озуқавории кишвар муайян шудааст. [16. с.3]Ин як пешниҳоди бисёр муҳим ва зарурӣ аст, зеро беҳтар шудани шароити иҷтимоии аҳолӣ роҳро барои таҷвияти системаи фарҳанг ва маориф мекушояд. Беҳбудии вазъи маишӣ ва иҷтимоии муаллимон заминаро барои тарбия ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос фароҳам мекунад. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ, ки дар Паёми Пешвои миллат дарҷ гардид, масъалаҳои хеле муҳиму саривақтӣ мебошанд. Ташкили ҷойҳои корӣ ва зиёд кардани музди меҳнат аҳамияти хос дода шуда, маоши вазифавии кормандони соҳаи буҷетӣ дар панҷ соли охир 4 маротиба ва дар умум 100 фоиз зиёд гардидааст. Соли 2025 низ музди меҳнати кормандони соҳаи маориф, аз ҷумла муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ 30 фоиз, муассисаҳои тандурустӣ, фарҳанг, хадамоти иҷтимоӣ ва дигар муассисаҳо 20 фоиз зиёд карда мешавад. Дастур дода шуд, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолӣ барномаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ таҳия ва амалӣ карда шаванд. Аз ҷумла, Сарвари давлат таъкид карданд,ки таҳкими заминаҳои қонунгузорӣ барои дастгирии қишрҳои осебпазир ва зиёд намудани сармоягузорӣ ба соҳаҳои тандурустӣ, маориф ва фарҳанг аҳамияти бузург дорад.Роҳбари давлат зарур шумориданд, ки "Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021 – 2030" таҷдиди назар гардида, ба Ҳукумати кишвар пешниҳод карда шавад.

Барои тақвияти андешаҳои мазкур Пешвои миллат бори дигар таъкид карданд, ки хуруфот ҷаҳолат аст ва ҷаҳолат ба ҷомеа танҳо бадбахтӣ меоварад. Бардошти мо аз ин Паём чунин аст, ки танҳо бо илму донишҳои замонавӣ, касбу ҳунарҳои муосир ва саъю талоши навҷӯёна метавон пеши роҳи сар задани аъмоли терористию экстремистиро гирифт ва дар таҳким бахшидани нуфузи кишварамон дар арсаи байналмилалӣ саҳми арзишманд гузошт. Бори дигар равшан гардид, ки мубориза бо терроризм ва экстремизм самти афзалиятнок дар сиёсати созанда Пешвои муаззами миллат мебошад, зеро ин зуҳурот ҳоло ба хатари глобалӣ мубаддал гардида, тамоми аҳли башарро ба ташвишу нигаронӣ овардааст. Ёдовар шудан зарур аст, ки моҳи майи соли 2018 бо ташаббуси Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо Созмони Миллали Муттаҳид ва дигар созмону кишварҳо дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмиллалии сатҳи баланд дар мавзӯи "Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез" баргузор гардид. [16. с.3]

Соли 2010 ҷиҳати бартараф кардани мушкилоти ҷойдоштаи рушди соҳибкорӣ ва соҳибкории хурду миёна бори аввал мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорони ватанӣ баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои дастгирии соҳибкорӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор дода шуданд. Бинобар ин, дар шароити рақобати шадиди бозорӣ соҳибкоронро зарур аст, ки тавассути ташаккул додани саноати миллии рақобатпазиру самаранок, навсозии техникиву технологии корхонаҳои саноатӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкории истеҳсолӣ коркарди ҳарчи пурраи ашёи хоми ватаниро мунтазам таъмин кунем. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафи стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ - индустриалӣ ба индустриалӣ - аграрӣ пешниҳод намуд. Бинобар ин, соҳибкори имрӯза бояд корхонаи худро ба корхонаи истеҳсолӣ табдил диҳад, на коргоҳи фурӯши маҳсулоти воридотӣ. Коркарди ашёи хоми ватанӣ, ки имрӯз ба истеҳсолкунанда эҳтиёҷ дорад бояд бештар таваҷҷуҳи соҳибкоронро ба худ ҷалб кунад. Ё худ соҳибкорон ба бунёди корхонаҳои саноатӣ мароқ зоҳир карда, маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол кунанд. Дар натиҷа, ҳам даромади корхонаи онҳо зиёд гашта, ҳам маҳсулоти истеҳсолкардашон муаррификунандаи онҳо мегардад. Чунки дар Тоҷикистон ҳамаи шароитҳо барои соҳибкорон муҳайё мебошад ва ҳатто санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, ки ба соҳаҳои истеҳсолӣ равона карда шудааст аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шуд. Яъне дар асоси маълумоти охирине, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ қайд карданд "то имрӯз ба соҳибкорону сармоягузорон зиёда аз 110 имтиёз ва сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод карда шуданд ва шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1, муҳлати бақайдгирӣ аз 49 то 3–5 рӯз кам карда, ба таври ройгон ба роҳ монда шуд".

Фаъолияти соҳибкорон дар миқёсӣ кишвар дар асоси шаҳодатнома, патент ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ба ба роҳ монда шудааст.

Мақсад аз рушд додани бахши соҳибкории хурду миёна дар кишвар фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, ворид намудани технологияҳои муосири истеҳсолӣ дар коргоҳҳои мухталифи саноатию кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

## АДАБИЁТ

1. Абакумова, Н.Н., Подовалова, Р.Я. Политика доходов и заработной платы: учебник / Н.Н. Абакумова, Р.Я. Подобалова. -Новосибирск: НГАЭиУ, 1999. -С.16.

2. Абуалӣ Ибни Сино. Тадбири манзил [Матн]: /Абуалӣ Ибни Сино. Осори мунтахаб //Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон. Ҷ.2.- Душанбе, 1983. - 560с.

3. Азрилин, А.Н., Азрилин, О.М., Калашникова, Е.В., Квардакова, О.В. Новый экономический словарь. [Текст]: /А.Н.Азрилин, О.М.Азрилин, Е.В.Калашникова, О.В.Квардакова. - Москва, 2008. - 950с.

4. Бабаджанов Р.М. Человеческое развитие. [Текст]: учебник (издание 2-е, дополненное и переработанное). /Р.М.Бабаджанов. - Душанбе. 2014. С. 433.

5. Бобков, В.Н. Проблемы оценки уровня жизни в современной России. Монография / В.Н. Бобков. - М., 1995. - 258 с.

6. Жеребин, В.М., Романов, А.Н. Уровень жизни населения. Основные категории, характеристики и методы оценки. [Текст]: /В.М.Жеребин, А.Н.Романов. - М.: Юнити-Дана, 2002. - 592с.

7. Исламов, С.И. Особенности репродуктивного поведения в семье. /Детность семьи: вчера, сегодня, завтра;

8. Иттилоотикунонии ҷомеа омили асосии баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар Тоҷикистони муосир // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2019, №5. – С.129-135.

9. Комилов, С.Ҷ., Алиева, Г.Ш. Соҳибкорӣ ва менеҷменти рушди фаъолияти навҷорсозӣ (инноватсионӣ). [Матн]: васоити таълимӣ. - Д.: Ирфон, 2008. - 220 с.

10. Маркс К. Капитал. Критика политической экономики. Т.1. - М.: Политиздат, 1988. - 891с.

11. Маҷаллаи идоракунии давлатӣ . Мақола "Асосҳои назариявии таҳлили категорияи сатҳи зиндагии аҳолӣ" саҳ. 76-80 . Самиева М.Б.

12. Муносибатҳои методологӣ оид ба баҳодиҳии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ [Матн]: /М.Б.Самиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. ISSN 2413-5151, 2020, №10. – С.77-81.

13. Народное благосостояние: тенденции и перспективы / Е.М. Аврамова [и др.]; АН СССР, Госкомтруд СССР, Ин-т соц-экон. проблем народонаселения; отв. ред. Н.М. Римашевская, Л.А. Оников. - М.: Наука, 1991. - 253 с.

14. Мирсаидов, А.Б. Ҳамкории муштараки давлату соҳибкорӣ: баъзе масъалаҳои назариявӣ [Матн]: /А.Б.Мирсаидов /Маводи конференсияи душанбегии байналмилалии илмию амалӣ, - Д., 2012. – 199 с.

15. Мирсаидов, А.Б. Қадамҳои устувор бар сӯйи тамаддуни саноатӣ ва ё индустриалӣ//Рӯзномаи «Минбари халқ», 2020, 17 феврал.

16. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 28.12.2024, шаҳри Душанбе.

УДК: 338.3

# ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТ – РОҲНАМОИ РУШДИ УСТУВОРИ САНОАТ

# ПОСЛАНИЕ ПРЕЗИДЕНТА - ДИРЕКТИВНЫЙ ПУТЕВОДИТЕЛЬ ПРОМЫШЛЕННОГО РАЗВИТИЯ

# ADDRESS OF PRESIDENT DIRECTIVE INDICATOR OF INDUSTRIAL DEVELOPMENT

**РАСУЛОВ Ғ.** - номзади илмҳои иқтисод, ходими калони илмии Институти илмӣ-тадқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории ДБССТ.
**РАСУЛОВ Г.** - кандидат экономических наук, старший научный сотрудник НИИ туризма и предпринимательства Государственного университета туризма,
**RASULOV G.** - PhD in Economics, Senior Researcher, Research Institute of Tourism and Entrepreneurship, State University of Tourism of Tajikistan

**САЙДАЛИЕВА И.** - ходими илмии Маркази таҳқиқоти технологияҳои инноватсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**САЙДАЛИЕВА И.** - научный сотрудник Центра исследований инновационных технологий Национальной академии наук Таджикистана
**SAIDALIEVA A.** - scientists, Center for Research of Innovative Technologies, National Academy of Sciences of Tajikistan

**Аннотатсия.** Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати роҳнамо ва ҳидояткунанда мардуми кишвар ба ҳисоб меравананд. Дар онҳо Сарвати давлат натиҷаҳои дар давоми соли мелодӣ бадастомадаро ҳамаҷониба таҳлил карда, самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакатро муайян менамояд. Муаллифони мақола вазифаҳои ба миёнгзоштаи Пешвои муаззами миллат ва ҷараёни татбиқи онҳоро таҳлил намудаанд
**Калидвожаҳо:** Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушд, соҳаи саноат, тараққиёти энергетика, рақаминамоии иқтисодиёт, нерӯгоҳи барқи обӣ, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, суръати рушд, минтақаҳои Тоҷикистон, сохтори саноат, дурнамои рушд

**Аннотация.** Послания Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан считаются руководящим и поучительным документом. В нем Государственное казначейство всесторонне анализирует достигнутые результаты и определяет направления внутренней и внешней политики страны. Авторы статьи проанализировали задачи, поставленные Великим Лидером Нации, и процесс их реализации.
**Ключевые слова:** Послание Президента Республики Таджикистан, Стратегия развития, промышленность, развитие энергетики, гидроэлектростанции, валовой внутренний продукт, тенденции развития, регионы Таджикистана, структура промышленности, перспективы развития

**Abstract.** Address of the President of the Republic of Tajikistan, esteemed Emomali Rahmon, to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan are considered a guiding and

instructive document. In it, the State Treasury comprehensively analyzes the achieved results and determines the directions of the country's domestic and foreign policy. The authors of the article analyzed the tasks set by the Great Leader of the Nation and the process of their implementation.

**Keywords:** Message of the President of the Republic of Tajikistan, Development Strategy, industry, energy development, hydroelectric power plants, gross domestic product, development trends.

Мо ин ҷо тасмим гирифтем, ки матни ду паёми дар солҳои охир «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироанамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон»-ро мавриди омӯзиш қарор диҳем. Дар Паёми Президенти мамлакат аз 28 декабри соли 2023 ба масъалаҳои саноатикунонии кишвар таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардидааст. Сарвари давлат зимни баромадашон қайд намуданд, ки соли 2023 барои мардуми кишвар соли бобарор гардид. Дар саросари мамлакат ҷиҳати ноилшавӣ ба ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар, зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, ба истифода додани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ташаббусҳои ватандӯстона идома ёфтанд.

Пешвои миллат чунин ҳидоят доданд: «Зарур аст, ки дар ин раванд ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таҳкими ҳамкорӣ бо ширкатҳои ватаниву хориҷӣ, сармоягузорон, шарикони рушд ва созмонҳои молиявии байналмилалӣ барои ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ бо воридоти технологияҳои муосири каммасраф ва дар ин замина, ноил гардидан ба ҳадафҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар диққати аввалиндараҷа дода шавад» [3].

Воқеан, соли 2023 соли пур аз комёбиҳо буд. Дар ин давра дар шаҳри Душанбе корхонаи сементбарорӣ, дар шаҳри Левакант ҷамияти дорои масъулияти маҳдуди «Азот», дар шаҳри Гулистон коргоҳи истеҳсоли қолинҳои рӯйифаршии нақшдор, дар ноҳияи Зафаробод корхонаи пахтатозакунӣ, дар минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» корхонаи истеҳсоли халтаҳои полипропиленӣ (ҶДММ «Азия политекс») ва даҳҳо корхонаҳои истеҳсолӣ ба истифода дода шуданд. Дар маҷмуъ дар вилояти Суғд 262 корхонаи саноатӣ (1704 ҷойи нави корӣ), дар шаҳри Душанбе 181 корхона (1732 ҷойи нави корӣ), дар вилояти Хатлон 117 корхона (859 ҷойи нави корӣ), дар ВМКБ 18 корхона (88 ҷойи нави корӣ), дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 151 корхона (463 ҷойи нави корӣ) ба баҳрабардорӣ супорида шуданд.

Дар зарфи солҳои истиқлолияти давлатӣ амалисозии нақшаву барномаҳои рушди соҳаи саноат имкон дод, ки дар кишвар беш аз 3 ҳазор корхонаи саноатӣ бо 54 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шавад. Соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 1992-юм 4,6 баробар афзоиш ёфта, ба 46 миллиард сомонӣ расонида шуд.

Дар Паём ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супорида шуд, ки афзоиши ҳаҷми коркард ва маҳсулоти ба содирот нигаронида- шударо таъмин карда, рақобатнокӣ ва гуногунсамтии истеҳсолот, ҷойгиркунонии самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ ва таъсиси маҷмааҳои саноатиро дар сатҳи баланд ба роҳ монад.

Ҳоло дар саросари мамлакат ҷараёни саноатигардонӣ ва вусъати инноватсия идома дорад. Тибқи ҳуҷҷатҳои директивӣ, бахасус Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030, Тоҷикистон аз кишвари аграрӣ-индустриалӣ ба мамлакати индустриалӣ- аграрӣ табдил меёбад. Махсусан ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, рақамикунонии истеҳсолот ва рушди беандозаи «иқтисодӣ сабз» диққату эътибор дода хоҳад шуд. [5]

Дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва сохибкории Тоҷикистон дар партави супоришҳои Сарвари давлат дар баробари пешбурди раванди таълиму тарбия иҷрои лоиҳаҳои илмӣ, дар мавзӯи технологияҳои инноватсионӣ ва рақамикунонӣ конфронсҳои байналмилалӣ гузаронида шуданд, ки дар онҳо олимони ватанию хориҷӣ ширкат намуданд. Муҳаққиқон барои дар сатҳи баланд татбиқ намудани хулосаҳои конференсияҳо гурӯҳҳои корӣ ташкил карда, мақолаҳои илмӣ тайёр менамоянд ва бо шарикони хориҷӣ ҳамкориҳои илмиро идома медиҳанд.

Дар мавзӯҳои нақши бузурги Паём дар рушди ҷомеаи навини Тоҷикистон мақолаҳои зиёде ба табъ расиданд. Докторони илмҳои иқтисод, профессорон Асрорзода У.С. ва Иброҳимзода И.Р. дар мақолаашон хизматҳом Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти рушди соҳибкорӣ, вусъати иқтисод ва баланд бардоштани сатҳи некӯаволии мардум махсусан қайд намудаанд. [6]. Дар мақолаи «Нақши Пешвои муаззами миллат дар афзалият гузоштан ба рушди соҳибкории ҷавонон" онҳо чунин изҳори назар намуданд:

**"**Боиси қайд аст, ки бо ташабусси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати милли, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон ва тибқи Қонуни ҶТ "Дар бораи рузҳои ид" аз 2 августи соли 2011, таҳти №753 ҳамасола рузи 23-уми май рузи ҷавонон таҷлил карда мешавад. - Ҷавонон дар ҷомеаи муосир барои тамоми ҷанбаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангӣ дар арсаи чаҳон нақши басо муҳимро иҷро менамоянд [5]."

Олимони тоҷик ахамияти Паёми Президенти Тоҷикистонро дар бобати истифодаи таҷҳизоти замонавӣ омили рушди устувори мамлакат арзёбӣ намуланд. "Бо эътибор ба талаботи рақобатпазирии ҷаҳонӣ бояд дар истеҳсолот ва истифодаи техникаи нав ва муосир, ки қобилияти истеҳсолии ҷумҳуриро афзоиш медиҳад, диққат дод – қайд намудааст ректори Донишкадаи байналмилалии Данғара, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Абдулмаҷид Сафозода. Дар идомаи мақола профессор чунин изҳори назар намудааст: - Раванди рақобатпазир гардидани маҳсулоти ватанӣ, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ ва баланд бардоштани сифати молу маҳсулот аз ҷумлаи корҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Иҷрои ин чорабиниҳо дар умум ба таъмин намудани рушди иқтисодиёти миллӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат мусоидат менамояд [2].

Муҳаққиқон вазифаҳои дар Паём муайяннамудаи махсусан таъкид намудаанд. Доктори илмҳои хуқуқшиносӣ, профессор Элназароав Д. Х. хизматҳои бузурги Президенти мамлакатро дар пешрафти ҷумҳурӣ таъкид карда чунин навиштааст: «Дар Паём ба рушди технологияҳои рақамӣ, бо шумули рақамигардонии соҳаҳои гуногун ва омодасозии мутахассисон дар ин соҳа аҳамияти калон додаанд» [7]

Кормандони Маркази таҳқиқоти технологияҳои инноватсионии АМИТ низ тибқи нақшаҳои тақвимӣ корҳои тадқиқотиро иҷро намуда, барои сазовор истиқбол гирифтани ҷашни пуршукӯҳи 35-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон саъю кӯшиш менамоянд. Ҳамкориҳое, олимони Академияи миллии илмҳо анҷом медиҳанд, ҷолиби диққатанд. Масалан, онҳо бо олимони Австрия дар бобати пешгирӣ намудани обшавии пиряххои Тоҷикистон як теъдод санадҳо ба тасвиб расонданд, ки коҳиш додани таъсироти гармшавии иқлимро пешбинӣ менамоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз манбаъҳои асосии неруи сабзи минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Дарёҳои пуртуғёни ин кишвари саросар кӯҳсор, ки аз қуллаҳои барфпӯши сар ба афлоккашида ва пиряхҳои машҳури ҷаҳон ибтидо мегиранд, бо суръати баланд ва неруи бузург ба нишебиҳо ҷорӣ шуда, агрегатҳои пуриқтидори неругоҳҳои барқи обиро ба ҳаракат медароранд. Дар натиҷа барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза тавлид гардида, ба мардуми кишвар ва хориҷ аз он интиқол мегардад. Дар ин робита Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Рахмон рӯзи 28 декабри соли 2024 дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон изҳор намуданд, ки бунёду таъмири неругоҳҳои барқи обӣ ва офтобӣ аз ҷумлаи вазифаҳои афзалиятноки мамлакат ба ҳисоб мераванд. «Ҳоло корҳои таҷдиду навсозӣ дар неругоҳҳои барқи обии «Норак» ва «Қайроққум» ба маблаġи умумии 6 миллиарду 900 миллион сомонӣ ва сохтмони неругоҳи «Себзор» ба маблаġи 700 миллион сомонӣ идома доранд», - иброз доштанд Сарвари давлат ва вазифаҳои муҳими дар ин соҳа банақшагирифташударо зикр намуданд [4].

Таъкид карда шуд, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ бо мақсади расидан ба истиқлолити энергетикӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ бо истифода аз ҳама имконияту сарчашмаҳои мавҷуда, хусусан манбаъҳои рушди энергияи «сабз» тадбирҳои амалӣ меандешад. Дар ин росто то имрӯз ду агрегати неругоҳи «Норак» ва се агрегати неругоҳи «Қайроққум» пурра навсозӣ карда шуд. Дар соли нави 2025 низ корҳои таҷдиду навсозии боз се агрегати дигар дар неругоҳи «Қайроқум» иқтидори он иловатан 24 мегаватт зиёд мегардад ва иқтидори умумии он ба 174 мегаватт мерасад.

Манбаи дигари неруи барқ Офтоб мебошад, ки истифодаи самараноки ҳарорати ин сайёраи оламшумул ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ дохил карда шудааст. Дар соли 2025 дар вилояти Суғд сохтмони неругоҳи барқи офтобӣ бо иқтидори 200 мегаватт оғоз гардид. Ҳамзамон. дар неругоҳи офтобии мавзеи Мурġоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон низ корҳои сохтмону васлгарӣ идома хоҳанд ёфт. Мавриди зикр аст, ки иқдомоти мазкур дар давраи тайёрӣ ба ҷашгнгирии 35-умин солгарди истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дастоварди арзанда ва ва тухфаи хотирмон хоҳад буд.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Чумхурии Тоҷикисчтон  аксаран дар охири сол ироа мегардад ва хурду калон дар назди оини нилгун ҷамъ шуда ҳидоятҳои Сарвари давлатро ба роҳбарӣ мегиранд. Холо дар тамоми кишварҳои ҷаҳон истифодаи неруйи «сабз» ба масъалаи мубрам табдил ёфтааст, аз ҷумлаи барои кишвари мо низ. Ин бесабаб нест, чунки чӣ тавре ки дар боло зикр шуд, Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз манбаъҳои асосии нерӯи сабзи минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Дарёҳои пуртуġёни ин кишвари саросар кӯҳсор, ки аз қуллаҳои барфпӯши  сар ба афлоккашида ва пиряхҳои машҳури ҷаҳон ибтидо мегиранд, бо суръати баланд ва неруи бузург ҷорӣ шуда, агрегатҳои пуриқтидори неругоҳҳои барқи обиро ба ҳаракат медароранд.

Дар Паём ҳамчунин таъкид карда шуд, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ бо мақсади расидан ба истиқлолияти  энергетикӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ бо истифода аз ҳама имконияту сарчашмаҳои мавҷуда, хусусан манбаъҳои рушди энергияи «сабз» тадбирҳои амалӣ меандешад. Дар ин росто то имрӯз ду агрегати неругоҳи «Норак» ва се агрегати неругоҳи «Қайроққум» пурра навсозӣ карда шуд. Дар соли нави 2025 низ корҳои таҷдиду навсозии боз се агрегати дигар дар неругоҳи «Қайроқум» иқтидори он иловатан 24 мегаватт зиёд мегардад ва иқтидори умумии он ба 174 мегаватт мерасад.

Обанбори Норакро бо ифтихор «баҳри тоҷик» ном мебаранд, ки ин ҷо хеҷ муҳобот нест. Мардуми маҳнатқарин бо заҳмати бузурги хеш ва намояндагони ҷумҳуриҳои дигари собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ пеши роҳи дарёи Вахшро баста, баҳри сунъӣ офариданд, ки оби нилгуну шаффофи он дар мобайни кӯҳҳои баланд назаррабоӣ мекунад. Чанде муқаддам, дар неругоҳи «Норак» корҳои markup азнавсозӣ ва таъмири неругохро анҷом доданд.. дар натиҷа иқтидори НБО 40 мегаватт зиёд мегардад ва сохтмони неругоҳи «Себзор» бо тавоноии 11 мегаватт ба анҷом расонида мешавад. Яъне иқтидори мавҷудаи энергетикии мамлакат соли 2025 танҳо аз иҷро чунин иқдомоти оқилона  180 мегаватт зиёд мегардад.

Манбаи дигари неруи барқ Офтоб мебошад, ки истифодаи самараноки ҳарорати

ин сайёраи оламшумул ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ дохил карда шудааст. Дар соли 2025 дар вилояти Суғд сохтмони неругоҳи барқи офтобӣ бо иқтидори 200 мегаватт оғоз мегардад. Ҳамзамон дар неругоҳи офтобии мавзеи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон низ корҳои сохтмону васлгарӣ идома хоҳанд ёфт. Мавриди зикр аст, ки иқдомоти мазкур дар давраи тайёрӣ ба ҷашнгирии 35-умин солгарди истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дастоварди арзанда ва ва тухфаи хотирмон хоҳад буд.

Мавриди зикр аст, ки Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 январи соли 2022, №309 солҳои 2022-2026 «солҳои рушди саноат эълон шуда, як қатор барномаҳи соҳавӣ ва маҳаллӣ мавриди татбиқ қарор гирифтанд. Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солои 2023-2037, Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 1 қабул гарданд.

Бояд қайд намуд, ки дар сохтори саноат агар дар солҳои 2015-2019 13,5-19,9 фоизро ташкил дода, бошал, дар ин давраи ҳиссаи саноати коркард 65,6-60,6, саноати истеҳсол ва тақсими неруи барқ, газ ва ҳарорат 20,9, 19,2 фоизро ташкил дод. Ин ҷо бояд қайд намуд, ки дар оянда бештар тараққӣ додани вазни қиёсии саноати мошинсозӣ низ зарур мебошад.

Агар ҳолати рушди минтақавии саноатро аз назар гузаронем, маълум мегардад, ки суръати рушд аз ҳама бештар дар вилияти Суѓд, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе ба назар мерасад.

Аз маълумотҳои овардашкда чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки Дар давраи аввали саноатикунонӣ ва дастрасӣ саноатикунонии амиқ қарор дорад.

Аз ҳуҷҷатҳои директивии Ҳукумат чунин бармеояд, ки дар мамлакат руши иқтисод мутобиқи барноаҳои таҳиягардида дар амал татбиқ мегарданд [3] Дар соли 2030 натиҷаҳои соҳаи саноат хеле вусъат хоҳанд ёфт. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар ин бора гувоҳӣ медиҳад. [4] Дар иҷрои накшаҳои бузург ва иншотҳои зарбдори мамлакат Паёмҳои Президенти мамлакат роҳнамои асосӣ ба ҳисоб мераванд.

## АДАБИЁТ


1. Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 қабул гарданд.
2. Бардошт аз Паём. Хадафи олии сиёсати давлати Тоҷикистон таҳияи зиндагии шиста юарои аҳолӣ мебошад. https://khovar.tj/2025/02/bardosht-az-payom-adafi-olii-siyosati-davlati-to-ikiston-ta-iyai-zindagii-shoista-baroi-a-ol-meboshad/
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 28 декабри соли 2024
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 28 декабри соли 2024.
5. Стратегияи милии рушли Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давроаи то соли 2030, Душанбе, 2016.
6. Асрорзода У.С., Иброҳимзода И.Р. «Нақши Пешвои муаззами миллат дар афзалият гузоштан ба рушди соҳибкории ҷавонон”. Могографияи коллективӣ. «Масъалаҳои рушди мубрами соҳибкорӣ дар Тоҷикистон: омилҳо, тамоюлҳо, сармоягузорӣ». Душанбе, 2024.
7. Элназаров Д.К. Послание Лидера нации как основа стратегическогогосударства.https://rtsu.tj/news/?ELEMENT_CODE=2460

**УДК:34.04**

# ТАШАККУЛИ ҲУҚУҚИ РАҚАМӢ ДАР ПАРТАВИ ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

# ФОРМИРОВАНИЕ ЦИФРОВОГО ПРАВА В НА ОСНОВЕ ПОСЛАНИЙ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН УВАЖАЕМОГО ЭМОМАЛИ РАХМОНА

# FORMATION OF DIGITAL LAW BASED OF THE ADDRESSES OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN, HONORABLE EMOMALI RAHMON

**МЕЛИКОВ УМРИЛЛО АСАДУЛЛОЕВИЧ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
**МЕЛИКОВ УМРИЛЛО АСАДУЛЛОЕВИЧ** – доктор юридических наук, профессор кафедры права Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.
**MELIKOV UMRILLO ASADULLOEVICH** – Doctor of Law, Professor of the Law Department of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.
**E-MAIL:** m.umrillo@gmail.com

**Аннотатсия.** Дар мақола муаллиф масъалаи ташаккули ҳуқуқӣ рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар партави Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳлил намуда, ба хулосае омадааст, ки рушди қонунгузорӣ дар ин самт имкон медиҳад, ки айни ҳол мо ҳуқуқи рақамиро ҳамчун соҳаи қонунгузорӣ эътироф намоем. Оянда қонун ва зерқонунҳое, ки дар ин ҷода қабул мешаванд бояд дар доираи як низом бо якдигар мувофиқат намоянд.
**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, рақам, давлат, қонун, муносибат, интернет, паём, низом, соҳа, иқтисод.

**Аннотация.** В статье автор рассматривает вопрос формирования цифрового права в Республике Таджикистан на основе Посланий Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона и приходит к выводу, что развитие законодательства в данном направлении позволяет на сегодняшний день признать цифровое право как отдельную отрасль законодательства. В будущем законы и подзаконные акты, принимаемые в этой сфере, должны соответствовать между собой в рамках единой системы.
**Ключевые слова:** право, цифра, государство, закон, отношения, интернет, послание, система, отрасль, экономика.

**Abstract.** In this article, the author analyzed the issue of the formation of digital law in the Republic of Tajikistan in light of the Addresses of the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon. The author concludes that the development of legislation in this area allows us to recognize digital law as a separate branch of legislation at present. In the future, laws and by-laws adopted in this field should be coordinated within a unified system.
**Keywords:** law, digital, state, legislation, relations, internet, address, system, sector, economy.

Ҳар сол Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ба Маҷлиси Олӣ баргузор мегардад. Дар Паёмҳо ҳамеша натанҳо натиҷагириҳо аз фаъолияти мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеа, инчунин масъалагузориҳои ҷиддӣ ва роҳнамокунанда ба ояндаи дурахшон арзёбӣ мегарданд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, давра ба давра доир ба ҷанбаҳои гуногуни рақамикунонии соҳаҳои гуногун таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд, ки он замина барои рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба танзими муносибатҳои рақамикунонии ҷанбаҳои гуногуни фаъолият дар Тоҷикистон мебошад. Масалан, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21.12.2021 чунин зикр гардидааст: "Ҳамчунин, ҷиҳати рақамикунонии бомароми иқтисоди миллӣ ва ташаккул додани заминаи технологии он ба ислоҳоти соҳаи алоқа тақвият бахшида, гузариши тадриҷӣ ба иқтисоди рақамӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳо таъмин карда шавад" [9].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022 пешбинӣ гардидааст, ки "Рушди соҳаи алоқа, бахусус, таъмин намудани суръати баланди интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ, ҷалби сармоя ва ташкили паркҳои технологиву инноватсионӣ зарур мебошад" [10].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023 қайд шудааст, ки "Мо ҳамчунин, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем" [11].

Қобили зикр аст, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2024 доир ба ин ҷода пешниҳод шудааст, ки солҳои 2025 – 2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шавад [1]. Ҳамин тариқ чуноне мебинем сол ба сол дар Паёмҳо масъалаҳои ҳалталаб роҷеъ ба рақамикунонӣ пай дар пай матраҳ шудаанд ва ҷиҳати татбиқи онҳо масъалагузориҳо манзур гардидаанд.

Дар ин асно, роҳбари давлат ба масъулин як қатор вазифаҳо гузоштаанд, аз ҷумла зикр намудаанд, ки "дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад:

Якум, такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ.

Дуюм, то шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот.

Сеюм, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ.

Чорум, рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ.

Панҷум, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ.

Шашум, андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот.

Ҳафтум, ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ.

Бо ин мақсад, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, адлия, молия, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Бонки миллӣ, хадамоти алоқа, гумрук, Кумитаи андоз ва дигар вазорату идораҳо фароҳамсозии асосҳои ҳуқуқиву ташкилӣ, танзими давлатӣ, маблағгузории ташкили инфрасохтори иқтисоди рақамӣ, инчунин, муносибатҳои иштирокчиёни соҳибкории рақамӣ ва савдои электрониро таъмин намоянд” [1].

Масъалаи мазкур тамоми мақомоти давлатӣ ва қишрҳои ҷомеаро фаро мегирад ва моро низ водор менамояд, ки дар доираи касбу вазифаҳои хеш тадбирҳои имконпазирро ҷиҳати тақвият бахшидани ин иқдоми созанда барои оянда саҳмгузор бошем. Дар ин ҷода хусусан ҳуқуқшиносон масъулияти бештар бояд эҳсос намоянд. Зеро дар мадди аввал масъалаи такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ меистад. Яъне пеш аз ҳама мо бояд қонунҳо ва дигар санадҳои меёрию ҳуқуқии кишварро барои танзими муносибатҳои марбут ба иқтисоди рақамӣ мувофиқ намоем. Умуман натанҳо бахши иқтисод, инчунин тамоми дигар бахшҳои фаъолияти инсонӣ имрӯз ба технологияҳои рақамӣ ҷӯр шуда истодаанд ва танзими он ба “дӯши” ҳуқуқи рақамӣ мебошад.

Аз ҳамин лиҳоз айни ҳол ибораи “ҳуқуқи рақамӣ” [2, с. 277, 280] пайдо шудааст, ки он ҷолиби диққат аст. Вақте сухан дар бораи ҳуқуқи рақамӣ меравад, он ҷо калимаи “рақамӣ” сифати ҳуқуқро нишон медиҳад. Яъне, маҳз хуқуқҳое вуҷуд доранд, ки онҳо дар натиҷаи рушди технологияи рақамӣ пайдо шуда, ба истифодабарии онҳо рабт доранд.

Л.Ю. Грудсина асоснок мекунад, ки ҳуқуқи рақамӣ, як соҳаи комплексии ҳуқуқ нест (чунон ки як қатор олимон В.В.Блажеев, М.А.Егорова бар ин назаранд), балки як соҳаи комплексии қонунгузорӣ мебошад. Таъсири равандҳои рақамикунонӣ ба ҳуқуқ, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ бо назардошти рушди технологияҳои рақамӣ ва афзоиши ҳаҷми иттилоот моро водор мекунад, аз тақсимоти хуқуқ ба соҳаҳо ва таснифоти ҳуқуқ ба хусусӣ ва ҷамъиятӣ, ки аз замони шӯравӣ боқӣ мондааст, даст кашидем. Яъне муаллиф дар ақидаи он аст, ки тақсимоти соҳаҳои ҳуқуқ ба хусусӣ ва оммавӣ, комплексӣ аҳамияти хоси амалӣ надоранд ва таъсиргузор нестанд [2].

Қобили зикр аст, ки дар тӯли таърих технологияҳо барои пайдоиш ва рушди ҳуқуқ таъсири бузург расонидаанд. Масалан:

1. Пайдоиши дастгоҳи чопӣ дар асри 16 сабаб шуд, ки қонунҳо доир ба ҳуқуқи муаллиф пайдо шаванд.
2. Пайдоиши телевизион ва радио дар асри 19-20 сабаб шуд, ки қонунҳо доир ба ҳуқуқҳои вобаста ба хуқуқи муаллиф пайдо шаванд.
3. Пайдоиши интернет дар охири асри 20 сабаб шуд, қонунҳо доир ба дастрасӣ ба интернет пайдо шаванд.
4. Пайдоиши технологияи рақамӣ сабаб шуда истодааст, ки қонунҳои пахши рақамии барномаҳои телевизион, пулҳои рақамӣ, имзои рақамӣ ва ҳуқуқҳои рақамӣ пайдо шаванд. Айни ҳол технологияҳои рақамиӣ дар ҳоли рушд мебошанд [3].

Тибқи пешгӯиҳои олимон, оянда технологияҳои квантӣ истифода хоҳанд шуд. Ҳуқуқ ҳамеша ҳамқадами замон бояд бошад. То замоне ки муносибатҳо вобаста ба технологияҳои квантӣ пайдо нашаванд, сухан дар бораи қонунҳои марбут ба он рафта наметавонад[4, с. 18].

Ташаккулёбии иттилоот тавассути технологияи рақамӣ заминаи асосӣ барои ба вуҷуд омадани ҳуқуқи рақамӣ гардид. Дар ин миён рақамҳои 0 ва 1 нақши калидӣ доранд, зеро маҳз дар асоси ҳамин ду рақам ва комбинатсияҳое, ки дар асоси он сохта

мешаванд, калимаҳо ва баъдан ҷумлаю матнҳо сохта мешавад. Ҳар калима, ҷумла ва матне, ки мо дар компютер мехонем, онҳо дар зерманзари компютер маҳз тавассути ҳамин ду рақам навишта мешаванд. Маҳз "рақамӣ" номидани технологияи ҳозира ҳам аз ҳамин сарчашма мегирад. Баъдан ниёз ба истифодаи қонунии технологияи рақамӣ ҷомеаи ҷаҳониро водор сохт, ки атрофи ҳуқуқи рақамӣ фикр намоянд.

Ҳамин тавр, дар он самтҳое, ки технологияҳои рақамӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ васеъ истифода мешаванд ва зарурати танзими ин муносибатҳо пайдо гаштанд, зарурати "ҳуқуқи рақамӣ" пайдо гашт. Яъне ҳуқуқҳое, ки барои танзими муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба технологияҳои рақамӣ равона шудаанд, ҳуқуқи рақамӣ меноманд. Чанд сол пеш бештар барои фаҳмиши дуруст ва дақиқ аксаран ибораи "танзими ҳуқуқии истифодаи технологияҳои рақамӣ" - ро истифода менамуданд. Зеро он замон ҳамчун соҳаи ҳуқуқ, ё соҳаи қонунгузорӣ гуфтани "ҳуқуқи рақамӣ" барвақт буд ва санадҳои ҳуқуқии кифоя дар ин соҳа қабул нашуда буданд, таҷрибаи судӣ ҳам ташаккул наёфта буд, маводҳои илмӣ ҳам мукаммал ва устувор набуданд. Аммо ҳоло бо гузаштани вақти начандон зиёд ҳолат тағйир шуда истодааст. Қонунгузорӣ бо суръат рушд карда истодааст, зеро муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ҳоли рушанд[5,6,7, 8]. Аз ҳамин сабаб мо ба масъалаи танзими он муносибатҳое аҳамият медиҳем, ки ба истифодаи технологияи рақамӣ дар ин ё он соҳа равона шудаанд. Ҳамин тавр дар заминаи пайдоиши маводҳои зарурӣ гуфтан мумкин аст, ки ҳуқуқи рақамӣ ҳамчун як соҳаи қонунгузорӣ ташаккул гардида истодааст.

Ҳамин тавр дар партави Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моро зарур аст, ки ҷиҳати такмил додани санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишвар дар самти танзими иқтисоди рақамӣ ва умуман тамоми дигар муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба истифодаи технологияи рақамӣ кӯшиш намоем. Натанҳо ҷанбаи қонунгузорӣ, инчунин ҷанбаи таълими касбии соҳаи мазкур барои донишҷӯён, магистрон ва дигар мутахассисон муҳим мебошад ва ин пеш аз ҳама рисолати омӯзгорону олимони соҳа ба шумор меравад. Мо умедворем, ки ҷиҳати дар амал татбиқ намудани пешниҳод ва дастурҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон олимону мутахассисони соҳа ҳамкориҳои судмандро дар шаклҳои гуногун ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ амалӣ менамоянд.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2024. – Реҷаи дастарсӣ: https://www.president.tj/event/missives/49225 (санаи дастрасӣ: 2. 04. 2025)
2. Грудцина Л.Ю. Цифровое право как комплексная отрасль российского законодательства // Образование и право. 2003, №3. С. 277 – 283.
3. Меликов У.А. Ҳуқуқҳои муаллиф дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ. Душанбе, 2024, 116 с.
4. Меликов У.А., Кудратов Н.А. Танзими ҳуқуқии истифодаи технологияҳои рақамӣ. Душанбе, 2022, 188с.
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642 "Дар бораи Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" / Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». – Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.03.2025).
6. Қонуни ҶТ «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» / Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». – Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.03.2025).

7. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» / Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». – Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.03.2025).

8. Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ» / Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». – Шакли 7.0. – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.03.2025).

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21.12.2021.. https://www.president.tj/event/missives/24850 (санаи дастрасӣ: 2. 04. 2025)

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022. https://www.president.tj/event/missives/27245 (санаи дастрасӣ: 2. 04. 2025)

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023 https://www.president.tj/event/missives/36370 (санаи дастрасӣ: 2. 04. 2025)

**УДК: 343.1**

# НАҚШИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ

# РОЛЬ ПОСЛАНИЯ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН УВАЖАЕМОГО ЭМОМАЛИ РАХМАНА В ОБЕСПЕЧЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

# ROLE OF THE ADDRESS BY THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN, RESPECTED EMOMAL RAHMAN, IN ENSURING NATIONAL SECURITY

**ҚУДРАТОВ НЕКРУЗ АБДУНАБИЕВИЧ** – сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
**КУДРАТОВ НЕКРУЗ АБДУНАБИЕВИЧ** – начальник управления науки и инноваций Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, доктор юридических наук, профессор.
**KUDRATOV NEKRUZ ABDUNABIEVICH** – Head of the Department of Science and Innovation of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Doctor of Law, Professor.
**E-MAIL:** kudratov.nek@gmail.com

**Аннотация.** В данной статье рассматривается анализ послания Президента Республики Таджикистан, связанного с вопросами обеспечения национальной безопасности. В частности, проанализированы угрозы терроризма и экстремизма, обеспечения кибербезопасности, а также экономической, оборонной, общественной, продовольственной и экологической безопасности и сделаны соответствующие предложения по их обеспечению.
**Ключевые слова:** безопасность; мир; терроризм; экстремизм; риски; состояние; общество; единство.

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур таҳлили Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ баррасӣ гардидааст. Бахусус, таҳдидҳои терроризму экстремизм, таъмини амнияти киберӣ, иқтисодӣ, мудофиавӣ, ҷамъиятӣ, озуқаворӣ ва экологӣ таҳлил гардида, пешниҳодҳои дахлдор ҷиҳати таъмини онҳо карда шудааст.
**Калидвожаҳо:** амният; сулҳ; терроризм; экстремизм; хатарҳо; давлат; ҷамъият; ваҳдат.

**Annotation.** In this article, the analysis of the message of the President of the Republic of Tajikistan related to the issues of ensuring national security is discussed. In particular, the threats of terrorism and extremism, the provision of cyber, economic, defense, public, food and environmental security have been analyzed, and relevant proposals have been made to ensure them.
**Keywords:** security; peace; terrorism; extremism; risks; state; society; unity.

Сулҳу субот, ваҳдат ва амнияти миллӣ неъмати бузург ва шарти аввалиндараҷаи зиндагии ҳар як инсон ва пойдории ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Зеро, зиндагии осуда, созандагиву ободӣ, умуман амалӣ шудани ҳама ҳадафҳои нек ба ҳамин неъмат, яъне таъмини амнияти миллӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Таъмини амният дар ҳар як кишвар – хоҳ амнияти шаҳрвандӣ (маданӣ), ҷамъиятӣ ва давлатӣ бошад, хоҳ амнияти равониву маънавӣ – яке аз пояҳо ва рукнҳои асосии рушди устувор ва босуръати кишвар аст. Рушд ва инкишофи тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайра) аз амният вобастагӣ дорад. Маҷмӯи эҳтиёҷоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва эҳтиёҷоти дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз амалишавии онҳо қобилияти давлат дар таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, арзишҳои ҷамъият ва ниҳодҳои асосии давлатдорӣ вобаста мебошад, дар умум амнияти миллиро ифода менамоянд.

Ҳар як шахс, гурӯҳи шахсон ва ҷамъият бояд арзиши амниятро дарк намояд. Аслан, дар он ҷое, ки амният нест, арзиши он хубтар дарк мешавад, мисоли равшани ин гуфтаҳо вазъияти кунунии Афғонистон, Сирия, Украина, ироқ ва дигар давлатҳо шуда метавонанд. Шаҳрвандони ин давлатҳо орзу доранд, ки дар кишварашон амнияти комил дубора побарҷо гардад ва дар фазои сулҳу субот ба таври осоишта зиндагӣ кунанд. Бинобар ин, мо бояд арзиши амният, сулҳу суббот, ваҳдат, оромиву осоиштагии кишвари азизу маҳбубамонро саривақт дарк намоем ва дар таъмини ин неъматҳои бебаҳо саҳмгузор бошем.

Амният ниёзи асосии инсон, ҷамъият, давлат, миллат ва башарият мебошад. Бадтарин офате, ки ба сари як миллати рӯ ба инкишоф ва рушдёбанда расонида мешавад, маҳрумияти он аз амният мебошад. Таъмини амнияти миллӣ, зери таваҷҷӯҳи ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Таъмини амният, мувофиқан ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” ҳамчун - татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таъмини амният ба воситаи низоми тадбирҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва дигар хусусиятҳо, ки ҷавобгӯи таҳдид ба манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат мебошанд, маънидод шудааст.

Дар Паёми имсолаи (соли 2023) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун ҳамеша таъкид карда шуд, ки “Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем”. Чунин хатарҳои муосир имрӯзҳо ба амнияти миллии Тоҷикистон дар умум ва амнияти давлатӣ, ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, озуқаворӣ, ҳарбӣ, экологӣ, иттилоотӣ ва ғайра дар алоҳидагӣ таҳдид мекунанд. Яъне, маҷмӯи шароит, раванд ва омилҳое, аз қабили терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ, ки барои амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа мешаванд ё ба онҳо хатар ба вуҷуд меоранд, мушоҳида мегарданд. Ҳамин тавр, амнияти давлат ва шаҳрвандони он яке аз афзалиятҳои асосӣ, яъне меҳварӣ дар Паёми имсолаи (соли 2023) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои гуногуни таъмини амнияти миллӣ матраҳ гардиданд. Аз қабили:

1. Муқовимат ба терроризму экстремизм. Бояд қайд намуд, ки раванди ҷалби шаҳрвандони камтаҷрибаву ноогоҳ, дорои сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ дар сафи

(қатори) гуруҳҳои террористиву экстремистӣ барои давлат нигаронкунанда мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳалномаҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти гуруҳҳо ва ташкилотҳои террористиву экстремистии «Ал-Қоида», «Ҳаракати Туркистони шарқӣ», «Ҳизби Исломии Туркистон» (собиқ ҳаракати Исломии Узбекистон), «Ҳаракати Толибон», «Бародарони мусулмон», «Лашкари Тойиба», «Гурӯҳи исломӣ», «Ҷамъияти Исломии Покистон», «Ҷамоати таблиғ», ташкилоти динӣ-миссионерии «Созмони таблиғот» ва «Тоҷикистони озод», "Ҷамоати Ансоруллоҳ", "Гурӯҳи 24", "Давлати исломӣ", "Ҷабҳат ан Нусра", "Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон", Паймони миллии Тоҷикистон ва "Памир дейли нюс" ("Pamir Daily News") ё "Памир нюс" ("Pamir News") манъ карда шудаанд. Имрӯзҳо аксарияти онҳо фаъолияти худро берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ошкоро ва дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври пинҳонӣ давом дода истодаанд ва хавфи ҷалби шаҳрвандон, бахусус шахсони камтаҷрибаву ноогоҳ дар сафи ин гуруҳҳо ва ташкилотҳо баланд боқӣ мемонад. Ғояҳои ин ташкилотҳо комилан бар хилофи муқарраоти моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлати соҳибистиқлолу мустақили Тоҷикистон хавфи ҷиддӣ дорад.

Имрӯз ҳам таҳдидҳои терроризму экстремизми байналмилалӣ проблемаи мубрам боқӣ мондааст ва ин зиракӣ, андешидани чораҳои саривақтӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои пайдоиши ғояҳои ифротгароиро барои саодати миллионҳо нафар тақозо менамояд. Дар баробари ин, ҳифзи ҳуқуқи инсон яке аз вазифаҳои муҳими мубориза бо терроризм ва экстремизм мебошад. Ҳарчанд решаҳои зуҳуроти зуҳурёбии экстремизм (ифротгароӣ) ва терроризм ба таърихи тӯлонӣ бармегардад, аммо онҳо ҳеҷ гоҳ ба суботу рушди ҷомеа мисли имрӯз таҳдид накардаанд. Зеро ҳоло экстремизм ва терроризм хусусияти умумиҷаҳонӣ (байналмилалӣ) дошта, барои тамоми кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон хатари баробар доранд. Аз ин рӯ, пешгирӣ ва муқовимат бо он ба масъалаи оияндаи башарият табдил ёфтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза ву муқовимат бар зидди экстремизм ва терроризм дар арсаи байналмилалӣ мавқеи хос ва пешсафро дошта, дар сатҳи универсалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ якчанд снадҳои байналмилалиро эътироф кардааст ва бо давлатҳои алоҳида шартномаву созишномаҳои дуҷониба бастааст.

Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши муассир дошта, яке аз омилҳои калидии муқовимат бо терроризму экстремизм ва умуман ҷинояткорӣ мебошад. Инро ба назар гирифта, Пешвои муаззами миллат пешниҳод намуданд, ки соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад.

2. Таъмини амнияти киберӣ - дар ҷаҳони имрӯза таҳдидҳои киберӣ торафт муҳимтар гардида истодаанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аҳамияти таҳкими амнияти кибери кишвар, дастрасии технологияҳои навро барои муҳофизат аз ҳамлаҳои киберӣ ва тақвияти чораҳои мубориза бо ҷиноятҳои кибериро таъкид намуданд. Бешубҳа, ҷиноятҳои киберӣ ба амнияти миллии аксари кишварҳо хатари ҷиддӣ эҷод намудаанд. Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ва интернет, таҳдидҳои киберӣ мураккабтар, гуногунтар ва маъмултар шуданд. Баъзе ҷанбаҳоро мисол овардан мумкин аст, ки ҷиноятҳои киберӣ метавонанд ба амнияти миллӣ таҳдид кунанд:

а) Таъсир ба амнияти равонии шахс. Амнияти равонӣ чунин маъно дорад, ки овоза, дурӯғ, сухани даҳшатовар, ақидаҳои иртиҷоӣ, бегонапарастӣ набояд дар майнаи (мағзи сар) шахс паҳн шавад, ҷой гирад. Дар фазои маҷозӣ ҳар рӯз як бор, гоҳе ҳар чанд соат як овоза, дурӯғ, тӯҳмат, иғво ва ҳарфе аз ҷониби як нафари шинос ё ношинос, террористу экстремист нашр мешавад, мардумро нигарон мекунад, зеҳни мардумро хароб ва тафаккури баъзе аз нафаронро дигар мекунад, ки сабаби пайдоиши ноамнии

ақлонӣ (равонӣ) дар ҷомеа мегардад. Ҷиноятҳои иттилоотӣ, махсусан киберҷиноятҳо дар самти амнияти давлатӣ солҳои охир рӯ ба инкишоф доранд. Пешгирии онҳо дониши махсус ва чораҳои фавриро талаб менамояд. Дар бистсолаҳои охир рушди технологияҳои нави коммуникатсионӣ дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон тағйироти ҷиддиеро ба вуҷуд овардааст (ҳам мусбӣ ва ҳам манфӣ) ва таъсири он рӯз то рӯз меафзояд. Интернет ва шабакаҳои иҷтимоии виртуалӣ дар айни замон ҳамчун пояи технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ дар ташаккули ин раванди нав ва пайдоиши фазои нави иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва амниятӣ нақши муҳим доранд. Масъалаи нақши фазои маҷозӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ) дар таҳдиди амнияти давлатӣ мояи нигаронии ҷиддии аксари кишварҳо, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон шудааст. Шабакаҳои иҷтимоии маҷозӣ (facebook, Ok, YouTube, Telegramm, WhatsApp ва дигарҳо) шабеҳи шамшери дудама (дутарафа) ҳастанд, ки метавонанд дар фазои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила амалҳои мусбат ва манфиро эҷод кунанд.

Тарғиби ғояҳои экстремизм ва терроризм тавассути шабакаи интернет, ҷалбкунии ҷавонон ба сафи ташкилотҳои байналмилалии экстремистию террористӣ, кӯшишҳои аз ҷониби ин ташкилотҳо тарҳрезӣ ва амалӣ намудани амалҳои террористӣ дар ҳудуди Тоҷикистон омили асосии таҳдид ба амнияти давлатӣ мебошад.

б) Зарари иқтисодӣ - киберҷинояткорон аксар вақт ҳамлаҳои худро ба системаҳои молиявӣ, ширкатҳо ва бонкҳо равона мекунанд. Дуздии маълумоти молиявӣ, амалиёти қаллобӣ ва тамаъҷӯӣ метавонад боиси талафоти ҷиддии иқтисодӣ гардад ва ба суботи кишвар таъсир расонад;

в) Ҳамлаҳо ба объектҳои стратегӣ - объектҳои муҳимми стратегӣ, аз қабили системаҳои энергетикӣ, шабакаҳои нақлиётӣ ва инфрасохтори коммуникатсионӣ метавонанд дар натиҷаи ҳамлаҳои киберӣ зери хатар қарор дгиранд. Ҳамла ба ин системаҳо метавонад боиси ба муҳлати тӯлонӣ аз кор мондан, садамаҳои ҷиддӣ гардад ва ба ҳаёти шаҳрвандон таъсир расонанд;

г) Ҷосусии киберӣ - давлатҳо метавонанд ҷиноятҳои кибериро барои ҷамъоварии иттилооти иктишофӣ истифода баранд. Ҷосусии киберӣ метавонад ба ҳадафҳои низомӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ равона карда шавад, ки амният ва соҳибихтиёрии давлатро халалдор кунад.

д) Кибертерроризм - киберҷинояткорон метавонанд бо истифода аз технология барои ҳамоҳангсозии ҳамлаҳои террористӣ, паҳн кардани таблиғот ё ҳамла ба инфрасохтори муҳим бо созмонҳои террористӣ робита дошта бошанд.

е) Ҳамлаҳои киберӣ ба системаҳои низомӣ - ҳамлаҳои киберӣ ба шабакаҳои низомӣ ва таҷҳизот метавонанд қобилияти мудофиавии кишварро, аз ҷумла коҳиш додани имкониятҳои алоқа, дахолат ба системаҳои идоракунӣ ва назоратро халалдор кунанд ва ҳатто қобилияти кории техникаи низомиро вайрон кунанд. Пешвои миллат дар ин самт таъкид намуданд, ки " ... барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон бояд тадбирҳои иловагӣ андешем. Бо беҳтарин шароити зиндагиву хизмат таъмин намудани хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, омода кардани кадрҳои баландихтисос, такмил додани дониши тахассусӣ ва сатҳи касбияти ҳайати шахсии ҷузъу томҳо, боз ҳам баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстиву ватанпарастии афсарону сарбозон аз қабили ин тадбирҳо мебошанд". Тибқи маълумоти Хадамоти алоқа, ҳоло дар Тоҷикистон 8,3 миллион муштарии алоқаи мобилӣ фаъолият доранд, ки тақрибан 5,6 миллион нафари онҳо фаъол ҳисобида мешаванд. Шумораи умумии истифодабарандагони интернет (ва мобилӣ ва кабелӣ) 4,5 миллион нафарро ташкил медиҳад. Омори мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки имконияти содиршавии киберҷиноятҳо тавассути шабакаи Интернет рӯ ба афзоиш дорад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзоёни Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон муроҷиат карда, таъкид

намуданд, ки “... ҳамаи шуморо даъват менамоям, ки биёед, минбаъд низ якҷоя кору фаъолият намуда, кишвари худро ободу зебо созем, сатҳу сифати зиндагии халқамонро баланд бардорем ва обрӯи Ватани азизи худ – Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам таҳкиму тақвият бахшем”. Таъкиди пешвои миллат маънои онро дорад, ки вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд сари вақт бо назардошти рушди босуръати муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ қонунҳои дахлдорро қабул намоянд, ки бо манфиатҳои миллии Тоҷикистон тавъам бошанд.

3. Ҳалли мусолиҳонаи низоъҳои байналмилалӣ - масъалаҳои амнияти байналмилалӣ, аз қабили ташаннуҷ бо кишварҳои ҳамсоя ё иштирок дар низоъҳои минтақавӣ дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид карда шуд. Пешвои миллат дар бораи талошҳои дипломатӣ барои ҳалли низоъҳо ва таҳкими сулҳ ибрози андеша намуда, изҳор доштан, ки “Мураккабшавии авзои сиёсии байналмилалӣ, шиддат гирифтани вазъи геосиёсиву низомӣ, таҳдидҳои амниятӣ, бӯҳронҳои молиявию иқтисодӣ, инчунин, мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим, норасоии ғизо ва оби ошомиданӣ дар ҷаҳону минтақа ва пайомадҳои онҳо зимни пешбурди сиёсати хориҷии Тоҷикистон моро ба андешидани тадбирҳои зарурӣ водор месозанд. ... Тоҷикистон дар робита ба равандҳои ҷорӣ дар Афғонистон ва Ховари Миёна, бахусус, Фаластин хеле нигарон аст. Кишвари мо аз ҷомеаи ҷаҳонӣ боз ҳам даъват ба амал меоварад, ки ҳамаи низоъҳо танҳо бо роҳи музокирот ва муколама ҳал карда шаванд”. Ҳамчунин қайд гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати авлавияти сиёсати хориҷии худ минбаъд низ ба густариши муносибатҳои дӯстона ва ҳусни ҳамҷаворӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ дар заминаи эҳтирому эътимоди мутақобила таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад.

4. Таъмини амнияти иқтисодӣ - суботи иқтисодӣ низ як қисми амнияти миллӣ мебошад. Пешвои миллат дар Паёми худ вобаста ба тадбирҳои таъмини устувории иқтисодиёт, мубориза бо коррупсия, таъсири бемории сироятии КОВИД–19, низоъҳои тиҷоратӣ ва мунокишаҳои минтақавӣ ба иқтисодиёт, халалдор гардидани низоми муносибатҳои байналмилалии иқтисодиву молиявӣ, ҳамчунин фароҳам овардани шароит барои шукуфоии кишварро низ баррасӣ намуданд. Аз ҷумла, қайд гардид, ки “Бо вуҷуди пешравиҳои назарраси солҳои охир, ҳанӯз баъзе ҷанбаҳои калидии соҳа, аз ҷумла баланд бардоштани сифати тарбияи кадрҳо, аз байн бурдани мушкилоти норасоии мутахассисон ва омилҳои коррупсионӣ аз ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаби соҳа мебошанд”. Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, саноатикунонии кишвар ва таъсиси ҷойҳои корӣ, ки яке аз омилҳои таъминкунандаи амнияти иқтисодӣ мебошанд, таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода истодааст. Новобаста аз таъсири омилҳои манфии болозикр нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии мамлакат дар ин марҳалаи ҳассос таъмин гардида, дар ҳафт соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5 фоизро ташкил дода, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 1,5 баробар зиёд гардид.

5. Таъмин намудани амнияти мудофиавии мамлакат – қисмати асосии Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ташкил дод. Таъмини амнияти мудофиавии мамлакат на танҳо вазифаи давлат, балки вазифаи конститутсионии ҳар як шаҳрванди масъулиятшинос, ватандӯсту ватанпарвар, худогоҳу худшинос мебошад. Зеро, дар м. 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита муқаррар гардидааст, ки ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. Бинобар ин, аз мо ҳамчун ҷавонони шарифу хештаншинос, талаб карда мешавад, ки дар иҷрои вазифаи мазкур масъулиятшинос ва баҳри ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он доимо, ҳамчун сипари боэътимоди Ватани азиз, омода бошем.

6. Таъмини амнияти экологӣ - масъалаи экология ва ҳифзи захираҳои табиӣ ҷанбаҳои муҳимми амнияти миллӣ буда, зери таваҷҷуҳи ҳамешагии Пешвои миллат мебошад. Амнияти экологӣ дар натиҷаи таъсири антропогенӣ ва дигар таъсиррасониҳо ба муҳити зист метавонад халалдор гардад. Бинобар ин, Пешвои миллат вобаста ба тадбирҳои мубориза бо тағйирёбии иқлим, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самаранокии табиат дар Паёми хеш диққати махсус доданд. Қайд гардид, ки "Бо дарназардошти тағйирёбии иқлим ва бо мақсади беҳтар кардани вазъи экологии кишвар, инчунин, муҳайё намудани шароити ҳарчи беҳтар ва мусоиди зист барои аҳолӣ ба Ҳукумати мамлакат, Кумитаи ҳифзи муҳити зист ва тамоми сохтору мақомоти давлатӣ супориш дода мешавад, ки барномаи мушаххаси давлатӣ оид ба кабудизоркунии кишварро барои давраи то соли 2040 қабул ва амалӣ намоянд".

7. Маориф ва амнияти иттилоотӣ – ҳифзи низоми таълимӣ ва амнияти иттилоотӣ ба ҷанбаҳои муҳими амнияти миллӣ табдил ёфтаанд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аҳамияти таълими шаҳрвандон, саводнокии рақамии онҳо ва муҳофизат аз таҳдидҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳ намуда, қайд карданд, ки "... рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад". Дар ҳақиқат маориф дар таъмини амнияти миллӣ мақоми аввалиндараҷаро дорад. Вазъияти зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро метавонад халалдор созад. Барои таҳкими низоми маорифи кишвар минбаъд ҳам баланд бардоштани сифати таълим, омода кардани кадрҳои баландихтисоси соҳавии ба талаботи замон ҷавобгӯ (дорои баланди салоҳияти забондонӣ, кор бо технологияҳои иттилоотӣ ва монанди инҳо) ва паст кардани шиддати коррупсия дар соҳаи маориф зарур мебошад. Дар ин раванд, чи тавре Пешвои миллат дуруст изҳор намуданд "бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад".

8. Таъмини амнияти озуқаворӣ – яке аз ҳадафҳои афзалиятноки стратегии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар Паёми Пешвои миллат бевосита қайд гардид, ки "Дар баробари ин, тағйирёбии босуръати вазъи бозори ҷаҳонии озуқаворӣ ва болоравии мунтазами нархи маҳсулоти ғизоӣ моро водор менамояд, ки ба беҳсозии ҳолати соҳаи кишоварзӣ, афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти он, рушди маҷмааҳои агросаноатӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани амнияти озуқавории кишвар таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намоем. Соли 2023 таъминот бо маҳсулоти асосии озуқавории истеҳсоли ватанӣ дар кишвар ба 85 фоиз расонида шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 1991-ум 2,5 баробар зиёд мебошад".

9. Амнияти ҷамъиятӣ - ин ҳифзи ҳуқуқӣ-сиёсӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва иҷтимоии ҳаёт, саломатӣ ва некӯаҳволии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин арзишҳои ҷамъият аз хатар ва таҳдидҳои имконпазире, ки ба онҳо зарар расонида метавонанд, иборат аст. Пешвои миллат дар Паёми худ масъалаҳои амнияти иҷтимоиро, аз қабили мубориза бо ҷинояткорӣ, таъмини суботи иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандонро баррасӣ намуданд. Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дар соли 2023 қабул гардидани Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2040 ва Барномаи маҷмӯии давлатии тайёр намудани кадрҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2030 ба ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҷойдошта мусоидат менамояд.

10. Таъмини амният дар соҳаи тандурустӣ - ҳодисаҳо ба монанди пандемия низ метавонанд амнияти миллиро таҳдид ва халалдор созанд. Пешвои миллат дар Паёми худ чораҳои бехатарии шаҳрвандонро дар соҳаи тандурустӣ ва омодагӣ ба таҳдидҳои эҳтимолии

саломатӣ муҳокима намуданд. Соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ самти афзалиятноки сиёсати давлати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таъмин намудани солимии аҳолӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ ҳамаи чораҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд. Пешвои миллат бевосита таъкид намуданд, ки "Бо вуҷуди пешравиҳои назарраси солҳои охир, ҳанӯз баъзе ҷанбаҳои калидии соҳа, аз ҷумла баланд бардоштани сифати тарбияи кадрҳо, аз байн бурдани мушкилоти норасоии мутахассисон ва омилҳои коррупсионӣ аз ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаби соҳа мебошанд. Барқарорсозии қобилияти меҳнатии шахсони маъюб ва таъминоти онҳо бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ, тақвият бахшидани фаъолияти байнисоҳавии вазорату идораҳо дар самти ҳалли масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, бо дарназардошти беҳтар намудани иқтидори заминавию захиравии мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоӣ бозбинӣ намудани сохтори соҳа, ҳамчунин, андешидани чораҳои мушаххасро тақозо дорад".

Таъмини амнияти миллӣ муносибати ҳамаҷониба, аз ҷумла ҳамкорӣ бо дигар кишварҳо, рушди захираҳои дохилӣ ва татбиқи сиёсатҳо ва технологияҳои муассирро талаб мекунад. Мо бояд дар рӯ ба рӯи ин омилҳо ноумед набошем, бо онҳо фаъолона мубориза барем, муқовимат нишон диҳем. Зеро, ноумедӣ ва ноамнии равонӣ омилҳое мебошанд, ки дар зеҳнияти (тафаккури) шахс фаннатизм, ноқисулақлӣ, сирригиро ба вуҷуд меоваранд. Ҳар як шаҳрванд ва ҷамъият бояд умед дошта бошад, умед ба фардои нек ва зиндагии шоиста, ба сулҳу ваҳдат ва бунёдкориву созандагӣ, умед ба зинадагии осоиштаи насли оянда Тоҷикистони азиз.

Умуман, таҳлили нуктаҳои асосии Паёми имсолаи (соли 2023) Пешвои миллат гувоҳи он аст, ки таъмини амнияти миллӣ доимо дар меҳвари асосии сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меистад. Моро зарур аст, ки дар ин сиёсати пешгирифтаро дастгирӣ намуда, дар ҳифз ва таъмини манфитаҳои миллӣ, бахусус, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, нигоҳдории ризоияти ҷомеа ва суботи сиёсӣ дар мамлакат, рушду устувории иқтисодиёти кишвар, тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии халқ, пойдорӣ ва инкишофи арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият, тағйирнопазирии сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла истиқлолияти давлатӣ, шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии сарҳади давлатӣ ва ҷудонашаванда будани ҳудуди он, фаъолияти устувори ниҳодҳои давлатдорӣ, таҳким ва самаранокии фаъолияти онҳо, иҷрои бечунучарои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар асоси принсипи ҳамшарикӣ саҳмгузор бошем.

Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар охири Паёми хеш дуруст таъкид намуданд, ки "ҳамаи мо вазифадорем, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем, тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон равона созем". Мо бояд ба он эътимод ва боварие, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми шариф, соҳибтамаддун ва соҳибфарҳанги тоҷик доранд, содиқ бошем.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" аз 28 декабри соли 2023. Душанбе: Шарқи озод, 2023. 63 с.

2. Шарипов Т. Ш., Кудратов, Н.А., Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии нишонаҳои объективии хиёнат ба давлат // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – №. 2(36). – Р. 344-352.

3. Кудратов, Н.А., Ширинджонов Ф.И. Государственный суверенитет Республики Таджикистан как объект уголовно-правовой охраны // Теоретические и прикладные вопросы комплексной безопасности: Материалы IV Международной научно-практической конференции, Санкт-Петербург, 30 марта 2021 года. Том 2. – Москва: Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение дополнительного профессионального образования «Институт развития дополнительного профессионального образования», 2021. – С. 165-167.

4. Кудратов Н.А. Роль образования в системе предупреждения экстремизма / Н.А. Кудратов // Расследование преступлений: проблемы и пути их решения. – 2021. – № 1(31). – С. 64-69.

**УДК: 371**

# ПАЁМ ВА РУШДИ МАОРИФ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ПОСЛАНИЕ И РАЗВИТИЕ ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

# ADDRESS AND DEVELOPMENT OF EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**ҲАМИД Маҷидов** – Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, академики Академияи байналмилалии мактабҳои олӣ, академияи байналхалқии муҳандисӣ, доктори илмҳои техникӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
**ХАМИД МАДЖИДОВ** – деятель науки и техники Таджикистана, академик Международной академии высших школ, Международной инженерной академии, доктор технических наук, профессор Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
**HAMID MAJIDOV** - is a figure in science and technology in Tajikistan, academician of the International Academy of Higher Schools, International Engineering Academy, Doctor of Technical Sciences, professor of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
**E-MAIL:**

**Аннотатсия.** Дар мақола дар бораи рушди маориф дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ (28 декабри соли 2024) маълумот дода шудааст. Дар мақола қайд гардидаст, ки барои пешбурдани соҳаи маориф дар Ҷумҳурӣ мо бояд муроҷиатномаи қабулкардаи омӯзгрон ва кормандони соҳаи маорифи вилояти Хатлонро сармашқи кори худ гардонем. Бо фаъолияти якҷояи сохтору мақомотҳои кишвар, ташкилотҳо ва падару модарон дар пешрафти соҳаи маорифи кишвар ба муваффақиятҳои беназир соҳиб гардида, тараққиёти ҷумҳурии азизамонро таъмин намуда, талаботҳо, тавсияҳою пешниҳодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба пуррагӣ амалӣ кардан мумкин аст. Пешниҳоду дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба инобат гирифта, ба ҳар роҳу усул сифати таълимӣ фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзиро дар муассисаҳои таълими кишвар ба талаботи замон мувофиқ гардониданамон зарур мебошад. Дар паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28 декабри соли 2024) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рушди маорифи кишвар чунин қайд намуданд: “Дар се соли охир дар мамлакат беш аз 1500 иншооти соҳаи маориф, яъне муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ бунёд намуда, ба истифода дода шуданд. Аз моҳи июл маоши хизматчиёни давлатӣ кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, стипендияҳо 40% ва андозаи нафақа 30% зиёд карда шуд дар панҷ соли охир маоши вазифавии кормандони соҳаҳои бюҷетӣ чор маротиба (солҳои 2020, 2022, 2023, 2024) ва дар маҷмӯъ, ба андозаи 100% зиёд карда шуд”.

**Калидвожаҳо.** Нақши ҳалкунандаи соҳаи маориф, рушди кишвар, супоришу дастурҳои пешвои миллат, омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф, ихтирооту дастовардҳои тозаи илмӣ, муроҷиатнома ба намояндагони ҳизбҳо, муроҷиат ба кормандони ҳифзи ҳуқуқ, мурочиат ба соҳибкорон, мурочиат ба падару модарон, пешрафту тракқиёти мамлакат, озмуни ҷумҳуриявӣ “Илм- фурӯғи маърифат”.

**Аннотация.** В статье даётся представление о развитии образования в послании Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли (28 декабря 2024 года). В статье отмечено, что для развития область образования в республике мы должны изучать принятие обращения учителей и работников область образования Хатлонской области и каждый день принят вовнимания в ежедневную свою работу. Совместным дятельности всех организации республики, родителями приводит к больших успехов в развитии области образовании республики обезпечиваем развитию Республики Таджикистана и польностью обеспечим требовании и рекомандации основоположник мира и национальние прмерение, лидер нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона. Учитывая требованиение и рекомендации Президента Республики Таджикистана уважаемого Эмомали Рахмона, любим методом и путем качества естественных и математических дисциплины в чебные предприятия республики поднят в соотвестветствие требование времени. В своем очередном послание ва Маджлиси Оли Республики Таджикистан (28 декабря 2024 года) Президент Республики Таджикистан о развитие образования в республики отмечал: «В последние трех лет в республике построен более 1500 предприятие области образов, т. е. дошкольные и средныеобразовательные предприятие и дано в исползованиие. Начиная с июл месяц заработная государственные служащие, работники бюджетные организации, стипендии 40% и объем пенции на 30% увеличился. В последние пять лет заработная плата бютжетные работники увеличивается четыре раза (в 2020, 2022, 2023, 2024 годах) и вобщем увеличивалась на 100%».

**Ключевые слова.** Решаюие следы область образования, развитие страны, распряжение и рекомендации лидер нацы, учителя и работники область образования,отрытие и новые научные достижение, обращение к партийными представителями, обращение к сотрудникам правоохранительных органов, обращение к предпринимателям, обращение к родителями, достижение и развития страны, республиканский конкурс «Наука просвещение творчества».

**Abstract.** The article provides information on the development of education in the Address of the President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli (December 28, 2024). The article notes that in order to advance the education sector in the Republic, we must make the appeal received by educators and education workers of the Khatlon region the focus of our work. With the joint activities of the country's structures and authorities, organizations and parents, it is possible to achieve unprecedented success in the development of the country's education sector, ensure the development of our beloved republic, and fully implement the requirements, recommendations and proposals of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon. Taking into account the proposals and instructions of the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon, it is necessary to bring the quality of education in natural sciences, exact sciences and mathematics in educational institutions of the country in every possible way and method. In his next address to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan (December 28, 2024), the President of the Republic of Tajikistan noted the following about the development of education in the country: "Over the past three years, more than 1,500 educational facilities, namely preschool and secondary education institutions, have been built and put into operation in the country. Since July, the salaries of civil servants, employees of budgetary organizations and institutions, scholarships have been increased by 40%, and the size of pensions by 30%. Over the past five years, the official salaries of employees of budgetary sectors have been increased four times (in 2020, 2022, 2023, 2024), and in total, by 100%."

**Keywords.** The decisive role of the education sector, the development of the country,

the instructions and instructions of the leader of the nation, teachers and education workers, new scientific inventions and achievements, an appeal to party representatives, an appeal to law enforcement officers, an appeal to entrepreneurs, an appeal to parents, the progress and development of the country, the republican competition "Science and Education".

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар суханрониҳои худ пайваста доир ба нақши ҳалкунандаи соҳаи маориф дар пешрафт ва рушди кишвар истода мегузаранд. 24 феврали соли ҷорӣ дар вохӯрии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарону фаъолони вилояти Хатлон нақши ҳалкунандаи соҳаи маорифро дар пешрафт ва рушди кишвар ба таври махсус таъкид кардаанд. Дар ин суханронӣ зикр гардид, ки соҳаи маориф ба ислоҳот ва дигаргунии комилан ҷидди ниёз дорад ва зарурат ба миён омадааст, ки кормандони соҳаи мазкур бо тамоми сохторҳои мавҷудаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ҳамкориро ба роҳ монда, дастрасӣ ба пешрафт ва комёбиҳои назаррасро таъмин намояд.

Бо мақсади татбиқи амалии супоришу дастурҳои Пешвои миллат ва таъмини рушду такомули соҳаи маориф, омӯзгорон ва кормандони соҳаи маорифи вилояти Хатлон муроҷиатнома қабул намуданд (ҳафтномаи “Омӯзгор” №11-12, 17 марти соли 2022) [1]. Муроҷиатномаи мазкур аз якчанд қисматҳои якдигарро пурра кунанда иборат мебошад.

Қисмати аввали он ба омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф тааллуқ дорад. Дар ин қисмати муроҷиатнома қайд гардидааст: Ҳамкасбони азиз! Биёед дар ҳамбастагӣ ва муттаҳидӣ ба хотири рушди соҳаи маориф камари ҳиммат бандем, барои парвариши кадрҳои баландихтисос, кормандони хирфавии соҳаи гуногуни хоҷагии халқ кушишу ғайрат намоем, насли наврасро дар рӯҳияи баланди худшиносии миллӣ ва ватандӯсти тарбия кунем, барои ташкили маҳфилҳои фаннӣ, кабинетҳои фаннӣ ва дониши ҳамаҷониба додан ба онҳо аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода барем. Барои он саъю талош намоем, ки шогирдони мо дар олимпиадаву озмунҳои дохили кишвар ва берун аз он Тоҷикистонро ба сари баланд муаррифӣ карда тавонанд, одобу ахлоқи баланди тоҷикона дошта бошанд, бо ихтирооту дастовардҳои тозаи илмӣ ифтихори миллату кишвари худ гарданд.

Қисмати дуюми муроҷиатнома аз муроҷиат ба кормандони васоити ахбори омма ва аҳли зиёи вилоят иборат мебошад ва дар он қайд гардидааст: кормандони муҳтарами ахбори омма ва аҳли зиёи вилоят! Аз Шумо хоҳиш карда мешавад, ки дар маррифии омӯзгорони асил, тарғиби таҷрибаи пешқадами муаллимони соҳибмактаб, хонандагони фаъол, дастовардҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, гимназия, мактабҳои намуди нав ва дигар паҳлуҳои соҳаи маориф бо мо ҳамкорӣ намоед, сухани созандаи Шумо барои амали гардидани ҳадафи умумии мо, ки пешрафти соҳаи маориф аст, муассир хоҳад буд.

Қисмати сеюми муроҷиатнома ба намояндагони ҳизбҳо, ҳаракати ваҳдати милл ва эҳёи Тоҷикистон, Шурои собиқадорони ҷангу меҳнат ва ташкилотҳои динӣ тааллуқ дорад ва дар он қайд гардидааст: мо бо камоли эҳтиром аз Шумо хоҳиш менамоем, ки дар вохӯриву нишастҳо ва суханрониҳои худ қисматеро барои соҳаи маориф ҷудо намоед, зарурати омӯзиши илму фанро ба мардум фаҳмонед. Бовари дорем, ки тавассути панду насиҳат, Шумо руҳияи мардумро ба самти маориф гароиши мусбат хоҳед дод.

Қисмати чоруми муроҷиатнома аз муроҷиат ба кормандони ҳифзи ҳуқуқ иборат аст ва дар он қайд гардидааст: Кормандони муҳтарами ҳифзи ҳуқуқ! Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш дорем, ки дар ҳамкорӣ соҳаи маорифро аз ҳар гуна санҷишҳои пайдарпай ва ҳавсалафарсо озод намоем, ба таваҷҷуҳу ҳамкорӣ имконият фароҳам

биёрем, ки омӯзгорон бо дили гарм ва руҳияи устувор ба рисолати омӯзгории худ машғул шаванд. Фаромӯш накунем, ки ҳамаи мо парварда ва тарбиятдидаи он шахсоне, ки номи пуршарафи омӯзгорро доранд.

Қисмати панҷуми муроҷиатномаро муроҷиат ба соҳибкорон ташкил менамояд ва дар он қайд гардидааст: Соҳибкорони муҳтарам! Чашми умеди мо аз Шумо ин аст, ки аз таваҷҷуҳи Сарвари давлат ва ҳукумати кишвар ба соҳаи маориф илҳом-гирифта, сармоягузориро дар соҳаи маориф бештар менамоед ва дар роҳи ба қуллаҳои баланди рушд расидани соҳаи маориф ҳиммат ва ҷавонмардӣ зоҳир менамоед.

Қисмати шашуми муроҷиатнома муроҷиат ба намояндагони ташкилоту муассисаҳои ҳамкор ташкил менамояд ва дар ин қайд гардидиаст: мо намояндагони шуморо барои ҳамкорӣ ба нашрияҳои соҳавии маорифи вилоят ташвиқ менамоем. Навиштаҳое, ки ҷанбаи тарбиявӣ доранд, тавассути ин нашрияҳо ба омӯзгорон дастрас мегарданд ва дар корҳои ҳаррӯзаи онҳо мададрасон ҳоҳанд шуд ва дар ҳамкории Шумо ба баланд рафтани мақоми маориф, ки Пешвои миллат ба он таваҷуҳӣ доимӣ доранд, саҳми калон мегузорад.

Дар қисмати охирини (ҳафтуми) муроҷиатнома, муроҷиат ба падару модарон карда шудааст ва дар он қайд гардидиаст: Падару модарони муҳтарам! Шумо яке аз ду қанноти соҳаи маорифед. Хоҳиши мо ин аст, ки робитаи худро ба мактаб устувор намоед, дар ислоҳи нуқсонҳои мавҷудаи таълимандӯзӣ ва тарбиявӣ саҳмгузор бошед. Биёед ба пешрафти соҳаи маориф дар якҷояги саҳмгузорӣ намоем ва наслеро тарбия намоем, ки дар оянда номбардори ватану миллат ва волидони худ гарданд.

Мо бо боварии комил гуфта метавонем, ки ин муроҷиатнома дар баланд бардоштани пешравии соҳаи маорифи кишвар, инчунин дар соҳаи маорифи вилояти Хатлон саҳми босазо мегузорад.

Ҳамин тариқ, бо фаъолияти якҷояи сохтору мақомотҳои кишвар, ташкилотҳо ва падару модарон дар пешрафти соҳаи маорифи кишвар ба муваффақиятҳои беназир соҳиб гардида, тараққиёти ҷумҳурии азизамонро таъмин намуда, талаботҳо, тавсияю пешниҳодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба пуррагӣ амалӣ кардан мумкин аст.

Пешвои миллат ҳамеша дар паёмҳои худ ба Маҷлиси олӣ ва баромадҳояшон дар чорабиниҳою ҷашнҳо пайваста баҳри пешрафту тараққиёти мамлакат пешниҳодҳои ҷолибу арзанда менамоянд.

Дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (26 декабри соли 2019) қайд гардида буд: "Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки сатҳу сифати таълимро дар ҳар муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шаклу моликияти онҳо дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд" [1]. Бо мақсади дар сатҳи баланд ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон карда шуд [2].

Дар паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ (16 декабри соли 2020) низ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои баланд бардоштани сатҳи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ қайд намуданд: "Зарур мешуморам, ки ба хотири боз ҳам бештар ба омӯзиши илмҳои риёзию дақиқ ва табиӣ ҷалб кардани наврасону ҷавонон, олимону муҳаққиқон ва устодону омӯзгорон ҳамасола озмуни ҷумҳуриявӣ таҳти унвони "Илм–фурӯғи маърифат" гузаронида шавад [4].

Барои амалигардонии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф", "Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таъсис

дода шуд, ки ҳар сол 15 нафар беҳтаринҳо метавонанд, соҳиби он гарданд.

Пешниҳоду дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба инобат гирифта бо ҳар роҳу усул сифати таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзиро дар муассисаҳои таълимии кишвар ба талаботи замон мувофиқ гардониданамон зарур мебошад.

Ҳамин тавр маълум гардид, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои худ пайваста дар бораи рушд додани системаи маорифи кишвар маълумоти муфассал медиҳад. Дар паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28 декабри соли 2024) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рушди маорифи кишвар чунин қайд намудаанд. “дар се соли охир дар мамлакат беш аз 1500 иншооти соҳаи маориф, яъне муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ бунёд намуда ба истифода дода шудаанд. Аз моҳи июл маоши хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, стипендияҳо 40% ва андозаи нафақа 30% зиёд карда шуд. Дар панҷ соли охир маоши вазифавии кормандони соҳаҳои бюҷетӣ чор маротиба (солҳои 2020, 2022, 2023, 2024) ва дар маҷмӯъ, ба андозаи 100% зиёд карда шуд”. Дар ин давра маош, нафақа ва стюпендияҳо нисбат ба сатҳи таваррум ба маротиба зиёд гардиданд, ки бевосита ба коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар гардидани шароити зиндагии мардуми кишвар мусоидат намуданд. Ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт солҳои “2025-2030” “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон карда шуд.

Вобаста ба ин дар заминаи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб, Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ таъсис дода шуд.

Ба ин донишгоҳ мақоми пойгоҳи асосии тайёр кардани мутахассисони самти мазкур дода, илова бар ин, дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар факултаю кафедраҳои дахлдор таъсис дода мешаванд. Соли 2024-ум ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ ба 19 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба буҷети соли 2023-юм беш аз 2 миллиард сомонӣ зиёд буда, 43% хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад. Дар ин зимн, Ҳукумати мамлакат дар самти таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани музди меҳнат, нафақа ва стипендияҳо, инчунин, зиёд намудани даромади пулии аҳолӣ мунтазам тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст. Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар аз 1-уми сентябри соли 2025:

- маоши вазифавии кормандони дигар соҳаи маориф, соҳаи илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ, стюпендияҳо 20% зиёд карда шуд;
- ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба андозаи 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шуд.

Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода истодааст.

Дар панҷ соли оянда бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва бо назардошти ҳадафи гузошташуда барои фарогирии 50%-и кӯдакони синну соли томактабӣ 800 муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва беш аз 1000 муассисаи таҳсилоти умумӣ бунёд карда мешавад. Барои ҳар як маҳалли аҳолинишин, ки 100 оила зиндагӣ мекунад, як муасссисаи томактабӣ бунёд карда мешавад. Имрӯз дар соҳаи маорифи мамлакат ҳашт барномаи давлатӣ ва ду стратегияи дарозмуддат татбиқ шуда истодааст, ки ба рушди инкишофи таълиму тарбия, амалигардонии ислоҳоти соҳа, дастгирии мактабу омӯзгор, таълифи китобҳои дарсии насли нав ва такмили мазмуну мундариҷаи таҳсилот мусоидат менамояд.

Ҳамчунин, бо ин мақсад дар ин соҳа 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 4,6 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст. Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар

3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 262 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Агар соли 1991 дар тоҷикистон 3229 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо 1,3 миллион нафар хонанда фаъолият дошта бошад, пас имрӯз 4037 муасссиса аз ҷумла 170 литсею гимназия, яъне муассисаҳои таълимии типи нав фаъолият менамоянд [7].

Шумораи умумии хонандагони онҳо беш аз 2 миллиону 300 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Соли 1991дар кишвар ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69 ҳазор донишҷу фаъолият мекард. Ҳоло шумораи ин муассисаҳо ба 48 ва донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 214 ҳазор нафар расидааст. Имрӯз дар кишвар 65 литсейи касбӣ техникӣ, яъне муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ касбӣ бо 23500 хонанда ва курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ дар назди онҳо ба 12000 хонанда, инчунин, 88 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ-коллеҷҳо бо 106000 донишҷӯ фаъолият доранд. Илова бар ин, дар замони соҳибистиқлоли беш аз 117 ҳазор ҷавонони боистеъдоди мамлакат барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон фиристода шудаанд. 13 ҳазор нафари онҳо ё беш аз 30%-и онҳо духтарон мебошанд.

Дар шароити вусъат ёфтани ҳамгироии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ талабот ба мутахассисоне, ки сатҳи касбияти баланд дошта, забонҳои хориҷӣ, махсусан, русӣ ва англисиро хуб медонанд, рӯз ба рӯз меафзояд. Бинобар ин, зарур аст, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз зинаи таҳсилоти томактабӣ ба роҳ монда шавад. Пешравию пирӯзии ҳар як двлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва илму дониш таъмин мекунад. Сабаби асосии бадбахтии ҳар як миллат ва давлат эътибор надодан ба сифати мактабу маориф, саҳлнигорӣ кардан ба тарбияи кӯдак аз хӯрдсолӣ ва фароҳам наовардани муҳити мусоид барои таълиму тарбия мебошад.

Вақте, ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф руй наоварад, миллат дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯинашаванда боқӣ хоҳанд монд. Маҳз барои ҳамин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали роҳбарии худ ба масъалаҳои илму маориф эътибори доимӣ ва аввалиндараҷа медод.

Дар ҳақиқат ҳам имрӯзҳо сатҳи дониши хатмкардаҳои муассисаҳои таҳсилот миёнаи умумӣ аз фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, махсусан аз фанни физика дар сатҳи паст қарор дорад ва аз омилҳои зиёде вобаста мебошад.

Яке аз сабабҳои асосии паст будани дониши хатмкардаҳои муассисаҳои таҳсилот миёнаи умумӣ, дониши пухтаю мукаммал надоштани аксарияти омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ба шумор меравад.

Бароиислоҳи ин камбудӣ дар муассисаҳои таҳсилот миёнаи умумӣ барои омӯзгорон семинарҳои илмию методии сатҳи баланд ташкил намудан ва дар курсҳои такмили ихтисос таҳсили онҳоро ба роҳ мондан лозим аст, то ки онҳо сатҳи дониши худро сайқал диҳанд.

Барои ба пуррагӣ амалигардонии “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” қисматҳои “Муроҷиатномаи омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф ба фаъолони вилояти Хатлон”-ро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, сармашқи кори худ гардонем, он гоҳ ба комёбиҳои назаррас соҳиб мегардем.

Талаботҳои Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” худ аз худ амалӣ намегардад. Бистсол дар назди таърих як фосилаи кӯтоҳест, ки тез сипарӣ мегардад.

Бинобар он, мо аҳли ҷомеъ барои пурра амалӣ намудани “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” аз тамоми имкониятҳо самарабахш истифода бурданамон зарур мебошад.

Барои талаботҳои “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва

риёзӣ дар соҳаи илму маориф”-ро пурра иҷро намудан, пеш аз ҳама баланд бардоштани сифати тайёркунии омӯзгорони фанҳои табиатшиносию риёзӣ омили асосӣ ва хело муҳим мебошад. Бо ин мақсад сифати тайёр кардани омӯзгорони ояндаи фанҳои табиатшиносӣ ва риёзиро дар факултетҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, махсусан дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садариддин Айнӣ, дар сатҳи зарурӣ баланд бардоштан лозим. Инчунин доир ба мавзуъҳои душворфаҳми фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар маҷалаҳои илмӣ-маърифатӣ, таълимӣ, таълимию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мақолаҳои илмию методӣ чоп карда, дастурҳои таълимию методӣ нашр намудан ба манфиати кор мебошад.

Санаткунонии мамлакат ҳадафи чорум эълон гардидааст ва дар ин ҷода як қатор пешравиҳо ба назар мерасанд. Дар ин бобат фанҳои табиатшиносию дақиқ ва махсусан фанни физика накши арзанда доранд. Маҳз ба воситаи фанни физика инсон дар назди ҳодисаҳои фавқулода оҷиз намонда онҳоро меомӯзад, қонунҳояшро муқарар менамояд ва ба манфиати худ истифода мебарад. Техникаи муосир ба татбиқи қонунҳои физика асоснок шудааст. Физика аз муҳимтарин риштаи илмҳои табиатшиносӣ ба шумор меравад ва сабабҳои ба амал омадани ҳодисаҳоро маънидод намуда, робитаи байни онҳоро муқаррар менамояд.

Бинобар ин, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сифати таълими фанҳои табиатшиносӣ, аз ҷумла физика дар сатҳи зарурӣ мувофиқи мақсад аст.

Ҳоло аксарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо асбобҳои замонавии физикӣ таъмин нестанд ва ба сифати таълими физика таъсирӣ манфӣ мерасонад. Фанҳои табиатшиносӣ фанҳои таҷрибавӣ ба шумор меравand ва нагузаронидани таҷрибаҳо аз фанҳои табиатшиносӣ сифати таълими онҳоро паст мегардонад ва боиси коста гаштани сатҳи дониши хонандагон мегардад. Барои бартараф кардани ин норасоӣ дар пойтахти кишварамон-шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳо ташкил намудани мағозаи фурӯши асбобу лавозимот ва дастгоҳҳои таҷрибавӣ доир ба таълими фанҳои табиатшиносӣ зарур мебошад.

Яке аз роҳҳои амалӣ намудани талаботи “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” дар шабакаҳои телевизионӣ студияи таълимӣ ташкил карда, дар он дарсҳои намунавии омӯзгорону устодони пешқадами ҷумҳурӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, касбӣ ва олӣ аз фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, техникаву технологияи муосир намоиш додан, дар ҳалли омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ мусоидат менамояд.

Роҳи дигари баланд бардоштани сифати таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ бартари додан ба ихтисосҳои вобаста ба ин фанҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба шумор меравад. Таҷрибаи ҳарсолаи қабули хатмкардаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нишон дода истодааст, ки ба ихтисосҳои зикргардида накшаи қабули довталабон иҷро намегардад. Ин шаҳодати он аст, ки на ҳамаи хатмкардаҳои муассисаҳои таҳсилоти касбии умумӣ аз фанҳои табиатшиносию риёзӣ дониши зарурӣ доранд.

Таълими фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар хатмкардаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз омӯзгорони ин фанҳо заҳмати ниҳоят зиёд талаб менамояд. Аммо ба ивази чунин заҳмати пурмашаққат ин омӯзгорон маоши кофӣ намегиранд. Барои он ки хатмкардаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ касби омӯзгори фанҳои табиатшиносию риёзиро интихоб намоянд, баланд бардоштани маоши омӯзгорони фанҳои табиатшиносию риёзӣ зарур мебошад.

Омили дигаре, ки ба баланд бардоштани сифати таълими фанҳои табиатшиносию риёзӣ таъсири назаррас мегузорад, барномаҳои таълимӣ ба шумор меравand. “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму

маориф" талаб менамояд, ки сифати мазмуну муҳтавои барномаҳои таълимии фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ такмил додашуда, ба талаботи замон мувофиқ гардонда шаванд.

Имрӯзҳо аз фанни физика барномаи таълимии мукаммали аз таҳлилу муҳокимаи методистони варзида гузашта ва бо тавсияи Шурои милли таҳсилоти назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чопгардида мавҷуд нест. Бояд асосӣ мазмуну мундариҷаи барномаи таълимиро аз фанҳои табиатшиносию риёзӣ муносибати босалоҳият ба таълим ташкил намояд[4].

Таҷриба дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нишон медиҳад, ки донишҷӯёни соли аввал ба мафҳумҳои асосии фанҳои табиатшиносию риёзӣ, аз он ҷумла фанни физика сарфаҳм намераванд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таълими мавзӯъҳо аз ин фанҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Бо мақсади баланд бардоштани сифати таълими фанҳо, аз он ҷумла, таълими фанҳои табиатшиносию риёзӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дастурҳои методӣ бо номи "Роҳнамо ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" дар асоси муносибатҳои босалоҳият дар таълим дастрасӣ омӯзгорони фанҳои табиатшиносию риёзӣгардонида шудааст. Вақти он расидааст, ки омӯзгорони фанҳои табиатшиносию риёзӣ аз ин дастурҳои методӣ самарбахш истифода баранд.

Дар фанҳои табиатшиносию риёзӣ мавзуъҳои душворфаҳм хеле зиёд мебошад. Барои баланд бардоштани сифати таълими ин фанҳо коркарди методии мавзуъҳои душворфаҳм хеле зарур мебошад.

Аз фанни физика доир ба мавзуъҳои баъзе қисмҳои он умуман коркарди методӣ гузаронида нашудааст.

Хатмкардаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ доир ба мавзуъҳои физикаи квантӣ (физикаи ядро ва атом) дониши зарурӣ надоранд. Дар таълими мавзуъҳои ин қисми физика омӯзгорон душворӣ мекашанд. Бинобар ин, доир ба мавзуъҳои ин қисми физикаи мактабӣ коркарди методӣ гузаронидан лозим аст, то ки он душвориҳои таълими мавзуъҳои онро барҳам занад.

Барои коркарди методии мавзуъҳои душворфаҳми фанни физика методистони таҷрибадору варзида лозим мебошад. Мутаасифона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин методистони баландпоя ангуштшуморанд. Бинобар ин, дар ҷумҳурӣ зарурати ташкил намудани мактаби илмӣ методии тайёр намудани методистони фанҳои табиатшиносию риёзӣ ба миён омадааст.

Ҳамин тариқ, барои талаботи "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" –ро пурра иҷро кардан, баланд бардоштани сифати тайёр кардани омӯзгорони фанҳои табиатшиносию риёзӣ омилӣ асосӣ ва хеле муҳим ба шумор меравад.

Тараққиёти мамлакатро пешрафти илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таъмин менамояд, бинобар ин, зарур аст, ки аз ҳама имкониятҳо самарабахш истифода бурда, талаботи "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" –ро бо комёбиҳои назаррас ва баланди илмӣ амалӣ созем.

Дар ҳақиқат ҳам омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ доранд.

Омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии бакалаврҳою мутахасисони оянда ва баланд бардоштани сифати тайёркунии онҳо саҳми калон мегузоранд. Ҳамаи мамлакатҳои дунё ба инкишофи илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ мароқи зиёд зоҳир менамоянд, чунки инкишофи ин илмҳо тараққиёти мамлакатро муайян менамоянд. Дар ҳамаи мамлакатҳои тараққӣ карда, илм дар сатҳӣ зарурӣ инкишоф ёфтааст.

Дар инкишофи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар ҷумҳурии мо аҳамияти

зарурӣ дода шуда истодааст. Ҳоло дар ҷумҳурӣ якчанд пажуҳишгоҳҳо, ба монанди физикаю техникаи ба номи Султон Умаров, астрофизика, математика, химия, геология, биофизика, ботаникаю паризиология ва ғайраҳо дар назди Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тадқиқи соҳаҳои гуногуни илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ машғуланд. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ доир ба ҳамаи соҳаҳои илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ мутахассисону бакалаврҳо ва магистрҳои замонавӣ тайёр карда мешавад. Дар пажуҳишгоҳҳою донишгоҳҳои ҷумҳурӣ доир ба соҳаҳои гуногуни илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ (физикаи ҷисмҳои сахт, физикаи умумӣ, физикаи полимерҳо, лазерҳо, физикаи назариявӣ, физикаи гармӣ, физикаи молекулӣ, спетроскопия, химия, биология, физиология, геология, минералогия, астрофизика, биофизика, математика, механика ва ғайраҳо) мактабҳои илмӣ таъсис ёфтаанд, ки дар онҳо номзадҳо ва докторони илмҳо камол ёфта истодаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар қатори дигар олимони илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, саҳми олимони физикдону астрофизикдони тоҷик дар инкишофи соҳаҳои гуногуни физика ба монанди академик Адҳамов А.А. дар соҳаи назарияи молекулии моеъҳо, профессор Нарзуллоев Б.Н. дар соҳаи физикаи ҷисмҳои сахт ва полимерҳо, академикҳо Бобоҷонов П.Б., Доброволский О. В. Дар соҳаи астрофизика, узви вобастаи АИ ҶТ, профессор Ҳакимов Ф.Х. дар соҳаи физикаи плазма ва ҷараёнҳои ғайрихаттӣ дар муҳитҳои конденсӣ, академик Маҷидов Ҳ.М. дар соҳаи физикаи гармӣ ва ғайраҳо хеле калон мебошад [5, 6, 8].

Махсусан тадқиқотҳои олимони тоҷик дар соҳаи астрофизика дар арсаи байналхалқӣ маълуму машҳуранд.

Якчанд сайёраҳои хурде, ки астрофизикони амрикоӣ кашф кардаанд ба шарафи олимон – астрофизикони тоҷик Бобоҷонов П.Б., Доброволский О. В., Ибодинов Х. И. ва дигарон номгузорӣ карда шуданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар соҳаи тадқиқоти ҷирмҳои осмонӣ астрофизикҳои тоҷик саҳми арзандаи худро гузоштанд.

Ҳамин тариқ, олимони илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар инкишофи ин илмҳо саҳми арзанда гузошта истодаанд.

Қайд кардан лозим аст, ки як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ба тайёр кардани бакалавру магистрҳои баландихтисоси соҳаи иқтисодиёт машғуланд. Дар тарбияи кадарҳои баландихтисоси соҳаи иқтисодиёт таълими фанҳои риёзию табиатшиносӣ саҳми арзанда доранд. Беҳуда нест, ки таълими фанҳои риёзию табиатшиносӣ дар нақшаҳои таълимии ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар солҳои аввали таълим дохил карда шудаанд.

Барои ҳамаи ихтисосҳои иқтисодӣ дар нақшаҳои таълимӣ дар қатори фанҳои риёзӣ – математикаи олӣ, математикаи дискретӣ, назарияи эҳтимолият, математикаи иқтисодӣ, математикаи молиявӣ, методҳои математикии тадқиқи амалиёт дар иқтисодиёт, эконометрика, инчунин фанни “Консепсияҳои табиатшиносии муосир”-ро дар бар мегирад.

Фанни “Консепсияҳои табиатшиносии муосир” [6] масъалаҳои табиатшиносиро, ки ба соҳаҳои физика, астрофизика, космология, биология, химия, экология ва геология тааллуқ доранд, дар бар мегирад. Дар замони ҳозира ин илмҳо дар табиатшиносӣ роли ҳалкунанда мебозанд ва консепсияи инкишофи табиати зинда ва ғайризинда, имкониятҳои табдилдиҳии табиат, инкишофи прогресси илмӣ-техникӣ ва таъмин намудани аҳолии Замин бо маҳсулоти ғизоӣ ва ғайраҳо ба натиҷаи ин илмҳо асос карда шудааст.

Танҳо таъмин намудани инкишофи прогрессӣ илмию техникӣ ва бо маводи ғизоӣ таъмин намудани аҳолии Замин аз ҷониби фанҳои табиатшиносӣ шаҳодати он аст, ки фанҳои табиатшиносӣ ба пешрафти иқтисодиёт ва таълими онҳо дар тарбияи иқтисодии бакалаврҳо мутахасисони ояндаи соҳаи иқтисодиёт саҳми арзанда доранд.

Ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои алоҳидаи фанни “Консепсияҳои табиатшиносии муосир” дар машғулиятҳои лексионӣ, амалӣ ва мустақилона ба бакалаврҳо аҳамияти иқтисодии онҳоро фаҳмондан лозим аст.

Масалан, ҳангоми гузаштани мавзуи “Қонуни бақо” ба бакалаврҳо фаҳмондан лозим аст, ки ин қонунҳо қонунҳои фундаменталии табиатанд, ҳам барои макроолам ва ҳам барои микроолам татбиқшавандаанд, аҳамияти калони илмӣ, амалӣ ва иқтисодӣ доранд.

Масалан, мувофиқи “Қонуни бақо ва табдилёбии энергия” мошини дилхоҳ аз ҳисоби табдилёбии энергия кор иҷро менамояд. Дар мошини дилхоҳ энергияи аз ҳисоби сӯхтани сӯзишворӣ ҳосилгардида ба кори механикӣ сарф мегардад. Дар неругоҳҳои электрикии обӣ, энергияи электрикӣ аз ҳисоби энергияи потенсиалии обӣ ба баланди бардошта шуда, ҳосил карда мешавад. Ҳангоми ҷоришавии об аз баландӣ энергияи потенсиалии он ба энергияи кинетикӣ табдил меёбад ва аз ҳисоби ин энергия генератор энергияи электрикӣ ҳосил мекунад. Баъди энергияи электрикӣ дар истеъмолкунандаҳо ба дигар намудҳои энергия-рӯшноӣ, гармӣ ва механикӣ табдил меёбад.

Ҳамин тариқ, бакалаврҳо мефаҳманд, ки қонунҳои бақо дар баробари аҳамияти илмӣ, аҳамияти иқтисодӣ доранд ва тарбияи иқтисодии онҳоро ташаккул медиҳанд.

Қонунҳои дигари физика, аз он ҷумла қонунҳои ҷараёни доимию тағйирёбанда, электролиз татбиқи васи амалӣ ва аҳамияти калони иқтисодӣ доранд.

Бинобар ин, дар машғулиятҳо, махсусан дар машғулиятҳои амалию мустақилона ба баклаврҳо фаҳмондани татбиқи васеи амалии қонунҳои физика ва аҳамияти иқтисодии онҳо, тарбияи иқтисодии бакалаврҳо – мутахасисони ояндаи соҳаи иқтисодиётро баланд мебардорад ва ҳадафи мо тарбияи бакалаврҳои замонавии ҷавобгӯи стандартҳои давлатию байналмилалӣ амалӣ мегардад.

Инчунин қайд кардан лозим аст, ки пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва техникаю технологияи муосир, фарҳанги техникии шаҳрвандон ба инкишофи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ робитаи зич дорад.

Пешрафту тараққиёти кишвар аз маърифати техникии шаҳрвандон вобаста мебошад. Бинобар ин кӯшиш ба харҷ додан лозим аст, ки баҳри баланд бардоштани фарҳангӣ техникии аҳолии кишвар чораҳои зарурӣ андешида, маърифати техникии шаҳрвандонро афзун намоем.

Пеш аз ҳама дар инкишофи фарҳанги техникӣ физика нақши пешбаранда мебозад ва он яке аз илмҳои асоси оид ба табиат ба шумор меравад. Асрори зиёда аз 80 дар сади ҳодисаҳои табиат дар заминаи илми физика ошкор мешавад.

Тараққиёти техника дар навбати худ пешрафти илми физикаро таъмин менамояд. Бо инкишофи техника лабараторияҳо бо асбобҳои наву ҳассос муҷаҳаз мешаванд ва ҳалли масъалаҳои соҳа осон, сатҳи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва саҳеҳии ченкуниҳо баланд мегардад.

Дар ин замина, албата, барои баланд бардоштани маърифати техникии ҷомеа пеш аз ҳама дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ шароитҳои мусоид фароҳам овардан зарур мебошад. Аз солҳои 90-уми асри гузашта дар кишвари мо лабараторияҳои омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ бо асбобу дастгоҳҳои таҷрибавии замонавӣ ва маводи химиявӣ таъмин нестанд. Дастрасии асбобу дастгоҳҳои таҷрибавӣ доир ба фанҳои табиатшиносӣ душвор ва барои ин маблағ хело зиёд лозим аст. Имрӯзҳо ҳатто лабараторияҳои илмӣ-тадқиқотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва пажӯҳишгоҳи академияи миллии илмҳои ҷумҳурӣ доир ба тадқиқи соҳаҳои гуногуни табиатшиносӣ ба дастгоҳҳои таҷрибавии замонавӣ ниёз доранд. дастгоҳҳои таҷрибавии мавҷуда аз сабаби ба анҷом расидани мӯҳлати истифодаашон аз кор баромадаанд ё кӯҳна гардидаанду ба талаботи рӯз ҷавобгӯ нестанд.

Чӣ тавре, ки дар боло қайд кардем, ин норасоиро дар шаҳри Душанбе, ташкил намудани магазини фӯруши асбобу лавозимотҳо, дастгоҳҳои таҷрибавӣ доир ба таълими фанҳои табиатшиносӣ ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҳаллу фасл менамояд.

Барои баланд бардоштани маърифати техникии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бояд марказ ва маҳфилҳои ихтирокорон, касбомӯзон, техникҳои ҷавон дар зерсохторҳои шӯъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо амал кунанд ва ба кори онҳо мутахасисони варзида ҷалб гарданд. Инчунин сифатнокии фаъолияти онҳоро дар сатҳи зарурӣ баланд бардоштан лозим аст [9-15].

Бар асари набудани лабараторияҳои ба талаботи замон ҷавобгӯ ва таълими сатҳии мавзуъҳо доир ба фанҳои табиатшиносӣ айни замон дар ҷомеа шахсонеро дучор меоем, ки ҳатто қоидаҳои истифодаи асбобҳои барқиро дар сатҳӣ зарурӣ намедонанд. Аз истифодаи нодуруст онҳо зуд аз кор мебароянд ва ба буҷаи оила ва корхона зарар мерасад.

Барои баланд бардоштани маърифати техникии ҷомеа низ вақти он расидааст, ки дар телевизиони ҷумҳурӣ студияи "Таълими дониш" мисли то солҳои 90-уми асри гузашта ташкил карда шавад ва фаъолият намояд, ки дар он дарсҳои намунавии омӯзгорону устодони пешқадами ҷумҳурӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, касби умумӣ ва олии касбӣ фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, техникаву технологияҳои муосир намоиш дода шаванд [9-15].

Азбаски на дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои корҳои лабараторӣ дастгоҳҳои таҷрибавӣ ва асбобҳои зарурӣ мавҷуданд, усули виртуалии гузаронидани корҳои лабараториро истифода бурдан ба манфиати кор аст. Ҳоло дар мактабҳои таҳсилоти умумии Руссия барои гузаронидани ҳама намуди дарсҳо аз фанҳои таълимӣ аз дискҳои таълимӣ истифода мебаранд. Матни ин гуна дискҳоро ба забони тоҷикӣ тарҷума намуда, аз онҳо истифода бурдан мумкин аст. Барои истифодаи ин дискҳо лабараторияҳо ё синфхонаҳо бояд бо техникаи зарурӣ таъмин бошад.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (26 декабри соли 2019).
2. Паёми Проезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (26 декабри соли 2020).
3. Мурочиатномаи омӯзгорон ва кормандони соҳаи маорифи вилояти Хатлон. Ҳафтномаи "Омӯзгор" №11-12, 17 марти соли 2022.
4. Ҳамид Маҷидов. Пешвои миллат ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқу риёзӣ. Омӯзгори ҷавон 03 майи соли 2022.
5. Ҳамид Маҷидов. Физика. Китоби дарсӣ барои синфи 10-уми муассисаҳои таҳсилоти мёнаи умумӣ, Душанбе, Маориф, 2021, 400 саҳ.
6. Ҳамид Маҷидов, Фотеҳ Ҳакимов. Консепсияҳои табиатшиносии муосир. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Душанбе, "Донишварон", 2019.-400 саҳ.
7. Паёми Проезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (28 декабри соли 2024).
8. Ҳамид Маҷидов, Отаҷон Нозимов. Физика китоби дарсӣ барои синфи 9-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Нашри чорум бо иловаҳо, Душанбе, Маориф, 2024, 272 саҳ.
9. Консепсияи ташкили ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2012-2020) (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643).
10. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003, №1174 дар бораи стратегияи давлатии технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

11. Барномаи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2004, №290).

12. Барномаи давлати рушд ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2017 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 юли соли 2014, №428).

13. Барномаи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024-2028.

14. Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042.

15. Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025.

**УДК:371**

# НАҚШИ ПАЁМҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ (2000-2010)

# РОЛЬ ПОСЛАНИЙ ЛИДЕРА НАЦИИ В ФОРМИРОВАНИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ В ОБЛАСТИ ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ (2000–2010 гг.)

# THE ROLE OF THE MESSAGES OF THE LEADER OF THE NATION IN THE FORMATION OF STATE POLICY IN THE FIELD OF EDUCATION AND SCIENCE (2000-2010)

**НОИЛШОҲ НУРАЛИЗОДА** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
**НАИЛШОХ НУРАЛИЗОДА** – кандидат филологических наук, доцент кафедры языков и культуры Таджикского международного университета туризма и предпринимательства
**NAILSHOH NURALIZODA** – Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Languages and Culture at the Tajik International University of Tourism and Entrepreneurship
**E-MAIL:** noilsho@mail.ru

**Аннотатсия.** Маориф ва илм дар ҳамаи давлатҳои мутамаддин ҳамчун рукнҳои асосии рушди устувор ва пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ эътироф мегарданд. Дар шароити ҷаҳони муосир онҳо на танҳо воситаи тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, балки механизми муҳимми таҳкими иқтидори зеҳнӣ ва эҷодии ҷомеа ба шумор мераванд. Мақола ба нақш ва аҳаммияти маорифу илм ҳамчун рукнҳои асосии рушди устувор ва пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бахшида шудааст. Муаллиф бо такя ба Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, сиёсати давлатиро дар ин соҳаҳо мавриди таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ қарор медиҳад. Дар мақола равандҳои сиёсати давлатӣ дар се марҳилаи асосӣ ҷудо ва тавсиф шудаанд: 1) марҳилаи аввали ислоҳот (2000-2010) - ташаккули заминаҳои ибтидоии сиёсати маориф ва таҳияи моделҳои миллии таҳсилот; 2) марҳилаи таҳкими сифат ва стандарт (2010-2020) - такмили заминаҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои давлатӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорон; 3) марҳилаи рақамикунонӣ ва инноватсия (2020-2025)-мутобиқсозии низоми маорифу илм ба талаботи иқтисоди рақамӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ. Таъкид мегардад, ки дар марҳилаи аввали ислоҳот Паёмҳои солҳои 2002-2010 самтҳои стратегии рушди маориф ва илмро муайян намуда, заминаи татбиқи барномаҳои ҳаётан муҳимро фароҳам оварданд. Муаллиф ба хулоса мерасад, ки Паёмҳо дар ташаккули сиёсати миллӣ дар соҳаи маорифу илм нақши меҳварӣ дошта, ба рушди неруи инсонӣ ва худшиносии миллӣ мусоидат намуданд.
**Калидвожаҳо:** маориф, илм, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати давлатӣ, ислоҳоти маориф, марҳилаҳои рушди маориф, рақамикунонӣ, арзишҳои миллӣ.

**Аннотация.** Образование и наука признаны во всех цивилизованных странах основными столпами устойчивого развития и экономического, социального и культурного прогресса. В условиях современного мира они являются не только средством подготовки высококвалифицированных специалистов, но и важным

механизмом укрепления интеллектуального и творческого потенциала общества. Статья посвящена роли и значению образования и науки как основных столпов устойчивого развития и экономического, социального и культурного прогресса. Основываясь на Посланиях Президента Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона, автор подвергает государственную политику в этих областях историко-сравнительному анализу. В статье процессы государственной политики разделены и описаны на три основных этапа: 1) первый этап реформ (2000–2010 гг.) – формирование первоначальных основ образовательной политики и разработка национальных моделей образования; 2) этап укрепления качества и стандартов (2010–2020 гг.) – совершенствование нормативно-правовой базы, внедрение государственных стандартов и повышение уровня профессионализма педагогических кадров; 3) этап цифровизации и инноваций (2020–2025 гг.) – адаптация системы образования и науки к требованиям цифровой экономики и информационного общества. Подчеркивается, что на первом этапе реформ Послания 2002–2010 гг. определили стратегические направления развития образования и науки и послужили основой для реализации важнейших программ. Автор приходит к выводу, что Послания сыграли важнейшую роль в формировании национальной политики в сфере образования и науки, способствуя развитию человеческого потенциала и национального самосознания.
**Ключевые слова:** образование, наука, Послания Президента Республики Таджикистан, государственная политика, реформа образования, этапы развития образования, цифровизация, национальные ценности.

**Abstract.** Education and science are recognized in all civilized countries as the main pillars of sustainable development and economic, social and cultural progress. In the conditions of the modern world, they are not only a means of training highly qualified specialists, but also an important mechanism for strengthening the intellectual and creative potential of society. The article is devoted to the role and significance of education and science as the main pillars of sustainable development and economic, social and cultural progress. Based on the Messages of the President of the Republic of Tajikistan, the Leader of the Nation, the respected Emomali Rahmon, the author subjects the state policy in these areas to historical and comparative analysis. The article divides and describes the public policy processes into three main stages: 1) the first stage of reforms (2000–2010) — formation of the initial foundations of educational policy and development of national education models; 2) the stage of strengthening quality and standards (2010–2020) — improvement of the regulatory framework, implementation of state standards and increasing the level of professionalism of teaching staff; 3) the stage of digitalization and innovation (2020–2025) — adaptation of the education and science system to the requirements of the digital economy and information society. It is emphasized that at the first stage of reforms, the Addresses of 2002–2010 defined the strategic directions for the development of education and science and served as the basis for the implementation of the most important programs. The author concludes that the Addresses played a crucial role in shaping the national policy in the field of education and science, contributing to the development of human potential and national identity.
**Key words:** education, science, Messages of the President of the Republic of Tajikistan, state policy, education reform, stages of education development, digitalization, national values.

Маориф ва илм дар ҳамаи давлатҳои мутамаддин ба сифати рукнҳои бунёдии рушди устувор ва пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ шинохта мешаванд. Дар шароити ҷаҳони муосир онҳо на танҳо абзори омодасозии кадрҳои баландихтисосу рақобатпазир ба шумор мераванд, балки нақши ҳалкунанда дар ташаккули тафаккури

миллӣ, худшиносии ҷомеа, таҳкими арзишҳои давлатдории миллӣ ва тавсеаи иқтидори зеҳнии кишвар мебозанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин равандҳои ҷаҳонӣ истисно набуда, тайи се даҳсолаи охир ба рушди маориф ва илм аҳаммияти стратегӣ зоҳир менамояд. Ин соҳаҳо пайваста дар меҳвари сиёсати давлатӣ қарор дошта, зери таваҷҷуҳи доимии Роҳбарияти олии мамлакат қарор доранд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ дар маснади Сарвари давлат ба рушди муассисаҳои илмию таълимӣ ҳамчун пояҳои устувори давлатдории навин ва арзишҳои маънавии ҷомеа нигоҳи амиқу дурнамо доштанд. Бо ташаббус ва ҳидоятҳои Сарвари давлат дар самти рушди маориф ва илм ислоҳоти фарогир амалӣ гардида, барномаҳои стратегии миёнаҳадаф ва дарозмуддат таҳия ва ба иҷро расонида шуданд. Дар ин замина, муҳаққиқ ва сиёсатшинос С. Ятимов саҳми Пешвои миллатро чунин арзёбӣ мекунад: «Давраи роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба бахти миллати тоҷик зиёда аз чоряк асрро дар бар мегирад, замони гул-гулшукуфии асосҳои бунёдии давлати миллии тоҷикон, аз ҷумла соҳаи мактабу маориф мебошад» [15, с. 3].

Паёмҳои ҳамасолаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз муҳимтарин санадҳои сиёсии стратегӣ маҳсуб меёбанд, ки тавассути онҳо самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа муайян мегарданд. Ҳар як Паёми нав таҷассумгари мувозинати ҳассос миёни таҳлили воқеиятҳои ҷорӣ ва дурнамои рушд буда, ҳамчун оинаи равшани равандҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар хизмат мекунад ва самти ҳаракати стратегиро мушаххас менамояд.

Аз рӯзҳои аввали истиқлол, хусусан, дар марҳилаҳои ҳассоси баъд аз ҷанги шаҳрвандӣ, Паёмҳои Президенти мамлакат ҳамчун омили таҳкими пояҳои давлатдорӣ, таҳарруки равандҳои ваҳдати миллӣ ва баланд бардоштани худшиносии миллӣ нақши муассир бозиданд. Ин анъанаи муҳимми сиёсии миллӣ, ки Пешвои миллат бо масъулияти баланд онро идома медиҳанд, имрӯз ба як унсури ҷудонашавандаи фарҳанги давлатдорӣ табдил ёфтааст.

Бо итминон метавон гуфт, ки Паёмҳои Сарвари давлат ба Маҷлиси Олӣ на танҳо дурнамои сиёсати давлатиро муайян месозанд, балки ҳамчун роҳнамо дар таърихи муосири тоҷикон нақши таърихӣ доранд. Онҳо заминаи таҳлили сиёсӣ, омӯзиши илмӣ ва амал дар сатҳҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа мебошанд.

Дар Паёмҳои ҳарсола соҳаи маориф ва илм мавқеи меҳварӣ дорад. Пешвои миллат ба ин ду самт таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, афзалиятҳои стратегӣ ва дурнамои рушди онҳоро пайваста таъкид менамоянд. Маориф ва илм дар Паёмҳо на танҳо ҳамчун бахшҳои инфрасохторӣ, балки ҳамчун пояҳои ташаккули тафаккури миллӣ, таҳкими арзишҳои маънавӣ ва неруи инсонӣ арзёбӣ мегарданд.

Муҳаққиқ ва сиёсатшиноси С. Ятимов дар ин замина дуруст таъкид мекунад, ки «дар ин ҳуҷҷати роҳнамо [Паём – Н.Н.], мавқеъ ва манзалати инсон, маданият ва маърифати ӯ тавассути мактабу маориф – хамирмояи ҷавҳари одамӣ дар шоҳроҳи андешаи миллӣ ва бунёди давлати миллӣ дар ҷойи аввал меистад» [15, с.12].

Дар ҳақиқат, маърифати инсон, ки тавассути низоми маориф ташаккул меёбад, бунёду пояи андешаи миллӣ ва давлатдории миллӣ мебошад. Бидуни инсони соҳибмаърифат ва бофарҳанг, на миллат маънои воқеӣ меёбад ва на давлат метавонад пойдор монад. Инсонро бояд аз остонаи мактаб тарбия намуд, бо китобу дониш роҳашро равшан сохт ва бо фарҳанги миллӣ муҷаҳҳаз гардонид. Аз ин рӯ, Пешвои миллат бо масъулияти баланд таъкид менамоянд, ки «Бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад» [14].

Бо дарназардошти аҳаммияти омӯзиши таҷрибаи солҳои гузашта, истифодаи усули таърихӣ-муқоисавӣ ҳамчун як василаи муҳимми таҳқиқотӣ барои таҳлили амиқ

ва арзёбии равандҳо, тамоюлҳо ва тағйироти сиёсати давлатӣ дар бахшҳои маориф ва илм шароити мусоид фароҳам меорад. Ин усул имкон медиҳад, ки мухтавои Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2000-2025 бо назардошти заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ислоҳоти марҳилавӣ мавриди муқоиса қарор дода шуда, самтҳои асосии сиёсати маориф ва илм дар раванди таҳаввули миллӣ муайян гарданд. Дар робита ба ин, муҳаққиқ ва сиёсатшинос С. Ятимов ба дурустӣ таъкид менамояд, ки «боиси эътироф, эҳтиром ва қадршиносист, ки матни Паём дар чаҳорчӯбаи талаботи илмӣ, бо назардошти таҳаввулот ва дигаргунии мавзуъ омода гардида, нуктаҳои аслии он бо истифода аз методи муқоисавӣ-таърихӣ асоснок карда шудаанд» [15, с. 7].

Воқеан ҳам, чунин таҳлил ба дарки амиқтари заминаҳо, дастовардҳо ва мушкилоти мавҷуда дар сиёсати давлатӣ мусоидат намуда, имкони воқеъбинона барои муайян кардани самтҳои афзалиятноки ислоҳоти минбаъда ва таъмини рушди устувор дар бахшҳои маориф ва илмро фароҳам месозад.

Бо такя ба мухтавои Паёмҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар солҳои 2000 то 2025, раванди ташаккул ва такомули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илмро метавон шартан ба се марҳилаи муҳимму асосӣ ҷудо кард:

1. Марҳилаи аввали ислоҳот (2000-2010). Марҳилаи таҳияи заминаҳои ибтидоии сиёсати маориф дар шароити истиқлолияти давлатӣ мебошад. Дар ин давра иқдомҳои аввалин дар самти ислоҳоти сохторӣ, танзими низоми таълим, таҷдиди муассисаҳои таълимӣ ва ҷустуҷӯи моделҳои миллии мутобиқ ба шароити нави таърихӣ андешида шуданд.

2. Марҳилаи таҳкими сифат ва стандарт (2011-2020). Ин даҳсола давраи таҳия ва таҷдиди асосҳои меъёриву ҳуқуқиии низоми таҳсилот, ҷорӣ намудани стандартҳои давлатии таҳсилоти умумӣ, такмили мухтавои барномаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорон ва сифати раванди таълим бо такя ба арзишҳои миллӣ ва ниёзҳои ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад.

3. Марҳилаи рақамикунонӣ ва инноватсия (2021-2025). Марҳилаи мутобиқсозии низоми маориф ва илм ба талаботи иқтисоди рақамӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Дар ин фосила, равандҳои ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, рушди таҳсилоти фосилавӣ, такмили инфрасохторҳои рақамӣ ва ташкили муҳити мусоиди таҳқиқоти илмӣ ва навоварӣ ба марҳилаи сифатан нав ворид гардиданд.

Дар мақолаи мавриди назар марҳилаи аввали ислоҳот, яъне, солҳои 2000-2010 мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода мешавад.

Ислоҳоти соҳаи маориф ва илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ибтидои солҳои 2000-ум оғоз ёфтаанд, ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат баррасӣ мешаванд. Ин марҳилаи таърихӣ, ки солҳои 2000-2010-ро фаро мегирад, асосан, ба барқарорсозии низоми маориф, таҳкими инфрасохтори таълимӣ ва гузоштани заминаи мустаҳками ислоҳоти стратегӣ равона гардидааст. Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ин раванд ҳамчун яке аз афзалиятҳои муҳимтарини сиёсати давлатӣ шомил шудааст. Ҳадафи асосӣ аз ин навсозӣ мутобиқ кардани низоми миллии маориф ба талаботи замони муосир ва шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ буд.

Пас аз солҳои пурталотум ва ҷанги шаҳрвандӣ соҳаи маориф дар ҳолати буҳронӣ қарор гирифт. Дар бисёре аз минтақаҳои ҷумҳурӣ муассисаҳои таълимӣ валангор шуданд, омӯзгорони соҳибихтисос тарки касб карданд ва дастрасӣ ба таҳсил коҳиш ёфт. Аз ин рӯ, аз ибтидои солҳои 2000-ум зарурати амалӣ кардани ислоҳоти фарогир ва муассир дар соҳаи маориф ба миён омад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ таъкид шудааст: «Имрӯз аз 100 ҳазор омӯзгор камтар аз 62 ҳазор нафарашон маълумоти олӣ доранд. Дар бисёр мактабҳо на танҳо омӯзгорони фанҳои физикаю математика, забонҳои русӣ ва англисӣ, балки омӯзгорони забон ва адабиёти

тоҷик низ ба андозаи зарурӣ вуҷуд надоранд. Ҳарчанд Ҳукумат барои барқарорсозии инфрасохтори мактабҳои миёна, сохтмон ва ҷиҳозонидани синфхонаҳо бо ёриҳои башардӯстона миллионҳо доллар харҷ кардааст, ҳолати муассисаҳо ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ нест» [6].

Дар ин марҳила таваҷҷуҳи асосӣ ба барқарорсозии инфрасохтори соҳаи маориф равона гардид. Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус, солҳои 2005, 2008 ва 2010 таъкид мешавад, ки пас аз давраи бесуботии сиёсӣ ва иқтисодӣ, фароҳам овардани муҳити мусоиди таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва таҳкими заминаҳои моддӣ ва техникии онҳо яке аз вазифаҳои муҳимтарини соҳа мебошад. Ҳамзамон, ҳавасмандсозии омӯзгорон ва беҳтар кардани вазъи иҷтимоиву касбии онҳо ҳамчун омили калидӣ дар баланд бардоштани сифати таълим мавқеи хос пайдо намуд. «Ҳукумати Тоҷикистон илму маорифро ҳамчун захираҳои стратегии пешрафти кишвар арзёбӣ мекунад ва барои баланд бардоштани маърифатнокии аҳолӣ ва беҳтар кардани вазъи иҷтимоии кормандони соҳаи илму маориф мунтазам тадбирҳои зарурӣ меандешад. Аз моҳи январи соли 2005 то имрӯз музди меҳнати кормандони соҳаи илм 100 фоиз ва маоши омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумӣ 70 фоиз афзоиш ёфтааст, китобҳои дарсӣ бо сифати баланд нашр шудаанд, корҳои сохтмон ва таъмири мактабҳо густариш ёфтаанд ва муассисаҳо бо лавозимоти зарурӣ ва компютерҳо таъмин гардидаанд. Ин иқдомҳо барои фароҳам овардани шароити мусоид ба таълиму тарбияи самарабахши насли наврас замина мегузоранд» [8].

Бо такя ба ҳидоят ва дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ислоҳоти соҳаи маориф, махсусан, таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии он, як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимми стратегӣ таҳия ва ба тасвиб расиданд. Ин санадҳо ба рушди соҳа ва мутобиқсозии низоми таҳсилот ба талаботи замон мусоидат намуданд. «Таҳия ва мавриди қабул қарор ёфтани ҳуҷҷтҳои меъёрии соҳаи маориф дар давоми 20 сол яке аз муваффақиятҳои Истиқлолият мебошад. Дар ин муддат барои ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ зиёда аз 400 санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҷдиди назар, таҳия ва тасдиқ гардиданд» [5, с. 172].

Бо мақсади мутобиқ намудани қоидаву танзимоти соҳаи маориф ба равандҳои нави иҷтимоӣ ва таълимӣ, аз ҷумла, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дар солҳои 2004, 2005, 2006, 2008, 2009 ва 2010 шаш маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Тағйирот ба масъалаҳои танзими идоракунии муассисаҳои таълимӣ, муайянсозии масъулияти ҷонибҳо дар раванди таълиму тарбия, инчунин, тақвияти мақоми омӯзгор нигаронида шуда буданд.

Ҳамзамон, таҳия ва тасдиқи як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимми сиёсӣ ва меъёрии соҳа, аз ҷумла, Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилот, Низомномаҳои намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти томактабӣ, умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёна ва олии касбӣ ва қабули як силсила барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳо ба татбиқи амалии ислоҳоти низомӣ дар соҳаи маориф такони ҷиддӣ бахшиданд. Аз ҷумла:

- «Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010»;
- «Барномаи компютеркунонии мактабҳои маълумоти умумии асосӣ ва миёна барои солҳои 2003-2007»;
- «Барномаи давлатии такмили забономӯзии забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2004-2014»;
- «Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005-2010»;
- «Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф барои солҳои 2006-2015»;

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2006 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон»;

- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.02.2006 оид ба таъсиси «Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф»;

- «Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои солҳои 2008-2010»;

- «Барномаи давлатии таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ барои солҳои 2007-2010»;

- «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015»;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ»;

- «Барномаи давлатии сохтмон, таъмир ва азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ фаъолият доранд»;

- «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ барои солҳои 2008-2015»;

- «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти олии касбӣ барои солҳои 2008-2015».

Ин иқдомҳо шароити зарурии ҳуқуқӣ, ташкиливу молиявиро барои амалисозии ислоҳоти куллӣ дар низоми маориф ва илм фароҳам оварданд ва заминаи устуворро барои рушди минбаъдаи соҳа гузоштанд.

Дар доираи татбиқи ҳадафҳои стратегии давлатӣ, маблағгузорӣ ба соҳаҳои маориф ва илм пайваста афзоиш ёфтааст. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид намудаанд: «Ҳаҷми маблағгузории давлатии соҳа дар давоми ҳафт соли охир қариб сездаҳ маротиба афзудааст, ки ин беш аз чоруним фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Танҳо дар панҷ соли охир барои рушди соҳаи маориф беш аз 1 миллиарду 600 миллион сомонӣ сарф шудааст. Маблағгузории соҳа аз тамоми манбаъҳо дар соли ҷорӣ зиёда аз 690 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли гузашта 40 фоиз зиёд мебошад. Ҳоло дар соҳаи маориф 7 лоиҳаи сармоягузории хориҷӣ ба маблағи умумии 250 миллион сомонӣ амалӣ шуда истодааст. Танҳо дар соли 2007 ва семоҳаи аввали соли 2008 дар доираи ин лоиҳаҳо 230 муассисаи таълимӣ бунёд ва таъмиру таҷдид гардид. Ислоҳоти сохтори идоракунӣ ва низоми маблағгузории соҳа, таҳияи нақшаву барномаҳои нави таълимӣ, интишори китобҳои дарсӣ, бунёди мактабҳо, литсейҳо ва гимназияҳои муосир, инчунин таҷдид ва бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин намудани муассисаҳои мавҷуда, шароити мусоидро барои рушди соҳаи маориф фароҳам овардаанд» [9].

Яке аз масъалаҳои муҳимми дар ин марҳила ба миёномада, омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ буд, ки ҳамчун рукни асосии низоми таълим аҳаммияти махсус пайдо кард. Норасоии омӯзгорони тахассусманд, хусусан дар муассисаҳои таҳсилоти умумии минтақаҳои дурдаст, ба яке аз мушкилоти ҷиддии соҳа мубаддал гашт. Бо дарназардошти ин вазъ, Пешвои миллат дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олӣ (солҳои 2004-2005) ба зарурати ислоҳоти кадрӣ ва баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисони соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. Аз ҷумла, таъкид карданд:

«Тарбияи кадрҳо, хусусан, барои соҳаи маориф, таъмини сифати таҳсил ва сатҳи баланди дониш, дуруст ҷобаҷо намудани мутахассисони ҷавон ва фароҳам овардани шароити муносиби корӣ барои онҳо, пеш аз ҳама дар деҳот, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин ба ҳисоб мерававнд, ки бояд ҳамеша дар маркази диққати Вазорати маориф ва ҳукуматҳои маҳаллӣ қарор дошта бошанд» [7].

Бо дарназардошти ин супоришҳо, соли 2005 «Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005-2010» қабул гардид. Ин барнома ҳамчун як санади муҳим ва заминаи сиёсати кадрӣ дар соҳаи маориф нақши муассир

бозида, ба беҳтар шудани омодасозии кадрҳо ва таъмини муассисаҳои таълимӣ бо мутахассисони соҳибтахассус замина гузошт.

«Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005-2010» дар заминаи таҳлили ниёзҳои воқеии кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия гардид. Ҳадафи асосии он таъмини муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони соҳибихтисос, коҳиш додани нобаробарии сатҳи таълим миёни минтақаҳои шаҳрӣ ва деҳот, инчунин, баланд бардоштани сифати таҳсилот буд.

Дар натиҷаи татбиқи ин барнома як қатор нишондиҳандаҳои мусбат ба даст омаданд. То соли 2010 аксари муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо омӯзгорони дорои тахассуси лозимӣ таъмин гардиданд. Дар муқоиса бо соли 2004, шумораи духтарони аз деҳот ба муассисаҳои таҳсилоти олии равияи омӯзгорӣ ҷалбшуда ба таври назаррас афзоиш ёфт. Барои рафъи мушкили норасоии кадрӣ дар минтақаҳои камнуфус ва дурдаст, таъсиси квотаҳои президентӣ нақши муассир бозид. Ин иқдом ба ҷавонони лаёқатманд, бахусус, духтарони деҳот, имконият фароҳам овард, ки таҳсилро дар равияҳои омӯзгорӣ идома диҳанд.

Бо вуҷуди пешрафтҳо, мушкили нарасидани кадрҳои соҳибтахассус пурра ҳал нашуд. Ба гуфти муҳаққиқон: «Дар оғози соли таҳсили 2002-2003 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар 7 ҳазору 542 нафар омӯзгор намерасид. Тадбирҳои амалӣ шуда тавонистанд то андозае ба ҳалли масъала мусоидат намоянд ва ин рақам то ба 2 ҳазору 969 нафар коҳиш дода шуд» [3, с. 32].

Бо назардошти натиҷаҳо ва ниёзҳои боқимонда, марҳилаи дуюми Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2011-2016 қабул гардид. Ин барнома ба таҳкими низоми омодасозии кадрҳо ва беҳтар кардани сифати таълим дар тамоми зинаҳои таҳсилот таъсири мусбат расонид.

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият, дастгирии кадрҳои ҷавон дар соҳаи маориф ва ҷалби устувори онҳо ба фаъолиятҳои касбӣ дар муассисаҳои таълимӣ, хусусан, дар минтақаҳои дурдасту кӯҳистон мебошад. Дар ин замина, бо ташаббус ва роҳнамоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, тадбирҳои мушаххаси ҳавасмандсозӣ ва пуштибонии иҷтимоӣ амалӣ гардиданд, ки мақсади онҳо таҳкими иқтидори кадрии низоми маориф ва тақвияти нуфузи касби омӯзгорӣ буд.

Санади дигари муҳимми амалигардида дар ин самт, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2006 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» мебошад. Тибқи ин қарор, омӯзгорони ҷавоне, ки соҳиби маълумоти олии касбӣ буда, ба фаъолият дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷалб шудаанд, дар се соли аввал аз як қатор имтиёзҳои иҷтимоиву иқтисодӣ бархӯрдор гардиданд. Ин имтиёзҳо чунинанд: додани қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ бидуни навбат; ҷудо намудани қитъаҳои замин барои боғдориву полезкорӣ (дар минтақаҳои кӯҳӣ – вобаста ба имконияти мақомоти маҳаллӣ); пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок барои харидории чорвои калони шохдори ширдеҳ ё таъсиси оилаҳои занбӯри асал. "Дар муддати 8 соли амалишавии қарори мазкур 4 ҳазору 608 нафар омӯзгори ҷавон аз ин имтиёзҳо истифода бурдаанд. Аз ҷумла 2 ҳазору 792 нафар бо замини наздиҳавлӣ, 514 нафар бо замини полезкорӣ ва боғдорӣ таъмин карда шуда, 1302 нафар қарзи имтиёзнок гирифтанд" [3, с. 35].

Ҳамзамон, бо мақсади боло бурдани мақоми иҷтимоии омӯзгор ва қадршиносии саҳми онҳо дар рушди маърифат, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2006 оид ба таъсиси «Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф» низ қабул гардид. Тибқи ин санад, ҷоиза ба 5 нафар омӯзгори беҳтарин дода шуда, ҳаҷми он 2000 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Ҷоиза дар ду сол як маротиба супурда мешавад ва он на танҳо як шакли қадрдонӣ, балки воситаи муассири рӯҳбаландсозӣ ва ҳавасмандгардонии омӯзгорон маҳсуб меёбад.

Иқдомҳои зикршуда ба баланд бардоштани нуфузи касби омӯзгорӣ, ҷалби ҷавонони лаёқатманд ба муассисаҳои таълимӣ ва бартарафсозии нобаробарии таълимӣ байни шаҳр ва деҳот мусоидат намуданд. Бо вуҷуди муваффақиятҳо, мушкилоти марбут ба норасоии кадрҳои тахассусманд дар баъзе минтақаҳо боқӣ монда, зарурати таҳкими минбаъдаи сиёсати кадрӣ ва пуштибонии иҷтимоиро ба миён гузоштааст. Вобаста ба ин, «вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин дигар мақомоти давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки то соли 2018 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо омӯзгорони сатҳи баланди касбӣ пурра таъмин карда, ба Ҳукумат ҷиҳати тайёр кардани мутахассисони дигар соҳаҳо пешниҳод манзур намоянд» [13].

Дар даҳсолаи аввали асри XXI омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус, забонҳои русӣ ва англисӣ, ба унсури калидии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт. Ин раванд дар заминаи зарурати ҳамгироӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, рушди захираҳои инсонӣ ва мутобиқшавӣ ба фазои иттилоотии муосир ташаккул ёфт.

Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ омӯзиши забонҳои хориҷиро дар меҳвари сиёсати маориф қарор дода, барои татбиқи амалии он заминаҳои барномавӣ ва меъёрии заруриро фароҳам оварданд. Ба таъкиди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «зиндагии оянда аз наслҳои нав саводу маърифати баланд, ҷаҳонбинии васеъ, дониши амиқ, донистани техникаву технологияи навтарин ва забондониро ба таври қатъӣ талаб мекунад» [4]. Маҳз бо дарназардошти чунин ниёзмандӣ, бо мақсади густариши омӯзиши забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, русӣ ва англисӣ, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид.

Мақомоти дахлдори соҳаи маориф, муассисаҳои таълимӣ ва сохторҳои марбут ба таълиму тарбияи насли наврас вазифадор шуданд, ки иҷрои муқаррароти ин фармонро ба таври ҳатмӣ ва пайгирона таъмин намоянд. Тавре дар Паёми Президенти кишвар зикр шудааст: «Бори дигар таъкид менамоям, ки бе надонистани якчанд забони хориҷӣ роҳи наслҳои оянда ба сӯи пешрафт баста мегардад» [4].

Аз андешаҳои Роҳбари давлат бармеоянд, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ на танҳо ҷузъи муҳимми барномаҳои таълимӣ, балки омили таҳкими савияи фарҳангӣ, илмию зеҳнӣ ва рақобатпазирии шаҳрвандон дар бозори меҳнати дохилию байналмилалӣ маҳсуб меёбад. Дар Паёми дигар, Сарвари давлат таъкид менамоянд: «Омӯзиши ҳатмии забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, русӣ ва англисӣ, аз ҷумлаи равандҳое мебошад, ки бояд таҳти назорати доимӣ қарор дошта бошанд. Дар ҷаҳони имрӯза забондонӣ ва малакаи кор бо техникаи компютерӣ ба яке аз меъёрҳои асосии интихоби кадрҳо табдил ёфтааст. Ҳоло вақти он расидааст, ки мо низ ин меъёрро дар ҷомеаи худ татбиқ намоем. Албатта, ҳалли ин масъала кори якрӯза нест ва он бояд оқилона, дурбинона ва тадриҷан амалӣ гардад» [11].

Бо дарназардошти чунин дидгоҳи стратегӣ, «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2004-2014” таҳия ва тасдиқ гардид. Ин барнома омӯзиши забонҳоро дар тамоми зинаҳои таҳсилот тақвият бахшида, имкониятҳои амалии забономӯзиро тавсеа дод. Ҳамзамон, барнома ба самтҳои зерин таваҷҷуҳи хос зоҳир намуд: бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони забонҳои хориҷӣ; таъмини муассисаҳои таълимӣ бо китобу маводи муосири таълимӣ ва воситаҳои техникии нав; таъсиси марказҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар минтақаҳо; мусоидат ба воридсозии технологияҳои иттилоотӣ ба равандҳои таълимӣ. Ҳамин тартиб, ин иқдомҳо ба рушди устувори забономӯзӣ дар кишвар мусоидат намуда, заминаи муҳим барои омода кардани кадрҳои рақобатпазир дар шароити ҷаҳонишавӣ фароҳам сохтанд. «Ҷиҳати татбиқи амалии ин Барномаи давлатӣ Вазорати маориф як қатор чораҳои судманд андешида, дар нақшаи таълимии мактабҳои таҳсилоти умумӣ

миқдори соатҳоро барои омӯзиши забони русӣ аз 22 ба 25 соат дар як ҳафта расонид. Ҳоло дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ аз синфи 2 то 11 фанни забони русӣ ва аз синфи 3 то 11 фанни забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ таълим дода мешавад» [5, с. 120].

Дар зинаи таҳсилоти касбӣ низ барои татбиқи амалии барномаи мазкур як қатор чораҳои судманд андешида шуд. Аз ҷумла, «дар нақшаи таълимӣ аз ҳисоби соатҳои захиравӣ 80 соат барои омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ илова карда шуд. Бо назардошти ин дар блоки якуми нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ фанни забони русӣ ва забонҳои хориҷӣ ҳамчун фанҳои ҳатмӣ дохил карда шуданд» [3, с. 35]

Бо мақсади боз ҳам тақвият бахшидан ба сатҳи таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ, марҳилаи дуюми амалисозии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши ин забонҳо дар муассисаҳои таълимии кишвар барои солҳои 2015-2020» қабул ва татбиқ гардид. Бо вуҷуди андешидани тадбирҳои муайян, натиҷаҳои бадастомада ҷавобгӯйи талабот ва интизориҳои Сарвари давлат нестанд. Дар ин замина, дар суханронии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид шудааст: «Ҳоло марҳалаи сеюми амалисозии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» оғоз ёфтааст, вале то имрӯз дар ин самт пешрафти назаррас ба мушоҳида намерасад. Масалан, норасоии омӯзгорони фанҳои забони русӣ ва англисӣ дар бисёре аз ноҳияҳои дурдаст яке аз мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб меравад» [1].

Ин изҳорот нишон медиҳад, ки барои расидан ба ҳадафҳои дарозмуддати Барномаи давлатии мазкур зарурати андешидани чораҳои иловагӣ, аз ҷумла, ҷалби кадрҳои соҳибихтисос, ташкили курсҳои такмили ихтисос, истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ ва таҳияи маводи таълимии муосир хеле муҳим мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавии иттилоот ва рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, истифодаи васеи технологияҳои компютерӣ ба яке аз омилҳои муҳимми рушди низоми маориф ва баланд бардоштани сифати таҳсилот табдил ёфтааст. Дар ҳамин замина, сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ба рақамикунонии муҳити таълимӣ нигаронида шуда, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири низоми таҳсилот эътироф гардидаанд. Тавре Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд: «Вақте мо дар бораи тарбияи наслҳои нав – ояндаи миллат сухан меронем, фаромӯш набояд кунем, ки онҳо бояд дар мактабҳое, ки бо таҷҳизоти замонавӣ, аз ҷумла компютер муҷаҳҳазанд, таҳсил намоянд. Устодони хуб таълимгирифта, китобҳои дарсии ба шароити истиқлолият ва мушаххасоти миллӣ ҷавобгӯ дошта бошанд. Зиндагии оянда аз наслҳои нав саводу маърифати баланд, ҷаҳонбинии васеъ, дониши амиқ, донистани техникаву технологияи навтарин ва забондониро ба таври қатъӣ талаб мекунад» [4].

Бо дарки аҳаммияти истифодаи технологияи иттилоотӣ дар низоми таълим, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидои солҳои 2000-ум ба татбиқи барномаҳо компютеркунонӣ оғоз намуд. Дар ин самт, ду санади муҳим – «Барномаи компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти умумии асосӣ ва миёна барои солҳои 2003-2007» ва «Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои солҳои 2008-2010» бо дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат таҳия ва амалӣ карда шуданд. Барномаҳои мазкур ҳадафҳои зайлро дар бар мегирифтанд:

- таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо компютерҳои муосир;
- таъсиси синфхонаҳои компютерӣ ва марказҳои ТИК дар минтақаҳои кишвар;
- ворид намудани омӯзиши фанни технологияҳои иттилоотӣ ба зинаҳои асосӣ ва миёнаи таҳсилот;
- омодасозии омӯзгорон барои истифодаи компютер ва шабакаҳо;
- пайвасти муассисаҳои таълимӣ ба шабакаи ҷаҳонии Интернет.

Дар давраи татбиқи марҳилаи аввал (2003-2007), омӯзиши фанни "Асосҳои техникаи компютерӣ ва технологияи информатсионӣ" дар муассисаҳои таълимӣ густариш ёфт. Барои нахустин бор дар кишвар китобҳои таълимӣ бо забони тоҷикӣ дар ин самт таҳия ва чоп гардиданд: "Дар муассисаҳои таълимӣ соатҳои таълими фанни асосҳои техникаи компютерӣ зиёд шуда, омӯзиши он аз синфи 7 то 11 ҷорӣ гардид. Дар ин муддат бо мақсади амалӣ шудани барномаи мазкур бори аввал дар кишвар бо забони тоҷикӣ китобҳои таълимии "Асосҳои техникаи компютерӣ ва технологияи информатсионӣ" чоп шуданд" [5, с. 118-119]. Ҳамчунин, "тибқи Барномаи компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии мамлакат зиёда аз 3100 мактаб бо 25 ҳазор компютер таъмин гардид ва ба 675 ҳазор хонанда имконияти омӯзиши техникаи компютерӣ фароҳам оварда шуд. Дар доираи барномаи зикршуда компютерикунонии муассисаҳои таълимии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ноҳияҳои водии Рашт баъзе шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе ба анҷом расид" [10].

Барномаҳои компютеркунонии солҳои 2003-2010 дар таърихи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ҳамчун марҳилаи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ ва иттилоотӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Онҳо на танҳо инфрасохтори техникии муассисаҳои таълимиро такмил доданд, балки заминаи воқеӣ барои воридсозии технологияҳои иттилоотӣ ба равандҳои таълим ва тарбия муҳайё намуданд. Ҳамзамон, ин барномаҳо:

- ҷузъи ТИК-ро ба унсури ҳатмии низоми таълимӣ табдил доданд;
- малакаҳои техникии хонандагон ва омӯзгоронро дар самти истифодаи технологияҳои муосир такмил бахшиданд;
- заминаи ҳуқуқӣ ва методии татбиқи сиёсати давлатии ТИК-ро дар дигар соҳаҳо таҳким бахшиданд.

Дар солҳои минбаъда марҳилаҳои дигари барномаҳои компютеркунии муассисаҳои таълимӣ идома ёфтанд. Дар маҷмӯъ, Барномаҳои компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар давраи солҳои 2003-2010, ки бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардиданд, намунаи барҷастаи сиёсати оқилона ва дурбинона дар самти маориф ва илм маҳсуб мешаванд. Ин барномаҳо заминаи устувор барои гузариш ба таҳсилоти рақамӣ гузошта, рушди ҳаматарафаи муҳити таълимиро таъмин намуданд ва ба вусъати маърифати техникӣ дар ҷомеа такон бахшиданд.

Иқдомҳои мазкур дар марҳилаҳои минбаъдаи рушди рақамикунонии соҳаи маориф, аз ҷумла, дар доираи «Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2012-2020» ва «Низоми таҳсилоти рақамӣ барои солҳои 2021-2025» идома ёфтанд ва барои таъмини рушди устувор ва мутобиқшавии низоми таҳсилот ба талаботи асри XXI мусоидат карданд.

Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, махсусан, дар солҳои 2007-2010 борҳо таъкид шудааст, ки яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи маорифи кишвар бартараф сохтани мушкилоти марбут ба инфрасохтори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад. Аз ҷумла, «Ҳукумати мамлакат бо мақсади таълиму тарбияи насли бомаърифату соҳибҳунар, содиқ ба арзишҳои милливу фарҳангии гузаштагон ва мутобиқгардонии низоми таълим ба меъёрҳои байналмилалӣ, ислоҳоти соҳаи маорифро вусъат дода, онро марҳила ба марҳила татбиқ менамояд. Бо ин мақсад, соли гузашта Барномаи давлатии сохтмон ва таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015 қабул гардид, ки маблағи умумии он 590 миллион сомониро дарбар мегирад. Дар доираи барнома беш аз 800 мактаб дар саросари мамлакат бунёд ва таъмиру азнавсозӣ хоҳанд шуд» [10].

Ҳадафи асосии барномаи мазкур аз бартараф намудани муассисаҳои таълимие иборат буд, ки дар биноҳои ғайримуносиб (аз қабили хонаҳои истиқоматии шахсӣ,

вагонхонаҳо, биноҳои маъмурӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ) ҷойгир шуда буданд. Ҳамчунин, барнома ба бунёди мактабҳои нав дар маҳалҳои сераҳолӣ ва фароҳамсозии муҳити мусоиди таълимӣ, мутобиқ ба талаботи санитарӣ ва педагогӣ равона шуда буд.

«Барномаи давлатии сохтмон, таъмир ва азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015», ки бо ибтикор ва роҳнамоии Пешвои миллат роҳандозӣ гардид, яке аз бузургтарин иқдомҳои инфрасохтории соҳаи маориф дар даврони истиқлолият ба ҳисоб меравад. Барномаи мазкур натанҳо заминаи мусоидро барои татбиқи стандартҳои нави таҳсилот ва густаришиислоҳоти таълимӣ муҳайё намуд, балки ба беҳсозии сифати таҳсил ва фарогирии он мусоидат кард. Тибқи маълумоти оморӣ «Дар зарфи ду сол 113 муассисаи таълимӣ аз хонаҳои шахсӣ ва 78 мактаб аз вагонхонаҳо кӯчонида шуданд. Илова бар ин, 91 мактаби дар ҳолати садамавӣ қарордошта пурра азнавсозӣ гардида, 85 муассиса аз таъмири асосӣ бароварда шуд» [5, с. 127-128].

Дар давраи солҳои 2001-2010 дар самти бунёди муассисаҳои нави таълимӣ ва таҷдиду барқарорсозии биноҳои мактабӣ пешрафтҳои чашмрас ба амал омаданд, ки дар таҳкими пояҳои моддӣ-техникӣ ва тақвияти минбаъдаи ислоҳоти соҳа нақши муассир бозиданд. Аз ҷумла, дар ин давра садҳо мактаби нав сохта шуда, муассисаҳои мавҷуда таъмир ва бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин гардиданд. «Тавассути дастгирии Ҳукумати мамлакат бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳои инвеститсияи хориҷӣ 854 мактаб барои 189193 ҷойи нишаст сохта ба истифода дода шудааст» [5. с.128].

Татбиқи барномаҳо ва тадбирҳои дар боло зикршуда бар пояи дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат амалӣ гардида, заминаи устувори инфрасохторӣ барои татбиқи стандартҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилро фароҳам овард. Илова бар ин, бо истифода аз имкониятҳои буҷети давлатӣ, барномаҳои сармоягузории давлатӣ ва кумаки шарикони рушд, равандҳои таъмиру таҷдид бо суръати баланд ба роҳ монда шуданд. Умуман, дар тӯли 20 соли соҳибистиқлолӣ «бевосита тавассути дастгирӣ ва ғамхориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси ҷумҳурӣ дар солҳои 1992-2010 зиёда аз 2000 бинои мактаб сохта ба истифода дода шудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи Истиқлолияти ҷумҳурӣ схтмони мактабҳо нисбат ба солҳои 80-уми асри гузашта 1,6 маротиба зиёд гардидааст» [5, с.180-181].

Таҷрибаи солҳои зикршуда нишон медиҳад, ки бидуни фароҳам овардани шароити мусоиди моддӣ-техникӣ, татбиқи ислоҳоти амиқ дар соҳаи маориф ва баланд бардоштани сифати таҳсилот номумкин хоҳад буд.

Натиҷаҳои бадастомада дар самти сохтмон, азнавсозӣ ва таҷдиди муассисаҳои таълимӣ дар солҳои 2007-2010 аз татбиқи муваффақонаи сиёсати инфрасохтории соҳаи маориф шаҳодат медиҳанд. Барномаҳои марбут ба бунёди мактабҳои нав ва бартарафсозии муассисаҳои таълимии ғайримуносиб, ки бо ибтикори бевоситаи Пешвои миллат роҳандозӣ гардиданд, дар таҳкими пояҳои моддӣ-техникии маориф ва амалӣ гардидани стандартҳои нави таълим нақши ҳалкунанда бозиданд. Таърих ва таҷриба собит месозад, ки рушди устувори соҳаи маориф ба сатҳи баланди банизомдарории инфрасохтории он сахт вобаста аст.

Аз соли 2005 то 2010 дар бахши иқтисодӣ ва молиявии соҳаи маориф ислоҳоти муҳимму назаррас амалӣ гардиданд. Яке аз самтҳои калидии ин ислоҳот такмил ва таҳкими низоми маблағгузории соҳа мебошад, ки дар таъмини шаффофият, адолати иҷтимоӣ ва самаранокии хароҷоти буҷетӣ нақши муҳим дорад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ иброз намуда буданд: «Дарояндаи наздик дар тамоми муассисаҳои таълимии кишвар ҷорӣ кардани тартиби нави маблағгузорӣ ва ҷиҳати дастгирии оилаҳои камбизоат ва ҳарчи бештар ба таълим фаро гирифтани фарзандони онҳо ҷорӣ намудани маблағгузории сарикасии хонандагон пешбинӣ гардида, ба рушди муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ низ афзалият дода хоҳад шуд» [9].

Татбиқи модели маблағгузории сарикасӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ яке аз дастовардҳои асосии соҳаи маориф дар замони истиқлолият ба ҳисоб меравад. Низоми нав бо мақсади тақсимоти одилонаи маблағҳои буҷетӣ ва истифодаи ҳадафманди онҳо ҷорӣ гардида, заминаи васеъро барои таҳкими истиқлолияти молиявии муассисаҳои таълимӣ фароҳам овард.

Марҳалаи таҷрибавии гузариш ба низоми сарикасӣ аз соли 2005 оғоз шуда, муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳрҳои Кӯлоб, Хуҷанд, Хоруғ, Ваҳдат ва ноҳияи Ёвон аввалин шуда ин моделро татбиқ намуданд. Минбаъд ин таҷриба дар солҳои 2007-2008 ба дигар шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла Бобоҷон Ғафуров, Шуғнон, Шаҳринав, Сарбанд (Леваканд), Гулистон, Бӯстон, Норак, ноҳияҳои Сино, Фирдавсӣ, Исмоили Сомонӣ, Рӯдакӣ, Турсунзода ва Ҳисор густариш ёфт. Ниҳоят, то соли 2010 тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар ба низоми маблағгузории меъёрӣ пурра гузаронида шуданд.

Ҳадафи асосии ин ислоҳот – таъмини истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва вусъати имкониятҳои худидоракунии муассисаҳои таълимӣ дар заминаи танзими захираҳои молиявию инсонии худ мебошад. Низоми сарикасӣ ба натиҷагирии муассисаҳои таълимӣ асос ёфта, дар иртиботи зич бо дигар самтҳои ислоҳоти соҳа, аз қабили баланд бардоштани сифати таҳсилот, навсозии инфрасохтор ва баланд бардоштани маоши омӯзгорон татбиқ мешавад.

Ба таъкиди таҳлилгарон, таъсири мусбии ин модел дар баланд гардидани нишондиҳандаҳои самаранокии хароҷоти буҷетӣ ва самаранокии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мушоҳида мегардад. Масалан, агар соли 2005 таносуби хонанда ба синф дар ноҳияҳои таҷрибавӣ ба ҳисоби миёна 21 нафарро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2010 ба 22 ва соли 2015 ба 23 нафар расидааст. Ҳамин тариқ, таносуби хонанда ба як омӯзгор аз 17 нафар дар соли 2005 ба 19 нафар дар соли 2015 афзоиш [3, с.164].

Ислоҳоти молиявӣ дар соҳаи маориф, бахусус гузариш ба низоми маблағгузории сарикасӣ, яке аз иқдомҳои муваффақ дар замони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад. Ин модели маблағгузорӣ бо фароҳам овардани имкониятҳои нави идоракунии муассисаҳои таълимӣ ва истифодаи самараноки захираҳо ба таҳкими шаффофият ва баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат намудааст. Дар шароити ҷаҳони муосир, ки таҳсилоти босифат заминаи рушди устувори миллӣ маҳсуб меёбад, идомаи чунин ислоҳот аҳамияти стратегӣ дорад.

Китоби дарсӣ яке аз муҳимтарин васоити таълимӣ дар низоми таҳсилот ба ҳисоб рафта, на танҳо ҳамчун манбаи дониш, балки ҳамчун воситаи ташаккули ҷаҳонбинӣ, маърифат ва ҳувияти миллӣ шинохта мешавад. Бо назардошти зарурати ислоҳоти соҳаи маориф, масъалаи таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ ба сифати афзалияти сиёсати давлатӣ пазируфта шудааст. Дар ин маврид соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки «бояд стандартҳои ҳамаи дараҷаҳои таълим бо дарназардошти дастгирии молиявии давлат ва рушди демографӣ таҷдиди назар гардида, мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ, инчунин воситаҳои аёнӣ ва асбобу ашёи таълимӣ ба талаботи давлати миллии муосир мутобиқ карда шаванд»[2]. Дар ин замина, “Барномаи давлатии таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ барои солҳои 2007–2010”, ки дар асоси Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ таҳия ва қабул гардидааст, қадами муҳим дар низоми ислоҳоти соҳаи маориф, бахусус, таҳсилоти миёнаи умумӣ арзёбӣ мегардад.

Барномаи мазкур ба ҳалли мушкилоти ҷиддии он давра, яъне, норасоии китобҳои дарсӣ равона гардида буд. Аз ҷумла, навсозии мазмуни таҳсилот дар сатҳи таҳсилоти умумӣ, таҳияи китобҳои дарсӣ бо назардошти стандартҳои нави таълимӣ, ҳамоҳангсозии китобҳо бо барномаҳои таълимии нав, таъмини мактабҳои таҳсилоти умумӣ бо китобҳои дарсӣ дар тамоми кишвар, бахусус, деҳот ва минтақаҳои дурдаст,

баланд бардоштани сифати нашр, дизайни полиграфӣ ва муқовабандии китобҳо, ҷалби мутахассисон ва олимони соҳа ба таҳияи китобҳои нав.

Дар натиҷаи амалӣ гардидани барномаи мазкур оид ба ҳадафҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф як қатор муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда шуд: китобҳо барои фанҳои асосии зинаи таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла, забон ва адабиёт, математика, таърих, табиатшиносӣ, ҷуғрофия, кимиё, физика, биология ва ғайра аз ҷониби гурӯҳҳои кории мутахассисон, омӯзгорони соҳибтаҷриба ва олимон таҳия ва омода шуданд, дар таҳияи китобҳо аҳаммияти ҷиддӣ ба арзишҳои таърихӣ, миллӣ, фарҳангӣ дода шуд. “Дар доираи ин барнома нашри китобҳои дарсӣ барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии таълимашон ба забони тоҷикӣ пурра ба анҷом расид. Нашри такрории қисми зиёди китобҳои дарсии солҳои 2001-2005 нашршуда низ анҷом дода шуд. Барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии таълимашон бо забонҳои ақаллиятҳои миллӣ низ Вазорати маориф чопи китобҳоро ба роҳ монда, мушкилоти дар ин самт мавҷударо давра ба давра ҳал намуд” [5, с.126-127].

Барномаи давлатии таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ барои солҳои 2007-2010 яке аз иқдомҳои муҳим ва саривақтии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ислоҳоти соҳаи маориф ба шумор рафта, барои таҳкими пояҳои маърифати миллӣ ва боло бурдани сатҳу сифати таълим заминаи устувор гузошт. Маҳз дар натиҷаи амалисозии ин барнома, китобҳои дарсӣ бо мундариҷаи нав ва омодагии илмӣ ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ роҳ ёфтанд. Бино ба маълумоти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар ҳамин давра Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 200 номгӯи китобҳои дарсиро ба нашр расонид» [5, с.126-127].

Ҳамин тариқ, Барномаи мазкур ҳамчун қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ дар самти ислоҳоти маориф, на танҳо ба ҳалли масъалаи дастрасии китобҳои дарсӣ мусоидат кард, балки дар ташаккули низоми таҳияи маводи таълимии мутобиқ ба арзишҳои миллию давлатӣ ва талаботи асри муосир саҳми муассир гузошт.

Минбаъд қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адабиёти таълимӣ» (№1122, аз 26 июли соли 2014) низ марҳилаи муҳимми танзими ҳуқуқии фаъолияти марбут ба таҳия, истеҳсол ва истифодаи адабиёти таълимӣ дар низоми миллии маориф маҳсуб меёбад. Ин қонун заминаи ҳуқуқӣ ва меъёрии заруриро барои ба роҳ мондани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таҳия ва нашри адабиёти таълимӣ муҳайё намуда, инчунин, кафолатҳо ва талаботи давлатии муайянро нисбат ба муҳтаво, сифат ва истифодаи он муайян месозад. Ҳамчунин, бо дарназардошти аҳаммияти стратегӣ доштани мазмуну муҳтавои адабиёти таълимӣ дар такмили низоми таълим, таҳкими иқтидори зеҳнии наслҳои оянда «Низомномаи намунавӣ оид ба таҳия, экспертиза ва нашри адабиёти таълимӣ» таҳия ва мавриди амал қарор дода шуд. Ин низомнома равандҳои марбут ба таҳия, арзёбӣ, мувофиқа ва нашри адабиёти таълимиро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба ба танзим медарорад. Иқдоми мазкур, аз як ҷониб, ҷиҳати таъмини шаффофият ва масъулият дар раванди таҳияи китобҳои дарсӣ ва дигар маводи таълимӣ замина гузошт, аз ҷониби дигар, ба баланд бардоштани сифати омӯзиш ва таълиму тарбияи хонандагону донишҷӯён мусоидат менамояд. Ҳамзамон, он шароити мусоиди меъёрию ҳуқуқиро барои ҷалби мутахассисон, коршиносон ва муассисаҳои тахассусӣ дар самти таҳия ва таҳрири адабиёти таълимӣ фароҳам овард.

Дар маҷмуъ, қабули ин санадҳо яке аз марҳилаҳои калидии сиёсати давлатӣ дар соҳаи таълиму тарбия арзёбӣ гардида, ҳадафи он ба рушди пайгиронаи низоми миллии таҳсилот, такмили муҳтавои таълим ва мутобиқсозии он ба талаботи замони муосир равона шудааст.

Таҳсилоти касбӣ яке аз бахшҳои муҳимми низоми маориф ба ҳисоб меравад, зеро омодасозии кадрҳои соҳибихтисос барои истеҳсолот ва дигар бахшҳои иқтисоди миллӣ заминаи асосии пешрафти устувори ҷомеа ва давлат мебошад. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ низоми таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор

мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Аз ҷумла, таҷҳизоти фарсуда, муҳити номуносиби таълим, барномаҳои кӯҳнаи таълимӣ ва мутобиқ набудан ба талаботи бозори меҳнат боиси коҳиши обрӯи ин зинаи таҳсилот гардиданд.

Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олӣ зарурати ислоҳоти амиқи низоми таҳсилоти касбиро таъкид намуда, иброз доштанд: “дар баробари зиёд гардидани шумораи хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ роҳбарони муассисаҳои таълимӣ пеш аз ҳама, бояд ба сифати таълиму тарбия таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд, барои тақвият додани асосҳои моддиву техникии таълимгоҳҳо, бунёди лабораторияҳо, кабинетҳои методӣ, устохонаҳои таълимӣ, китобхонаҳои электронӣ ва таъмиру бунёди хобгоҳҳои замонавӣ чораҳои зарурӣ андешанд [2].

Дар заминаи ин ҳидоятҳо як қатор ҳуҷҷатҳои стратегии муҳим таҳия ва қабул гардиданд, аз ҷумла: «Консепсияи давлатии ислоҳоти соҳаи таҳсилот ва таълими ибтидоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ барои солҳои 2008-2015».

Мақсади асосии ин тадбирҳо таҳкими заминаҳои моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, бартарафсозии норасоии кадрҳои омӯзгорӣ, мутобиқсозии барномаҳои таълим ба талаботи бозори меҳнат ва рушди ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ буд.

Дар доираи татбиқи ҳуҷҷатҳои мазкур муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (литсейҳо, коллеҷҳо, омӯзишгоҳҳо) ба таъмир, таҷдид ва қисман навсозӣ фаро гирифта шуданд. Таҷҳизоти муосир, лабораторияҳо, кабинетҳои методӣ, устохонаҳои таълимӣ ва китобхонаҳои электронӣ харидорӣ ва ҷойгир карда шуданд. Бо дастгирии лоиҳаҳои байналмилалӣ утоқҳои фаннӣ ва коргоҳҳои истеҳсолии намунавӣ таъсис дода шуданд. Қисми зиёди омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ курсҳои такмили ихтисосро гузаштанд ва бо барномаҳои донишгоҳҳои хориҷӣ ҳамкориҳо барқарор гардиданд. Инчунин, вазорату идораҳои дахлдор бо мақсади мутобиқ сохтани мундариҷаи таълим ба ниёзҳои бозори меҳнат таҳқиқоти соҳавӣ анҷом дода, талаботи воқеӣ ба ихтисосҳои замонавӣ, аз қабили технологияи иттилоотӣ, муҳандисии сохтмон, энергетика, хизматрасонии маишӣ ва кишоварзиро муайян намуданд. Барномаҳои таълимӣ бозбинӣ шуда, низоми модулӣ ба таври таҷрибавӣ ҷорӣ гардид.

Дар Паёмҳо ва санадҳои дахлдор, ҳамчунин, ба масоили институтсионалӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида, такмили сохтори муассисаҳо пешбинӣ шуд. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, техникумҳои миёнаи махсус ба коллеҷҳои наздидонишгоҳӣ табдил ёфтанд ва қисми зиёди омӯзишгоҳҳо низ бо шаклу мундариҷаи нав ба фаъолияти худ идома доданд: «Дар даврони Истиқлолият на танҳо мазмуни таҳсилот дар ин зина тағйир ёфт, балки муассисаҳои таълимӣ ба худ шакл ва мазмуни нав пайдо карданд. Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ба зинаи якуми мактабҳои олӣ дохил намудани мактабҳои миёнаи махсус” як қатор техникумҳо ба коллеҷҳои наздидонишгоҳӣ табдил дода шуданд. Ҳамчунин, баъзе аз омӯзишгоҳҳо низ ба коллеҷҳо мубаддал гардиданд» [5, С.177].

Муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо корхонаҳо ва ширкатҳои истеҳсолӣ ҳамкории мустақим ба роҳ монда, дар самтҳои таҷҳизоти таълимӣ, таҷрибаомӯзӣ ва ҷалби хатмкунандагон ба ҷойи кор саҳмгузорӣ карданд.

Татбиқи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ барои солҳои 2008-2015 дар маҷмуъ, ҳамчун заминаи устувори ислоҳ ва рушди зинаи таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад. Ин барнома, ки дар асоси дастуру ҳидоятҳои Президенти кишвар таҳия шудааст, имкон дод, ки раванди муосирсозии соҳа оғоз ва тадриҷан густариш ёбад. Аз ҷумла, дар доираи он, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи

касбӣ ба ҷорӣ намудани низоми кредитии таҳсилот оғоз карданд. Натиҷаҳои мушаххаси ин ислоҳот аз ҷумла, афзоиши қабули донишҷӯён дар ин зина мебошад: «Агар соли 2000 қабули донишҷӯён 9,1 ҳазор, соли 2005 – 11,5 ҳазорро ташкил дода бошад, пас соли 2010 ин рақам ба 12,5 ҳазор расидааст» [5, с.134].

Натиҷаҳои бадастомада собит месозанд, ки Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои марбута, ки бо дастгирии бевоситаи роҳбарияти сиёсӣ роҳандозӣ шудаанд, дар раванди барқарорсозӣ, ислоҳ ва муосиргардонии зинаи таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши ҳалкунанда бозиданд. Тавассути таҳкими заминаҳои моддӣ-техникӣ, навсозии барномаҳои таълимӣ, баланд бардоштани касбият ва ҳамгироии муассисаҳо бо бозори меҳнат, заминаи воқеӣ барои омодасозии кадрҳои рақобатпазир ва рушди устувори соҳаи маориф фароҳам гардид.

Бахши дигари муҳим ва бунёдии низоми маорифи миллӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба шумор рафта, омодакунандаи кадрҳои соҳибихтисос барои соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмию фарҳангии кишвар маҳсуб меёбанд. Аз тарафи Роҳбарияти олии кишвар зарурати ислоҳоти амиқи таҳсилоти олӣ ва мутобиқ сохтани он ба талаботи замони муосир, бозори меҳнат ва рушди илм пайваста таъкид мегардад: «Навсозӣ ва пешрафти иқтисодиётро бе рушди илму маориф ва дастгирии онҳо таъмин кардан ғайриимкон аст. Ҷавҳари сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф бояд масъалаҳои дар низоми таҳсил ҷорӣ кардани меъёрҳои ҷаҳонӣ, тайёр кардани мутахассисони соҳибкасби ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат ташкил диҳанд. Зеро сатҳи тараққиёти ин ё он давлат, пеш аз ҳама, аз фаъолияти босамари кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои гуногун вобаста мебошад» [10].

Ҳуҷҷатҳои муҳим – Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи давлатии рушди таҳсилоти олии касбӣ барои солҳои 2008-2015, ки дар асоси дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия ва қабул гардидан, ба раванди ислоҳот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ нақш ва таъсир амиқ гузошт.

Дар доираи татбиқи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти олии касбӣ барои солҳои 2008-2015, барномаҳои таълимӣ аз нав таҷдид ва ба низоми кредитии таълим мутобиқ карда шуданд; ихтисосҳои нави замонавӣ дар самтҳои IT, муҳандисӣ, тандурустӣ ва иқтисоди рақамӣ ворид гардиданд; касбияту маҳорати омӯзгорон тавассути бозомӯзии кадрҳо дар дохил ва хориҷи кишвар амалӣ шуд; шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ афзоиш ёфта, биноҳои нави таълимӣ ва марказҳои муосири илмию тадқиқотӣ таъсис ёфтанд; низоми сезинагии таҳсилот: бакалавриат, мутахассис, магистр ва дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ (Erasmus+, TEMPUS), барномаҳои муштараки магистрӣ ва табодули донишҷӯён роҳандозӣ гардиданд. Аз ҷумла, тайи солҳои 2007-2011 «сохта ба истифода додани бинои нави таълимӣ дар ДДОТ Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, хобгоҳ дар маҳаллаи 33-юми шаҳри Душанбе, хобгоҳ барои беш аз 1000 нафар донишҷӯёни ДМТ, инчунин, сохтану ба истифода додан ва таъмири хобгоҳҳои ДДОТ Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ДТТТ ба номи академик М. Осимӣ, ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, ДДХ ба номи Б. Ғафуров, ДДХ ба номи М. Назаршоев, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, тиҷорат ва сиёсати Тоҷикистон ва Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, ки барои онҳо зиёда аз 50 млн. сомонӣ сарф карда шудааст, гувоҳи мустаҳкам намудани пояи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад» [5, с.138-139].

Амалигардонии Барномаи давлатии рушди таҳсилоти олии касбӣ барои солҳои 2008-2015 як марҳилаи муҳим дар ислоҳоти низоми таҳсилоти олӣ ба ҳисоб рафта, на танҳо дар беҳсозии муҳтавои таълим, балки ба рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ заминаи воқеӣ гузошт. «Агар дар соли 1991

13 мактаби олӣ фаъолият мекарда бошад, пас дар соли 2011 дар ҷумҳурӣ 30 мактаби олӣ фаъолият менамояд» [5, с.177].

Рушди илм ва технология дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меҳвари сиёсати давлатӣ табдил ёфта, онҳо ҳамчун омили пешрафти устувори ҷомеа муаррифӣ мешаванд. Ба таъкиди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Иқтидору имкониятҳои шабакаи васеи муассисаҳои илмӣ, сохторҳои илмии донишгоҳҳо ва донишкадаҳои кишвар бояд ба татбиқи муваффақонаи стратегияи рушди илму техника, бахусус пешрафти босуръати соҳаҳои навини илм равона карда шаванд. Пайванди амиқтари илм ва истеҳсолот, ширкати васеъ ва босамари муассисаҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ дар тақвияти пойгоҳҳои илм, тарбияи мутахассисони баландихтисос ва таҳкими нерӯи техникию технологӣ тақозои рӯз аст» [9].

Дар робита ба зарурати ташаккули низоми илми муосир ва мутобиқ ба талаботи рушди устувори кишвар, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи рушди илм ва технология барои солҳои 2007-2015-ро тасдиқ ва амалӣ намуд. Мақсади асосӣ ба баланд бардоштани нақши илм дар рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, низоми миллии таҳқиқоти илмӣ, тақвияти пойгоҳи моддию техникӣ ва кадрии соҳа, ҷорӣ намудани механизмҳои инноватсионӣ дар иқтисоди миллӣ нигаронида шуда буд. Ҳамчунин, яке аз ҳадафҳои стратегияи мазкур ҳавасмандсозии ҷавонон ва тарбияи мутахассисони баландихтисоси соҳаи илм буд. Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи бурсияҳо барои таҳсил дар хориҷи кишвар дар зинаҳои аспирантура ва докторантура, бахусус дар он ихтисосҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ниёз дорад, афзоиш ёфт.

Дар натиҷаи татбиқи стратегия, шумораи пажуҳишгоҳҳои соҳавӣ ва марказҳои илмӣ, барномаҳои зиёди илмӣ ва инноватсионӣ дар сатҳи миллӣ, теъдоди корҳои илмии дар маҷаллаҳои байналмилалӣ нашршуда афзоиш ёфта, саҳми олимони тоҷик дар ҳалли масъалаҳои муҳити зист ва иқлим, офатҳои табиӣ, биотехнология ва тибби мардумӣ боло рафт ва инчунин, ҳамкориҳои илмии байналмилалӣ, бахусус, бо кишварҳои хориҷӣ вусъат пайдо кард.

Стратегияи миллии рушди илм ва технология барои солҳои 2007-2015, ки дар заминаи дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва татбиқ гардид, заминаи муҳимми ташкилӣ барои рушди илми миллӣ фароҳам овард. Он на танҳо ҳамчун ҳуҷҷати барномавӣ, балки ҳамчун воситаи татбиқи идеяҳои стратегии Пешвои миллат дар самти таҳкими неруи зеҳнии кишвар хизмат намуд.

Таҳкими неруи зеҳнӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш, рушди иқтидори илмӣ ва омода сохтани мутахассисони соҳибкасбу рақобатпазир аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегии сиёсати маорифии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Яке аз муҳимтарин механизмҳо дар ин самт Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» мебошад, ки бо ҳадафи дастгирии ҷавонони боистеъдод ва таҳсили онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷи кишвар дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008, №502 таъсис ёфтааст. Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ (махсусан, солҳои 2007, 2008, 2010 ва баъдтар) зарурати тақвияти неруи зеҳнии миллат, омодасозии мутахассисони ҷавон дар сатҳи байналмилалӣ ва таҳкими тавонмандии илмии кишвар ҳамчун самти афзалиятнок зикр гардидааст. «Ҷиҳати тайёр намудани кадрҳои баландихтисос фонди махсуси тарбияи мутахассисон дар хориҷи кишвар таъсис ёфтааст ва аз ҳисоби ин фонд ҳоло садҳо нафар ҷавонони кишварамон дар муассисаҳои таҳсилоти олии давлатҳои дигар таҳсил карда истодаанд. Бо мақсади дастгирии минбаъдаи ҷавонони лаёқатманди мамлакат ба Вазорати молия супориш дода мешавад, ки маблағгузории фонди мазкурро барои соли оянда ду баробар зиёд намояд. Мо бояд

аз ин кор натарсем, наҳаросем. Таҳлил бояд кард, кадом мутахассисонеро, ки дар дохили кишвар омода карда наметавонем, маблағи зарурӣ дарёфт намуда, ба хориҷа фиристем. Фақат интихоб кардан ва фиристодани довталабонро таҳти назорати ҷиддӣ қарор бояд дод» [9].

Дар ҳамин замина, барномаи стипендияи «Дурахшандагон» ҳамчун таҷассумгари сиёсати навгароёнаи кадрӣ ва сармоягузорӣ ба захираҳои инсонӣ дар низоми маорифи кишвар роҳандозӣ шуд.

Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ», ки соли 2008 бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат таъсис ёфтааст, масъули амалисозии механизми татбиқи стипендия мебошад. Марказ дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва муассисаҳои таълимии хориҷӣ тамоми равандҳои марбут ба интихоб, маблағгузорӣ, мониторинг ва баргардонидани мутахассисонро танзим менамояд. Вазифаҳои асосии марказ иборатанд аз: таҳияи механизмҳои шаффоф ва рақобатноки интихоби довталабон; бастани созишномаҳои ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои сатҳи ҷаҳонӣ; таъмини ҳамоҳангсозии равандҳои ҳуҷҷатгузорӣ, рафтуомад ва таҳсили донишҷӯён; назорат ва арзёбии ҷараёни таҳсил ва фаъолияти пас аз хатми стипендиатҳо; мусоидат ба баргардонидани кадрҳои баландихтисос ба кишвар ва ҷойгиршавии онҳо ба ҷойҳои кории мувофиқ.

Аз оғози татбиқи барнома то соли 2025 садҳо нафар ҷавонони лаёқатманд дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои пешрафта, ба монанди Россия, Олмон, Британияи Кабир, Чин, ИМА, Ҷопон, Ҳиндустон, Туркия ва дигар давлатҳо таҳсили илм кардаанд ва дар натиҷа шумораи кадрҳои соҳавии таҳсилкарда дар хориҷ бо тахассусҳои муҳимми миллӣ технологияи иттилоотӣ, тиб, муҳандисӣ, кишоварзӣ, иқтисод ва маориф зиёд гардид; онҳо ҷаҳонидидаро ташкил медиҳанд, ки омодаанд дар сатҳи сиёсати давлатӣ, таҳқиқот ва соҳибкорӣ фаъолият кунанд; тавассути онҳо робитаҳои илмӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон тақвият ёфт.

Яке аз вижагиҳои ин барнома шарти ҳатмии баргашт ва кор дар дохили кишвар пас аз хатм мебошад. Тибқи қарордод, стипендиатҳо мувazzафанд, ки дар тӯли як давраи муайян (5 сол) дар Тоҷикистон фаъолият кунанд. Ин раванд, аз як тараф, ба ҷуброни сармоягузории давлатӣ ва аз ҷониби дигар, ба интиқоли дониш ва таҷрибаи байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Стипендияи байналмилалии «Дурахшандагон» на танҳо як навъи ёрии модии таҳсилотӣ, балки таҷассумгари сиёсати давлати миллӣ дар самти ташаккули иқтидори зеҳнӣ ва мутахассисони ҷаҳонӣ мебошад. Нақши он дар таҳкими иқтидори миллӣ, рушди инноватсионӣ ва устувории кадрии кишвар бузург ва қобили тақвият аст.

Яке аз тадбирҳои муҳим, ки бо мақсади рушд бахшидани илму маориф, зарурати таъмини рушди босуръати иқтисоди миллӣ бо такя ба кадрҳои соҳибихтисоси техникӣ ва технологияи нав, беҳбуд бахшидани шароити кору зиндагии муҳаққиқон ва тарбияи нави олимони соҳаи техника рӯи кор омад, аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ташаббуси стратегӣ эълон гардидани соли 2010 «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» мебошад. Ташаббуси Роҳбари давлат якчанд ҳадафи асосиро дар бар мегирифт: барқарор ва тақвият бахшидан ба меҳвари техникӣ дар низоми таҳсилоти миёна ва касбӣ; ҷалби наврасону ҷавонон ба касбу ҳунарҳои техникӣ; мусоидат ба таҳкими заминаи моддӣ-техникӣ ва навсозии барномаҳои таълимии муассисаҳои касбӣ; эҷоди фазои иҷтимоӣ барои арзёбии нави таҳсилоти амалӣ ва муҳандисӣ; ҷалби омӯзгорон ва муҳассилин ба рушди неруи зеҳнӣ дар заминаи фанҳои дақиқ ва технологияҳои муосир.

Ҳукумати кишвар дар татбиқи амалии ташаббуси мазкур таваҷҷуҳи вижа зоҳир намуда, барномаҳо ва механизмҳои мушаххаси рушди маорифро рӯйи даст гирифт. Дар чанд самти калидӣ пешрафтҳои назаррас ба даст омаданд: аксари муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва омӯзишгоҳҳои техникӣ таъмир ва таҷдид шуданд. Қисме аз онҳо бо

таҷҳизоти истеҳсолӣ, озмоишгоҳҳои фаннӣ ва синфхонаҳои технологӣ муҷаҳҳаз гардиданд; муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба боло бурдани сатҳи таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ, дақиқ ва технологияи иттилоотӣ равона шуданд. Озмунҳо ва олимпиадаҳои фаннӣ миёни хонандагон баргузор гардиданд, ки шавқу завқи ҷавононро ба илмҳои дақиқ бедор сохт; барои донишҷӯёни фаъоли муассисаҳои таҳсилоти касбӣ барномаи стипендиявии ҳукуматӣ амал кард. Инчунин, барномаҳои такмили ихтисос барои омӯзгорони соҳаи техникӣ ба роҳ монда шуданд.

Эълони соли 2010 ҳамчун «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» на танҳо як иқдоми рамзӣ, балки як бозсозии равониву сохтории муносибат ба таълими касбӣ ва техникӣ гардид: миқдори муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ афзоиш ёфт; шумораи хонандагон дар муассисаҳои техникӣ, махсусан, духтарон, рӯз ба рӯз боло рафт; фанҳои техникӣ ва муҳандисӣ дар барномаҳои таълимии мактабҳо ва донишгоҳҳои техникӣ мақоми барҷаста касб намуданд; мавқеи маориф ҳамчун таҳкурсии неруи миллии рушд боз ҳам устувортар гардид.

Иқдоми Пешвои миллат дар мавриди эълони соли 2010 ҳамчун «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» посухи муваффақ ба даъвати замон буд. Он на танҳо як барномаи яксола, балки такони ҷиддӣ барои тамоми низоми маориф шуд, ки дар солҳои баъдӣ низ идома ёфт. Таъсири ин сиёсати дурбинона имрӯз низ эҳсос мешавад, вақте ки Тоҷикистон дар марҳилаи рақамикунонӣ, саноатикунонии босуръат ва таъмини рушди зеҳнии ҷомеа қарор дорад. Тавре Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд: «Гарчанде Соли маориф ва фарҳанги техникиро соли 2010 бомуваффақият ҷамъбаст намуда бошем ҳам, ин масъаларо набояд аз мадди назар дур созем. Баръакс, бояд ҳамасола ба рушди соҳаи маориф ва тафаккури техникии кӯдакону наврасон, омӯзиши илмҳои табииву риёзӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ тадбирҳои амалӣ андешем ва тавассути чорабиниҳои мухталиф ин иқдомҳоро амалӣ гардонем. Рушди тафаккури техникии кӯдакону наврасон бояд вазифаи муҳимми роҳбарони муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва вазорату идораҳои дахлдор бошад» [12]. Дар маҷмуъ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои 2000-2010 барномаҳои қабулгардида на танҳо дар самти сохтмон ва таъмини инфрасохтор, балки дар таҳкими заминаҳои мазмунӣ, кадрӣ ва фанноварии соҳаи маориф ва илм нақши калидӣ бозиданд. Механизмҳои амалигардида барои татбиқи ислоҳот имконият фароҳам оварданд, ки сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо афзоиш ёфта, заминаҳои гузариш ба марҳилаҳои навбатии ислоҳот амиқтар гардад.

## ХУЛОСА

Марҳилаи солҳои 2000-2010 дар таърихи рушди маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бунёдӣ дошта, ҳамчун давраи эҳёи низоми таҳсилот баъд аз ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ ва оғози ислоҳоти стратегии давлатӣ арзёбӣ мегардад. Ин марҳила таҳкурсии ҳуқуқӣ, сохторӣ ва мазмунӣ барои рушди минбаъдаи маорифи миллӣ гузошт ва дар заминаи таҳкими давлатдории миллӣ, барқарорсозии иҷтимоӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ сурат гирифт. Дар ин раванд, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷатҳои стратегии дорои аҳаммияти умда ва роҳнамо, самтҳои асосии сиёсати давлатро дар бахши маорифу илм муайян намуданд.

Ҷанбаҳои калидии таъсири Паёмҳо ба ташаккули маориф ва илм дар марҳилаи мавриди назар иборат мебошанд, аз:

- маориф ва илм ба унвони самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ эътироф шуданд;
- арзишҳои миллӣ ва иҷтимоӣ дар таҳсилот эҳё гардида, маориф ҳамчун пояи давлатдории миллӣ пазируфта шуд;

- ба омӯзгор, муҳаққиқ, муассисаи таълимӣ ва илмӣ ҳамчун сармояи асосии рушди инсонӣ ва ҷомеа таваҷҷуҳи афзоянда зоҳир шуд;

- маориф ва илм ҳамчун василаи ташаккули шаҳрванд, ҳувияти миллӣ ва таҳкими арзишҳои давлатдорӣ маънидод мешаванд;

- ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дар солҳои 2004, 2005, 2006, 2008, 2009 ва 2010 шаш маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки он муносибати давлатро бо низоми таҳсилот бо такя ба арзишҳои миллӣ ва ҳуқуқи инсон ба таҳсил танзим намуд. Ҳамчунин, қабул ва татбиқи консепсия, стратегия ва барномаҳои калидии давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм бо дастури Пешвои миллат сурат гирифтанд;

- Паёмҳо ба ҳалли мушкилот дар соҳаи маориф, аз ҷумла, норасоии мактабҳо, синфхонаҳо, мизу курсӣ ва дастрасии кӯдакон ба таҳсил таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир мекарданд. Татбиқи ин сиёсати афзалиятнок ба сохтмони мактабҳои нав дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ асос гузошт;

- бо ҳидояти Пешвои миллат равандҳои миллигардонии барномаҳои таълимӣ, таълифи китобҳои дарсӣ аз ҷониби муаллифони ватанӣ ва ворид кардани фанҳои дорои муҳтавои фарҳангӣ ва таърихии миллӣ оғоз гардид;

- дар Паёмҳо мавқеи омӯзгор ҳамчун неруи асосии пешрафти ҷомеа ба таври мунтазам таъкид шуда, сиёсати ҳавасмандгардонӣ, аз ҷумла, боло бурдани маош, таъсиси стипендия ва барномаҳои бозомӯзӣ ба роҳ монда шуд;

- дар нимаи дуюми даҳсола таваҷҷуҳ ба рушди илм низ афзоиш ёфта, дар Паёмҳо зарурати афзунсозии иқтидори илмии миллӣ ва дастгирии муҳаққиқони ҷавон таъкид гардид. Ин раванд ба таҳияи асоси сиёсати минбаъдаи илм барои солҳои 2010-2020 замина гузошт.

Ҳамин тариқ, Паёмҳои Пешвои миллат дар солҳои 2002-2010 на танҳо самтҳои стратегиро муайян намуданд, балки татбиқи амалии барномаҳои ҳаётан муҳимро дар соҳаҳои маориф ва илм таъмин сохтанд. Метавон арзёбӣ кард, ки Паёмҳо ҳамчун ҳуҷҷатҳои меҳварӣ дар ташаккули сиёсати миллӣ дар соҳаи маориф ва илм табдил ёфтанд**,** ки наслҳои минбаъда дар заминаи онҳо имкони таҳсил, худшиносӣ ва рушди зеҳниро пайдо карданд.

## АДАБИЁТ


1. Илму техника таъмингари рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар мебошанд (Суханронӣ дар ҷаласаи якуми Шурои илм, маориф ва инноватсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15.04.2021) // Омӯзгор. – 2021. – 22 апрел.

2. Истиқлолият ва сулҳу ваҳдат раҳнамову ҳидоятгари мо (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 30 апрели соли 2007) // Омӯзгор. – 2007. – 4 май.

3. Мирбобоев Р., Зиёев Х., Қосимӣ С., Бадалов Б. Рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе: Маориф, 2016. – 192 с.

4. Масъулият барои фардои миллат (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 апрели соли 2003) // Омӯзгор. – 2003. – 11 апрел.

5. Раҳмонов А. А, Расулов А. Б., Қодиров Қ. Б., Афзалов Х. С. Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. – 184 с.

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 апрели соли 2002 // Омӯзгор. – 2002. – 26 апрел.

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олӣ, Душанбе, 30 апрели соли 2004 // Ҷумҳурият. – 2004. – 1 май.

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 апрели соли 2005 // Ҷумҳурият. – 2005. – 19 апрел.

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25 апрели соли 2008 // Омӯзгор. – 2008. – 2 май.

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 апрели соли 2009 // Омӯзгор. – 2009. – 24 апрел.

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 24 апрели соли 2010 // Омӯзгор. – 2010. – 30 апрел.

12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2011 // Омӯзгор. – 2011. – 29 апрел.

13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23 январи соли 2015 // Омӯзгор. – 2015. – 30 январ.

14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ш. Душанбе, 2112. 2021 // Омӯзгор. – 2021. – 23 декабр.

15. Ятимов, С. Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад // Маърифати омӯзгор. – 2023. – №1. – С. 3-13.

**УДК: 371**

## ОБРАЗОВАНИЕ КАК ОСНОВА СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ

## МАОРИФ ҲАМЧУН АСОСИ ТАРАҚҚИЁТИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДӢ

## EDUCATION AS A BASIS FOR SOCIAL AND ECONOMIC DEVELOPMENT

**РАХМАТОВА САОДАТ АНВАРОВНА** – кандидат филологических наук, доцент ГУ «Колледжа туризма и социальных услуг г. Худжанда» Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистан
**РАҲМАТОВА САОДАТ АНВАРОВНА** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти Муассисаи давлатии «Коллеҷи сайёҳӣ ва хизматрасонии иҷтимоии шаҳри Хуҷанд»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
**RAKHMATOVA SAODAT ANVAROVNA** – Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the State Institution "College of Tourism and Social Services of Khujand" of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
**E-MAIL:** majala.dbsst@gmail.com

**Аннотация.** В статье рассматривается значимость Послания Президента Республики Таджикистан в 2024 году, в котором акцент сделан на достигнутом социально-экономическом прогрессе и приоритетной роли образования в развитии страны. Подчеркивается, что в условиях стремительных изменений в экономике и технологиях образование становится ключевым фактором адаптации граждан к новым требованиям рынка труда. Особое внимание уделяется важности формирования знаний, критического мышления и понимания мира, что делает образование неотъемлемой основой устойчивого развития общества.
**Ключевые слова:** образование, стабильный, прогресс, критическое мышление, адаптироваться, потенциал, финансирование, творческая активность, культурные ценности, образовательные ресурсы, инновационные и цифровые технологии, инициатива.

**Аннотатсия.** Дар мақола аҳамияти Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024, ки ба пешрафти бадастомадаи иҷтимоию иқтисодӣ ва нақши афзалиятноки маориф дар рушди кишвар нигаронида шудааст, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таъкид мешавад, ки дар шароити тағйири босуръати иқтисод ва технология маориф омили асосии мутобиқшавии шаҳрвандон ба талаботи нави бозори меҳнат мегардад. Таваҷҷуҳи хоса ба рушди дониш, тафаккури интиқодӣ ва дарки ҷаҳонбинӣ дода мешавад, ки таълимро заминаи ҷудонашавандаи рушди устувори ҷомеа месозад.
**Калидвожаҳо:** маориф, устувор, пешрафт, тафаккури интиқодӣ, мутобиқшавӣ, потенсиал, маблағгузорӣ, фаъолияти эҷодӣ, арзишҳои фарҳангӣ, захираҳои таълимӣ, технологияҳои инноватсионӣ ва рақамӣ, ташаббус.

**Abstract.** The article discusses the significance of the Address of the President of the Republic of Tajikistan in 2024, which focuses on the achieved socio-economic progress and the priority role of education in the development of the country. It is emphasized that in the context of rapid changes in the economy and technology, education is becoming a key factor in the adaptation of citizens to the new requirements of the labor market. Particular attention

is paid to the importance of developing knowledge, critical thinking and understanding the world, which makes education an integral basis for the sustainable development of society.
**Key words:** education, stable, progress, critical thinking, adapt, potential, funding, creative activity, cultural values, educational resources, innovative and digital technologies, initiative.

Послание Президента Республики Таджикистан в 2024 году действительно стало значимым событием для страны, продемонстрировав стабильный прогресс в области социально-экономического развития и подчеркнув важность образования для будущего страны, так как оно способствует расширению знаний и навыков, развитию критического мышления и пониманию мира. В условиях быстро меняющейся экономики и технологий образование становится важнейшим инструментом, помогающим людям адаптироваться к новым условиям и выполнять требования рынка труда. Как сказал Сократ «Знание – это единственное богатство, которое увеличивается, когда его делят».

Говоря об образовании, нужно подчеркнуть, что это тот потенциал, который можно раскрыть, работая и он тем выше, чем образованнее, креативнее, разносторонне мыслит человек. Функция образования – научить человека мыслить интенсивно и критически. Интеллект плюс характер – вот цель настоящего образования. Руководители и сотрудники с огромным потенциалом создают преимущества и приводят любую компанию к успеху. Именно образование и воспитание, превращенные в действия, двигают к вершине любой бизнес. Нужно учитывать и то, что образование без человечности – самая опасная вещь на земле, в то же время в обучении в условиях любви, человеческого взаимопонимания и сотрудничества заключена величайшая надежда мира – говорил Джой Эллер Морган. И оно является главной защитой любой страны. Безопасность и судьба каждой нации главным образом заключены в качественном образовании ее народа. Как известно, предубеждения особенно трудно изгнать из сердца, почва которого не была разрыхлена и удобрена образованием; они растут там, как бурьян среди камней. А также надо помнить, что направление, в котором человек начинает свое образование, определит его будущую жизнь.

Одним из важнейших аспектов Послания стал акцент развития образования, которое стало одним из приоритетных направлений государственной политики. В этом контексте важными событиями стали увеличение финансирования и внимание к улучшению качества образовательных услуг, чтобы каждый гражданин имел доступ к знаниям и возможности для саморазвития. В своем Послании Президент отметил, что повышение уровня образования – это стратегическая задача для укрепления человеческого капитала страны.

Образование играет ключевую роль в развитии человеческого капитала. Таджикистан занимает 21 место среди 183 стран по объему финансирования образования, превышающего государственный бюджет. Важное внимание уделяется развитию науки, с реализацией государственных программ поддержки ученых.

Например, в Дангаре, делегация Всемирного банка по региону Европы и Центральной Азии во главе с её вице-президентом Анна Бьерде, посетила Хатлонский государственный медицинский университет, который входит в число 26 высших учебных заведений Таджикистана, получающих поддержку в рамках финансируемого Всемирным банком проекта "Развитие высшего образования". При поддержке проекта в стенах ХГМУ были созданы и оборудованы четыре современные лаборатории для студентов-медиков, где они могут отрабатывать свои навыки, а также пересматривать и обновлять свои учебные программы. Проект также поддержал создание онлайн-портала, чтобы лекции и другие образовательные ресурсы были доступны более

широкой аудитории. Студенты, которые раньше только наблюдали за тем, как врачи проводят операции в операционных, теперь могут опробовать технику на практике, что повышает их уверенность в себе и лучше готовит их взаимодействию с общественностью. В общей сложности проект «Развитие высшего образования» оказал содействие в улучшении образовательных возможностей для 28 000 студентов, причем почти 40 процентов из них – студентки.

По словам Михала Рутковского, регионального директора Всемирного банка, инвестиции в квалифицированную и здоровую нацию помогают избежать проблем, с которыми сталкиваются страны среднего дохода, которые не могут выйти на новый более высокий уровень развития. Развитие человеческого капитала становится ключевым в условиях роста экономики Центральной Азии. Инвестиции в людей – это не менее важно, чем в инфраструктуру и энергетику. Глобальный опыт показывает, что развитие квалифицированной и здоровой нации помогает избежать ловушки среднего дохода.

Кроме того, Президент подчеркнул важность инфраструктурных изменений в образовательной сфере. Были созданы новые школы, учебные заведения и развиваются программы, направленные на модернизацию учебных материалов и кадров. Поддержка и развитие образования в рамках государственных инвестиций – это шаг, направленный на подготовку квалифицированных специалистов для всех отраслей экономики.

Инфраструктура обучения – это комплекс взаимосвязанных обслуживающих структур или объектов, составляющих и обеспечивающих основу функционирования системы, а также цифровая система или структура, которая позволяет предприятию управлять и предоставлять образовательный опыт на масштабном уровне. Прежде чем приступить к действиям по любому проекту, важно учитывать как цели определённой организации, так и потребности их сотрудников.

Одним из ключевых достижений в сфере образования стало активное строительство новых образовательных объектов. За последние три года было построено более 1500 школ и детских садов, что значительно улучшает доступность образования, особенно в удаленных регионах страны. Эти новые учреждения обеспечивают равные условия для обучения детей, независимо от их географического положения, и способствуют улучшению инфраструктуры образовательного сектора.

Важным шагом в улучшении системы образования стало повышение заработной платы педагогов. С 2024 года оклады работников бюджетной сферы увеличены на 40%, что является важной мерой для привлечения и удержания квалифицированных специалистов. Эти изменения не только стимулируют преподавателей к дальнейшему профессиональному развитию, но и повышают престиж педагогической профессии. Вдобавок к этому, были введены программы повышения квалификации учителей, что способствует улучшению качества образования на всех уровнях.

Полученные на курсах повышения квалификации знания дают возможность адаптации учебного процесса для современных требований образования и максимально комфортного освоения программы обучающимися. Педагог же получает справедливую оценку своего труда и возможность успешно развиваться в желаемом направлении. Быть в курсе последних изменений в сфере образования – это осваивать новые технологии и методы обучения, повышать качество своих уроков. Находить новые подходы к работе с учащимися подтверждает соответствие человека требованиям к занимаемой им должности; знакомит с изменениями в профессиональной сфере, например, раскрывает содержание нормативных актов; дает дополнительные компетенции, необходимые для трудовой деятельности, – учит работать с компьютерными программами или оборудованием. Ведь лучшие учителя – это те, кто

оказывает значительное влияние своим преподаванием и знаниями, вдохновляя поколения.

В своем Послании Президент также подчеркнул важность внедрения инноваций и цифровизации в образовательный процесс. Одной из ключевых инициатив стало создание Университета инноваций и цифровых технологий в Кулябе, что будет способствовать развитию высокотехнологичных профессий и подготовке специалистов для цифровой экономики. Также акцент был сделан на внедрение искусственного интеллекта в систему образования, что позволит значительно повысить ее эффективность и соответствие современным требованиям. Эти шаги открывают новые горизонты для улучшения качества образовательного процесса и подготовки специалистов в самых востребованных областях.

Смысл образовательных инноваций заключается в том, чтобы организовать образовательный процесс, построенный на качественных принципах, средствах, методах и технологиях и позволяют достигнуть им образовательного эффекта, характеризуемый усвоением максимального объема знаний и максимальной творческой активностью. Процесс внедрения новшеств включает несколько этапов – от поиска идей и разработки концепции до реализации и закрепления нововведения в практике. Результаты инновационного процесса должны быть измеримы и оцениваемы.

Значительное внимание было уделено развитию профессионального образования, которое становится все более важным для экономики страны. Поддержка новых учебных программ, ориентированных на потребности рынка труда, а также сотрудничество с международными организациями для обмена опытом стали основными направлениями в этой области. Особое внимание будет уделено подготовке специалистов в таких перспективных сферах, как «зеленая» экономика, IT-технологии и промышленное производство, что обеспечит стране высококвалифицированные кадры для устойчивого развития в будущем.

Профессиональное развитие – это обучение с целью получения или поддержания профессиональных полномочий, таких как ученые степени, формальные курсовые работы, посещение конференций и возможности неформального обучения, основанные на практике. Как результат профессиональное развитие повышает потенциальный доход и возможность трудоустройства. Соответственно развиваются навыки, нужные для успешной карьеры в современном мире – это гибкость и адаптивность, коммуникативные навыки, креативность и инновационность, навыки работы с данными, самообучение и стремление к развитию, управление временем, цифровая грамотность, эмоциональный интеллект (EQ).

Во все времена история учила нас, что знание – это сила. Образование помогает нам познать окружающий мир и дает возможность изменить его в лучшую сторону. Оно помогает нам сформировать свои взгляды на жизнь и способствует воспитания чувства самоуважения и уверенности в себе, помогает реализовать свои способности. Образование не имеет возрастной границы. И дети, и молодежь, и люди старшего поколения должны постоянно себя совершенствовать, быть благодаря образованию современными. Залог успеха – в сочетании усилий и взаимодействия всех: детей, родителей и педагогов. В то же время детей надо учить тому, что пригодится им, когда они вырастут, ведь обучение – это двигатель профессионального успеха. В учении нельзя останавливаться.

Именно с этой целью проводится конкурс «Мудрости зари сияние – книга» под эгидой Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона среди школьников, студентов, молодых ученых (магистрантов, аспирантов, докторантов) преподавателей, работников научных и творческих учреждений, учреждений культуры и искусства, а также

представителей различных профессий. В том числе, Президент Таджикистана Эмомали Рахмон объявил о проведении республиканского конкурса «Чтение «Шахнаме», цель которого – повысить национальное самосознание и патриотизм среди молодого поколения. Поэма Фирдавси, которая на протяжении веков оставалась символом свободы, независимости и героизма, играет важную роль в культурном наследии таджикского народа. Президент подчеркнул, что конкурс позволит укрепить духовные и культурные ценности среди подростков и молодежи, а также сохранить традиции и древние обычаи страны. В рамках инициативы каждая таджикская семья получит экземпляр «Шахнаме» Абулкосима Фирдавси, как уже получили книгу Бободжона Гафурова «Таджики». Конкурс станет важной частью программы по укреплению национальной гордости и знакомству молодого поколения с богатым культурным наследием.

Лидер нации подчёркивает, что развитие сознательности населения, расширение научного мышления и мировоззрения, более широкое вовлечение общества, в частности подростков и молодежи, в научные исследования, что основаны на естественных и математических науках, являются основным средством предотвращения суеверий, экстремизма, религиозных проявлений и обращений к экстремистским идеям. При этом Лидер нации в одном из своих выступлений заявил, – «ученые страны внесли ценный вклад в разработку важного государственного документа – Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, и будут продолжать это делать в целях достижения стратегических целей государства, обеспечения содействия стабильному развитию страны, прогрессу различных ее отраслей, в частности, организации производственных предприятий, созданию рабочих мест, повышению уровня жизни народа и снижению интенсивности трудовой миграции». Эти благородные слова дают нам новое вдохновение и силу, делают нас учителями и просветителями, которые с большой патриотической преданностью выполняют свою миссию перед нацией и государством, и мы поддерживаем прогресс науки и образования, просвещения нашей нации, развитие технического и технологического мышления, грамотность общества.

**Литература:**

1. Талбак Назаров. «Эмомали Рахмонов – основоположник мира и национального единства» (1996-1999).
2. Талбак Назаров «Эмомали Рахмонов – начало этапа созидания» (2000-2003).
3. Гарунов, М.Г. О педагогической системе подготовки студентов к национально-творческой деятельности на основе интеграции образования, науки и производства / М.Г. Гарунов // Развитие творческой активности студентов в учебной, научно-исследовательской и социально-политической деятельности: сб. науч. трудов. – М.: НИИ ВШ, 1990. – С. 88-95.
4. Губарева Е. А., Горбунов В., Ватолкина Н. Ш. Инженерная педагогика. Современные технологии инженерного образования. Учебник для вузов. М.: Лань, 2022. 232 с.
5. Гуревич П. С. Психология и педагогика. Учебник и практикум для академического бакалавриата. Учебник. М.: Юрайт, 2019. 430 с.
6. Долгова В.И. Жизненные смыслы и ценностные ориентации современной молодежи / Долгова В.И., Богданова В.О. // Вестник Южно-Уральского государственного гуманитарно-педагогического университета. – 2022. – № 6 (172). – С. 239-259.

7. Зверева О. Л., Ганичева А. Н. Семейная педагогика и домашнее воспитание детей раннего и дошкольного возраста. Учебник для академического бакалавриата. М.: Юрайт, 2019. 178 с.

8. Зверева О. Л., Ганичева А. Н. Семейная педагогика и домашнее воспитание. Учебник для СПО. М.: Юрайт, 2019. 178 с.

9. Золотарева А.В. [и др.]; под научной редакцией. А.В. Золотаревой. Методика непрерывного профессионального развития кадров сферы дополнительного образования детей: учебное пособие — 2-е изд., испр. и доп. — Москва: Издательство Юрайт, 2020. —239 с.

10. Каптерев П. Ф. История русской педагогики. Учебное пособие для вузов. В 2-х частях. Часть 2. Общественная педагогия. М.: Юрайт, 2019. 272 с.

11. Озеров А.А. Проблема смысла жизни в условиях трансформации идеологических систем современного социума // Социально-гуманитарные знания. – 2017. – № 4. – С. 109-117.

12. Протасеня, П.Ф. Социальная активность как общественное явление / П.Ф. Протасеня, Н.Н. Белякович // Философские науки. – 1978. - № 2. – С. 32-37.

13. «Сократ, Платон, Аристотель, Сенека» Жизнь замечательных людей, биографическая библиотека Ф. Павленкова. Москва, Издательство «Республика» 1995.

14. Herman Joseph Muller, Modern Concept of Nature (SUNY Press, 1973). ISBN 0-87395-096-8.

15. Свенцицкий А.Л. Социальная психология. М.: ТК Велби, Проспект, 2005. – С. 67-95.

**УДК: 338.4**

# ИНЪИКОСИ АВЛАВИЯТҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПАЁМИ НАВБАТИИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ

# ОТРАЖЕНИЕ ПРИОРИТЕТОВ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ОЧЕРЕДНОМ ПОСЛАНИИ ЛИДЕРА НАЦИИ

# REFLECTION OF THE FOREIGN POLICY PRIORITIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE NEXT ADDRESS OF THE LEADER OF THE NATION

**ҲОТАМОВ Н.Б.** – профессори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
**ХОТАМОВ Н.Б.** – профессор Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
**KHOTAMOV N.B. –** professor of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
**E-MAIL:** majala.dbsst@gmail.com

**МИРЗОЕВ Ҷ.А.** – ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ.
**МИРЗОЕВ Дж.А**. – ведущий научный сотрудник отдела новейшей истории Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ.
**MIRZOEV J.A. -** Leading researcher at the Department of Modern History at the A. Donish Institute of History, Archaeology and Ethnography of the AS RT. Phone: 2217210;
**E-MAIL:** mirzoev-dzhurabek@mail.ru

**Аннотатсия.** Дар мақола масоили ташакулёбии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст омадани истиқлоли давлатӣ ва ба субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтани ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, зимни он нақши Сарвари тозаинтихоби давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ин раванд ва ҷиҳати муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ инъикос гардидааст. Масоили инъикоси самтҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол, авлавиятҳо ва вижагиҳои он дар Паёми навбатии Пешвои муаззами миллат меҳвари таҳқиқоти муаллифонро ташкил медиҳад. Зимни баррасии мавзуъ муаллифон таъкид менамоянд, ки Паёми навбатии Пешвои муаззами миллат ба Маҷлиси Олии кишвар чун Паёмҳои қаблӣ муайянкунандаи самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дар он авлавиятҳо ва дурнамои сиёсати хориҷии кишвар таҷассум гардидааст.
**Калидвожаҳо:** соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти давлатӣ, Эъломия дар бораи истиқлолият, сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои байналхалқӣ, ҳавзаҳои сиёсӣ, дипломатияи тоҷик, ҳамкории дутарафаи судманд, созмонҳои байналхалқӣ, муносибатҳои дипломатӣ.

**Аннотация.** В статье анализируются вопросы формирования внешней политики Республики Таджикистан после обретения независимости и превращения ее в самостоятельный субъект международных отношений, а также отражается роль новоизбранного Главы государства Эмомали Рахмона в этом процессе и в определении основных направлений внешней политики республики. В центре внимания авторов исследования находятся вопросы отражения основных направлений внешней политики

независимого Таджикистана, ее приоритетов и специфики в очередном Послании Лидера нации. При освещении темы авторы подчеркивают, что очередное Послание Лидера нации в Маджлиси Оли страны, как и предыдущие Послания, определяет основные направления внешней политики Республики Таджикистан, отражает приоритеты и перспективы внешней политики страны.
**Ключевые слова:** суверенитет, государственная независимость, Декларация о независимости, внешняя политика, международные отношения, политические направления, таджикская дипломатия, взаимовыгодное двустороннее сотрудничество, международные организации, дипломатические отношения.

**Abstract.** The article analyzes the issues of the formation of the foreign policy of the Republic of Tajikistan after gaining independence and turning it into an independent subject of international relations, and also reflects the role of the newly elected Head of State Emomali Rahmon in this process and in determining the main directions of the republic's foreign policy. The authors of the study focus on the issues of reflecting the main directions of the foreign policy of independent Tajikistan, its priorities and specifics in the next Address of the Leader of the Nation. When covering the topic, the authors emphasize that the next Address of the Leader of the Nation to the Majlisi Oli of the country, like the previous Addresses, determines the main directions of the foreign policy of the Republic of Tajikistan, reflects the priorities and prospects of the country's foreign policy.
**Key words:** sovereignty, state independence, Declaration of Independence, foreign policy, international relations, political directions, Tajik diplomacy, mutually beneficial bilateral cooperation, international organizations, diplomatic relations.

Баъд аз ба даст омадани истиқлолият Тоҷикистон дар радифи дигар давлатҳои навтаъсиси Осиёи Марказӣ ҳамчун субъекти мустақили байналхалқӣ ба низоми муносибатҳои ҷаҳонӣ ворид гардид, ки ин бозгашти давлати тоҷикон баъд аз садсолаҳо ба арсаи сиёсати байналхалқӣ маҳсуб меёбад. Дар таърихи фаъолияти байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаи нав оғоз ёфт. Асосҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар Баённома оид ба истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тарҳрезӣ шудааст: «Дар муносибатҳои байналхалқӣ ба ҳайси субъекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ баромад карда, дар фаъолияти худ барои ба даст овардани сулҳи пойдор, маҳв кардани яроқи заррай, роҳ надодан ба истифодаи неруи ҳастаӣ дар ҳалли баҳсҳо ва ихтилофот дар байни давлатҳои соҳибистиқлол, ҳамкориро дар байни онҳо барои ҳалли масоили ҷаҳонӣ, ки дар назди инсоният истодаанд, инкишоф медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон худро барои ба имзорасонии мустақими тавофуқномаҳо ва шартномаҳои дуҷониба ва ҳамаҷонибаи баробарҳуқуқ ва ба манфиати тарафайн, ки манфиатҳои ягон давлатҳои соҳибистиқлолро халалдор намесозад, бо кулли шарикон бе ҳеҷ гуна шарту шароити қаблӣ кушода эълон мекунад» [5, с. 175].

Ҳанӯз солҳои аввали истиқлолият Тоҷикистон аз ҷониби зиёда аз 40 давлати дунё ба расмият шинохта шуда, ба узвияти созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ шомил гардид. Аммо ба рушди минбаъдаи муносибатҳои хориҷии Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ, ки баҳори соли 1992 оғоз ёфт, халал ворид намуд. Раванди ташаккулёбии сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар шароити вазнини ҷанги шаҳрвандӣ, бухрони иҷтимоӣ-иқтисодӣ, нокифоягии мутахассисони касбии дипломатӣ ва нарасидани таҷрибаи кофӣ барои муайян намудани дурнамои сиёсати хориҷӣ амалӣ мегардид.

Рушди бемайлони муносибатҳои хориҷии Тоҷикистон баъд аз иҷлосияи таърихии XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфт. Ҳанӯз 28 – уми декабри соли 1993 дар иҷлосияи XVIII-и Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вазъи асосии

сиёсати хориҷии Тоҷикистонро чунин изҳор дошт: «Дар вақти таҳия сохтани консепсияи сиёсати берунии кишварамон мо бояд ба назар бигирем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи маҳалли ҷуғрофӣ, мавқеи геосиёсӣ ва манофеи иқтисодиаш ба панҷ ҳавзаи сиёсӣ дохил мешавад.

Ҳавзаи якум Иттиҳоди давлатҳои мустақил аст, ки бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали ташаккулаш, ба сӯи таҳкими равобити ҳамаҷиҳата тамоили ботинӣ дорад.

Ҳавзаи дуввум Осиёи Марказист, ки кунун рӯ ба ваҳдати иқтисодию сиёсӣ қарор дорад.

Ҳавзаи севвум фазои зисту амали давлатҳои ҳамсояи форсизабон аст, ки ҳанӯз ба ягон иттиҳоди муштараки сиёсӣ ё иқтисодӣ нарасида бошанд ҳам, онҳоро на фақат ҳамбастагии таърихӣ ва мазҳабию фарҳангӣ, балки дурнамои воқеии рушди миллӣ ба ҳам ҷалб мекунад.

Ҳавзаи чаҳорум доираи нуфузи давлатҳои мусулмоннишини Шарқ аст, ки онҳоро на фақат ягонагии дину оин ва суннатҳои рӯҳонӣ, балки имконот ва эҳтиёҷоти рушди миллӣ низ ба ҳам мепайванданд.

Ниҳоят, ҳавзаи панҷум ҷомеаи байналмилалист, ки ҳамбастагии зоҳирию ботиниаш беш аз пеш қувват мегирад ва ҳам оҳиставу пайваста ба сӯи тамаддуни воҳиди умумибашарӣ роҳ мепаймояд» [4, с. 18].

Асосгузор ва роҳбари сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон дар ибтидои асри XXI сиёсати «дарҳои боз»-ро роҳандозӣ намуда, эълон дошт, ки дарҳои Тоҷикистон барои тамоми кишварҳои дунё, ки нияти барқарор намудани муносибатҳои дӯстона ва судмандро доранд, кушода аст.

Бояд зикр кард, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи дастуру нишондодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амал намуда, дар сиёсати хориҷии хеш муносибатҳои дутарафа ва бисёрсамтаи босуботу судмандро пеш аз ҳама бо давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил густариш дод. Ҳанӯз дар солҳои аввали истиқлолият Э. Раҳмонов дар яке аз мусоҳибаҳо бо рӯзноманигори маҷаллаи «Россия» Ю. Кушко инкишофи бемайлони муносибатҳои байналхалқиро дар доираи давлатҳои пасошӯравӣ барои Тоҷикистон афзалиятнок ҳисобида, чунин таъкид мекунад: «Тоҷикистон ба таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ дар чорчӯби Иттиҳоди давлатҳои мустақил, пеш аз ҳама бо Россия аҳамияти хоса зоҳир менамояд» [2, с. 253]. Сипас Сарвари давлат Э. Ш. Раҳмонов дар иҷлосияҳои Ассамблеяи Генералии Созмони Миллали Муттаҳид дар солҳои 1993-1997 баромад намуда, самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян кард. Ҳамчунин 30-юми сентябри соли 1994 зимни суханронӣ дар иҷлосияи 49-уми Ассамблеяи Генералии СММ афзалиятнок будани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои аъзои ИДМ иброз дошта, аҳаммияти ду самти фаъолияти ҳукуматро дар чорчӯби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таъкид кард, ки манзури ӯ муносибатҳои муштараку судманд бо Россия ва давлатҳои Осиёи Марказӣ буд [3, с. 128].

Дар ин суханронӣ Президент Эмомалӣ Раҳмон маротибаи якум афзалиятнокии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои ИДМ зикр намуд. Дар айни ҳол ӯ изҳор намуд, ки «аҳаммияти ҳарду самти фаъолияти мо дар доираи ИДМ барои Тоҷикистон баланд аст. Сухан дар бораи муносибатҳо бо Россия ва давлатҳои Осиёи Марказӣ меравад» [3, с. 128]. Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, инчунин ИМА дар қатори давлатҳое номида шуданд, ки ба Ҳукумати Тоҷикистон дар давраи ибтидоии ҷанги шаҳрвандӣ нисбатан дастгирии зиёд намуданд.

Бояд тазаккур дод, ки шуруъ аз ибтидои асри XXI авлавиятҳо ва самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишвар дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ инъикос мегардад.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар муайянкунандаи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ

буда, ҳанӯз аз ибтидои солҳои 2000-ум ҳамасола ироа мегардад. Паёми навбатии Пешвои муаззами миллат 28 декабри соли 2024 бори нахуст дар бинои наву боҳашамати Парлумони кишвар пешниҳод гардида, зимни баррасии он Сарвари давлат оид ба пешбурди самараноки сиёсати дохилию хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои гуногун, аз ҷумла саноат, энергетика, кишоварзӣ, роҳу нақлиёт, сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, маориф ва илму фарҳанг, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ҷавонону варзиш ва сайёҳӣ, андозу гумрук, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, рушди муносиботи дӯстию ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ вазифаҳои мушаххас ба миён гузоштанд.

Бояд таъкид кард, ки яке аз авлавиятҳои фаъолияти давлати Тоҷикистони соҳибистиқлол  сиёсати хориҷӣ мебошад, ки ҳамасола дар Паёми Сарвари давлат матраҳ гардида, самтҳои афзалиятнок ва дурнамои он муайян карда мешаванд. Дар Паёми навбатӣ низ Пешвои миллат асосҳои сиёсати хориҷии кишварро амиқан таҳлил намуда, нигаронии хешро аз “вазъи ноором ва равандҳои пуртазоду мураккаб дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, ки пайомадҳои бухронии сиёсиву иқтисодӣ доранд» [1], изҳор доштанд. Мавриди зикр аст, ки бо дарназардошти мушкилоти зикршуда Сарвари давлат самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишварро муайян карда, ҷиҳати пешбурди он дастуру тадбирҳои зарурӣ пешниҳод намуданд.

Зимни таҳлили сиёсати хориҷии Тоҷикистон Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки  “Тоҷикистон дар заминаи сиёсати хориҷии “дарҳои кушода” ва таҷрибаи ҳамкории беш аз се даҳсола бо кишварҳои олам омодагии хешро барои идомаи таҳкими муносибатҳои гуногунҷанба бо онҳо ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар қолабҳои бисёрҷониба изҳор менамояд” [1].

Ҳамчунин таъкид гардид, ки Тоҷикистон ҳамкории созанда ва қобили дурнаморо дар доираи созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони рушд густариш медиҳад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр доштанд, ки мо минбаъд низ барои расидан ба ҳадафҳои муайянгардида ва тавсеаи ҳамкории созандаву дарозмуддат бо ҳамаи кишварҳои олам ва шарикони байналмилалии худ тадбирҳои зарурӣ меандешем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии хеш роҳандозии сиёсати бисёрсамтаро идома дода, бо тамоми кишварҳои дунё ҳамкориҳои густурда барқарор менамояд. Ба андешаи Пешвои миллат Тоҷикистон бояд дар низоми нави ташаккулёфтаистодаи муносибатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи ба худ муносибро ишғол намуда, ҳамкориҳоро бо тамоми кишварҳои ҷаҳон дар заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ ба роҳ монад.

Дар иртибот ба ин, аз Паёми навбатӣ чунин бармеояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии хеш роҳандозии сиёсати бисёрсамтаро идома дода, ҳамкориҳои густурдаро бо соири кишварҳои дунё таҳким ва тавсеа мебахшад. Ба андешаи Пешвои миллат “иштироки фаъол дар равандҳои ҷаҳонӣ бо мақсади ҳалли масъалаҳои умдаи аҳли башар аз авлавиятҳоест, ки дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон роҳандозӣ мегарданд” [1]. Тоҷикистон бояд дар низоми нави ташаккулёфтаистодаи муносибатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи ба худ муносибро ишғол намуда, муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, инчунин, дигар шарикони анъанавӣ аз минтақаҳои Аврупо, Амрико, Осиё, Ховари Миёна ва давлатҳои дигар қитъаҳои дунё дар заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ таҳким ва тавсеа бахшад.

Сарвари давлат дар Паёми навбатии худ дар заминаи таҳлили сиёсати хориҷии кишвар, авлавиятҳои онро ба тариқи зайл муайян намуданд:

1.Рушду тавсеаи муносибатҳо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ.

2.Таҳким ва тавсеаи муносибатҳо бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил.

3.Таҳкими муносибатҳо бо шарикони анъанавӣ аз минтақаҳои Аврупо, Амрико, Осиё, Ховари Миёна ва давлатҳои дигар қитъаҳои дунё ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар қолабҳои бисёрҷониба.

4.Густариши ҳамкориҳо бо ҳамаи созмонҳои бонуфӯзи байналмилаливу минтақавӣ [1].

Ба андешаи Пешвои миллат «стратегияи кишвари мо зимни рушду тавсеаи муносибатҳо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ минбаъд низ дар заминаи ҳусни эътимод ва самимият бо ҳадафи мусоидат дар таҳкими фазои сулҳу субот ва таъмин намудани рушду пешрафти муштарак дар минтақа бунёд мегардад» [1] ва ба сифати яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии кишвар боқӣ мемонанд. Сарвари давлат дар ин Паёми навбатии хеш низ густариши ҳамкориҳои зичро бо кишварҳои минтақа - Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Туркманистон, ки ба таъмини суботу осоиш ва оромии минтақа боис мегарданд, яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии кишвар маҳсуб медонад.

Самти дигари афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Пешвои муаззами миллат чун Паёмҳои қаблӣ аз он ёдрас гардиданд, таҳким ва тавсеаи муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷониба бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил маҳсуб меёбад. Дар ин маврид бояд зикр намоем, ки Сарвари давлат ҳанӯз дар иҷлосияҳои Ассамблеяи Генералии Созмони Миллали Муттаҳид дар солҳои 1993-1997 баромад намуда, самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян карданд. Аз ҷумла, 30-юми сентябри соли 1994 зимни суханронӣ дар иҷлосияи 49-уми Ассамблеяи Генералии СММ афзалиятнок будани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои аъзои ИДМ иброз дошта, аҳаммияти ду самти фаъолияти ҳукуматро дар чорчӯби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таъкид карданд, ки манзурашон муносибатҳои муштараку судманд бо Федератсияи Россия ва давлатҳои Осиёи Марказӣ буд.

Пешвои муаззами миллат дар Паёми навбатӣ, дар ҳошияи сиёсати "дарҳои кушода" таҳкими муносибатҳоро бо шарикони анъанавӣ аз минтақаҳои Аврупо, Амрико, Осиё, Ховари Миёна ва давлатҳои дигар қитъаҳои дунё аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии кишвар қарор додаст. Сарвари давлат тақвияти ҳамкориҳоро, бахусус, «дар самтҳои рушди «иқтисоди сабз», ҳифзи муҳити зист, технологияҳои навин, ҷалби сармоя ва тиҷорат» таъкид менамояд.

Дар Паёми навбатӣ низ густариши ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла бо "Созмони ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва дигар сохторҳои марбут ба равобити бисёрҷониба» аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон боқӣ мемонад. Дар ин замина Пешвои миллат иброз доштанд, ки Тоҷикистон ҳамкориҳои густурдаю судмандро бо созмонҳои мазкур «вусъат бахшида, ҷиҳати идомаи иштироки фаъол дар равандҳои ҷаҳонӣ ва қолабҳои гуногуни байналмилалӣ талош меварзад» [1]. Сарвари давлат ҷиҳати таъмин намудани пойдории низом ва суботи байналмилалӣ нақши муҳимму ҳамоҳангсоз ва муттаҳидкунанда доштани Созмони Милали Муттаҳидро махсус таъкид намуда, дар ин замина иброз доштанд, ки "кишвари мо дар идомаи ташаббусҳои созандаи худ дар арсаи байналмилалӣ доир ба пешбурди мавзуъҳои обу иқлим соли 2025-ум дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид мизбони аввалин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо хоҳад буд» [1]. Ҳамзамон Сарвари давлат тақвияти ҳамкориҳои байналмилалиро «дар самти обу ҳифзи пиряхҳо, баррасии пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ» [1] таъкид намуданд.

Бояд зикр кард, ки Пешвои миллат ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмону кишварҳоро дар самти таъмини амнияти миллӣ ва мубориза бо терроризм ва экстремизм, ки ба андешаи ӯ "ҳоло ба хатари глобалӣ мубаддал гардида,

тамоми аҳли башарро ба ташвишу нигаронӣ овардааст” [1] самти афзалиятноки ҳамкории байналмилалӣ эълом медорад. Сарвари давлат дар иртибот ба ин ёдрас гардиданд, ки бо ташаббуси Тоҷикистон ҳанӯз дар моҳи майи соли 2018 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзуи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез» баргузор гардид, ки дар ин ҳамоиш Тоҷикистон мавқеи устувори худро дар хусуси ба роҳ мондани ҳамкориҳои густурда ва ҳамоҳангшудаи байналмилалӣ иброз намуд. Ба андешаи Пешвои муаззами миллат “ҳамоҳангии фаъолият дар миқёси байналмилалӣ ва минтақавӣ ба эҷоди механизми боэътимоди мубориза муштарак бар зидди хавфу таҳдидҳои амниятӣ мусоидат менамояд” [1].

Ҳамин тавр, Паёми навбатии Пешвои муаззами миллат ба Маҷлиси Олии кишвар чун Паёмҳои қаблӣ муайянкунандаи самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, зимни баррасии он Сарвари давлат оид ба пешбурди самараноки сиёсати хориҷӣ, рушди муносиботи дӯстию ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ, қабл аз ҳама бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, Федератсияи Россия, кишварҳои форсизабони минтақа ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ вазифаҳои мушаххас ба миён гузоштанд.

**АДАБИЁТ**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://president.tj/node/29823 (санаи муроҷиат: 29.03.2025).

2. Раҳмонов, Э.Ш. Мусоҳиба бо мухбири рӯзномаи «Россия» Ю.Кушко / Э.Ш. Раҳмонов // Тысяча лет в одну жизнь. Сб. выст., интервью и статей). – Душанбе: Ирфон, 2003. – 653 с.

3. Саидов, З. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене / З.Саидов, А. Сабуров. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 404 с.

4. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва ҷомеаи ҷаҳон / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.

5. Эъломия дар бораи соҳибистиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дипломатияи Тоҷикистон. Бюллетени иттилоотӣ. – 2002. - № 2. – С. 175.

**УДК: 364**

# ПАДИДАҲОИ ТОЗА АЗ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

# РАДОСТНАЯ ВЕСТЬ ОТ ПОСЛАНИЕ ЛИДЕРА НАЦИИ

# GOOD NEWS FROM THE LEADER OF THE NATION'S ADDRESS

**ХОҶА ҚУРБОН ТОҲИРӢ** – доктори улуми педагогӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилали сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
**ХОДЖА КУРБАН ТАХИРӢ** – доктор педагогических наук, профессор кафедры таджикского языка и культуры Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
**KHODJA KURBAN TAKHIRI** – Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Tajik Language and Culture of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
**E-MAIL:** majala.dbsst@gmail.com

Дар мақола сухан дар боби падидаҳои навини аз Паёми сарвари давлат оид ба муҳимтарин самтҳои ҷомеа, мушкилот ва муҳиммоту печидагиҳо, ҳаллу фасли онҳо меравад. Дар навишта чунон ки дар Паём зикр гардида, нахуст , оид ба моҳият ва муҳиммияти Конститутсия меравад, ки ба ҳайси ҳуҷҷати муҳимми давраи Истиқлолият беш аз 30 сол аст, ки амал мекунад, такмил меёбад ва рушд менамояд. Равшан аст, ки Конститутсия чизи шахшудамонда набуда, ҳамеша бо ҳуқуқу асноду далоил ба нафъи ҷомеа ва рушди он комилтар мешавад. Бар замми ин, яке самтҳои дигари басо муҳимми сиёсати дохилии давлат – ин аз даст раҳо накардани ҳушёрӣ, зиракӣ ва масъулиятшиносӣ зоҳир намудан дар назди Ватани маҳбуб аст, ки сокинони Ҷумҳур бояд содиқона ва софдилона дар ҳифзи марзу буми он бошанд, фарзандони сазовори ҷомеаи навин ба камол бирасонанд. Дар мақола оид ба соҳаи сайёҳӣ ва рушду муаммоҳои он андешаҳои бикр баён ёфтааст, ки ин нукта низ дар Паёмҳои солҳои ахир таъкидан зикр мешавад, зеро соҳаи сайёҳӣ яке аз самтҳои асосии сердаромад дар миқёси Сайёра мебошад. Бахусус, Донишгоҳи мо, ки яке аз муассисаҳои муҳим дар риштаи сайёҳӣ амал ва рушд менамояд. Дар мақола оид ба низоми маорифи кишвар, бурду бохти он, омилҳои асосии пешравии ин соҳаи басо муҳимми ҷомеа ва ғамхориҳои беназири сарвари давлат сухан меравад. Аз он ҷумла, бисёр мушкилоте, ки дар масъалаи омода намудани ҷавонон ба касбу пешаҳои ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ ва созгор пеш меоянд, муассисаҳои таълимӣ бояд бетараф набошанд.Зеро мо кормандони низоми маориф ва таълиму тарбия боист роҳу усулҳои навини ташатккулу камолоти наврасонро биҷӯем. Мутмаинем, ки мақола ба хонандагон ва кормандони соҳаи таълиму тарбия аз Паёми сарвари давлат навидҳои тозае ворид хоҳад сохт.

**Калидвоҳаҳо:** дастур, судманд ва муфид, маърифат, гирдоб, душмании халқ, домано, пиромано, оштӣ, тадбир, аслихе, ҳанзал, дабири кулл.

В статье речь идет о новейшие Вести Президента Таджикского государства Эмомали Рахмона по важнейшие и актуальные направление развитие страны. В начале отмечается сущность Конституции и более 30 лет служат, совершенствует нашему народу и их праву на всех отрасли жизни. А также отмечается бдительности , зоркости и ответственности перед Родином политическом, социально - экономическом и защита граница нашей родной земли. В этом русле и духе Лидер нации рекомендует воспитать подрастающего поколение , которого соответствует общественного

требования. В статье ещё говорится о значимость и развитие туристические направлении в стране: проблемы, трудности и решении. В этом направлении значительную роль играет Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Всем известно, что система народного образования является одным из ключевым направлении государства и всегда находится под контролем руководителей. По этому причины отставании и её решении для развитие долг каждого учебного заведение. Особенно, овладеть профессию, знать языка и культура отношение необходимо каждому молодому поколение. Надеемся, что статья будут полезным всем читателем и работающим в системе народного образования.
**Ключевые слова:** рекомендации, полезно, турист, примирение, вести, Конституция, развитие, граница, совершенствовать, направлении, политика.

The article discusses the latest news from the President of Tajikistan, Emomali Rahmon, on the most important and current areas of the country's development. It begins by highlighting the essence of the Constitution and how it has served our people for over 30 years, improving their rights in all areas of life. It also emphasizes vigilance, foresight, and responsibility to the homeland, both politically and socioeconomically, and to protect the borders of our native land. In this spirit, the Leader of the Nation recommends raising a younger generation that meets public demands. The article also discusses the importance and development of tourism in the country: its problems, difficulties, and solutions. The International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan plays a significant role in this area. Everyone knows that the public education system is a key area of the state and is always under the control of its leaders. Therefore, identifying the causes of the lag and addressing them for development is the responsibility of every educational institution. In particular, mastering a profession, knowing the language, and developing a cultural attitude are essential for every young generation. We hope this article will be useful to all readers and those working in the public education system.
**Keywords:** recommendations, useful, tourist, reconciliation, news, Constitution, development, border, improve, direction, policy.

Дардавраи соҳибистиқлолият, ки ҳама самтҳои ҷомеа дар асоси қонун ва меъёрҳои ахлоқӣ асос ёфтааст, бояд ин ҳуҷҷати муҳиму тақдирсозро гиромӣ дошт ва эҳтиром намуд, ки беш аз 30 сол ба ҳайси дастури ҳаёту фаъолияти ҷомеа амал менамояд. Бесабаб нест, ки ин нукта оғозу сароғози Паёми сардори давлат қарор дошт. Мутаассифона, ҳоло низ дар ҷомеа афроде вомехӯранд, ки кӯшиши берун аз он гом ниҳодан мекунанд ва барои шуҳрату шаҳомати хеш зиёфатҳои ҳангомадорро ороста ва пероста карда, баъзан дар масҷидҳо бастаҳои маблағҳоро ба ҳомиёни дин бо ду дасти адаб дароз карда, ба аркони ҳуқуқии ин ҳуҷҷати муҳим ва судманд аз паси панҷа менигаранд. Сабаби ин пеш аз ҳама, фикру андешаҳои ботили ба дину оину мазҳабҳо гаравидан ва аз маърифату фазилат коста будани мафкураи онҳост. Ба таъкиди сарвари давлат, агар ту ин қадар доро ва ҳимматбаланд бошӣ, роҳеро таъмир ва ё купруке бисоз, ё аз баҳри мардум ҳаммоме бисоз, то амали хайреро ба ҷо оварда бошӣ.

Мусаллам аст, ки давлати соҳибқудрати мо сол ба сол, марҳила ба марҳила таҳти роҳбарии сарвари дурандеш ва соҳибхирад ба пеш қадамҳои устувор мегузорад ва набояд, ки ягон фарди ҷомеа монеъ ва садди он қарор дошта бошад. Миробид Сайидои Насафӣ дар ин боб басо хуб гуфта:

Ҳар ки бо душмании халқ равон аст, чу баҳр,
Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад [ 3,с.339]

Сардори давлат дар Паёми навбатии хеш вазъи сиёсии ҷаҳони имрӯзаро ба панҷаи

таҳлил гирифта, аҳли ҷомеаи тоҷиконро ҳушдор медиҳанд, ки дар чунин вазъияти ногувор ва нобасомониҳои рӯзгори аҳли сайёра муттаҳид ва муттафиқ бошанд, марзу буми Ватани хешро чун гавҳараки чашм муҳофизат намоянд. Ҳафт пушти гузаштагони мо ҳамин қазияро ҷонибдорӣ намуда буданд. Дар ин бобат, ҳарфи Ҳаким Фирдавсӣ пеши назар меояд, ки гӯяд:

Бубандед бар якдигар домано,
Намонед бадхоҳ пиромано [ 4,с.87].

Бар замми ин, торҳои дӯстӣ, рафоқат ва ҳамдигарфаҳмиро бо аҳли сайёра, бахусус, давлатҳои ҳамсоя ва ҳаммарз амсоли Узбекистону Қирғизистону Туркманистону Афғонистон қавӣ бояд кард. Дар ин бобат низ солҳои ахир қадамҳои устувор гузошта шуд. Бо ташаббуси Президенти кишвар дӯстии байни кишварҳои ҳамсоя на танҳо барқарор карда шуд, балки дар фазои озод рушд кардани ҷомеа имконият фарҳам омад ва дар бисёр соҳаҳо ҳамкориҳои судманд ба манфиати ин кишварҳо роҳандозӣ гардид. Ин тадбир аз он шаҳодат медиҳад, ки марди бохирад дар анҷуман ҳамеша соҳиби обурӯст. Ҳарфи Ҳаким Фирдавсист:

Чу аз ҷанг оштӣ ояд ба чанг,
Хирадманд ҳаргиз накӯшад ба ҷанг [4, с.324]

Сол то сол тадриҷан, ҳамкориҳо ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя ва хориҷӣ афзун гардида, риштаҳои дӯстиву ёриву бародарӣ таҳкиму густариш меёбад. Дар Паём оид ба фароҳам овардани шароити мусоид ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Табиист, ки фаъолият ва рушди соҳаи соҳибкорӣ барои пешрафти тараққиёти истеҳсолот хориқаи бузурге хоҳад шуд. Ҳамкории соҳибкорони Тоҷикистон бо мамолики хориҷӣ сол ба сол афзуда истода, табодулоти амвол ва дигар маҳсулоти ниёзи мардум таъмин гардида истодааст. Дар ин бобат, мамлакати ҳамтабору ҳамҷавору ҳамзабону ҳамфарҳанг Эрон хидматҳои басо мондагор дорад. Ҳамин тавр бояд бошад. Мардуми Тоҷикистон бо Эрон боист равобити доимӣ ва фарҳангиву забонии ҳазорсолаҳоро бояд барқарор намояд. Ин ду қавм амсоли ду мағзи бодомест, ки дар як пӯст аст. 70 сол давлати Шуравӣ моро аз ҳамдигар ҷудо карда буд. Мавлонои Балхӣ дар ин боб басе хуб фармуда:

Ҳар касе, к-ӯ дур монд аз асли хеш,
Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш. [ 6,с.16].

Сарвари давлат дар Паёми навбатӣ ба рушду такомул бахшидан ба соҳаи сайёҳӣ таваҷҷуҳи беандоза зоҳир менамоянд. Ин тадбир дар ағлаби баромадҳои Президенти кишвар таъкид мегардад. Барои амалӣ гардидани ироаи зикргардида дар мамлакат Кумитаи рушди сайёҳӣ, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ ва сохтору зерсохторҳои ба ҳамин самт марбута таҷлил ва таъсис гардид. Ҳадаф аз ин чорабиниҳо ба вуҷуд овардани шароити мусоид ва бехатарии меҳмонони хориҷӣ, омода намудани мутахассисони болаёқат ва забондону тарҷумонҳои касбӣ, вусъат бахшидани нукоти хатсайри сайёҳон вазифаи аввалиндараҷаи муассисаҳои марбута маҳсуб мегардад.

Дар микёси Ҷумҳур Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ яке аз марказҳои муҳимми омода кардани мутахассисон ва коршиносони соҳаи сайёҳӣ буда, ҳар сол беш аз 50 нафар мутахассисони варзидаро ба нукоти муҳимми хидматрасонӣ ва тарҷумонӣ роҳхат медиҳад. Донишгоҳ дар тӯли беш аз 30 соли мавҷудияти худ заминаи боэътимоди моддӣ – техникӣ ба вуҷуд оварда, собиқа ва таҷрибаи ибратбахшеро ба даст овардааст. Зина ба зина шуъба ва ихтисосҳои нави соҳаи сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ вобаста ба талаботу шароити давраи муосирро роҳандозӣ менамояд ва ҳангоми зарурат тариқи фосилавӣ ва шартномавӣ мутахассисону коршиносонро аз хориҷи кишвар даъват ва дархост менамояд. Ин мутахассисон аз Олмону Чину Фаронса на танҳо ба таълиму тадрис машғул ҳастанд, балки таҷрибаи хешро ба омӯзгорони ҷавон меомӯзонанд ва намунаи ибрат мебошанд. Асосан аз худ кардани ин тахассус он қадар заҳмати душворро ба бор надорад. Чуноне ки мутахассисони хориҷӣ дар суҳбат

ба мо иброз доштанд, донистани забон ва маҳорати суханварӣ, фарҳанги муошират, иттиллои хуб доштан аз таъриху ҷуғрофиёи кишвари хеш, одобу лутфу меҳрубонӣ, тарзу усули хидматрасонии воло ва намунавиро молик будан аст. Шайх Саъдӣ бомаврид гуфта:

Агар ҳанзал хӯрӣ аз дасти хушхӯй,
Беҳ аз ширинӣ аз дасти турушрӯй [ 2,78].

Мутаассифона, бо вуҷуди шароити волои таълиму тадрис ва муҳайё намудани заминаҳои хуби моддӣ – техникӣ, чунон ки ректори Донишгоҳ Асрорзода Убайдулло таъкидан иброз медоранд, ҳоло ҳам ҷавонони мо, ки дар оила роҳу усул ва равиши меҳмоннавозии шарқиро аз волидайн аз бар накардаанд, аксар вақт дар ошхонаву тарабхонаҳо басо хуб мушоҳида мекунем, ки чӣ тавр лиму ва апелсинро монанди харбуза бурида оварда пешат мегузоранд. Албатта, баъзе рукнҳои хидматрасониҳое ҳастанд, ки тавассути ақл ва хираду одатҳои маъмулӣ ва расму русуми аҷдодӣ бояд сурат бигирад , на тариқи таҳсил. Донишгоҳ дар самти рушди сайёҳӣ ва аз бар намудани нозукиҳои ин соҳа бо донишгоҳҳои хориҷи кишвар ва ширкатҳо шартномаҳои тарафайн дошта, факултаҳои муштарак таъсис дода, дар табдили донишҷӯён ва такмили таҷриба ва собиқаи касбомӯзӣ дар хориҷа дастовардҳои назаррас ба даст оварда, ба ҳукми анъана шомил гардидааст.

Баҳри боло бурдани нуфузу шуҳрати донишгоҳ дар арсаи байналмилалӣ бо даъвати роҳбарият моҳи майи соли 2010 ба донишгоҳ ташриф овардани меҳмони олиқадр - Дабири кулли Созмони Умумиҷаҳонии сайёҳӣ ҷаноби Толиб Рифоӣ , ноиби намояндаи минтақаи аврупо Курдула Волтмутер ва роҳбарони Кумитаи Сайёҳии Ҷумҳур басо хотирмон буд.Дар ин ташриф аз ҷониби Дабири кулли ин созмон Толиб Рифоӣ ба узвияти Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ пазируфта шудааст [5, с.86].

27 – уми сентябри соли 2010 дар донишгоҳ нахустин конфронси ҷумҳуриявии илмӣ – амалии саноати сайёҳии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар он намояндагони Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ Кардула Волтмутер , намояндаи Иттиҳоди Аврупо Борис Филиппов ва директори меҳмонхонаи Ҳайат Риҷенси ширкат ва суханронӣ карда, дастур ва маслиҳатҳои басо судманд ироа карданд.

Дар ҳавзаи ин ҳамкориҳо бо созмони байналмилалии хадамоти ихтиёрӣ як гурӯҳ мутахассисони соҳаи сайёҳӣ аз кишварҳои Аврупо ба донишҷӯёни тахассусҳои мухталифи сайёҳӣ силсилаи машғулиятҳоро ба сомон расониданд.

Донишгоҳ аз рӯйи барномаи тадқиқотӣ – озмунии “ Роҳҳо ва усулҳои тайёр намудани мутахассисони соҳаи туризм дар Тоҷикистон “ аз тарафи Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ – тадқиқотии назди Академияи миллии улуми Тоҷикистон ғолиби озмун дониста шудааст. Барномаи мазкур аз оғози соли 2011 аз ҷониби буҷаи Ҷумҳурӣ маблағгузорӣ шуда истодааст.

Донишҷӯёни ихтисоси сайёҳӣ аз иштирокчиёни фаъоли чорабиниҳои соҳаи туристӣ, озмунҳо ва ҳамоишҳои илмӣ мебошанд. Дар силсилаи чорабиниҳои Озмуни умумиҷаҳонии туристии кӯҳнавардӣ, ки аз ҷониби Федератсияи кӯҳнавардон ва бо дастгирии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд, ду нафар донишҷӯёни ихтисоси сайёҳӣ ширкат варзида, ҷойи аввал ва дуюмро соҳиб гардиданд.

Барои таъсис додани аспирантура ва докторантура аз рӯйи ихтисоси “ Иқтисодиёти соҳибкорӣ, рекреатсия ва сайёҳӣ” иҷозатномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шуда, шаш нафар докторантон ба донишгоҳ шомил гардидаанд. Донишгоҳ аз соли 2010 ба узвияти Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ ворид гардидааст. Ҳамчунин дар заминаи Донишгоҳ маркази маълумоти иловагӣ дар самти хидматрасонӣ ва сайёҳӣ роҳандозӣ гардидааст.

Марбут ба дастурҳои Паёми сарвари кишвар фаъолияти Маркази сайёҳӣ ва

меҳмонпазироӣ аз ҳамкориҳои судманд оғоз гардида, дар ҳамҷоягӣ бо шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ барои ҳамкориҳои минбаъда бо Ассосиатсияҳои тарабхонаҳо ва меҳмонхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати омода намудани мутахассисони ин соҳа шартномаи тарафайн баста шудааст. Марказ пайваста вохӯриву суҳбатҳои ашхоси муътабари соҳаи сайёҳиро бо донишҷӯён ва устодони факултаи сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ ба сомон мерасонад. Маркази мазкур барои гирифтани иҷозатнома ҷиҳати кушодани курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши забони англисӣ, технологияҳои иттилоотии коркарди маълумотҳо, таҳсилоти туроператорон, ташкили фаъолияти тарабхона ва меҳмонхона ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол дошта, моҳи декабри соли 2010 ба гирифтани иҷозат ноил гардид.

Маркази сайёҳӣ ва меҳмонпазироӣ ин айём дар ҳамкорӣ бо дигар сохторҳои донишгоҳ оид ба соҳаи сайёҳӣ барномаҳо, дастурҳои методӣ ва дигар маводи ёрирасонро муҷаҳҳаз намуда, дар бораи таъсиси технопаркҳо дар назди макотиби олии Ҷумҳур барои таҷрибаомӯзӣ ва омӯзиши фаъолияти тарабхона ва меҳмонхонаҳо ваколатнома гирифтааст. Ҳадаф аз ин чорабиниҳо дар он аст, ки гурӯҳҳои академикии ихтисоси сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ машғулиятҳои таҷрибавияшонро дар технопарк сомон бидиҳанд.

Моҳи феврали соли 2011 байни донишгоҳ ва Созмони байналмилалии хадамоти ихтиёриён барои ҳамкорӣ оид ба омӯзиши соҳаи сайёҳӣ дар донишгоҳ қарордоди ҳусни тафоҳум ва ҳамкорӣ баста шуд, ки то ин айём ҳамкорӣ доранд. Дармарказ маҳфилу нишастҳо, мизгирдҳо ва вохӯриву конфронсҳои илмӣ оид ба сайёҳӣ, меҳмондорӣ, сайёҳати зиёратӣ, экологӣ, кӯҳӣ ва тарзу усули хидматрасонӣ дар тарабхонаву меҳмонхонаҳо ва амсоли он ба сомон мерасад. Маркази мазкур дар тӯли мавҷудияти худ чандин маротиба бо директорони меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, ассосиатсияи ширкатҳои туристӣ вохӯриҳо созмон дода, оид ба масоили таҳким ва рушди соҳаи сайёҳӣ ва тарзу усулҳои беҳтар намудани қабули меҳмононро ҳаллу фасл намуданд.

Рӯзи 10 –уми июни соли 2016 Дабири кулли Созмони умумиҷаҳонии сайёҳии СММ ҷаноби Толиб Рафоӣ бори дуввум ба донишгоҳ ташриф овард. Чи тавре ки дар мубодилаи афкори тарафайн зикр гардид, ҳадаф аз ин мулоқотҳо ва боздидҳо тақвият бахшидан ба ҳамкориҳои пайваста дар самти омода намудани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ва меҳмондорӣ ва расму русуми он дар Тоҷикистон мебошад.

Маҳз аз Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ боздид намудани Дабири кулли Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ СММ бесабаб набуд. Донишгоҳи мазкур дар миқёси ҷумҳур нахустин шуда, барои омода намудани мутахассисони бахши сайёҳӣ ва меҳмонпазироӣ кафедра, факултаҳо, донишкада ва технопаркҳо таъсис дода, баҳри боло бурдани омӯзиш ва хусусиятҳои хоси равиши таълими он аз хориҷи кишвар мутахассисонро даъват намуда, ба дастовардҳои назаррасе ноил гардидааст.

Ҳамасола дар Паёмҳои сарвари давлат дар боби рушди соҳаи сайёҳӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мешавад. Паёми имсола тақозо бар он дорад, ки имкониятҳои таърихиву табиӣ, кӯҳнавардӣ, фарҳангӣ – фароғатӣ ва табобативу истироҳатии ҷомеаро таъмин ва таваҷҷуҳи сайёҳони дохилиро низ бештар ҷалб   намоем.

Президенти кишвар дар ҳама Паёмҳои пурарзиши хеш оид ба низоми маориф, бурду бохти он, омилҳои асосии пешравии ин соҳаи басо муҳимми ҷомеа ғамхориҳои басо судманд ироа менамоянд. Аз он ҷумла, сарвари давлат ба он нукта ишора кардаанд, ки “ Имрӯз дар соҳаи маорифи мамлакат 8 барномаи давлатӣ ва ду стратегияи дарозмуддат татбиқ шуда истодааст, ки ба рушду инкишофи таълиму тарбия, амалигардонии ислоҳоти соҳа, дастгирии мактабу омӯзгор, таълифи китобҳои дарсии насли нав ва такмили мазмуну мундариҷаи таҳсилот мусоидат менамояд. Ҳамчунин бо ин мақсад дар ин соҳа11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 4,6 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст” [8, с.15].

Ба қиёс гирифтани шумораи мактабу мактабхону донишҷӯву таълимгоҳҳои олии касбии мамлакат назар ба оғози Истиқлолият (соли 1991), сад андар сад афзуда, ин шумор аз он гувоҳӣ медиҳад, ки то кадом дараҷа Ҳукумати Тоҷикистон бо сарварии роҳбари арзандаи хеш дар боби рушди соҳаи маориф ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи беандоза зоҳир менамояд. Чунин дастовардҳоро қадр накардан ва ё сатҳӣ назар кардан нашояд. Дар замони Шуравӣ ҳар як республика интизорӣ мекашид, ки кай бозиҳои олимпӣ ба Русия меояд, ки аз маблағи он дар респуликаи мо низ ягон иншооте қад бияфрозад.

Баъзе падару модарон иброз медоранд, ки " Чаро дар давраи Шуравӣ хонандагон бо мактаб таъмин будандуимрӯз намерасад.Дар посух ба ин матлаб дар Паём омадааст: " Агар соли 1991 дар Тоҷикистон 3229 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо 1,3 миллион нафар хонанда фаъолият дошта бошад, пас имрӯз 4037 муассиса, аз ҷумла 170 литсейю гимназия фаъолият менамояд. Шумораи умумии хонандагони онҳо беш аз 2 миллиону 300 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69 ҳазор донишҷӯ амал мекарда бошад, ҳоло шумораи ин муассисаҳо ба 48 ва донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 214 ҳазор нафар расидааст [8, с.15]."

Президенти кишвар дар Паём аз он изҳори нигаронӣ менамоянд, ки " дар зинаи таҳсилоти олӣ масъалаҳои сатҳу сифати таълим, дараҷаи касбии омӯзгорон ва истифодаи технологияи муосир аз ҷониби онҳо, ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ дар раванди таълим, таҳкими заминаи моддиву техникӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, табодули илмии омӯзгорону донишҷӯён, корҳои илмию таҳқиқотӣ ва тадбирҳои тарбиявӣ ҳанӯз ба тақвият ниёз доранд [8, с.15].

Дар ҳақиқат, таҷриба ва собиқаи тӯлонии омӯзгорӣ ва мушоҳидаҳо дар низоми таълиму тарбия аз он башорат медиҳанд, ки ин айём мутахассисони ҷавоне, ки баъди хатми мактаби олии касбӣ дафтари синфро ба даст гирифта, ба синф ва ё утоқи таълимӣ ворид мешаванд ва дар рӯ ба рӯйи хонандагон қарор мегиранд, ағлаб дар дар назди хонанда ва донишҷӯ мулзаманд. Ӯ боварӣ надорад, ки талаботи шогирдонро нисбати фазлу дониш, маърифату адабу фарҳанг қонеъ гардонида тавонад, ки худ аз он бебаҳра аст. Заминаи нокифояи захираи дониш, ҷаҳонбинии маҳдуд, надоштани боварии комил ба худ, бемеҳру муҳаббат ба шогирдон, бешавқу завқ нисбат ба касби хеш, кофӣ набудани малакаву маҳорати педагогӣ ва психологӣ имконият намедиҳанд, ки таваҷҷуҳи наврасонро ба худ ҷалб намояд. Бино бар ҳамин омилҳо бисёр мутахассисони ҷавон баъди хатми мактаби олии касбӣ ба ҷойи таъиншуда нарафта, дар талаби дигар шуғланд ва ё касби хешро иваз менамоянд.

Ба ҳамагон равшан аст, ки касбу шуғли омӯзгорӣ кори сахлу осон нест. Чунон ки дар урфият мегӯянд: " Бо бӯз хирманкӯбӣ нашояд." [1,с. 48]. Вагарна, дар натиҷаи ғамхориҳои давлат ва сарвари мумтози он аз Паём то Паём, сол ба сол, зина ба зина зисту зиндагӣ, шароит ва маоши кормандони соҳаи маориф ба афзунист, пас чӣ метавонад садди роҳи мутахассисони ҷавон шавад, ки дар сарзамини Рус ба корҳои пасттарин ва зишттарин даст бизананд ва обрӯйи ҷомеа ва кишвари хешро паст намоянд.

Бино бар андешаҳои фавқ, моро зарур аст, ки ба ҳар як нукоти дар Паём зикргардида аз назари хирад бингарем ва бахри боло бурдани сифати таълим ва бахусус, омӯзгорони оянда ва роҳҳои навини омода намудани касбу пешаҳои мухталиф таҷриба ва дониши хешро дареғ надорем.

Нуктаи дигаре, ки дар ҳуҷҷати муҳимми сол – Паёми сарвари кишвар ироа мегардад, рушди илм, пажуҳиш ва амалияву самараи он аст. Ин дастур, чунон ки Президенти муҳтарам таъкидан ибрози андеша менамоянд, " Мо соли 2024 -ум бо аҳли илм ва маорифи кишвар ду маротиба мулоқот карда, мушкилот ва дурнамои соҳаро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ намудем ва бароиислоҳи вазъ дастуру

супоришҳои қатъӣ додем [8.с.16]”.
Аз назари мо, аҳли илм, ин ғамхориҳои роҳбари давлат оид ба мушкилот ва муаммоҳои пажуҳишҳои соҳаи илм на танҳо ба кормандони низоми маориф, балки барои ҳар як муассисаи илмӣ – тадқиқотӣ, ки дар микёси ҷумҳурӣ бешуморанд, ҷиддан дахл дорад. Зеро чунон ки сарвари давлат таъкид намудаанд: “ ...рушди маориф бо пешрафти соҳаи илм пайванди ногусастанӣ дорад [8, с.6]”. Возеҳ аст, ки устоди мактаби олӣ танҳо мутааллим ва ё дарсдиҳанда набошад. Ӯ боист пеш аз ҳама, пажуҳандаи илми соҳаи худ, касбу шуғлу пешаи хеш бошад. Устоде, ки танҳо бо мақсади каффофияти маош ва ҳадафҳои дигар ба мактаби олӣ по мениҳад, аз илму улуми замона ба таври кофӣ бархӯрдор нест, андешаҳои мустақилона дар боби ин ё он мавзуъ надорад ва рӯйи сафҳа оварда наметавонад, беҳтараш аз касби устоди мактаби олӣ даст бикашад. Мутаассифона, дар солҳои ахир сафи чунин устодон афзуда истодааст. Дар мактабҳои олӣ бояд магистратура аспирантура, докторантура ба масъулияти ҷиддӣ ва самаранок амал намояд. Вале афсӯс, ки сол то сол ин шуъбаҳо дар макотиби олӣ бо ном вуҷуд доранду рӯйихати расмӣ дар дафтарҳо ва фармонҳо. Албатта, гоҳ- гоҳе онҳо ба ин шуъбаҳо бо сим задани мудири шуъба ҳозир мешаванд, вале на дар машғулиятҳову чорабиниҳову конфронсҳо, ки бояд онҳо маъруза омода намоянд, баромад кунанду фаъол бошанд. Дар хусуси реферату кори курсиву дигар амалҳои эҷодӣ интернет дасти мадади онҳост. Бубинед, ки бо ҳамин аҳволу дараҷаи дониш ба синф медароянд. Бо чунин ашхоси аҳли таълим ва таъбия чи тавр метавон сифати таълимро боло бурд ва касбу шуғле ба наврасон омӯхт.

Устоди макотиби олӣ бояд ҷаҳонбинии васеъ, донанда ва истифодабарандаи навъҳои мухталифи машғулиятҳо, ҷӯяндаи улуми лозима ва барои такмили фазлу фарҳангу хиради шогирдон нафърасон буда, баҳри самаранокии машғулиятҳояш ҷадал намояд. Яъне, илмро ба амал бипайвандад. Сол то сол матни лексия ва машғулиятҳои амалии устоди ҷавон бояд бо падидаҳои тоза ва навини давраи муосир самараноктар ва ғанитар гардад. Барои ҳамаҷониба фаро гирифтани дониши шогирдон таълими босамар ва судманди фунуни инсоншиносӣ зарур аст, таълиме, ки ба шеваҳои нави омӯзиш такя мекунад, аз навтарин дастовардҳои илмҳои мухталиф шогирдонро воқиф менамояд ва як маълумоти зарурию қаноатмандкунанда, ки ба талаботи меъёрҳои давлатию минтақавию ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошанд, бидиҳад. Зеро ҷомеа дар самтҳои мухталиф пеш меравад, дастовардҳои навини илмию фарҳангӣ тавлид мeёбад ва шогирдон бояд аз чунин навидҳо пеш аз ҳама тавассути устод огаҳ бошанд. Чунон ки Мавлоно Ҷомӣ гӯяд:

Гавҳару лаъл аз дили кон маталаб,
Ҳар чӣ биёбӣ, беҳ аз он маталаб! [7, с.5].

Дар мавриди нуктаи Паём, ки “ ...Вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳо, Комиссияи олии аттестатсионӣ, академияҳои соҳавӣ ва дигар сохторҳои марбутаро зарур аст, ки “ Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021 – 2030” –ро дар муддати ду моҳ таҷдиди назар карда, ба ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд [8,с .16],” бояд ҷиддитар назар кард. Зеро иҷрои ин чорабинӣ кори саҳлу осон нест. Замони муосир, ки барои пешравии самтҳои мухталифи ҷомеа мутахассисони варзидаи донандаи касбу пешаи худ бошанд, ангуштшумор анд. Таҷрибаи чанд соли ахир аз он башорат дод, ки сафи унвондорон афзуд, вале бесамар ва бесифат. Ба андешаи мо, ҳангоме ки соҳибкасб дараҷаи илмиро соҳиб гардид, бояд дар назди ҷомеа масъулияти бештареро дошта бошад. Мутаассифона, ин тавр нашуд. Дар баъзе мактабҳои олии ҷумҳурӣ оид ба фунуни мухталиф даҳҳо номзадҳо ва докторҳо сабзиданд ва сазовори мукофоту аҳсану таҳсинҳо гардиданд. Вале таҷриба нишон дод, ки ағлаби ашхоси мазкур аҳли эҷоду иршод набуда, танҳо барои афзудани маош ва беҳтар шудани зисту зиндагии хеш талош варзидаанд. Ҳатто баъзе аз онҳо фаромӯш кардаанд, ки дар кадом мавзуъ

пажуҳиш анҷом додаанд ва дар кадомин фан дипломи дараҷаи илмӣ гирифтаанд. Инро аҳли ҷомеа басо хуб медонад ва дар байни хосу ом мавриди гуфтору мубоҳиса қарор дорад. Аз ин лиҳоз, омода намудани “ Барномаи давлатии тайёр намудани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ” тақозои айём ва талаботи ҷомеа аст.

Хушбахтона, дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ барои омода кардани кадрҳои болаёқати касбӣ ҳама шароитҳо муҳайё гардонида шудааст. Дар зерсохтори донишгоҳ таъсис додани Донишкадаи такмили ихтисос ва Пажуҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотӣ иқдоми навину навидест, дар миқёси Ҷумҳур, имкон ва шароит и муфиду судманде дорад, ки кадрҳои болаёқатро дар ҳама соҳаи фунун ва касбу пешаҳо, тахассусу ихтисосҳо омода намояд. Таҷриба собит намуд, ки ин соҳа тақвият дода шуда, ба ин ду муассиса кадрҳое сари кор бошанд ва сарварӣ намоянд, ки худ варзида ва собиқадору таҷрибаандӯхта бошанд. Роҳандозиҳо, чорабиниҳо ва тадбирҳо аз ҷониби роҳбар бомаврид, андешамандона ва дурандешона аст, танҳо мутахассисе зарур аст, ки сазовори самаранок ташкил кардану хоста гирифтани мутахассисони корозмуда бошанд, савияи донишу таҷриба ва собиқаи хешро ба устодони ҷавон биомӯзонанд, дар такмилияти касбии онҳо саҳмгузорӣ намоянд.

Дар фарҷом ҳамин маъниро бояд зикр намуд, ки Паёмҳо раҳоварди ҳар як фарди равшанзамири ҷумҳурист. Мо бояд нишондодҳои онро ба ҳайси як дастури амал ва нукоти муҳимми имрӯзу оянда сидқан ва қалбан қабул ва реҷаи кору фаъолияти хешро ба меъёрҳои ин сатрҳои заррин муқаррар намоем.

**АДАБИЁТ**


1.Раҷаб Амонов. Латифаҳо. Душанбе: Ирфон, 1994.- 165 с.

2. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт: Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди 111. Душанбе: Адиб, 1990.- 368 с.

3. Сайидои Насафӣ. Асарҳои мунтахаб. Душанбе, Ирфон, 1977.- 704 с.

4. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома: Иборат аз нуҳ ҷилд. Ҷилди 2. Душанбе: Адиб, 1987.- 320 с.

5. Хоҷа Қурбон Тоҳирӣ. Падидаи истиқлол. Душанбе: Илм, 2016.- 144 с.

6. Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ. Нашри замон. Теҳрон – 2001.- 728 с.

7. Ҷамолиддин Саидзода, Гурез Сафарзода. Раҳнамои омӯзгори адабиёт.- Душанбе: Сифат, 2011.- 100 с.

8. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 28.12.2024, ш. Душанбе. Маҷ. “ Садои Шарқ,” №1, соли 2025. С. 3-26.

**УДК:371**

## ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН ДУРНАМОИ РУШДИ СОҲАИ МАОРИФУ ФАРҲАНГ ВА САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ПОСЛАНИЕ ПРЕЗИДЕНТА ТАДЖИКИСТАНА КАК ПЕРСПЕКТИВА РАЗВИТИЯ СЕКТОРОВ ОБРАЗОВАНИЯ, КУЛЬТУРЫ И ТУРИЗМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

## ADDRESS OF THE PRESIDENT OF TAJIKISTAN AS A PROSPECT FOR DEVELOPING THE SECTORS OF EDUCATION, CULTURE AND TOURISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**НАСРУЛЛО ТӮЙЧИЗОДА -** номзади илмҳои фалсафа, устоди кафедраи таърих ва фалсафаи ДБССТ
**ТУЙЧИЗОДА НАСРУЛЛО -** кандидат философских наук, старший преподаватель кафедры истории и философии МУТПТ
**TUYCHIZODA NASRULLO** – Candidate of Philosophical Sciences, Senior Lecturer, Department of History and Philosophy, IUTET,
**E-MAIL:** nasrullotj@gmail.com

**Аннотатсия.** Мақолаи мазкур ба аҳамияти Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳамасола ироа гашта, ба тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ нигаронида мешавад, бахшида шудааст. Зикр мегардад, ки Паём ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсоз самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар, масъалаҳои рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илм ва маориф, амнияти миллӣ ва дигар самтҳои муҳими ҳаёти ҷомеаро баррасӣ менамояд. Паёми Пешвои миллат ҳамчун ҳуҷҷати роҳнамо ва барномаи мукаммали давлатӣ дар назди ҳар як фард вазифаҳои мушахасро мегузорад, то ба иҷрои он барои пешрафти ҷомеа, Ватан ва таъмини ояндаи беҳтар саҳмгузорӣ намоем.
**Калидвожаҳо**: Паёми Президент, ҳуҷҷати сарнавиштсоз, Пешвои миллат ва сулҳи тоҷикон, рушди маориф ва фарҳанг дар солҳои истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва истиқлолият, хештаншиносӣ.

**Аннотация.** В данной статье рассматривается значение Послания Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, которое ежегодно оглашается и посвящается вопросам экономического и социального развития. Следует отметить, что в Послании, как в судьбоносном документе, определяются основные направления внутренней и внешней политики страны, поднимаются вопросы социально-экономического развития, науки и образования, национальной безопасности, а также других важных сфер общественной жизни. Послание Лидера нации, являясь руководящим документом и комплексной государственной программой, ставит перед каждым гражданином конкретные задачи, побуждая нас вносить личный вклад в прогресс общества и государства, а также в обеспечение лучшего будущего нашей Родины.
**Ключевые слова:** Послание Президента, судьбоносный документ, Лидер нации и мира таджиков, развитие образования и культуры в годы независимости, национальное единство и независимость, самопознание.

**Abstract.** This article examines the significance of the Message of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, which is annually announced and dedicated to issues of economic and social development. It should be noted that the Message, as a fateful document, defines the main directions of the country's domestic and foreign policy, raises issues of socio-economic development, science and education, national security, as well as other important areas of public life. The Message of the Leader of the Nation, being a guiding document and a comprehensive state program, sets specific tasks for each citizen, encouraging us to make a personal contribution to the progress of society and the state, as well as to ensuring a better future for our homeland.
**Key words:** Message of the President, fateful document, Leader of the nation and the world of Tajiks, development of education and culture in the years of independence, national unity and independence, self-knowledge.

*“Ман баояндаи дурахшони Тоҷикистон эътимоди комил дорам. Хуб медонам, ки мо бо чунин мардуми ватандӯсту заҳматкаш тамоми нияту нақшаҳои некамонро дар солҳои наздиктарин амалӣ мегардонем ва Тоҷикистони азизамонро ба як кишвари пешрафтаву неруманд ва ободу сарсабз табдил медиҳем”.*

***Эмомалӣ Раҳмон***

Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои охир ба шарофати сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба як қатор пешравиҳо ноил шуда, дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари ташаббускор ва рӯ ба рушд ниҳода эътироф гаштааст. Мавриди зикр аст, ки пешрафту бурду бохт ва иқдомҳои пешгирифтаи ҳукумати кишвар, ки ба тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ нигаронида шудааст, ҳамасола дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, ки 28 -уми декабри соли 2024 ироа гардид, чун ҳамеша аз масъалаҳои муҳимтарин, пешниҳодот ва навидҳои басо ҳам муҳиму саривақтӣ ва нишотовар иборат буд. Паёми мазкур чун анъана самтҳои муҳимтарини сиёсати кишварро фаро гирифта, тамоми масъалаҳо аз нигоҳи хирадмандонаи Пешвои миллат мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Аз ҷумла, зикр гардид, ки иқдомоти дар замони соҳибистиқлолӣ амалинамудаи Хукумати мамлакат ба рушди фарҳанг, ҳифзи меросу анъана ва суннату арзишҳои миллӣ ва дар натиҷа ба раванди болоравии сатҳи маънавиёти ҷомеа такони бузург бахшиданд. Агар соли 2000-ум аз буҷети давлатӣ барои соҳаи фарҳанг ва варзиш ҳамагӣ 13 миллион сомонӣ ҷудо шуда бошад, пас дар соли 2024-ум ин нишондиҳанда 1 миллиарду 716 миллион сомониро ташкил дод. Тайи 33 соли истиқлоли давлатӣ дар кишвар 18 театр, 50 қасри фарҳанг, 14 мактаби санъат, 126 китобхона, 61 боғи фарҳангу фароғат ва 20 осорхона бунёд карда шуд [1]. Ҳамзамон, Пешвои миллат зикр намуданд, ки муассисаҳои соҳаи фарҳанг ва ходимони он бояд дар маркази диққат қарор дошта бошанд. Зеро фарҳанги миллӣ, ки заиф шуд, ҷояшро фарҳанги бегона пур мекунад.

Чӣ тавре, Президенти кишвар зикр намуданд: Тайи солҳои истиқлолият ҳукумати мамлакат рушди соҳаи сайёҳиро самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии худ мешуморад. Аз ин ҷост, ки шумораи сайёҳоне, ки соли 2024-ум ба Тоҷикистон омадаанд, ба 1 миллиону 400 ҳазор нафар расида, нисбат ба соли 2019-ум 12 фоиз афзудааст [2]. Аммо, ба таъкиди сарвари давлат, нишондиҳандаи мазкур ба имкониятҳои таърихиву табиӣ, кӯҳнавардӣ, фарҳангӣ ва табобативу истироҳатии кишвар мувофиқ нест. Дар ин замина, дар баробари ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба рушди сайёҳии дохилӣ низ бояд таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Мавриди зикр аст, ки барои дастгирии соҳибистеъдодҳо, хусусан истеъдодҳои ҷавон дар кишвар озмунҳои гуногун баргузор мешаванд. Дар давоми шаш сол дар озмуни «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» беш аз 21 ҳазор нафар иштирок карда, қариб 500 нафари онҳо сазовори туҳфаҳои арзишманд гаштанд. Дар озмунҳои дигар, аз ҷумла «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикон – оинаи таърихи миллат» низ то имрӯз 2 миллиону 60 ҳазор нафар шаҳрвандони кишвар, хусусан, наврасону ҷавонон иштирок карда, қариб 1000 нафар соҳиби шоҳҷоиза, ҷойҳои намунавӣ ва ҷоизаҳои пулӣ гардидаанд. Қишри дигари ҷомеа аз қабили донишҷӯён, магистрантон ва дигар зинаҳои таҳсилот натанҳо аз стипендияҳои муқаррарӣ ва президентӣ вазъи зиндагии худро беҳ месозанд, балки ғамхории сарвари маҳбуби миллати мо аст, ки озмунҳои зиёдеро бо сармоягузории бузург барои ин табақаи ҷомеа роҳандозӣ намудаанд ва ба ин васила онҳо метавонанд тавассути иштирок дар ин озмунҳо ба дастовардҳои бузург ноил гарданд[3].

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ҳуҷҷати муҳими стратегӣ номид. Чӣ тавре, ки зикр гардид, дар он самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар, масъалаҳои рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илм ва маориф, амнияти миллӣ ва дигар самтҳои муҳими ҳаёти ҷомеа баррасӣ мегардад. Паёми президенти кишварро метавон ба чанд бахши муҳим ҷудо намуд, ки рушди илму маориф, инноватсия ва технологияҳои муосир, саноатикунонии босуръати мамлакат, рушди устувор ва ҳифзи муҳити зист ба ин мисол шуда метавонад.

Самти маориф низ пайваста дар солҳои истиқлолият рушд ёфта, аз ҷониби роҳбарияти олии кишвар таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Барои тақвияти гуфтаҳои худ Пешвои миллат зикр намуданд, ки танҳо дар се соли сипаришуда дар мамлакат 1500 иншооти соҳаи маориф, яъне муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ сохта ва ба истифода дода шудааст. Аз аввали солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар 3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ ба фаъолият шуруъ намудааст. Агар соли 1991 дар Тоҷикистон 3229 муассисаи таҳсилотӣ бо 1,3 миллион нафар хонанда фаъолият дошта бошад, пас имрӯз 4037 муассиса, аз ҷумла 170 литсей ва гимназия, яъне муассисаҳои таълимии типпи нав фаъолият менамоянд, ки шумораи умумии хонандагонаш беш аз 2 миллиону 300 ҳазор нафарро ташкил медиҳад[4, с 3].

Баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти миёна ва олӣ, рақамикунонии раванди таълим, таваҷҷуҳи махсус ба омӯзиши фанҳои табиӣ ва риёзӣ, ҳавасмандсозии ҷавонон ба омӯзиши илмҳои муосир ва ихтироъкорӣ, дастгирии муҳаққиққони ҷавон аз масъалаҳои мубрами соҳаи маориф мебошад, ки ҳамеша Сарвари давлат ба он таваҷҷуҳ медиҳанд.

Мусаллам аст, ки яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар саноатикунонӣ мебошад. Дар ин замина дастгирии соҳибкорон ва рушди истеҳсолот, имтиёзҳо барои дастгирии соҳибкорӣ, дастгирии самтҳои илму техника дар рушди иқтисодиёт, ҳавасмандсозии нақшаҳои тиҷоратӣ мисол шуда метавонад.

Дар шароити рушди босуботи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва вусъат ёфтани ҳамгироии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ талабот ба мутахассисоне, ки сатҳи касбияти баланд дошта, забонҳои хориҷӣ, махсусан, русӣ ва англисиро хуб медонанд, рӯз ба рӯз меафзояд. Ин нукта пайваста дар Паёмҳои Пешвои миллат садо медиҳад ва хурсандиовар аст, ки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз аввалинҳо шуда, ба ин масъала таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст ва имрӯз устодону мутахассисоне, ки забонҳои хориҷиро медонанд, ба таври махсус қадрдонӣ мешаванд.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба парлумони кишвар пояи қонунӣ ва ҳуқуқӣ дошта, он аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд ва аз салоҳияти конститутсионии Сарвари давлат тибқи қонуни асосии мамлакат сарчашма мегирад. Ҳар як Паёми солона тибқи вазифа, мақсаду маром ва хусусиятҳои хоси худ марбут ба марҳилаи муайяни инкишофи мамлакат буда, дар он ҳадафҳои асосӣ ва барномаҳои

мушаххасгардидаи ояндаи наздик, миёнамуҳлат, инчунин имкониятҳои рушди устувору бонизоми давлату ҷомеаи алоҳида, ба таври таҳлилӣ, возеҳу равшан, дар появу заминаҳои асосноки илмӣ тарҳрезӣ карда мешаванд. Дар паёмҳои ҳамасола ҷамъбасти ин барномаҳо ва натиҷаҳои бадастомада қайд гардида, баҳодиҳии айниву зеҳнии татбиқи нақшаҳои пешин, бо муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушд ифода мегарданд.

Ваҳдати миллӣ ва эътироф кардани муносибатҳои дӯстона дар дохили кишвар аз мавзуъҳои доимии Паём мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид менамояд, ки танҳо дар муттаҳидии мардум ва дар фазои орому осуда зистани шаҳрвандон метавон ба рушди воқеӣ ноил шуд. Паёми Пешво ҳамчун ҳуҷҷати роҳнамо ва барномаи мукаммали давлатӣ дар назди ҳар як фард вазифаҳои мушахасро мегузорад, то ба иҷрои он  барои пешрафти ҷомеа, ватан ва таъмини ояндаи беҳтар саҳм гузорад. Масъулиятпазирии ҳар як шахс дар ҷомеа заминаи рушди устувор ва пешрафти кишвар мегардад.

Мардуми кишвар ҳамасола мунтазири ироаи Паёми Президент аст, чунки Паём илова бар таҳлилу нишондодҳои муътамад саршор аз муждаву навгониҳо аст. Сол аз сол болоравии музди меҳнати кормандони ҳамаи соҳаҳо, нафақа ва стипендияҳо мардумро рӯҳбаланд ва ба ояндаи дурахшон боз ҳам умед мебахшад.

Қишри дигари ҷомеа аз қабили донишҷӯён, магистрантон ва дигар зинаҳои таҳсилот натанҳо аз стипендияҳои муқаррарӣ ва президентӣ вазъи зиндагии худро беҳ месозанд, балки ғамхории сарвари маҳбуби миллати мо аст, ки озмунҳои зиёдеро бо сармоягузории бузург барои ин табақаи ҷомеа роҳандозӣ намудаанд ва ба ин васила онҳо метавонанд тавассути иштирок дар ин озмунҳо ба дастовардҳои бузург ноил гарданд. Хушбахтона, дар соли 2025 маблағи ҳавасмандии ин озмунҳо 100% зиёд карда мешавад [5]. Дар ҳеҷ давлати дунё барои мутолиаи осори бадеӣ ин гуна маблағгузорӣ ба назар намерасад, аз ин рӯ, насли наврас ва ҷавонро зарур аст, ки ҳарчи бештар аз ин ғамхории беназири Пешвои миллат самаранок истифода кунанд.

Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарси бузурги ватандӯстӣ, худшиносӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасот ва арзишҳои миллию инсонӣ, эҳтироми оила, ҳифзи шаъну шараф ва ҳуқуқи шаҳрвандонро дар бар гирифта, моро ба ояндаи неку пурсаодат раҳнамун месозад.

## АДАБИЁТ


1. Азизов Ш.С., Самиева М.Б. Малая и средняя предпринимательство как основа повышения уровня жизни населения страны // Вестник педагогического университета. Серия: Естественные науки. 2021. № 3–4 (11–12). С. 118–124.
2. Комилзода Ш. Саҳми Пешвои миллат дар рушди фарҳанги миллӣ // Нақши илмҳои гуманитарӣ дар рушди илм ва маорифи кишвар: маводи конф. илм. Душанбе, 2021. С. 22–30.
3. Курбан Т.Ф., Асламов Б.С. Форма профессионально-педагогической культуры сотрудников ОВД в годы государственной независимости // Вестник Педагогического университета. 2022. № 5 (100). С. 398–403.
4. Кирчанов М.В. Роль Президента в «политике памяти» в современном Таджикистане // Постсоветские исследования. 2022. Т. 5, № 2. С. 147–155.
5. Сайдалиев Б. Барномаи давлатии ҳифзи ёдгориҳои таърихии Тоҷикистон дар солҳои 2012–2020 // Interpretation and researches. 2025. № 4 (50).
6. Толибов Д. А. Сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Endless light in science. 2024. Т. 11, июн. С. 41–45.
7. Шукуҳи паёми Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон / Ҷабборов

Б., Дайхудоев В. // Сомонаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. URL: https://iutet.tj (дата обращения: 11.03.2025).

8. Паёми Президенти кишвар ба рушди соҳибкорӣ равона шудааст // Оҷонсии иттилоотии “Ховар”. 17.02.2025. URL: https://www.khovar.tj

9. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://www.president.tj

10. Сомонаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj

**УДК: 321.01**

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИНИ ТОҶИКОН

# РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ, УВАЖАЕМОГО ЭМОМАЛИ РАХМАНА В УКРЕПЛЕНИИ НОВОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ ТАДЖИКАНОВ

# THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION, RESPECTED EMOMAL RAHMAN IN STRENGTHENING THE NEW STATEHOOD OF THE TAJIKISTAN

**АБДУЛЛОЕВА ЛАТОФАТ МУЗАФАРОВНА** - ассистенти кафедраи фалсафа ва таърихи Донишгоҳи байналмилаии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
**АБДУЛЛОЕВА ЛАТОФАТ МУЗАФАРОВНА** - ассистент кафедры истории и философии Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
**ABDULLOEVA LATOFAT MUZAFAROVNA -** Associate Department of History and Philosophy, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
**E-MAIL:** abdulloeva21@inbox.ru

**Аннотатсия.** Мақола мазкур доир ба нақши Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими давлатдории тоҷикон буда, тамоми дастовардҳое, ки дар ин давраҳои соҳибистиқлоли ба даст овардаем дар самти нави идоракунии давлат онро итсифода намудем то қадри имкон баррасӣ гардидааст. Пеш аз он ки давлатдории идоракунии навини тоҷиконро дар замони муосир таҳлил намоем сайре аз таърих низ намудаем. Воқеан ҳам миллати тоҷик таърихи бою рангин дошта, дар тӯли таърихи инкишофаш марҳилаҳои гуногунро паси сар намудааст. Имрӯз ҳам бо ташаббуси Пешвои муаззами миллат бори дигар давлати навини тоҷикон аз сари нав эҳё гардида, дар арсаи байналмилалӣ мақоми хосро пайдо намудааст.
**Калидвожаҳо:** Конститутсия, истиқлолият, давлат, идоракунӣ, модернизатсия, демократия, ваҳдати миллӣ, миллат, ҳуввияти миллӣ, худшиносӣ.

**Аннотация.** В данной статье в новом направлении государственного управления максимально подробно рассматривается роль великого Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона в укреплении государственности таджиков, а также все те достижения, которых мы добились за годы независимости. Прежде чем анализировать современную государственность таджиков, обратимся к истории. Действительно, таджикский народ имеет богатую и яркую историю и прошёл через различные этапы своего развития. Сегодня по инициативе Великого Лидера нации новое таджикское государство вновь возродилось и обрело особый статус на международной арене.
**Ключевые слова:** Конституция, независимость, государство, управление, модернизация, демократия, национальное единство, нация, национальная идентичность, самосознание.

**Abstract.** This article, in a new direction in public administration, examines in detail the role of the great Leader of the Nation, the esteemed Emomali Rahmon, in strengthening the statehood of the Tajiks, as well as all the achievements we have achieved over the years of independence. Before analyzing modern Tajik statehood, let's look back at history. Indeed, the Tajik people have a rich and vibrant history and have gone through various stages of development. Today, at the initiative of the Great Leader of the Nation, the new Tajik state has been reborn and has acquired a special status in the international arena.

**Keys words:** Constitution, independence, state, governance, modernization, democracy, national unity, nation, national identity, self-awareness

Чун агар ба таърихи инкишофи давлатдории тоҷикон назар афкане, тоҷикон яке аз халқҳои ориёнажоди куҳантарини таърихие мебошад, ки сохти давлатдории тоҷикон аллакай ба ҳазорсолаҳо мерасад. Яъне дар ин даврҳои таърихи давлатҳои аз қабили Бохтару Суғд, Сосониён, Сомониён, Ғазанавиён, Салчуқиён, Хоразмшоҳиён, Темуриён, Шайбониён ва дигар давлатҳо маъруфу маъмул буданд [1, с.23]. Махсусан дар ташакулли марҳалаҳои таърихии аҳди Бостон тоҷикон дар қаламрави Бохтару Сӯғд ва Хоразм умр ба сар мебураданду сохтори давлатдорӣ доштанд. Давлатдории тоҷикон дар аҳди бостон ҳамчун намунаи аввалин ва пойдории ташаккули давлатҳои миллии тоҷикон арзёбӣ мегардад. Ин давлатҳо бо сохтори маъмурию низомӣ нақши бузурги тиҷоратӣ ва фарҳангӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ эҳё гардиданду заминаи инкишоф барои давлатдории оянда гузоштанд.

Дар замони Асрҳои миёна бошад, аввалин давлати тоҷикон ин Сомониён буда, аз ҷониби насли Сомон – сулолаи тоҷири тоҷики ориёнажод бунёд ёфтааст. Дар ин давра низ давлати Сомониён, ки шаҳри Бухоро буд, маркази фарҳанг, имлу санъат ба шумор мерафт. Дар ин давра низ давлатдории тоҷикон мустақилияти сиёсӣ, таҳкими сохтори идора ва ҳифзи марзу буми давлатро пеш гирифта буданд. Пас аз сукути давлати Сомониён, давлати Ғазанавиёну Салчуқиён ташаккул ва рушд карда буд. Дар ин давлатҳо низ дар идораи давлатдори хеле дар сатҳи назаррас инкишоф ёфта буданд. Умуман дар асрҳои миёна низ ташаккули давлатдории тоҷикон яке аз давлатҳои мустақил ва пойдор, ки аллакай шинохти ҳуввияти миллӣ ва сохти идораи давлатӣ, мероси гаронбаҳое дар таърихи башарият гузоштаанд.

Дар Замони нав ва давраи Эҳё низ сохти идораи давлатдории тоҷикон низ баръало ба чашм мерасид. Махсусан Аморати Бухоро, Хони Қуқанд яке аз марказҳои муҳими сиёсии тоҷикон шинохта мешуданд. Дар ин давра махсусан зобони тоҷикӣ расми ба таври назарас дар фарҳанг ва адабиёти тоҷик нақши муаасир гузошт. Бояд зикр намуд, ки давлатдории тоҷикон дар тӯли инкишофи таърихӣ яке аз дастовардҳои муҳиме мебошад, ки дар он фарҳанги миллӣ дар асоси пояи тамаддун ва арзишҳои миллӣ бунёд ёфтааст.

Дар замони шӯравӣ низ зери тасаруфи Иттиҳоди Шӯравӣ қарор дошта танҳо дар асоси идеологияи комунисти ташаакул ёфтааст.

Умуман сохти идоранамоии давлатдории ҳар як халқу миллат яке аз рукнҳои пойдории ӯ сарчашма мегирад. Чи гунае, ки аз таърих маълум гашт,тоҷикон дар тӯли таҷрибаи бузурги таърихи сохторҳои гуногуни давлатдориро паси сар намудаанд. Вале дар саддаи асри ХХ новобаста аз чунин як таърихи бой доштан боз ба вазъиятҳои нохуби иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ дучор гаштааст. Махсусан баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистон ба бунбасти сиёсӣ рӯ ба рӯ гаштааст. Маҳз дар ҳамин давраҳои ҳасос кишвари мо ба бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гирифтор гардид. Дар ин давра сохти идоракунии давлати хароб гашта, сохти идораи ҳокимият низ заиф шуданд. Гурӯҳои мухталифи сиёсие пайдо гардиданд, ки ҳар кадоме мехостан ҳокимиятро ба даст орад. Мардуми тоҷик дигар умед ба ояндаи нек надоштанду баъзе гуреза шуда аз марзи буми Тоҷикистон берун рафтанд. Гарчанде ки баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯрави соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти хешро эълон карда бошад ҳам вале онро бо душвориҳои зиёд паси сар намудааст ва таърих онро ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад кард [8,с.19]. Яъне Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои пасоншӯравӣ сохти нави идоракунии давлатиашро бо душвориҳои зиёд оғоз намудаанд. Аз ҳама хатари бузургтарине, ки дар он айёми вазнин ба миён омад буд, эҳтимолияти пароканда гардидани миллати тоҷик ва аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани давлати ҷавони тоҷик буд.

Чун агар ба таърих назар афканем ҳар як халқу миллат барои рушду такомули давлати минбаъдаи худ ба шахсиятҳои муътабар, шахсиятҳои сиёсӣ, роҳбари хирадманду

дурандеш, адолатпарвар ниёз дошт ва мо мардуми тоҷик низ дар ин лаҳзаҳои ҳасоси таърихи ба чунин як шахсияти бузург ниёз доштем то аз ин ҳолати гумбастӣ сиёсӣ бароем. Ногуфта намонад, ки чунин ҳам шуд. Дар таърихи давлатдории навини тоҷикон шахсияти бузургу нотакрор, хирадманду дурандеш адолатпарвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун меъмори сулҳу ваҳдат ва бунёдгузори давлатдории навини миллати тоҷик шинохта шудааст, сари қудрат омада мо тоҷиконро аз ин гумбасти пурпечитоби пур аз ғаму душвори баровардааст. Воқеан ҳам Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар лаҳзаҳои душвортарини ҳаёти сиёсӣ ва бад будани вазъи иқтисодию иҷтимоии кишвар тавонист зимоми давлатро ба даст гирифта, мамлакатро аз парокандагиву ва ҷанги шаҳрвандӣ берун орад, гурезагонро ба ватан баргардонад ва давлатро ба яке аз давлатҳои муосирӣ табдил диҳад [10, с.29].

Асосгузори сулҳу ваҳдатӣ миллӣ, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 1992 дар вазъияти бисёр фоҷиаовари ҷанги шаҳрвандӣ, ки давлатдории тоҷиконро хатари ҷиддӣ фаро гирифта буд, маҳз дар анаҳамин вазъияти нооромӣ ва бесару сомонӣ роҳбарии давлатро ба уҳда гирифтаанд. Бо иродаи қавию сиёсати хирадмандона Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд ин кишвари ҷангзадаро аз ҷанг бароpаду сулҳу суботро пойдор намояд [13, с.195]..

Аксари сиёсатшиносони тоҷик вобаста ба нақши созандае, ки ин чеҳраи барҷастаи сиёсию таърихӣ дар рушди кишвари азизамон дорад, сарнавишти ӯро бо тақдири халқ пайванд гардонида, симои Пешвои миллатро самимӣ воқеӣ ва бо эҳсоси хоса тасвир мекунанд. Маҳз Эмомалӣ Раҳмон буд, ки кишварро аз вартаи нобудӣ наҷот дод, ба халқи азизаш сулҳ овард, ваҳдати миллиро таъмин намуд, сокинони кишварашро муттаҳид сохт, якпорчагии Ватани маҳбубашро пойдор гардонид, бо ёрии халқи заҳматкашаш роҳу пулҳои касногузарро бунёд кард ва амнияти давлатро таъмин намуда, барои пешрафти давлатдории миллӣ роҳи васеъ кушод.

Дар назми муосири тоҷик баробари инъкисои мавзӯъҳои иҷтимоию маънавӣ бозтоби шахсияти Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз ҷойҳои назаррасро ишғол менамояд.

Акнун ба даст ории истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва масъалаҳои такмили низоми идоракунии давлатӣ дигаргуниҳои муҳим ба вуҷуд омадан гирифтанд [15, №8,]. Маҳз бо шарофати ин марди хирадманд истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутаммадини тоҷик гашт, ки роҳу равиши хосса ва мавқеи муносибашро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо намуд.

Таҳаввулоти даврони истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон дар ҳаёти иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоии он навгониҳои зиёде ворид намуда, на танҳо вазъи иқтисодиву иҷтимоиро дигаргун сохт, балки дунёи маънавии сокинони кишварро низ куллан тағйир дод. Яке аз воқеаҳои муҳиме, ки ба тағйироти куллии ҳаёт ва рӯзгори мардум боис гардид, аз нигоҳи таърихшиносону сиёсатмадорон баргузории гуфтушуниди тоҷикон мебошад [11, с.9].

Яке аз рукнҳое, ки метавонад пояи сохти нави идоракунии давлати навини тоҷиконро мустаҳкам намояд, ин дуруст ба роҳ мондани раванди идоракунии давлатӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад [12, с.54]. Ниҳоди идоракунии давлатӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон маҳз пас аз соҳибистиқлоли ва ба сари ҳокимият омадани Пешвои муаззами миллат, Эмомалӣ Раҳмон масири вижаи худро пайдо намуд. Дар ин раванд ташаккули идоракунии давлатӣ ба таври воқеӣ асосан, баъд аз ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки ба ҷанги бародаркуш дар кишвар хотима бахшид, ибтидо гузошт.

Бо шарофати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27 июни соли 1997

Созишномаи истиқрори сулҳ ба имзо расид [7.с.13]. Сулҳи тоҷикон, ки таърихи навини ҷаҳони имрӯзаи пурҳаводис беназир арзёбӣ мегардад, на танҳо давлату миллати тоҷиконро наҷот дод, балки дар дили сокинони ҷангзадаву азияткашидаи тоҷикистониён умедеро ба ояндаи нек ва ваҳдати ногусастанӣ зинда намуд. Ин дастоварди бузурге буд, чунки расидан ба чунин сулҳ кори басо душвор ва ниҳоят мураккаб ба шумор мерафт.

Ин Созишнома ва эълони истиқлолияти сиёсӣ бори дигар ба ҷаҳониён нишон дод, ки минбаъд тамоми мардуми ҷумҳурӣ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон эътироф ва эҳтиром карда, низоми идоракунии демократӣ ҳуқуқбунёд ва дунявиро интихоб намудааст [9, с.4]. Акнун ҷомеаи ҷаҳони итмонон пайдо кард, ки Тоҷикистон роҳу сулҳу суббот, созандагӣ, бунёдкорӣ, ободкорӣ ва бозсозии кишварро пеша гирифтааст. Нақши Асосгузори ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд дар бозсозии иқтисодиёт, иҷтимоиёт, сиёсат ва фарҳанги кишвар, рушди демократия, такмили идоракунии давлатӣ, гуногунандешӣ, таҳамулпазирӣ, озодии сухан ва матбуот, ташаккули тафаккури миллӣ бениҳоят бузург гашт.

Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷдори тоҷик аст. 9-уми сентябри соли 1991-ум муҳимтарин воқеаи таърихии сарнавишти миллати тоҷик ба вуҷуд омад. Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид. Ин ҳодисаи фараҳбахш аввали моҳи сентябри соли 1991 ба вуқӯъ пайваст ва 9 сентябр расман Рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид [14, с.32]. Аз ҳамон вақт то имрӯз ин санаи муборак барои миллати тоҷик иди муқаддас маҳсуб мешавад.

Даврони Истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд. Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Пеш аз ҳама, таъмини озодию осудагии ҳаёти инсон дар қаламрави мамлакат, ки онро аслан истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ таҳким бахшид. Фароҳам овардани шароити мусоид барои меҳнати озодонаи ҳар сокини кишвар, таълиму тарбия дар мактаб ва оила, донишкадаю донишгоҳҳо, ҳунфаромӯзӣ ва гирифтани табобати бепул дар муассисаҳои тиббӣ, таъмини озодии муоширати намояндагони халқу миллатҳои гуногуни маскуни кишвар, истифодаи забони модарӣ дар зиндагӣ ва тадрис, ҳаракат ва алоқаи бемамониат, ки ин ҳама бо роҳи шароити васеъ фароҳам овардан ба амали забонҳои гуногун дар қаламрави мамлакат, ривоҷи соҳибкорию тиҷорат дар тамоми нуқтаи олам ва пайвастани минтақаҳои гуногуни кишвар тавассути бунёди шоҳроҳҳо ба амал бароварда шуданд. Таҳкими ҳуввияти миллӣ, рӯ овардан ба асолати худшиносию худогоҳӣ, расму оини аҷдодӣ, ватандӯстию инсонпарварӣ, ки ин ҳама тавассути таҷлилу бузургдошти ҷашнҳои таърихию миллӣ ва симоҳои оламшумул амалӣ гардид [5, 28.12.2024].

Таҷрибаи нишон дод, ки мо дар як муддати кӯтоҳ бо меҳнату талошҳои шабонарӯзии Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳои назаррас дар самтҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ ба даст овардему худро ба ҷаҳониён муаррифи намудем.

Яке аз дастовардҳои муҳими давлатдории навини тоҷикон, ин қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Конститутсия як санади ҳуқуқиест, ки ба

воситаи он меъёрҳои давлатдорӣ, муносибатҳои шаҳрвандӣ ва умуман як андоза будани худи ин ё он давлатро дар арсаи байналмилалӣ дар байни кишварҳои дунё нишон медиҳад. Маҳз бо шарофати ин ҳуҷҷати тақдирсоз тамоми сохторҳои нави идоракунии давлати нави тоҷикон оғоз гардид. Худи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин масъала чунин гуфтаанд: "...Конститутсия гувоҳи интихоби дурусти шакли идораи давлату давлатдории тоҷикон аст. Чунки ба шарофати муносибатҳои байналмилалӣ, кишвари тадбиққунандаи "сиёсати дарҳои кушод" ва халқи Тоҷикистонро чун мардуми бунёдкор, сулҳпарвар ва фарҳангӣ шинохтанд. Ин санади муқаддас ва тақдирсоз мисли чароғест, ки роҳи рушди давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва мардуми онро барои садсолаҳо мунаввар мекунад. Аз ин хотир мову шумо бояд кӯшиш намоем, ки онро чун муқаддасоти миллӣ ва дастури зиндагии наслҳои имрӯзу фардои мардуми тамаддунсози тоҷик эҳтиром кунем ва ҳамеша аз рӯи муқаррароти он зиндагӣ ва амал намоем" [2, 87].

Бояд қайд намуд, ки ин ҳуҷҷати тақдирсоз пояи нави давлатдории тоҷиконро асос гузошт. Яъне қабули Конститутсия имконият дод, ки шохаҳои ҳокимият равшан тақсим карда шаванд ва пояҳои давлати ҳуқуқбунёд устувор гарданд. Конститутсияи қабулгардидаи мо имрӯз чи дар арсаи дохили давалтӣ ва чи дар арсаи байналмилалӣ яке аз конститутсияҳои беҳтарин эътироф шудааст. Аз ин рӯ маълум мегардад, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳлулҳои гуногуни ҳуқуқу оздиҳои инсон ва шаҳрвандон, сохтори демократии давлатдорӣ ва дигар масъалаҳои муҳими шаҳрдориву шаҳрвандӣ, муносибатҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ дар кишвар ба таври васеъ дар он ҷой дода шудааст [4, с.27].

Яке аз комёбиҳои дигари Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин демократикунони сохти нави идоракунии давлат мебошад. Яке аз самтҳои муҳиме рушди низоми давлати Тоҷикистонро маҳз раванди демократикунонии он ташкил медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими раванди демократикунонии ҷомеа ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Яке аз муҳимтарин нишондиҳандаи давлати демократию ҳуқуқбунёд ин баробарии ҳама дар назди қонун, таъмини волоияти қонун ва дигар самтҳои идораи давлатӣ мебошад.

Инчунин бо ташабусси Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин принсипҳо дар раванди демократикунонии идораи давлатӣ таъсис дода шуданд. Аз он ҷумла: таҳкими заминаи ҳуқуқӣ барои ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ҳама сатҳҳо, таъмини қонуният ва кушодагии фаъолияти онҳо, таҳти назорати ҷамъият қарор гиритан, таъмини қонуният ва кушодагии фаъолияти онҳо, таҳти назорати ҷамъият қарор гирифтан, баланд бардоштани самаранокии кафолат барои истифодаи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, ташкили механизмҳои барқароркунӣ дар сурат вайрон кардани ин ҳуқуқу озодиҳо, татбиқи принсипҳои конститутсионии демократия, таъмини аниқи доираи ваколатҳо ва уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, таҳкими низоми судӣ, риояи принсипҳои конститутсионӣ дар мурофиаи судӣ, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои фаъолияти ҷомеаи маданӣ ва ғайра.

Низоми демократии идоракунии давлатӣ, ки ба сифати асоси низоми констутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд. Он омили асосии рушд ва суботи кишвар маҳсуб меёбад Тибқи банди дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шакли идораи прездентӣ мебошад. Дар ин асос идоракунии презедентӣ дар Тоҷикистон ташаккул ёфта, низоми давлатӣ мутобиқ ба меъёрҳои он ба роҳ монда шудааст [6, 122]. Воқеан, ташаккули идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо равандҳои таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ташаккули низоми нави сиёсӣ, рушди иқтисоди миллӣ,ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ, татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо робитаи ногусастанӣ дорад.

Ногуфта намонад, ки яке аз сутунҳои асосии демократия эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Пешвои муаззами миллат пайваста таъкид менамояд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон бояд дар меҳвари сиёсати идораи давлатӣ

қорор гирад. [3, с.22]. Бо ин мақсад қонунгузории меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шудааст. Тоҷикистон имрӯз бо ташабуси қабули идоракунии демократӣ дар арсаи байналмилалӣ бо созмонҳои гуногуни байналмилалӣ дар самтҳои мухталиф шартномаҳо мухталиф ба имзо расонида истодааст.

Таҳти роҳбарии Сарвари давалт, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷомеаи ҷаҳони ҳамчун як кишвари ҷонибдори сулҳ ва демократия шинохта шудааст. Воқеан ҳам ҳар чи қадаре ки нақши Пешвои муаззами миллатро дар таҳкими идоракунии демократияи Тоҷикистнон васф намоем боз ҳам кам. Чунки хизмати сулҳпарварона Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун як сиёсатмадори хирадманд бо таҷрибаҳои сиёсии худ тавонист Тоҷикистонро аз вартаи ҷанг ба сӯи рушди устувор ва ҷомеаи демократӣ раҳнамоӣ кунад. Имрӯз Тоҷикистон бо роҳбари хирадманди худ, Эмомалӣ Раҳмон ба сӯи бунёди ҷомеаи адолатпарвар, ҳуқуқбунёд ва демократӣ устуворона қадам гузошта истодааст.

**АДАБИЁТ**


1. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Ҷ.2. Душанбе: Ирфон, 2002
2. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолият ва ояндаи миллат. Душанбе: Ирфон, 2006
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2023.
4. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 9 апрели соли 1997.
5. Суханронии Паёми Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 28.12.2024
6. Абдуфаттоҳ Шарифзода. Савганди Президенти Тоҷикистон. Душанбе, 2021
7. Асрорзода У., Ҷононов С. Нақши тақдирсози иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2021
8. Зокиров Г.Н. Истиқлолияти сиёсӣ.– Душанбе, 2006
9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.
10. Каримов Х. Сиёсати иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити истиқлол. Саҳ.55–90
11. Маориф дар шароити истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: “Эр – граф” 2015.
12. Рустамова Х.Р. Переход к информационному обществу а РТ. Вестник ТНУ. Душанбе, 2015
13. Саймуддинов Ш. Оштии миллӣ дар Тоҷикистон ва аҳамияти замонавии он. Душанбе, с.3
14. Ҳакимов М.С. Хусусиятҳои тараққиёти соҳибистиқлоли халқи тоҷик. – Душанбе, 2005, с.103
15. Изҳорот дар бораи Истиқлолияти давалатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.// Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.1991.–№8

**УДК: 334.7**

# САЙЁҲӢ ҲАМЧУН САМТИ АФЗАЛИЯТНОКИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ: НУКТАҲО АЗ ПАЙЁМ (ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ)

# ТУРИЗМ КАК ПРИОРИТЕТНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ: ОТРЫВКИ ИЗ ПОСЛАНИЯ (СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ)

# TOURISM AS A PRIORITY DIRECTION OF THE NATIONAL ECONOMY: EXCERPTS FROM THE ADDRESS (COMPARATIVE ANALYSIS)

**ЁРОВ ҶАМШЕД НУРУЛЛОЕВИЧ -** н.и.и., дотсент, мудири шуъбаи тадқиқоти сайёҳии Институти илмӣ-тадқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
**ЁРОВ ДЖАМШЕД НУРУЛЛОЕВИЧ** – кандидат экономических наук, доцент, заведующий отделом исследований туризма Научно-исследовательствкого Института туризма и предпринимательства Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
**YOROV JAMSHED NURULLOEVICH** – Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Tourism Research Department at the Research Institute of Tourism and Entrepreneurship of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
**E-MAIL.** jama_taj75@mail.ru

**ҒАФОРЗОДА ҶОНОНА ҒАФФОР.** – номзади илмҳои иқтисодӣ., дотсент, декани факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
**ГАФОРЗАДА Джонона ГАФФОР.** – кандидат экономических наук, доцент, декан факультета экономики и менеджмента Государственного педагогического университета Таджикистана имени С. Айни
**GAFORZADA JONONA GAFFOR.** – Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Dean of the Faculty of Economics and Management at the S. Aini State Pedagogical University of Tajikistan
**E-MAIL. karaeva.j@mail.ru**

**Анотатсия.** Мақолаи мазкур фарогири масъалаҳои ташаккул ва рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият буда, дар он хусусиятҳои гуногуни сайёҳӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар баробари ин муаллифон ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи сайёҳиро таҳлил намуда, роҳҳои истифодабарии онро дар кишвари мо пешниҳод намудаанд. Муаллифони мақола нуктаҳои асосии Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар давраҳои гуногун марбут ба сайёҳиро тавсиф намуда, муайян намудаанд, ки ба соҳаи сайёҳӣ Пешвои муаззами миллат нигоҳи хоса доранд ва ин ҳолат ба рушди соҳа такони ҷиддӣ бахшидааст.
**Калидвожаҳо:** сайёҳӣ, хизматрасонӣ, иқтисод, иҷтимоиёт, ҷаҳонишавӣ, хусусияти географӣ, фарҳанг, варзиш, ҳунарҳои мардумӣ, рушди деҳот, иқтидорҳои сайёҳӣ

**Аннотация.** В данной статье рассматриваются вопросы становления и развития туризма в Республике Таджикистан в период независимости, в нем определены различные особенности туризма и его влияние на экономику страны. При этом авторы уделяют особое внимание мировому рынку туризма, анализируют опыт развитых туристических стран и предлагают пути его использования в нашей стране. Авторы статьи описывают основные положения Послания Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, в разное время касающиеся туризма, и определяют, что у него особый взгляд на туристическую отрасль, и это дало серьезный импульс развитию сектора.
***Ключевые слова:*** туризм, услуги, экономика, общество, глобализация, географические особенности, культура, спорт, народные промыслы, развитие села, туристический потенциал

**Abstract.** This article examines the issues of formation and development of tourism in the Republic of Tajikistan during the period of independence, it defines various features of tourism and its impact on the country's economy. At the same time, the authors pay special attention to the world tourism market, analyze the experience of developed tourist countries and suggest ways to use it in our country. The authors of the article describe the main provisions of the Address of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, at different times concerning tourism, and determine that he has a special view of the tourism industry, and this gave a serious impetus to the development of the sector.
**Key words:** tourism, services, economy, society, globalization, geographical features, culture, sports, folk crafts, rural development, tourism potential

Аз анҷоми асри XX ва аввали асри XXI, дар замоне, ки иқтисоди давлатҳо бо ҳам омезиш меёбад, ҷараёни ҳамгирой ва ҷаҳонишавӣ босуръат идома дорад, раванди босуръати рушди соҳаҳои хизматрасонӣ ба чашм мерасад. Дар баробари дигар бахшҳои хизматрасонӣ сайёҳӣ низ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисоди ҷаҳонӣ бо суръати тез рушд меёбад.

Дар Тоҷикистон низ соҳаи сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисоди миллӣ эътироф гардидааст. Дар даҳ соли охир раванди ба бозори сайёҳии ҷаҳонӣ пайваст гардидани бозори миллии сайёҳӣ торафт бештар ба чашм мерасад. Бидуни шубҳа рушди минбаъдаи ин соҳа аз дигаргуниҳое, ки дар иқтисод, технологияҳо ва хусусияти меҳнат, ки дар миқёси ҷаҳонӣ торафт бештар роҳандозӣ мешаванд, вобастагӣ пайдо мекунад. Инҷо сухан дар бораи ду омили хусусияти глобалӣ дошта меравад.

Омили якум дар миқёси ҷаҳон мунтазам баланд гардидани ҳиссаи меҳнати фикрӣмебошад, ки он ба рақамикунонӣ ва рушди босуръати технологияи иттилоотӣ алоқаманд аст. Ин омил сабаби асосии торафт боло рафтани мондашавӣ аз меҳнати фикрронӣ мебошад, ки он натиҷаи бевоситаи пойдор гардидани иқтисоди ба дониш асосёфтааст. Чунин тарзи мондашавӣ роҳҳои махсуси барқарор гардонидани саломатӣ ва истироҳатро талаб менамояд. Чунин имконият бештар дар натиҷаи пайваст шудани сайёҳон ба табиат, зебогиҳо ва манзараҳои он амалӣ хоҳад гардид. Азбаски 93 фоизи қаламрави Тоҷикистон аз кӯҳҳо иборат мебошанд ва кӯҳистони тоҷик дар миқёсит ҷаҳон бо зебогӣ, серобӣ ва манзараҳои нотакрори худ фаврқ мекунад, табиист, ки ҷараёни ҳаракати сайёҳонро ҳарчи бештар ба суи худ ҷалб менамояд;

Омили дуюм ба гармшавии иқлим дар миқёси тамоми сайёра робита дорад. Ҳатто давлатҳои ба Тоҷикистон ҳамсоя, аз ҷумла Узбекистон, Чин, Эрон, ки шаҳрҳояшон ба биёбонҳои бузург хеле наздиканд, дар фасли гармӣ ҳароратошон аз 50 дараҷа болотар меравад ва дар ин фасл мардум мехоҳанд, ки ба мавзеҳои салқин сафар

намуда, дар лаби дарё, миёни кӯҳҳои сар ба фалак кашида, дарахҳои зебое, ки ҳарораташон ба талаботи организми инсон мувофиқ мебошад, истироҳат намоянд ва ё саломатии худро беҳбуд гардонанд. Дар замони ҳозира ин ду омил хусусияти объективӣ пайдо карда истодаанд ва Тоҷикистон дар ҳаллу фасли муаммоҳое, ки аз ин ду омил бармеоянд, метавонад фаъолона ширкат варзад [1].

Дараҳои кӯҳии Тоҷикистон чунон неруи табиие доранд, ки ҳар сол метавонанд ба на камтар аз 5 млн. нафар сайёҳ хизмат расонанд. Хатсайрҳои нави ВМКБ баъди ду се соли наздик қобилият пайдо менамоянд, ки аз Чин 1-1,5 млн. нафар сайёҳро қабул намояд ва истироҳати ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқбударо барои онҳо таъмин карда тавонад. Дараҳои кӯҳии дар қисми Гарбӣ ҷойгиршудаи Тоҷикистон имконият доранд, то беш аз 1 млн. Сапйёҳонро аз вилоятҳои Қашқадарёю Сурхондарё, Самарқанду Бухоро, Хоразму Қароқалпоқистон қабул намуда, барои истироҳаташон шароити муосид фароҳам оваранд.

Комплексҳои сайёҳию рекреатсионии дар қисми шимолии Тоҷикистон ҷойгиршуда низ неруи бузурги хизмат расонидан ба шумораи зиёди сайёҳон аз вилоятҳои Тошканду Сирдарё ва водии Фарғонаро доранд.

Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ба соҳаи мазкур аҳамияти ҷиддӣ дода, дар баробари санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, Стратегияи рушди сайёҳиро барои давраи то соли 2030-юм қабул намудааст, ки ин ба рушди соҳаи сайёҳӣ такони ҷиддӣ хоҳад бахшид. Инчунин, сайёҳӣ ба сифати омили таъсиррасон ба рушди соҳаҳои нақлиёт (ҳамаи шаклҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бунёду ба истифода қарор гирифтани роҳҳои сатҳи байналхалқӣ), кишоварзӣ, саноат (хусусан соҳаҳои саноати ба таври ѓайримустақим ба сайёҳӣ вобаста), хизматрасонии бонкӣ, омоданамоии мутахассисони соҳибкасб, тиҷорати меҳмонхонавӣ ва тарабхонавӣ, ташаккулу эҳёи ҳунарҳои мардумӣ баромад менамояд [2].

Сайёҳӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар худ ҷанбаҳои гуногуни алоқаҳои иқтисодӣ ва мақсадҳои иҷтимоии рушди ҷомеаро таҷассум менамояд. Айни замон, сайёҳӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои бомаром рушдёбанда ва сердаромади иқтисоди ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, ба сифати омили муҳимтарини рушди иҷтимоӣ-фарҳангии ҳудуд баромад менамояд. Рушди сайёҳӣ агар аз як тараф аз болоравии вақти фориѓӣ, болоравии сифати зиндагии аҳолӣ, ташаккули бахши хизматрасонӣ вобаста бошад, аз ҷониби дигар суръатфизои маҷмаавии хоҷагии миллӣ ба шумор меравад.

Ҳамзамон, рушди соҳаи сайёҳӣ ба ташаккулёбии соҳаҳои ба сайёҳӣ наздик низ мусоидат менамояд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки рушди соҳа боиси:

- *ташаккулёбӣ ва афзоиши ҳаҷми ММД;*
- *пайдоиши ҷойҳои нави корӣ ва таъмини шуғл;*
- *фаъолгардии тавозуни беруни савдоӣ;*
- *рушди инфрасохтори нақлиётӣ;*
- *рушди инфрасохтори ғизоӣ;*
- *пайдоишу ташаккули маҷмааҳои хизматрасонӣ;*
- *эҳёи ҳунарҳои мардумӣ;*
- *барқароргардии ҳолати экологии минтақаҳо;*
- *рушди бахшҳои хизматрасонии иттилоотӣ;*
- *барқарорсозии ёдгориҳои таърихӣ;*
- *ташаккули фарҳанги миллӣ;*
- *эътирофи анъанаҳо ва ҷашнҳои миллӣ;*
- *ташаккули соҳаҳои кишоварзӣ;*
- *инкишофи комплексҳои миллии сайёҳӣ;*
- *азхуднамоии ҳудудҳои сайёҳии омухтанашуда;*

- *воридшавии сармояи хориҷӣ;*
- *рушди деҳот;*
- *бавуҷудоии марказҳои гуногуни дилхушию фароғатӣ;*
- *ташаккулёбии фарҳанги экологии шаҳрвандон;*
- *васеъгардии дараҷаи ҷаҳонбинии шаҳрвандон;*
- *инкишофи инфрасохтори хизматрасонӣ ва ѓизоӣ;*
- *диверсификатсияи истеҳсолот ва ғайра*

мегардад.

***Хусусиятҳои иқтисодӣ.*** Сайёҳӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ ҳам дар сатҳи мегаиқтисодӣ ва ҳам дар сатҳи макроиқтисодӣ ҷиҳати таъмини пешрафт, нақши муассир дошта, ба диверсификатсияи иқтисодӣ давлатҳо оварда мерасонад.

Аз гуфтаҳои боло айён аст, ки сайёҳӣ падидаи мураккаби иқтисодию иҷтимоӣ буда, чун занҷир ҳамаи бахшҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ва хоҷагии миллии давлатҳоро бо ҳам мепайвандад. Инчунин, ба сифати суръатфизои рушди иқтисодӣ баромад намуда, фарогири тамоми соҳаҳои истеҳсолӣ ва ѓайриистеҳсолӣ мебошад. Дар таркиби ММД-и ҷаҳонӣ сайёҳӣ ба таркиби авангарди сегона, дар баробари саноати автомобилбарорӣ ва нефткоркунӣ шомил мебошад, ки нишондиҳандаҳои оморӣ исботи гуфтаҳоянд (Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Ҳиссаи сайёҳӣ дар таркиби ММД-и ҷаҳонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 2019 | 2023 | 2024 | 2034 (дурнамо) |
| Ҳаҷми ММД-и ҷаҳон (трлн. долл. ИМА) | 87, 69 | 105,7 | 107,6 | 117,4 |
| Суръати афзоиш (бо %) | 2,4 | 2,2 | 2,4 | 2,7 |
| Ҳаҷми сайёҳӣ дар таркиби ММД-и ҷаҳон (бо фоиз) | 10,4 | 9,1 | 9,3 | 11,4 |
| Ҳаҷми сайёҳӣ дар таркиби ММД-и ҷаҳон (бо трлн. долл) | 9,1 | 9,6 | 10,0 | 11,3 |
| Аз ҷумла: | | | | |
| - сайёҳии дохилӣ (трлн. дол) | 7,4 | 8,4 | 8,6 | 10,6 |
| - сайёҳии байналмилалӣ (трлн. дол) | 1,7 | 1,2 | 1,4 | 1,9 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллифон дар асоси маълумотҳои захираҳои электронӣ мураттаб гардидааст. (санаи муроҷиат 16.03.2024) https://knoema.ru/atlas/topics/ HYPERLINK «https://knoema.ru/atlas/topics/GDP»GDP

Аз ҷадвали боло аён аст, ки сайёҳӣ пайваста дар ҳоли рушд қарор дошта, мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар давраи соли 2024 ҳиссаи сайёҳӣ (ҳам сайёҳии дохилӣ ва ҳам сайёҳии байналмилалӣ) дар таркиби ММД-и ҷаҳонӣ қариб 10 трлн. долл. ИМА-ро ташкил додааст, ки ин ба беш аз 9,3%- аз ҳаҷми умумӣ баробар аст [3].

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки солҳои охир шумораи сайёҳоне, ки сафари сайёҳии хешро ба табиат равона менамоянд, афзоиш ёфта истодааст. Чунончӣ, дар соли 2010 агар танҳо 6%-и сафарҳои сайёҳӣ ба сайёҳии фаъол, яъне шаклҳои экосайёҳӣ равона бошад, пас дар соли 2024-ум ин нишондиҳанда қариб ба 20% баробар гардид.

Бинобар ин, кишварҳое, ки аз лиҳози дороии иқтидорҳои табиии сайёҳӣ пешсафанд, имкони таъмини рушди сайёҳии байналмилалӣ ва сайёҳии дохилиро доранд. Ба радифи ин гуна кишварҳо Тоҷикистон низ шомил мебошад.

***Хусусиятҳои географӣ***

Тоҷикистон, ки дар қисми ҷанубу шарқии Осиёи Марказӣ ҷойгир аст, дорои мероси беназири табиӣ ва фарҳангӣ буда, яке аз ҷойҳои ҷолибтарин барои сайёҳон ба шумор меравад. Минтақаҳои кӯҳии кишвар, ки бо қуллаҳои боҳашамат, дарёҳои пуртуғён ва водиҳои зебо пӯшонида шудаанд, барои дӯстдорони истироҳати фаъол ва экосайёҳӣ биҳишти воқеӣ мебошад. Ҳудуди кишвар аз 943 геокомплекс иборат аст, ки ҳар яке вижагиҳои сайёҳии хешро соҳиб мебошад. Соли 1933 аввалин маротиба куҳнаварди рус Абалаков С. баландтарин қуллаи қаторкуҳҳои Помирро фатҳ намуд, ки ҳоло он ба номи Исмоили Сомонӣ буда, 7495 метр баландӣ дорад ва дар ташкили сайёҳии куҳнавардӣ нақши муассирро иҷро менамояд [4]. Кулҳои пайдоиши тектоникӣ дошта, чашмаҳои маъданӣ ва гарму шифобахш, манзараҳои зебои табиӣ, лойқаҳои табиии шифобахш, водиҳои байникуҳӣ, фарҳанги пурѓановат, иншоотҳои замонавии бунёдгардида, боѓҳои миллию фарҳангӣ, мавҷудияти меваҳои шаҳдбор, ҳувияти миллӣ ва дигар омилҳо ба ташаккулу рушди сайёҳӣ мусоидат хоҳанд кард. Қобили қайд аст, ки Тоҷикистон дар масири чор самти роҳи абрешим қарор дорад, ки ин дар таъмини рушди сайёҳии байналмилалӣ нақши муассир мегузорад.

***Марҳилаҳои рушди сайёҳӣ.*** Маъхазҳои таърихӣ гувоҳи онанд, ки шуруъ аз соли 1928, ҳангоме, ки экспедитсияҳои комплексӣ, хусусан экспедитсияи комплексии Тоҷику Помир (1933-1935) амалӣ гардид, атласи комплексии географии Тоҷикистон мураттаб гардид, ки минбаъд дар шинохти кишвари мо дар миқёси байналмилалӣ нақши бузургеро иҷро намуд. Дар соли 1929 дар ИҶШС ҷамъияти сайёҳии пролетарии бо номи РОТ (Российская организация туризма) ташкил ёфт. Баъдан дар худи ҳамин сол Ҷамъияти Иттиҳодӣ оид ба сайёҳии хориҷӣ дар ИҶШС бо номи «Интурист», ки аввалин ширкати сайёҳӣ оид ба сайёҳии хориҷӣ мансуб меёфт, ташкил карда шуд. Дар натиҷаи якҷоякунии якчанд ширкатҳои сайёҳӣ соли 1930 Ҷамъияти ихтиёрии сайёҳии пролетарӣ ва экскурсияи Иттиҳоди Шуравӣ арзи ҳастӣ намуд ва ҳамаи ин субектҳо дар саросари ИҶШС аз он ҷумла ҶШС Тоҷикистон пайдо шуданд.

Пас аз пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ муаррифии Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ, ҳамчун кишвари соҳибистиқлол оѓоз гардид. Дар баробари дигар бахшҳои иқтисоди миллӣ, сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок эътироф гардид ва зери таваҷҷӯҳи хосаи Ҳукумати кишвар қарор гирифт (Вобаста ба буҳрони сиёсие, ки Тоҷикистонро фаро гирифта буд, таназзули ҳамаи бахшҳои иқтисоди миллӣ ба чашм мерасид. Бинобар ин, сайёҳӣ низ дар ҳолати пасттарини нишондиҳандагӣ қарор гирифта буд).

Сайёҳӣ ва ҷараёни он дар Тоҷикистони соҳибистиқлол аслан се марҳиларо фаро мегирад, яъне:

1. Давраи якум аз соли 1990 то соли 1998-ро дар бар гирифта ҷиҳати пастарини рушди сайёҳиро дар даврони истиқлол нишон додааст, зеро дар ин давра дар ҳудуди ҷумҳурӣ ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардида, ба иқтисоди ҷумҳурӣ зиёда аз 7 млрд. доллари ИМА зарар расонида Тоҷикистонро ба буҳрони иқтисодӣ дучор намуд. Ба ҳамаи ин камбудиҳо нигоҳ накарда дар ин солҳо як қатор санадҳои меъёрии дорои қувваи юридикидошта қабул гардид. Шумораи сайёҳон кам гардида, ташкилотҳои сайёҳӣ фаъолияти худро қатъ намуданд, вале талаботҳо боқӣ монданд. Қарорҳои Шурои Вазирони Тоҷикистон оид ба соҳаи сайёҳии хориҷӣ аз 01.03.1990 таҳти №38 «Оиди бозсозии ташкили иқтисоди сайёҳии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оиди ташкил намудани ассотсиатсияи сайёҳии Тоҷикистон», аз 4-уми феврали соли 1994, таҳти № 70, «Оиди тартиботи пешниҳод кардан ҳуқуқ ва суъбектҳои хоҷагӣ барои шуғли сайёҳии хориҷӣ ва батартибоварии ҳуҷҷатҳои раводид», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди тасдиқ намудани чораҳои аввалиндараҷа барои рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1997-1998», «Оиди сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ», «Оиди сайёҳӣ», дастовардҳои муҳими ин марҳила ба

ҳисоб мераванд. Баъди истиқлол ба дастовардани ҷумҳурӣ, барои соҳаи сайёҳӣ як қатор санадҳо қабул гардиданд. Ҳамаи ин санадҳо базаи меъёрию ҳуқуқиро дар соҳаи сайёҳӣ ба вуҷуд оварданд.

2. Давраи дуюм, аз соли 1998 то соли 2017-ро дар бар мегирад. Дар ин давра бахши сайёҳӣ ба натоиҷи назаррас ноил гардид. Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ боло рафта, сайёҳӣ ба яке аз самтҳои муҳими иқтисодӣ табдил ёфт. Соли 2007 дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол муншии кулли Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ Толиб Рифоӣ ба кишвари мо ташриф оварда, пас аз боздид аз мавзеҳои гуногуни Тоҷикистон баён намуд, ки «Тоҷикистон-Шветсарияи Осиёи Марказӣ» буда, табиати нотакрор ва халқи соҳибтамаддунро доро мебошад, ки ин заминаест барои ҷалби сайёҳони байналмилалӣ. Дар натиҷаи ин баёнот шумораи сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ ба маротиб афзуд. Қобили қайд аст, ки соли 2008 Тоҷикистон ба аъзогии комилҳуқуқи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ (минбаъд СУС) қабул гардида, пайваста ҷиҳати муаррифии имкониятҳо ва иқтидорҳои сайёҳӣ дар намоишгоҳҳои калонтарини сатҳи ҷаҳонӣ, ки дар шаҳрҳои Берлин (Олмон), Токио (Япония) ва Лондон (Британияи Кабир) ва Москваи (Федератсияи Россия) баргузор гардиданд, фаъолона иштирок намуд.

3. Давраи 3-юм давраи навин буда, аз соли 2017-ум то инҷонибро дар бар мегирад. Соли 2017 сохтори махсус оид ба сайёҳӣ бо номи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки ба рушди минбаъдаи соҳаи мазкур такони ҷиддӣ бахшид. Нишондиҳандаҳои сайёҳӣ низ боло рафта дараҷаи даромадофарии соҳаи сайёҳӣ низ дар таркиби соҳаҳои хизматрасонӣ хусусияти мусбӣ гирифта, ҳиссаи он дар таркиби ММД-и кишвар ба беш аз 3,5 % баробар шуд. Ҳарчанд, соли 2020-ум вобаста ба ҳолати пандемӣ шумораи сайёҳони ба Тоҷикистон воридшуда зиёда 3 маротимба кам шуда бошад ҳам, вале дар солҳои баъдина афзоиши сайёҳон ба чашм расида, дар соли 2023 аллакай аз нишондиҳанда нисбати соли 2019 боло рафт, ки ҷадвали зерин исботи ин гуфтаҳост.

**Ҷадвали 2. - Афзоиши ташрифи сайёҳони хориҷӣ ва даромадҳои ширкатҳои сайёҳӣ аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ**

| **Нишондиҳандаҳо** | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/2017 (маротиба) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба кишвар ворид шудаанд, тибқи маълумоти Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадӣ, ҳазор нафар | 490 | 1154 | 1319 | 410,1 | 517,6 | 1151 | 1358 | 2,7 |
| Шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки ба сифати сайёҳ вориди кишвар шудаанд, тибқи маълумоти Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадӣ, ҳазор нафар | 431 | 1035 | 1257 | 350,6 | 296,3 | 999,3 | 1201 | 2,7 |
| Миқдори ширкатҳои сайёҳӣ (амалкунанда) | 91 | 146 | 161 | 224 | 235 | 242 | 225 | 2,5 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи сайёхони хоричие, ки ба воситаи ширкатҳои сайёҳӣ ба кишвар ворид шудаанд, нафар | 1413 | 6699 | 7791 | 416 | 953 | 5771 | 12077 | 8,5 |
| Даромадҳо аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ (бе андоз аз арзиши иловашуда (ААИ)), ҳаз. сомонӣ | 9076,3 | 214836,5 | 244928,1 | 158787,5 | 210932,3 | 295216,8 | 392126,2 | 43,2 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллифон дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон: Сайёҳӣ дар Тоҷикистон. Солномаи оморӣ мураттаб гардидааст.. Душанбе 2024.

Мувофиқи ҷадвали 2 соли 2023 нисбати соли 2019 шумораи ширкатҳои сайёҳӣ 2,5 маротиба, шумораи сайёҳони хориҷие, ки ба воситаи ширкатҳои сайёҳӣ ба кишвар ворид шудаанд 8,5 маротиба ва даромадҳо аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ (бе ААИ) 43,2 маротиба афзудааст. Нишондиҳандаҳо исботи онанд, ки сайёҳӣ зерин назари ҷиддии давлат қарор гирифта, пайваста чораҳо ҷиҳати рушди соҳа андешида мешаванд. Чунончӣ, соли 2018 Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030-юм қабул гардид, ки мувофиқи он дар давраҳои оянда дар таркиби ММД-и кишвар саҳми сайёҳӣ ба андозаи аз 10% боло бояд равад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Миёна беҳтарин ва бештарин имкониятро барои рушди сайёҳӣ соҳиб гардида, мувофиқи рейтинги ҷаҳонии мамлакатҳо оид ба хулосаҳои сомонаву шабакаҳои ҷаҳонӣ, махсусан «BBC» (Британияи Кабир соли 2012) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори 10 кишвари ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон, сомонаи интернетии «Globe Spots» соли 2014 дар сархати даҳгонаи кишварҳои ҷолиб барои туристони саргузаштӣ, нашри русии маҷаллаи маъруфи «National Geographic» дар соли 2016 шоҳроҳи Помири Тоҷикистонро дар байни 10 роҳи зеботарини дунё, маҷаллаи ТОП — 100 дар соли 2015, 3 минтақаи Тоҷикистон ва дар соли 2016 кӯҳҳои Помири Тоҷикистон ва соли 2016 аз рӯи таҳлилҳои Созмони умумиҷаҳонии сайёҳии Созмони Миллати Муттаҳид дуюмин кишваре, ки туризмаш дар ҳоли рушд қарор дорад, ворид гардидааст. Ҳамзамон, дар рӯйхати ҷаҳонии рақобатпазирӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ки аз ҷониби Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ (ФҶИ) дар соли 2017 муаррифӣ гардид, Тоҷикистон аз 136 ҷойи имконпазир мақоми 107-умро касб кард. Бино ба маълумоти Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 холи имконпазир 3,2 хол гирифта, дар давоми ду сол аз 119-ум ба 107-ум ҷой боло рафт. Беҳтарин нишондодро (5,7 хол) Тоҷикистон дар категорияҳои «амният», «тандурустӣ ва беҳдошт» ба даст овард [5].

Ҷиҳати татбиқи самараноки стратегияи рушди сайёҳӣ тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2019 "Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2019-2022" тасдиқ гардид. Илова бар ин, Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2020 тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, № 80 тасдиқ гашт ва дар ин давра амалишавии он пурра ба анҷом расид.

***Хусусиятҳои иҷтимоии сайёҳ.*** Сайёҳӣ дорои хусусиятҳои назарраси иҷтимоӣ буда, дар болоравии дараҷаи даромаднокии аҳолӣ ва таъмини шуғл нақши бузург мебозад. Сайёҳӣ дар радифи соҳаҳое қарор дорад, ки қувваи кории зиёдро талаб менамояд ва теъдодли машғулон дар ин соҳа дар миқёси байналхалқӣ хеле бузург аст. Тибқи маълумотҳои оморӣ 1/16 ҷои корӣ ба соҳаи сайёҳӣ рост меояд.

**Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои машғулон дар сайёҳӣ**

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2019 | 2020 | 2024 |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи ашхоси дар сайёҳӣ машғулбуда. млн. нафар | 338 | 435 | 110 | 428 |
| Бо % аз шумораи умумии машғулон | 11,1 | 12,5 | 4,3 | 11,2 |
| Шумораи миенаи солонаи машгулин дар иктисод (ҳазор нафар) | 2225 | 2625 | 2625 | 2625 |
| Шумораи машғулин дар сайёҳӣ дар Тоҷикистон (дар ширкатҳои сайёҳӣ, нафар) | 1044 | 1549 | 2544 | 2154 |
| Бо % аз шумораи умумии машғулон | 0,05 | 0,06 | 0,09 | 0,1 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллифон дар асоси маълумотҳои захираҳои электронӣ (санаи муроҷиат 16.03.2024) https://knoema.ru/atlas/topics/ HYPERLINK «https://knoema.ru/atlas/topics/GDP»GDP ва маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии

Маълумотҳои ҷадвали 3 гувоҳи онанд, ки ҳоло ҳам нишондиҳандаи шуғл дар Тоҷикистон дар таркиби умумии машғулон дар соҳаҳои хоҷагии миллӣ ночиз буда, ҳамагӣ 0,1 % ё 2154 нафарро ташкил медиҳад, дар сурате, ки дар аксари давлатҳои аз нигоҳи сайёҳӣ пешрафта ин нишондиҳанда то ба 5% баробар шудааст.

Дарояндаи наздик дар сурати таъмини рушди тамоми навъҳои сайёҳӣ шумораи машғулон метавонад чандин маротиба афзоиш ёфта, вобаста ба болоравии даромаднокии аҳолӣ, вазъи иҷтимоии онҳо беҳтар хоҳад гардид.

***Хусусиятҳои фарҳангӣ.*** Сайёҳӣ хусусияти хоси фарҳангиро доро мебошад, зеро дар заминаи ташрифи сайёҳон фарҳанги миллӣ муаррифӣ гардида, тавассути онҳо ба дигар кишварҳо паҳн мегардад. Дар баробари он, беҳтарин чакидаҳои фарҳангии миллатҳои гуногун дар кишвари қабулкунандаи сайёҳон бо фарҳанги маҳаллӣ омезиш ёфта, фарҳанги нави тамаддунсоз ба вуҷуд меояд. Инчунин, миллату халқиятҳо бо мақсади нигоҳдошти меросҳои моддию ғайримоддии хеш руйхати онҳоро ба бузургтарин Иттиҳоди байналхалқӣ оид ба нигоҳдошти меросҳои фарҳангӣ ЮНЕСКО пешниҳод менамоянд. Соли 2010 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Конвенсияи ЮНЕСКО оид ба Ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ шуд ва то ба имрӯз мамлакатҳои зиёде, аз ҷумла Тоҷикистон, тибқи дастури ин Конвенсия (қисми 3, моддаи 12) феҳристҳои миллии кишварҳои худро тартибу таҳия кардаанд. Яке аз талаботи номинатсияҳои ҳифзи мероси фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО пеш аз ҳама ба қайд гирифтани ин ё он унсури фарҳангӣ дар феҳристи миллӣ мебошад.

Аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар феҳристи мазкур то имрӯз 12 унсури фарҳанги миллӣ сабт шудаанд (Номинатсияҳои «Шашмақом» (2008, ҳамроҳ бо Ҷумҳурии Узбекистон), «Оши палав ҳамчун хӯроки анъанавии тоҷикон ва контекстҳои иҷтимоию фарҳангии он дар Тоҷикистон» (2016), номинатсияи муштараки «Наврӯз» (2016, аз ҷониби 12 кишвар: Афғонистон, Ирок, Қирғизистон, Қазоқистон, Озарбойҷон, Покистон, Тоҷикистон, Туркия, Туркманистон, Узбекистон, Эрон ва Ҳиндустон), «Чакан — ҳунари гулдӯзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2018), мусиқии суннатии «Фалак» (2021), «Анъанаҳои кирмакпарварӣ ва истеҳсоли абрешим барои матоъбофӣ» (2022, муштарак бо ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Узбекистон, Озарбойҷон, Туркия, Туркманистон) ва «Суннати латифаҳои Хоҷа Насриддин Афандӣ» (2022, муштарак аз ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Узбекистон, Озарбойҷон, Туркия, Туркманистон), «Донишу таҷрибаҳои анъанавии истеҳсоли матоъҳои атласу адрас» (2023), «Ҷашни Сада» (2023, муштарак бо Эрон) ва «Тазҳиб — санъати зарҳалкорӣ» (2023, муштарак бо Эрон, Озарбойҷон, Туркия, Узбекистон), «Санъати сохту навохтани рубоб» (2024, ҳамроҳ бо Афғонистон, Эрон ва Узбекистон) ва «Ҷашни Меҳргон» (2024, ҳамроҳ бо Эрон). Боиси зикр аст, ки руйхати

тасдиқгардида ниҳоӣ набуда, чараёни он идома хоҳад ёфт ва албатта он ба рушди сайёҳии байналхалқӣ, ки ба сайёҳии фарҳангию таърихӣ бахшида шудааст, идома хоҳад ёфт[6].

Инчунин, ба феҳристи ёдгориҳои моддии фарҳангӣ Шаҳркадаи Саразм, Боғи миллии Тоҷикистон, Мақбараи Амир Ҳамза - Ҳазрати Шоҳ, Маскани Тахти сангин, шаҳри қадимии Байтудашти IV, мақбараи Хоҷа Машҳад, Дайри буддоии Аҷинатеппа, Димнаи Ҳулбук, мақбараи Хоҷа Нақшрон, шаҳри Панҷакенти қадим, мақбараи Муҳаммади Башоро, мамнуъгоҳи Бешаи Палангон, мамнуъгоҳи Кусавлисой, мамнуъгоҳи Даштиҷум, мамнуъгоҳи Зоркул, Роҳи бузурги абрешим ворид шудаанд.

Боиси зикр аст, ки миллати тоҷик ҳамчун миллати тамаддунофар дар бунёди фарҳанги умумибашарӣ нақши калон бозида, мутафаккирони бузургро тавлид намудааст, ки дар пешрафти илми дунявӣ ва динии башарият нақши калидиро иҷро намудаанд.

***Хусусиятҳои илмӣ.*** Раванди ташаккулу рушди сайёҳӣ метавонад ба пешрафти илм низ мусоидат намояд, зеро ҳангоми рушди сайёҳӣ зарурати омӯзиши комплексии иқтидорҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ба вуҷуд омада, Институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ таъсис ёфта, аз ҳисоби олимон гуруҳҳои корӣ ба минтақаҳои кишвар ирсол гардида, мониторинг мебаранд ва дар асоси натиҷаҳои ба даст овардашуда, механизмҳои таъмини пешрафти соҳаи сайёҳӣ коркард мешаванд.

Аз нишондодҳои боло аён мегардад, ки дар таъмини рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ, нақши сайёҳӣ пайваста бузург гашта, ин соҳа зери назари ҷиддии Ҳукумати кишвар қарор гирифтааст. Ҳамсола Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа мегардад, ки дар он тамоми паҳлуҳои хоҷагии миллии кишвар таҳлил ва баррасӣ мегардад. Таҳлилҳои Паём собит менамоянд, ки аз соли 2017 инҷониб сайёҳӣ ҳамчун самти афзалиятноки иқтисоди миллӣ эътироф гардида, ҷиҳати рушди он нигоҳи хоса зоҳир карда шуд.

***Паём ва сайёҳӣ. Марҳилаҳо***. Дар Паёми соли 2017 чунин омадааст: «Сайёҳи яке аз соҳаҳои ба шуғл фаро гирифтаи аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасонию истеҳсолӣ, инчунин, муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад». Барои рушди ин соҳа дар кишвар ҳамаи заминаҳои зарурии меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, илова бар ин, як силсила чораҳои ҳавасмандкунӣ низ татбиқ гардидаанд. Аз ҷумла, воридоти таҷҳизот ва масолеҳи сохтмон барои иншооти сайёҳӣ аз пардохтҳои андозу гумрук ва ширкатҳои сайёҳӣ дар панҷ соли аввали фаъолияташон аз пардохти андоз аз фоида озод карда шудаанд.

Қобили зикр аст, ки тайи солҳои охир дар Тоҷикистон низоми соддакардашудаи раводид барои шаҳрвандони 80 кишвари ҷаҳон ҷорӣ гардида, шабакаи ягонаи электронӣ ба кор андохта шудааст.

Маҳз соли 2017 сохтори алоҳида вобаста ба таъмини рушди сайёҳӣ бо номи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки он ба пешрафти соҳа такони ҷиддӣ бахшид. Ҳамчун сохтори соҳавӣ ин Кумита аз ҷониби Президенти кишвар чунин вазифадор гардид: «Ба Кумитаи рушди сайёҳӣ супориш дода мешавад, ки барои инкишофи намудҳои гуногуни сайёҳӣ, таъсиси инфрасохтори зарурӣ, омода намудани маводи иттилоотӣ ва хатсайрҳои нав дар мавзеъҳои гуногуни кишвар, инчунин, такмили қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти соҳа чораҳои зарурӣ андешида, лоиҳаи Стратегияи рушди сайёҳиро барои давраи то соли 2030 омода ва барои баррасӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд» [8].

Ҳамзамон бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин,

ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод намуданд, ки соли 2018 дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шаванд [8].

Мақсади асосӣ аз ин пешниҳод амалигардонии талошҳои Ҳукумати мамлакат ба хотири боз ҳам обод кардани Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи беҳтар намудани инфрасохтор, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмин кардани аҳолии деҳот бо оби босифати ошомиданӣ, бунёду таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва инкишофи ҳунарҳои мардумӣ, ба талаботи муосир мутобиқ сохтани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин мебошад.

Дар Паёми навбатии соли 2019 Президенти кишвар чунин таъкид намуданд: «Рушди соҳаи сайёҳӣ самти афзалиятноки сиёсати давлати мо ба ҳисоб рафта, ҷиҳати боз ҳам тараққӣ додани он аз ҷониби Ҳукумати мамлакат вобаста ба пардохти андоз ва боҷҳои гумрукӣ як қатор имтиёзҳо пешбинӣ гардидаанд. Аллакай, дар зарфи соли якуми эълон гардидани “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” дар деҳоти мамлакат як қатор пешравиҳо ба назар расида, рушди сайёҳӣ ва омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ идома ёфта истодааст. Бо вуҷуди ин, мо бояд суръати ободонӣ ва бунёдкориро боз ҳам вусъат бахшем, мушкилоти чойдоштаро бартараф созем ва барои рушди деҳот, сайёҳӣ ва тақвияти омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоем ва бо мақсади рақобатпазир гардонидани соҳа дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ моро зарур аст, ки мутахассисони забондон, донандаи фарҳангу таърих ва технологияҳои муосирро омода кунем, кормандони ширкатҳои сайёҳӣ, роҳбаладҳо, тарҷумонҳо ва дигар мутахассисони соҳаро мутобиқ ба талаботи бозори сайёҳӣ ба воя расонем»[8].

Дар соли 2020-ум бошад нуктаҳои асосие, ки дар Паём гуфта шуданд, чунинанд:

- ба хотири муҳайё кардани шароити муосири таълимӣ барои тарбияи кадрҳо пешниҳод менамоям, ки дар заминаи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат таъсис дода шавад. Бовар дорам, ки ба хотири рушди ин соҳаи муҳим тамоми сохторҳои давлатӣ, соҳибкорон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилоту созмонҳои ғайриҳукуматӣ якҷо фаъолият намуда, ҷиҳати муаррифии арзандаи Тоҷикистони азиз талоши бештар мекунанд.

- бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорони хориҷие, ки ба иқтисодиёти Тоҷикистон зиёда аз як миллион доллари амрикоӣ сармоягузорӣ менамоянд, пешниҳод мешавад, ки ба онҳо аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар раводиди бисёркаратаи панҷсола дода шавад.

- дар доираи "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", ҳамчунин, бо мақсади ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон, пешниҳод мегардад, ки ба шаҳрвандони давлатҳои хориҷие, ки ҳуқуқи бо тартиби содда гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд, раводиди навъи сайёҳии бисёркарата дода, муҳлати он то 60 рӯз дароз карда шавад.

- бо мақсади соддагардонии рафтуомади ҳамватанони бурунмарзие, ки зодагони Тоҷикистон мебошанд, раводиди бисёркаратаи сесола дода шавад[8].

Соли 2021 низ сайёҳӣ зери назари Ҳукумати Тоҷикистон қарор дошт ва ҷамъбасти солҳои 2019 – 2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» аз он гувоҳӣ доданд, ки воқеан ҳам тули солҳои охир теъдоди сайёҳоне, ки ба Тоҷикистон ташриф меоранд афзуда, шумораи умумии онҳо ба зиёда аз 900 ҳазор нафар баробар гардид.

Бо вуҷуди ин ҳама Кумитаи рушди сайёҳӣ, дигар сохтору мақомоти марбута, аз ҷумла роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шуданд, ки доир ба афзоиш додани саҳми соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисоди кишвар ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ барои ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани хизматрасониҳо, дарёфти роҳҳои нави ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, ҷалби ҳарчи бештари сайёҳони дохиливу хориҷӣ, бахусус, рушди сайёҳии дохилӣ чораҳои аввалиндараҷа андешанд [8].

Дар соли 2022 чи тавре, ки аз Паём бармеояд, таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати кишвар ба соҳаи сайёҳӣ имкон дод, ки дар баробари афзун гардидани шумораи сайёҳон ширкатҳои сайёҳии ватанӣ низ зиёд гарданд. Дар панҷ соли охир ба кишвари мо беш аз 3,9 миллион нафар, аз ҷумла соли 2022-юм 1 миллион нафар сайёҳон ворид гардидаанд. Инчунин, дар ин давра барои пешниҳоди хизматрасонӣ ба онҳо беш аз 600 ва танҳо соли 2022-юм 100 иншооти инфрасохтори сайёҳӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шудаанд. Инчунин Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 2022 ҷиҳати ҷалби бештари сайёҳон ва сармоягузорони хориҷӣ барои шаҳрвандони 52 кишвари хориҷӣ иқдоми яктарафаи воридшавии бидуни раводид ҷорӣ намуд ва зарур аст, ки ин раванд ба таври самаранок амалӣ карда шавад [8].

Дар давраи соли 2023 чи тавре, ки аз Паём бармеояд, тули солҳои 2018 – 2023 барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 330 миллион сомонӣ амалӣ гардида, илова бар ин, ба субъектҳои соҳа аз ҷониби низоми бонкии кишвар зиёда аз 300 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо карда шудааст.

Дар ин давра 1450 иншооти сайёҳӣ бунёд гардида, соли 2023 шумораи сайёҳон ба як миллиону дусад ҳазор нафар расидааст.

Бо мақсади самаранок ба роҳ мондани корҳо дар самти сайёҳӣ ва назорати қатъии онҳо зарур аст, ки таҳти роҳбарии муовини дахлдори Сарвазири кишвар бо шомил намудани яке аз муовинони раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо гурӯҳи кории босалоҳияти доимӣ таъсис дода шавад.

Амалисозии барномаву нақшаҳои бунёди инфрасохтори сайёҳӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, косибӣ, аз ҷумла қолинбофӣ, атласу адрасбофӣ ва заргарӣ, инчунин, касбу ҳунаромӯзии шаҳрвандони мамлакат, ташкилу назорати корҳои ободониву кабудизоркунӣ, тозаву озода нигоҳ доштани маҳалҳои аҳолинишин, ҳифзи табиат ва истифодаи самараноки заминҳои президентӣ ва наздиҳавлигӣ ба зиммаи ин гурӯҳи корӣ вогузор карда шавад.

Ҳамчунин, ташкили фаъолияти маҳаллу растаҳо ва гӯшаҳои ҳунармандӣ дар тамоми қаламрави мамлакат, аз ҷумла дар ҳамаи мағозаву бозорҳо ба роҳ мондани фурӯши маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, хусусан, маҳсулоту маснуоти ҳунарҳои мардумӣ масъалаҳое мебошанд, ки бояд зери назорати гурӯҳи корӣ қарор дода шаванд [8].

Инчунин, соли 2023-юм 15 ёдгории таърихиву фарҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд, ки боиси эътибори бештар пайдо кардани фарҳанги бостонии миллати тоҷик дар байни ҷомеаи башарӣ гардид.

Чи тавре, ки аз Паём бармеояд, шумораи сайёҳоне, ки соли 2024-ум ба Тоҷикистон омадаанд, ба 1 миллиону 400 ҳазор нафар расида, нисбат ба соли 2019-ум 12 фоиз афзудааст, вале нишондиҳандаи мазкур ба имкониятҳои таърихиву табиӣ, кӯҳнавардӣ, фарҳангӣ ва табобативу истироҳатии кишвар мувофиқ нест. Дар баробари ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба рушди сайёҳии дохилӣ низ бояд таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Созмонҳои сайёҳии ҷумҳурӣ хеле хуб медонанд, ки рушди босуръат ва босифати сайёҳии дохилӣ имконият медиҳад, ки қадам ба қадам стандартҳои хизматрасонӣ баланд гардида, ба стандартҳои ҷаҳонии хизматрасонназдик шаванд. Ба ғайр аз ин, агар

ҳар қадар шумораи сайёҳони дохилӣ зиёд шавад, ҳамон қадар маърифати сайёҳӣ фазои васеътар пайдо мекунад, сатҳи тайёрии на танҳо ширкатҳо, балки маҳалҳо (Аз ҷумла маҳалҳо ва Ҳокимияти маҳаллӣ) боло рафтан мегирад, барои рушди сайёҳии этникӣ, экологӣ, маишӣ, фарҳангӣ, аграрӣ имкониятҳои ҳақиқӣ пайдо шуда, ривоҷ меёбанд.

Рушди сайёҳии дохилӣ боиси ҷустуҷӯҳои эҷодкоронава афзоиши ташаббускории мардум нисбати васеъ гардонидани фазои сайёҳии ҷумҳурӣ мегардад ва торафт бештар имкон медиҳад, ки супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон татбиқи бечунучарои худро дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ пайдо намоянд.

Адабиёт

1. Ёров Ҷ.Н. Нақши захираҳои сайёҳӣ - рекреатсионӣ дар рушди сайёҳии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ҷ.Н. Ёров // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии дар мавзӯи «Рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва роҳҳои баландбардории он дар шароити ҷаҳонӣ» (15 апрели соли 2017). - 2017. - С.64-69.

2. Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http:// traveltajikistan.tj/tg/category/news/page/3/.

3. Всемирный банк: рекордные объемы денежных переводов в 2020 году [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://www.vsemirn8yjbank.org/ru/news/press-release/2021/04/08/record-high-remittances-sent-globally-in-2020.

4. Мухаббатов, Х.М. Природно-ресурсный потенциал горных регионов Таджикистана: ресурсы горного Таджикистана [Текст] / Х.М. Мухаббатов // Монография. – Москва: Рос. акад. наук, Ин-т географии, Акад. наук Республики Таджикистан, Отд. географии и экологии, 1999. – 335 с.

5. Ҳисоботи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисон. Душанбе 2024.

6. Ёров Дж.Н. Историко-культурные наследие как фактор организации туристских кластеров в Таджикистане. [Текст] / Дж.Н. Ёров // Материалы межд. научно-практ. конференции «Сохранение и освоение культурного наследия как приоритетное направлениеразвития национальных культур»- . Душанбе. - С. 177-184. - РТСУ. ISBN-99985-29-02-1 2024.

7. Гаффорзода Дж.Г., Ёров Дж.Н. Некоторые вопросы финансирования, развития и совершенствования сферы образования в годы независимости: глубокий анализ. [Текст] / Дж .Н. Ёров, Дж.Г., Гаффорзода // Сборник статьей II международной научно-практической конференции на тему «Экономика, финансы и управление: актуальные вопросы теории и практики». - 5 октября 2022 года. - 2022. - С. 90-96.

8. Аз Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Солҳои 2017-2024.

**УДК: 340 (575.3)**

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МОНИТОРИНГИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ МОНИТОРИНГА ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

# LEGAL BASIS OF LEGISLATIVE MONITORING IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**МАТРОБОВ МАТРОБ ХУРРАМОВИЧ** - ходими калони илмии Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
**МАТРОБОВ МАТРОБ ХУРРАМОВИЧ -** старший научный сотрудник отдела науки и инноваций Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
**MATROBOV MATROB KHURRAMOVICH -** senior Researcher, Department of Science and Innovation, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

**E-MAIL:** matrob@mail.ru

**Аннотатсия.** Ниҳодҳои давлативу ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон амалу фаъолиятҳои гуногунро дар асоси заминаҳои ҳуқуқӣ ба роҳ мемонанд. Дар назарияи ҳуқуқ заминаҳои ҳуқуқии фаъолият ё муносибатҳо бештар бо истилоҳи «асосҳои ҳуқуқӣ» корбурд мешавад. Дар мақолаи мазкур асосҳои ҳуқуқии падидаи мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ шуда, таҷрибаи дигар кишвар вобаста ба қабули муҳиматрин заминаҳои мониторинги қонунгузорӣ оварда шудааст.
**Калидвожаҳо:** асосҳои ҳуқуқӣ, мониторинги қонунгузорӣ, конститутсия, санадҳои байналмилалӣ, қонун, паём, фармон, қарор, консепсия, барнома, стратегия, тартиб.

**Аннотация.** Государственные и общественные институты, а также граждане осуществляют различные действия и деятельность на основе правовых оснований. В теории права правовое основание деятельности или отношений чаще всего употребляется в термине «правовые основания». В данной статье анализируются и рассматриваются правовые основы феномена мониторинга законодательства в Республике Таджикистан, а также представлен опыт других стран по внедрению наиболее важных оснований для мониторинга законодательства.
**Ключевые слова:** правовые основы, мониторинг законодательства, конституция, международные документы, закон, послание, указ, решение, концепция, программа, стратегия, процедура.

**Abstract.**State and public institutions and citizens carry out various actions and activities on the basis of legal grounds. In legal theory, the legal basis of activities or relations is most often used with the term "legal grounds". This article analyzes and discusses the legal basis of the phenomenon of legislative monitoring in the Republic of Tajikistan, and presents the experience of other countries in adopting the most important grounds for legislative monitoring.
**Keywords:** legal basis, legislative monitoring, constitution, international documents, law, message, decree, decision, concept, program, strategy, procedure.

Дар таснифбандии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пеш аз ҳама замина барои дилхоҳ муносибати ҷамъиятӣ, институт ё меъёри ҳуқуқӣ Конститутсия баромад мекунад. Чуноне, ки Н.Н. Черногор қайд менамояд, «...Конститутсия қонуни асосии давлат аст. Меъёрҳоии он қувваи олии ҳуқуқӣ доранд ва бевосита амал мекунанд. Он заминаи низоми ҳуқуқии давлатро мегузорад ва вазифаҳои танзим ва ҳифзи ҳуқукро ичро мекунад. Илова бар ин, конститутсия асоси стратегияи рушди давлат буда, дар асоси он санадҳои барномавӣ ташаккул ёфта, қонунҳо қабул ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ амалӣ карда мешаванд»**Ошибка! Источник ссылки не найден.**26, с. 22].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**Ошибка! Источник ссылки не найден.** муқарраркунандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, танзимкунандаи муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ буда, тавассути он низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ташаккул ва таҳким меёбад. Ба андешаи муҳаққиқони ватанӣ А. Имомов ва Б. Гадоев «низом ва намудҳои қонунҳои ҶТ дар Конститутсия ва қонунҳо муайян карда мешаванд. Пеш аз ҳама худи Конститутсия асос ва сарчашмаи қонунгузории мамлакат мебошад»**Ошибка! Источник ссылки не найден.**20, с. 10]. Конститутсияи ҶТ барои ташкил ва такмили сиёсати нави ҳуқуқӣ ва низоми нави қонунгузорӣ заминаҳои боэътимод фароҳам оварда, давра ба давра дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа қонунҳои нав қабул гардида, минбаъд рушди онҳо таъмин карда шуд**Ошибка! Источник ссылки не найден.**23, с. 63-69]. Дар баробари муқаррар кардани раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ва танзими ҳуқуқӣ, ба мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун падидаи нав дар ин самт низ замина гузошта шуд.

Пеш аз ҳама Конститутсияи ҶТ дар моддаҳои алоҳида заминаҳои барои амалигардонии мониторинги қонунгузориро муқаррар кардааст. Чунончӣ, дар моддаи 9 амалигардонии ҳокимияти давлатӣ ба воситаи ҳокимияти қонунгузор, иҷроияи ва судӣ муқаррар шудааст. Қобили зикр аст, ки шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар раванди гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ иштирок менамоянд.

Дар боби 3 Маҷлиси Олӣ ҳамчун парламенти ҶТ мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории ҶТ муайян шуда, ба ваколати он қабули қонунҳо гузошта шудааст.

Маҷлиси Олии ҶТ ҳамчун мақоми олии қонунгузор санадҳои қонунгузориро (ба истисноИ Конститутсия ва қонунҳое, ки бо роҳи райъпурсӣ қабул мегарданд) қабул менамояд, ки онҳо дар ҳудуди Тоҷикистон амал мекунанд **Ошибка! Источник ссылки не найден.**. Аз ин рӯ, дар баробари қабули қонунҳо, дар бархе аз кишварҳо паламент вазифаи мониторинги иҷрои онҳо ё назорати парламенитро анҷом медиҳад. Дар мисоли ҶТ то ҳол дар сохтори Маҷлиси Олӣ чунин вазифагузорӣ муқаррар нашудааст. Бинобар ин, барои такмили қонунгузорӣ ва қабули қонунҳои босифат дар Маҷлиси Олии ҶТ зарур аст, ки зерсохтори алоҳида ҳамчун «Маркази мониторинги қонунгузорӣ» созмон дода шавад.

Ҳамчунин Маҷлиси Олӣ қонунҳои алоҳидаро қабул менамояд, ки метавонанд ба сифати асоси ҳуқуқии фаъолияти мониторинги қонунгузорӣ амал намоянд. Ҳоло ба сифати чунин санад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ»**Ошибка! Источник ссылки не найден.** амал мекунанд, ки дар моддаи 81 муайян карда шудааст. Аммо дар оянда бинобар васеъ гардидани фаъолияти мониторинги қонунгузорӣ зарурати қабули қонуни алоҳида дар бораи мониторинги қонунгузорӣ низ ба миён меояд.

Ҳамчунин дар бобҳои алоҳидаи Конститутсияи ҶТ механизми мониторинги қонунгузорӣ дар шакли ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, суд ва прокуратура муқаррар шудааст. Зерсохторҳои мақомоти номбаршуда зимни татбиқи муқаррароти қонунгузорӣ бархе аз мухолифат ва норасоиҳоро дар қонунҳо метавонанд ошкор намоянд, ки ҳамчун яке аз унсурҳои фаъолияти мониторинги қонунгузорӣ маҳсуб меёбад. Қобили зикр аст, ки алҳол танҳо дар Прокуратураи генералии ҶТ сохтори алоҳидаи мониторинги татбиқи санадҳои меъёр ҳуқуқӣ таъсис дода шудааст.

Барои ҷоннок намудани фаъолияти мониторинги қонунгузорӣ ҳамаи вазорату идора ва муассисаҳои соҳавӣ метавонанд қонунгузории самти фаъолияти худро мониторинг намуда, хулоса, таклифҳо ва натиҷаи онро ба мақомоти дахлдор ирсол намоянд.

Ҳамин тавр, нақш ва мақоми Конститутсияи ҶТ ҳамчун асоси мониторинги қонунгузорӣ бо чунин аломатҳо инъикос меёбад:

- пеш аз ҳама Конститутсия асосҳои дигари ҳуқуқии мониторинги қонунгузориро муайян мекунад;

- механизми амалигардонии мониторинги қонунгузорӣ бо роҳи таҳкими низоми ҳокимияти давлатӣ дар Конститутсияи ҶТ дарҷ мегардад.

- дар асоси Конститутсия қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, роҳнамо ва барномаҳои муайян қабул мешаванд, ки дар онҳо вазифа, тартиб, технология ва роҳҳои самарабахши мониторинги қонунгузорӣ муқаррар мегарданд.

Баъд аз Конститутсия асоси ҳуқуқии мониторинги қонунгузориро қонун ташкил медиҳад. Дар бисёр кишварҳои узви ИДМ қонунҳо дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шудааст, ки тартиби таҳия, ташхис, қабул, интишори расмӣ, қатъёбӣ, тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқиро танзим менамояд. Чунин қонунҳо, чун қоида, меъёрҳои мониторинги ҳуқуқиро дар бар мегиранд.

Аз ҷумла, дар Қазоқистон, Қонун «Дар бораи санадҳои ҳуқуқӣ»**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, дар Узбекистон Қонун «Дар бораи назорати парламентӣ»**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, дар Белорус Қонун «Дар бораи санадҳои меъёри ҳуқуқӣ»**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, дар Қирғизистон Қонун «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Қирғизистон»**Ошибка! Источник ссылки не найден.** ва ғ. қабул шудаанд. Дар қонунҳои мазкур мониторинги ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, доираи субъектон, муҳокимаҳои оммавии қонунҳо ва дигар масъалаҳо муқаррар шудаанд.

Аз рӯи таҷрибаи дигар кишварҳои хориҷӣ бармеояд, ки қонунҳо дар робита ба мониторинги қонунгузорӣ қабул кардаанд. Аз ҷумла, назорати комплексии танзими ҳуқуқӣ дар Ҷумҳури Федеративии Олмон бо Қонуни федералӣ «Дар бораи шурои миллӣ оид ба назорати меъёрӣ» (Nationaler Normenkontrollrat) амал мекунад. Дар асоси ин қонун Шуро ҳамчун институти алоҳида оид ба мониторинг ва арзёбии танзими ҳуқуқӣ ташаккул дода шудааст**Ошибка! Источник ссылки не найден.**. Қобили зикр аст, ки ҳадафи Шурои мазкур дар сомона ба тариқи зайл: «барои коҳиши бюрократия, ҳуқуқэҷодкунии беҳтар ва идоракунии электронӣ» дарҷ гардидааст.

Дар Ҷумҳури Федеративии Олмон тибқи Методикаи экспертизаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки Вазорати адлия амалӣ мегардонад, чунин санҷишҳо роҳандозӣ мешаванд: муҳиммияти лоиҳаҳои пешниҳодшуда; мутобиқати лоиҳаҳо ба қонунҳо ва ягонагии шакли онҳо; мутобиқати конститутсионии лоиҳаҳо; мутобиқат бо низоми ҳуқуқии ҷомеаи Аврупо; арзёбии аниқу дақиқ будани меъёрҳо барои гирандагон (адресатҳо)**Ошибка! Источник ссылки не найден.**9, с. 103].

Дар ФР, бахусус дар чанд субъектони он қонунҳо дар бораи мониторинги қонунгузорӣ қабул шудааст. Мас., Қонун «Дар бораи мониторинги қонунҳои Ҷумҳурии Тотористон» аз 3 июли соли 2010, Қонун «Дар бораи мониторинги қонунҳои Ҷумҳурии Бошқирдистон» аз 29 майи соли 2012 қабул карда шудааст.

Дар Тоҷикистон низ ба монанди кишварҳои пасошӯравӣ қонуни алоҳида вобаста ба танзими фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шудааст.

Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз ҷумлаи заминаҳои муҳимми мониторинги қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он моддаи алоҳида ба мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бахшида шудааст.

Дар қ. 1 м. 81 Қонун субъекти мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва мақсадҳои онро муқаррар кардааст. Тибқи он субъекти асосии мониторинги татбқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ «мақомоти ҳуқуқэҷокунанда» ба ҳисоб меравад ва мақсади гузаронидани мониторинг пурракунӣ ва таҳлил иттилоот оид ба ҷараёни татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мушаххас мебошад. Ҳадаф аз пурракунӣ қонунгузор такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар назар дорад. Ҳамчунин, аз сабаби он, ки мониторинг фаъолияти таҳлилӣ ба ҳисоб меравад, муносибату равандҳо ва иттилооти мавҷуда таҳлилу баррасӣ шуда, моҳият ва дурнамои санадҳои қонунгузорӣ мушаххас карда мешаванд.

Ҳамчунин дар баробари мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда қонунгузор мақомоти дигар, ки вазифаҳои назоратӣ ва тафтиширо иҷро мекунанд, ҳамчун субъекти мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар кардааст. Ҳадафи иштироки мақомоти татбиқи ҳуқуқ дар ҷараёни мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз таъмин намудани мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда бо иттилооти кофӣ оид ба татбқишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Аз муқаррароти моддаи мазкур бармеояд, ки қонунгузор танҳо чунин ваколатро ба мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда ва мақомоти назоратӣ додааст. Аз ин рӯ зарур аст, ки иштироки мақомоти ҳуқуқтатбиққкунанда ва доираи васеи субъектҳои дигар аз ҷумла, марказҳои илмӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ дар раванди мониторинги қонунгузорӣ ба эътибор гирифта шаванд.

Дар асоси қ. 2 м. 81 натиҷаҳои мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба чунин самтҳо равона карда шудаанд: 1) ҳангоми банақшагирии таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; 2) таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; 3) такмили ҳуқуқэҷодкунӣ; 4) таъмини сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва самаранокии. Дар баробари ин, пешниҳод мегардад, ки мониторинги қонунгузорӣ ҳамчунин ба баланд бардоштани шуур ва фарҳангии ҳуқуқии ҷомеа низ мусоидат менамояд.

Дар қ. 3 моддаи мазкур муқаррар шудааст, ки мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷузъи мониторинги ҳуқуқӣ мебошад. Дар қисми мазкур низ ҳадафҳо ва вазифаҳои мониторинг муайян карда шудаанд, ки аз инҳо иборатанд: 1) вазифаҳои умумии таҳлили мунтазам ва ҳаматарафаи рушди қонунгузории ҷумҳурӣ; 2) ташаккули соҳаю институтҳои нави ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ; 3) тағйири мавзуъ ва усулҳои танзими ҳуқуқӣ; 4) таъсири омилҳои объективӣ ва субъективӣ ба қонунгузорӣ.

Ҳамин тариқ, Қонун ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» на ҳама паҳлуҳои мониторинги ҳуқуқӣ ва ҷузъҳои алоҳидаи он − мониторинги қонунгузорӣ ва мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро фаро гирифтааст. Пеш аз ҳама зарур аст, ки мафҳуми «мониторинги қонунгузорӣ» дар м. 2 шарҳ дода шавад. Баъдан, мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун василаи муҳими такмили қонунгузорӣ ва самарнокии татбиқи қонунҳо дар боби алоҳида муқаррар карда шавад.

Дар баробари Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар Қонуни ҶТ «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дарнамосозии давлатӣ» аз 19 июли соли 2022, №1894**Ошибка! Источник ссылки не найден.** қабул шудааст, ки асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатиро муайян намуда, ба мукаммалсозии раванди таҳия, тасдиқ ва амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ равона карда шудааст. Дар боби 5 (Мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ) мониторинги амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стартегӣ, арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, низоми электронии идоракунии банақшагирии стратегӣ муқаррар шудааст. Дар м. 17 Қонун муқаррар шудааст, ки мониторинги амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии идоракунии банақшагирии стратегӣ ва беҳтар намудани фаъолият оид ба банақшагирии стратегӣ, сари вақт ошкор намудани инҳироф, тасҳеҳи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва ҳалли мушкилоти ҳангоми амалисозии ҳуҷҷатҳои

банақшагирии стратегӣ ошкоргардида гузаронида мешавад. Дар моддаи мазкур муқаррар шудааст, ки мониторинги амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Бинобар ин, зарур аст, ки Тартиби мониторинги амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдор ҷиҳати мунтазам ба роҳ мондани чунин навъи мониторинг коркард ва таҳияи карда шавад.

Аз таҷрибаи дигар давлатҳо бармеояд, ки дар онҳо асосҳои ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дар заминаи санадҳои зерқонунӣ, бахусус қарору фармонҳои мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ қабул карда шудааст. Мас., дар Узбекистон «Тартиби гузаронидани мониторинги ҳуқуқии татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»**Ошибка! Источник ссылки не найден.**; дар ФР «Низомнома дар бораи мониторинги ҳуқуқтатбиққунӣ дар Федератсияи Россия»**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, «Методологияи мониторинги ҳуқуқтатбиққунӣ дар Федератсияи Русия»**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, дар Ҷумҳурии Қазоқистон «Қоидаҳои гузаронидани мониторинги ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Қазоқистон»**Ошибка! Источник ссылки не найден.** ва ғ. қабул шудааст. Аз санадҳои ҳуқуқии мазкур бармеояд, ки тавасути онҳо механизми мониторинги қонунгузорӣ ҷорӣ карда шуда, мушкилиҳои марбут ба гузаронидани мониторинги ҳуқуқӣ, ҳамчунин зарурати таъсиси Маркази мониторинги ҳуқуқ дар назди палумон ё ҳукумати давлатҳои мазкур ба миён гузошта шудааст.

**Фармони Президенти ҶТ** заминаи ҳуқуқии мониторинги ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад. То ҳол як чанд фармонҳоро Президенти ҶТ қабул кардааст, ки ба самти қонунгузорӣ равона гардидаанд. Дар асоси фармонҳои Президенти ҶТ консепсия, барномаҳо ва стратегияҳо тасдиқ карда мешаванд, ки асоси пешбурди мониторинги қонунгузорӣ маҳсуб меёбанд. Мас., бо Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи Консепсияи пешгӯйии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» 19.2.2011, №1021**Ошибка! Источник ссылки не найден.** тасдиқ шуда, дар асоси он 6 барномаи давлатӣ – «Барномаи давлатӣ ва нақшаи таҳияи соҳаи қонунгузории сохтори давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва амният», «Барномаи давлатӣ ва нақшаи таҳияи қонунгузории соҳаи гражданӣ ва соҳибкорӣ», «Барномаи давлатӣ ва нақшаи таҳияи қонунгузории соҳаи молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ», «Барномаи давлатӣ ва нақшаи таҳияи қонунгузории соҳаи меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ ва маориф», «Барномаи давлатӣ ва нақшаи таҳияи қонунгузории соҳаи аграрӣ ва ҳифзи муҳити зист» ва «Барномаи давлатӣ ва нақшаи таҳияи қонунгузории соҳаи таъминоти ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалӣ» таҳия ва аз ҷониби Ҳукумати ҶТ 1 марти соли 2012 таҳти №95 ва 3 апрели соли 2012 таҳти №144 тасдиқ шудаанд**Ошибка! Источник ссылки не найден.**.

Дар барномаҳои мазкур зарур аст, ки мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун самти асосии такмили қонунгузорӣ инъикос гардад ва нақшаи мақомоти ваколатдор ҷиҳати мунтазам гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ тасдиқ карда шавад.

Консепсия бархе аз нишондодҳоро дар бар мегирад, ки бевосита ба самти муайян равона мегарданд. Дар таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ низ Консепсия барои такмили самт ё соҳаи муайян бо фармон ё қарори дахлдор қабул карда мешавад. Дар байни консепсияҳое, ки Дар ҶТ қабул карда шудаанд, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калон дошта, сиёсати қонунгузорӣ бахши асосии онро ташкил медиҳад.

Ба андешаи М.З. Раҳимзода, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ тибқи талаботи Конститутсияи ҶТ барои ҳалли масъалаҳои муҳими низоми қонунгузории ҶТ, муайян намудани самтҳои асосӣ ва тарзу усулҳои такмили қонунгузорӣ дар асоси принсипҳои давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона таҳия шавад.

Консепсияи мазкур на танҳо рушди қонунгузории ҶТ, балки сарчашмаҳои ҳуқуқии кишвар, инчунин масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ, амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва проблемаҳои инкишофи таҷрибаи ҳуқуқӣ, илмӣ ва тарбиявию омӯзиши ҳуқуқиро бояд дар бар гирад**Ошибка! Источник ссылки не найден.**.

Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028**Ошибка! Источник ссылки не найден.** гузаронидани мониторинги ҳуқуқии қонунгузории соҳаи замин (банди 33), мониторинги мунтазами қайд ва қатъи ақди никоҳ, омилҳо ва сабабҳои он (банди 40) ва дигар намудҳои мониторингро пешбинӣ кардааст.

Баҳри мураттаб гардонидани фаъолияти қонунгузорӣ ва бо дар назар доштани зарурати таҳияи лоиҳаи қонунҳо, муқоисаи онҳо бо қонунҳои амалкунанда, омӯзиш ва муайян намудани мувофиқати қонунҳои қабулшаванда ба талаботи замон, инчунин аз нигоҳи илмӣ асоснок намудани онҳо бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 феврали соли 2011 Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузорӣ тасдиқ гашта, дар заминаи он тибқи қарорҳои марбутаи Ҳукумати мамлакат барномаҳои давлатии амалисозии соҳавӣ қабул шуданд**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, с. 111]. Ҳадафи қабули Консепсияи мазкур аз такмили қонунгузории ҷорӣ бо роҳи мониторинги қонунгузорӣ, пешгуӣ ва дурнамои қабули қонунҳо ва амалияи тадбиқи онҳо роҳандозӣ мешавад. Баҳри татбиқи Консепсия барномаи дахлдор**Ошибка! Источник ссылки не найден.**қабул карда шудаанд.

Қобили зикр аст, ки дар Консепсия унсурҳои мониторинги қонунгузорӣ, аз ҷумла дақиқ муайян намудани зарурати таҳияи лоиҳаи қонунҳо, муқоисаи онҳо бо қонунҳои амалкунанда, омӯзиш ва муайян намудани мувофиқати қонунҳои қабулшаванда ба талаботи замон ва ҷомеа, инчунин аз нигоҳи илмӣ асоснок намудани онҳо дарҷ гардидааст.

Дар Консепсия мафҳуми «мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» истифода шудааст, ки ҳамчун яке аз мақсадҳои Консепсия ба шумор меравад. Ҳамчунин ҷиҳати мониторинги қонунгузории соҳаҳои алоҳида Консепсия дигар намудҳои он, аз ҷумла мониторинги экологӣ, мониторинги низоми муқовимат ба коррупсия, мониторинги мунтазами раванди иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирифтааст. Қобили зикр аст, ки аз қабули Консепсия 15 сол сипарӣ гашта, зарурат ба коркард ва мутобиқатсозии он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳоро дорад.

Стратегияҳои гуногун ба ташкили фаъолияти мониторинг замина мегузоранд, ки дар асоси фармони Президенти ҶТ тасдиқ карда мешаванд. Аз ҷумла, Стратегияи давлатии мубориза ба коррупсия дар б. 189 бевосита муқаррар кардааст, ки «мониторинги Стратегия ин маҷмӯи чораҳои назоратӣ, санҷишӣ, таҳлилӣ, маълумотӣ ва арзёбии тадбирҳо бо мақсади амалисозии шаффофи Стратегия ва нақшаи чорабиниҳои он вобаста ба вазъияти воқеӣ, инчунин пешравиҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодии ҷомеа ва давлатро дарбар мегирад**Ошибка! Источник ссылки не найден.**. Дар стратегия ҳамчунин усул, марҳила, нишондиҳандаҳо, субъектон ва интишори мониторинг муайян шудаанд.

**Қарорҳои Ҳукумати ҶТ** заминаҳои ҳуқуқии мониторинги қонунгузориро фароҳам меоранд. То имрӯз бархе аз барномаву стартегияҳо бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, меъёрҳои марбут ба мониторинги қонунгузорӣ ва мақомоти ваколатдори давлатӣ гузаронидани мониторингро муқаррар кардаанд. Барои мисол, Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037**Ошибка! Источник ссылки не найден.** ва Нақшаи амали он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022 тасдиқ шудааст. Барои амалигардонии Стратегияи мазкур дар Нақшаи амал бандҳои 9.1.8 марҳила ба марҳила гузаронидани мониторинги қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти иқтисоди

сабз ва ҳангоми зарурат пешниҳод намудани таклифҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузорӣ муқаррар гардидааст.

Бархе аз санадҳои зерқонунӣ, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ қабул шудаанд, мониторинги санадҳои зерқонуниро танзим менамоянд. Мас., бо фармоиши вазири корҳои хориҷии ҶТ аз 29 декабри сорли 2021, № 1171 «Тартиби мониторинги таъмини иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ ва интишор шуда, тариқи он ҳолат ва раванди татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ, раванди иҷрои расмиёти дохилдавлатӣ нисбат ба шартномаҳои байналмилалии басташуда, ҳалли мушкилоти дар рафти татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ ба вуҷуд омада, қатъ ва боз доштани амали шартномаҳои байналмилалӣ аз ҷониби ҶТ, дар сурати риоя нашудани онҳо аз тарафи дигар иштирокчиёни шартномаҳои байналмилалӣ муқаррар мегардандОшибка! Источник ссылки не найден..

Тартиби мазкур аз 3 қисм, муқаррароти умумӣ, раванди гузаронидани мониторинги шартномаҳои байналмилалӣ, мушоҳидаи иҷрои шартномаҳои байналмилӣ иборат буда, тибқи он мониторинги таъмин иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон – арзёбии ҳолати иҷро ва назорати татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ аз ҷониби мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Он нисбати шартномаҳои байналмилалие, ки аз ҷониби мақомоти олии қонунгузор ва ҳокимияти судӣ дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба байни сохторҳои дахлдори давлатҳо ва ё иттиҳодияҳою созмонҳои касбии инҳо ба имзо расидаанд, инчунин шартномаҳои байналмилалие, ки дорои сирри бо қонун ҳифзшавандаро доранд, татбиқ намегарданд. Субъекти асосии мониторинги мазкур Вазорати корҳои хориҷии ҶТ муайян шуда, мушоҳидаи умумии иҷрои шартномаҳои байналмилариро ба уҳда мегирад ва ҳангоми гузаронидани мониторинги шартномаҳои байналмилалӣ метавонад маълумоти Феҳристи давлатии шартномаҳо байналмилалии ҶТ ва ташхиси заминаи шартномавӣ-ҳуқуқиро дар муносибат бо давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ба инобат гирад.

Дар баробари санадҳои зикршуда, қобили зикр аст, Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ҳамчун заминаи ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ ба шумор меравад.

«Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», дар маҷмуъ, ҳамчун санади ҳуқуқӣ баромад менамояд, зеро Паёми Президенти ҶТ ҳуқукро ба вуҷуд меорад, зимни ироаи ҳар як Паём ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ ба миён гузошта мешаванд ва ба мақомоти дахлдори давлатӣ дастуру супоришҳо дода шуда, уҳдадор карда мешаванд, ки дар муҳлати муқарраркардаи Паём ин ё он масъалаҳоро баррасӣ ва ҳаллу фасл намоянд. Он ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ, хусусияти ҳатмӣ-ҳуқуқӣ, санади сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, маҷмуан, ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баромад менамояд, зеро Паёми Президенти ҶТ заминаи пайдоиши қонунҳо, манбаи ташаккул ва инкишофи ҳуқуқ ва қонунгузорӣ мебошад»**Ошибка! Источник ссылки не найден.**24, с. 13].

Дар воқеъ, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки ҳамасола ба Маҷлиси Олии ҶТ ироа мегардад, ба такмили қонунгузорӣ, рафъи норасоӣ ва мухолифатҳо дар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шарҳу тафсири қонунҳо, рушди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҷалби доираи васеъи субъектон дар раванди он мусоидат мекунад. Маҳз зарурати мониторинги қонунгузорӣ аввалин бор дар Паёми Президенти ҶТ соли 2008 баён ёфта буд. Дар он Президенти ҶТ қайд карда буданд, ки аз «... ҷиҳати илмиву амалӣ асоснок намудани қонунҳо, мукаммалу мушаххас гардонидани механизми татбиқи онҳо, инчунин мониторинги тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар назди Президент таъсис додани Маркази миллии қонунгузорӣ мувофиқи мақсад мебошад»**Ошибка! Источник**

**ссылки не найден.**. Ҳамчунин, дар Паёми Президенти ҶТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри соли 2021 қайд карда шуд, ки «Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва дигар мақомоти ҳуқуқэҷодкунандаро зарур аст, ки таҳлили мунтазами қонунгузорӣ, аз ҷумла мониторинги амалишавии санадҳои қонунгузориро гузаронида, сатҳи мутобиқати қонунгузории мамлакатро ба ҳадафҳои сиёсии пешбинигардида муайян намоянд ва оид ба такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии раванди татбиқи ҳуқуқ чораҳои судманд андешанд"**Ошибка! Источник ссылки не найден.**. Аз нуктаҳои мазкур бармеояд, ки Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ асоси ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ ба ҳисоб рафта, маҳз дар заминаи он механизми амалигардонӣ ва дигар чорабиниҳои дахлдор ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва самаранокии татбиқи қонунҳо дар ҳаёти кишвар роҳандозӣ мегардад.

**Қарорҳои Маҷлиси Олии ҶТ** ва палатаҳои он ба ташкили раванди қонунгузорӣ мусоидат намуда, асоси ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ маҳсуб мeёбанд. Дар асоси қарори раиси Маҷлиси намояндагон Дастури он**Ошибка! Источник ссылки не найден.** тасдиқ карда мешавад, ки яке аз муҳимтарин санадҳои танзимкунандаи фаъолияти қонунгузории парлумон мебошад. Дар Дастури мазкур фаъолияти Маҷлиси намояндагон, тартиби пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва омода намудани онҳо барои баррасӣ, тартиби баррасии лоиҳаи қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули онҳо, тартиби баррасии такрории қонунҳо ва ғ. дар Маҷлиси намояндагон муқаррар гардидаанд. Масъалаҳои такмили қонунгузорӣ дар б. 63 Дастур ба души кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагон вогузор гардидааст. Аммо масъалаи мониторинги қонунгузорӣ дар радифи ваколатҳои кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагон муқаррар карда нашудааст. Аз ин рӯ, дохил намудани мониторинги қонунгузорӣ ба сифати яке аз ваколатҳои кумита ва комиссияҳо муфид хоҳад буд.

Дар сатҳи санадҳои зерқонунӣ то ҳол мониторинги ҳуқуқӣ дар ҶТ ба таври зарурӣ коркард нашудааст. Дар мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла дар ФР, Узбекистон, Белорус, Қазоқистон ва ғ. доир ба танзими мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ санадҳои меъёрии зерқонунии гуногун қабул гардидааст, ки таҷрибаи давлатҳои мазкур метавонад барои қабули санадҳои зерқонунии алоҳида оид ба мониторинги қонунгузорӣ дар ҶТ истифода шавад.

Ҳамин тариқ, асосҳои ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ заминаҳои ҳуқуқие фаҳмида мешаванд, ки дар шакли ҳуҷҷатҳои муҳимми ҳуқуқӣ қабул шуда, меъёрҳо вобаста ба танзими фаъолияти мониторинги қонунгузориро дар бар мегиранд.

Доираи ҳуҷҷатҳое, ки асосҳои ҳуқуқиро инъикос менамоянд, аз ҷиҳати мазмун хеле гуногун буда, аз инҳо иборатанд: санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои зерқонунӣ, санадҳои дохилӣ ва ғ.

Ба асосҳои ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дохил мешаванд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, қонунҳо (Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»), фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар заминаи онҳо консепсия, барнома, стратегияҳо қабул шудаанд), санадҳои зерқонунӣ (тартиб, низомнома, дастурамал ва ғ.)

Дар заминаи таҳлили асосҳои ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ муайян карда шуд, ки раванди мазкур дар санадҳои гуногун бо номҳои мухталиф баён карда шудааст. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки дар ҳама санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ «мониторинги қонунгузорӣ» ҳамчун мафҳуми фарогир корбурд шавад.

**Адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 271; ҚҶТ аз 19.07.2019 с., №1632; ҚҶТ аз 23.12.2021 с., №1820.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дарнамосозии давлатӣ" аз 19 июли соли 2022, №1894 // Захираи электронӣ:https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=142636&compareid=142636 Санаи дастрасӣ: 29.01.2025.

4. Закон Республики Узбекистан от 11 апреля 2016 г., № ЗРУ-403 "О парламентском контроле" // Захираи электронӣ: https://www.lex.uz/acts/2929475. Санаи дастрасӣ: 02.03.2025.

5. Закон Республики Казахстан от 06.04.2016 № 480-V ЗРК (ред. от 05.07.2018) «О правовых актах» // https://adilet.zan.kz/rus/docs/Z1600000480. https://adilet.zan.kz/rus/docs/Z1600000480 Санаи дастрасӣ: 02.03.2025.

6. Закон Республики Беларусь от 17.07.2018 № 130-З «О нормативных правовых актах» // Национальный правовой Интернет-портал Республики Беларусь. 2018. № 2/2568 URL: http://pravo.by/document/?guid=12551&p0=H11800130&p1=1. Санаи дастрасӣ: 02.03.2025.

7. Закон Кыргызской Республики от 20.07.2009 № 241 (ред. от 20.07.2017) «О нормативных правовых актах Кыргызской Республики» // Ведомости Жогорку Кенеша Кыргызской Республики. 2009. № 7. Ст. 751. Санаи дастрасӣ: 02.03.2025.

8. Постановление Президента Республики Узбекистан «О мерах по повышению эффективности исполнения актов законодательства на основе современных механизмов правового мониторинга» от 16.08.2024 № УП-111 // Захираи электронӣ: https://lex.uz/ru/docs/7070079. Санаи дастрасӣ: 29.04.2025.

9. Постановление Правительства РФ «Об утверждении методики осуществления мониторинга правоприменения в Российской Федерации» от 19.08.2011 N 694 (ред. от 02.08.2023) // Захираи электронӣ: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_118528/. Санаи дастрасӣ: 29.04.2025.

10. Указ Президента РФ от 20 мая 2011 г. N 657 "О мониторинге правоприменения в Российской Федерации" // Захираи электронӣ: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_114147/. Санаи дастрасӣ: 29.04.2025.

11. Правил проведения правового мониторинга нормативных правовых актов. Постановленние Правительства Республики Казахстан от 13.6.2023, № 560 – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=35351052#sub_id=1. (Санаи муроҷиат: 30.04.2025)

12. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, № 1005 тасдиқ шудааст. Захираи электронӣ: https://mmk.tj/content. Санади дастрасӣ: 16.01.2024.

13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2008. Захираи эелектронӣ: http://president.tj/node/195. Санаи дастрасӣ: 19.01.2023.

14. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 апрели соли 2013, №1145 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2024, №1421.

15. Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ барои

солҳои 2012-2015 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012 № 143 тасдиқ шудааст // Захираи электронӣ: http://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=116579 . Санаи дастрасӣ: 4.03.2025.

16. Стратегияи давлатии муқовиммат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 қабул шудааст. – Д., 2021. – С. 34. –35 с.

17. Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037. – Душанбе: Вазоар 2022. – 190 с.

18. Тартиби мониторинги таъмини иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармоиши вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2021, № 1171. http://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=116579 . Санаи дастрасӣ: 14.08.2024.

19. Арзамасов Ю.Г., Наконечный Я.Е. Концепция мониторинга нормативных правовых актов. – М.: Юрлитинформ, 2011. – С. 103.

20. Имомов А., Гадоев Б. Раванди қонунгузорӣ дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Такмили хуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолият. – Душанбе: Дониш, 2016. – 10 с.

21. Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ. Лоиҳаи он барои хулоса ба макомоти дахлдор пешниҳод шудааст // Садои мардум. – №38 (3675) Санаи дастрасӣ: 11.04.2017.

22. Раззоқов Б.Х. Омилҳои таъмини қонунэҷодкунии босифат // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва проблемаҳо (Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 26 майи соли 2016) / Зери назари доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Раҳимзода М.З. –Душанбе, «Империал-Групп», 2016 с. – С. 111.

23. Раҳматов К.С. Мониторинги қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи он // Қонуният. – Д.: Контраст, Шумораи ҷашнӣ, 2021– С. 63-69.

24. Сайнозимзода ФФ.С. Табиати ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ. Автореф... дисс. н.и.ҳ. – Душанбе – 2022.– С. 13.

25. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Д.: Шарқи Озод, 2009. – С. 68.

26. Черногор Н.Н. Мониторинг Конституции РФ и его инструментальная роль // Проблемы государственного и муниципального строительства, 3(6) 2008. – С. 22.

27. Fünf JahreBürokratieabbau. Der Weg nach vorn. Jahresbericht 2011 des Nationalen Normenkontrollrat. September 2011 [Захираи электронӣ]. URL: https://www.normenkontrollrat.bund.de/ (санаи муроҷиат: 25.12.2024).

**МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН**

1. Маводи ба нашр пешниҳодшаванда бояд аслӣ буда, дар дигар маҷаллаҳо нашр нагардида бошад. Мавод дар асоси адабиёти илмии муосир бо назардошти навгониҳои илмӣ коркард гардида бошад.

2. Муаллиф(он) ба идораи маҷалла 2 нусхаи мақоларо ба суроғаи 734061, ш.Душанбе, к. Борбад 48/5 оварда мерасонад, инчунин шакли электронии маводро ба почтаи электронии majala.dbsst@gmail.com мефиристад.

3. Маълумот оид ба муаллиф(он) дар охири мақола бо забони русӣ ба таври зерин оварда мешавад:

***Абдуллоев Абдулло Абдуллоевич*** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тел: (+992) 234-88-02, E-mail: majala.dbsst@gmail.com

4. Насаб ва номи муаллиф (Фамилия И.О.), номи мақола, фишӯрдаи мақола (то 600 калима), вожаҳои калидӣ (7-10 калима), руйхати адабиёти истифодашуда (то 10 номгуй).

5. Ҳаҷми мақола (ҳуруфчинии компютерӣ) на зиёда аз 0,5 ҷ.ч. (8 саҳ.) бо назардошти шакли А4, ҷадвалҳо ва расмҳо.

6. Мақола дар шакли MS Word, шрифти Times New Roman, андозаи 12, интервали 1. Сохти саҳифа: боло ва поён -2 см, рост -1,5 см, чап -3 см.

7. Ҷадвалҳо, расмҳо ва схемаҳо бояд ғайриранга, дорои рақам ва ном бо нишондоди сарчашма, амсоли [12, с. 77] коркард шавад.

8. Барои ҷадвал ва расмҳо шрифти Times New Roman, андозаи 12, интервали 1 истифода бурда шавад.

9. Воҳидҳои ченак ба таври зайл (м, кг, сомонӣ ва ғ.), сол монанди «с.» навишта мешавад.

10. Нохунакҳои китобӣ («») истифода бурда шавад. Тире бошад (–) ва дефис (-) истифода шавад.

11. Руйхати адабиёт дар охири саҳифа оварда шуда, дар матни мақола истинод дода мешавад. Адабиёти аз забонҳои хориҷа истифодашударо ба забони аслиаш гузошта мешавад ё тарҷума намуда калимаи «тарҷума» илова карда мешавад.

12. Номҳои ширкатҳои хориҷӣ, институтҳои молиявӣ бо ҳарфҳои лотинӣ, бе истифода аз нохунак ва шакли сиёҳ навишта мешавад. Баъди истифодаи насаби олимони хориҷӣ, роҳбарони ширкатҳо ҳангоми истинод надодан, дар қавс бо ҳарфҳои лотинӣ навишта мешавад.

13. Маводҳо (мақолаҳо)-и дорои дараҷаҳои «махфӣ» ё «барои истифодаи хидматӣ» дар маҷалла нашр карда намешавад.

***Дар ҳолати зарурӣ ҳайати таҳририя ҳуқуқ доранд, ки ҳаҷми мақоларо то андозаи даркорӣ кӯтоҳ намоянд.***

**ҚОИДАҲОИ ҚАБУЛИ МАҚОЛАҲОИ ВОРИДШУДА БА ИДОРАИ МАҶАЛЛА**

Ҳангоми қабули мақола ба қайд гирифта мешавад, баъди баррасии ҳайати таҳририя барои тақриз ба мутахассиси соҳа супорида мешавад. Баъди гирифтани тағризи ғайриқаноатбахш мақола ба муаллиф барои бартараф намудани камбудиҳо баргардонида мешавад.

Муаллиф метавонад дар муддати 30 рӯз аз ҳолати мақолаи худ тариқи телефонҳои (+992 37) 234 88 02 ё почтаҳои электронии majala.dbsst@gmail.com хабардор шавад.

Дар ҳолати мақолаи бори дувум аз ҷониби муаллиф коркардшудаи қобили қабул бошад, мақола барои чоп бори дувум қабул карда мешавад.

## ҚОИДАҲОИ ТАҚРИЗ ШУДАНИ МАҚОЛАҲОИ ВОРИДШУДА

Ҳар як мақолае, ки ба идораи маҷаллаи **«ПАЁМШИНОСӢ»** ворид мегардад, ҳатман тақриз мешавад. Ин раванд ба муаллифон ва барои муқарризон махфӣ боқӣ мемонад. Ба сифати муқарриз идораи маҷалла аз ҳисоби ҳайати таҳририя ва берун аз онро ҷалб менамояд. Бояд муқарриз дорои унвони илмии номзади илм ё доктори илми иқтисодӣ, ва дар ҳолати зарурӣ таҷрибаи баланд дар соҳиаи иқтисодиёт дошта бошад.

1. Баъди қабули мақола ба қайд гирифта мешавад, ҳайати таҳририя баррасӣ менамоянд, баъдан ба муқарризи соҳавӣ фиристода мешавад. Муқарриз бояд аз рӯи хусусиятҳои зерин арзёбӣ намояд:

- сатҳи илмии мавод;
- муҳимияти масъалагузорӣ;
- навгонӣ ва иттиллоотӣ;
- мувофиқати миқдор оид ба интихоби мавзӯъ ва талаботи таҳририя.

2. Мақола аз ҷониби муқарриз дар муддати 15 рӯзи корӣ баррасӣ мегардад ва тавассути мактуб ба шакли тақриз ба идораи маҷалла бо назардошти талаботҳои зерин баргардонида мешавад:

- мавҷудияти хатогиҳо ва плагиат;
- маводро чоп кардан мумкин аст ё не;
- мавод бори дуввум ба тақриз фиристода шавад ё не (бо нишондоди муқарризони мавҷуда);
- мавод рад карда шавад (бо пешниҳоди раддия).

3. Ҳангоми ба даст овардани пешниҳоди мусбӣ «баъди коркард нашр карда шавад…» бояд иловаҳо қайд карда шавад (қайдҳо характери пешниҳодотӣ дошта бошанд).

4. Дар ҳолати мувофиқ набудани пешниҳоди муқарриз бо муаллиф, муаллиф метавонад ба идораи маҷалла ҷавоби аргументӣ пешниҳод намояд. Мақола бо тағйиротҳои дар асоси қайдҳо такроран ба муқарриз фиристода мешавад. Агар дар ин ҳолат фикру андешаҳои муаллиф ва муқарриз мувофиқ ояд, мақола ба нашр пешниҳод карда мешавад.

## ПАМЯТКА ДЛЯ АВТОРОВ

1. Материал, предлагаемый для публикации, должен быть оригинальным, не опубликованным ранее в других изданиях, написан в контексте современной научной литературы и содержать очевидный элемент создания нового знания.

2. Автор(ы) присылают в редакцию 2 экземпляра статьи (подписанной автором) в печатном и в электроном виде по (электронной) почте для иногородних авторов по адресу: 734061 Душанбе, ул. Борбад 48/5, E-mail: majala.dbsst@gmail.com;

3. Информация об авторе(ах) оформляется следующим образом:

***Абдуллоев Абдулло Абдуллоевич*** – кандидат экономических наук, доцент, Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, тел: (+992) 234-88-02, E-mail: majala.dbsst@gmail.com

4. Фамилия и инициалы (Фамилия И.О.), название статьи, краткая аннотация статьи (до 600 печ. знаков), ключевые слова (7-10 слов), библиографический список,

на который дана ссылка в тексте статьи (до 10 наименований).

5. Объем статьи не должен превышать 0,5 п.л. (1800 п. знаков -8 стр.) компьютерного текста формата А4, включая таблицы, список литературы и рисунки (схемы).

6. Файлы с текстом статьи и сведениями об авторе оформляются в формате MS Word, шрифт – Times New Roman, размер-12 пт, интервал- 1. Поля: верхнее, нижнее – 2 см, правое -1,5 см, левое – 3 см.

7. Таблицы, рисунки и схемы должны быть: черно-белыми, пронумерованы и озаглавлены, снабжены ссылками на источники, например, [12, с .77].

8. Для оформления таблиц и рисунков необходимо использовать следующие параметры: шрифт- Times New Roman (TJ), размер – 12 пт, интервал – 1.

9. Обозначения единиц измерения различных величин (м, кг, сомони и т.д.), сокращениями типа «г.» (год).

10. При использовании в тексте кавычек используется типографские кавычки («»). Тире обозначается символом «–» (длинное тире); дефис «-».

11. Библиографический список приводится в порядке упоминания в конце статьи. Ссылки на иностранные источники даются на иностранном языке и сопровождаются, в случае перевода на таджикский или русский язык, с указанием на перевод.

12. Названия зарубежных компаний, финансовых институтов приводятся в тексте латинскими буквами без кавычек и выделений. После упоминания в тексте фамилий зарубежных ученых, руководителей компаний и т.д. на русском языке, в круглых скобках приводится написание имени и фамилии латинскими буквами, если за этим не следует ссылка на работу зарубежного автора.

13. Материалы (статьи), содержащие информацию с грифом «Секретно» или «Для служебного пользования» не могут быть опубликованы в данном журнале.

**Редакционная коллегия оставляет за собой право при необходимости сокращать объем статьи, подвергая их редакционной правке.**

## ПОРЯДОК ПОЛУЧЕНИЯ ПОСТУПИВШИХ В РЕДАКЦИЮ МАТЕРИАЛОВ

По получении статья регистрируется, рассматривается редакционной коллегией и направляется на рецензию специалистам по данной тематике. При получении отрицательных отзывов - статья передается автору для доработки.

Автор может узнать результаты рецензирования в течение 30 дней и о судьбе своей статьи позвонив в редакцию по тел. (+992 37) 234 88 02; или прислав запрос по электронной почте в редакцию E-mail: majala.dbsst@gmail.com

Если переработанная автором с учетом принципиальных замечаний рецензента и редакции, статья удовлетворяет требования опубликования, она принимается обратно редакцией журнала.

## ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ РУКОПИСИ СТАТЬИ

Каждая статья, предоставленная в редакцию журнала **«АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ СОВРЕМЕННОГО ГОСУДАРСТВА, ОБЩЕСТВА И ПРАВА»** проходит процедуру обязательного рецензирования. Эта процедура анонимна и для автора, и для рецензента. В качестве рецензентов редакция журнала привлекает членов редакционной коллегии, а также внешних экспертов из числа ученых и специалистов. Рецензент должен иметь ученую степень кандидата, либо доктора экономических наук или опыт практической работы по данному направлению.

1. После получения статьи редакцией она регистрируется, рассматривается редколлегией и направляется на рецензию специалистам по соответствующему профилю. Рецензент должен оценить:

- научный уровень материала;
- актуальность освещаемых вопросов;
- новизну и информационность.
- соответствие объема выбранной темы требованиям редакции.

2. В течение 15 рабочих дней статья должна быть рассмотрена рецензентом и его письменный отзыв должен быть оформлен в виде рецензии, которая должна отвечать следующим требованиям:

- замечания и недоработки, нет ли элементов плагиата
- следует ли материал опубликовать;
- вернуть ли автору (авторам) для доработки;
- направить ли материал на дополнительное рецензирование (с указанием возможных рецензентов);
- или отклонить материал как непригодный для публикации (с обоснованием мотивации отказа).

3. При рекомендации «опубликовать материал после доработки…» должны быть указаны замечания (требования к данному материалу), которые являются обязательными, с точки зрения рецензента, и замечания, которые могут рассматриваться, как пожелания.

4. В случае несогласия с мнением рецензента автор статьи имеет право предоставить аргументированный ответ в редакцию журнала. Статья с изменениями на основе замечаний повторно направляется для согласования рецензенту. Если переработанная автором статья и одобренная рецензентом удовлетворяется требованиям редакционной коллегии, она публикуется в журнале.

## NOTE FOR AUTHORS

1. The material proposed for publication should be original, not previously published in other editions, written in the context of modern scientific literature and contain an obvious element of creation of new knowledge.

2. The author(s) send to the editorial office 2 copies of the article (signed by the author) in hard copy and in electronic form by (electronic) mail for non-resident authors to the address: 734061 Dushanbe, 48/5 Borbad St., E-mail: majala.dbsst@gmail.com;

3. Information about the author(s) shall be formatted as follows:

***Abdulloev Abdullo Abdulloevich*** – Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, tel.: (+992) 234-88-02, E-mail: majala.dbsst@gmail.com

4. Surname and initials (Surname I.O.), title of the article, short abstract of the article (up to 600 characters), key words (7-10 words), bibliographic list referenced in the text of the article (up to 10 titles).

5. The volume of the article should not exceed 0.5 p.l. (1800 characters -888). (1800 characters - 8 pages) of A4 format computer text, including tables, reference list and figures (schemes).

6. Files with the text of the article and information about the author should be in MS Word format, font - Times New Roman, size-12 pt, spacing-1. Margins: top, bottom - 2 cm, right -1,5 cm, left - 3 cm.

7. Tables, figures and schemes should be: black and white, numbered and titled, with references to sources, for example, [12, p. 77].

8. For the design of tables and figures should be used the following parameters: font - Times New Roman (TJ), size - 12 pt, spacing - 1.

9. Denotation of units of measurement of various quantities (m, kg, somoni, etc.), abbreviations such as "g." (year). (year).

10. When quotation marks are used in the text, typographical quotation marks ("") are used. A dash is indicated by the symbol "-" (long dash); a hyphen "-".

11 The bibliographic list is given in the order of citation at the end of the article. References to foreign sources are given in a foreign language and accompanied, in case of translation into Tajik or Russian, with an indication of the translation.

12 The names of foreign companies, financial institutions are given in the text in Latin letters without quotation marks and emphasis. After mentioning in the text the names of foreign scientists, heads of companies, etc. in Russian, in parentheses the name and surname are written in Latin letters, if this is not followed by a reference to the work of a foreign author.

13. Materials (articles) containing information labeled "Secret" or "For Official Use" cannot be published in this journal.

**The Editorial Board reserves the right, if necessary, to reduce the volume of the article, subjecting them to editorial revision.**

## PROCEDURE FOR RECEIVING MATERIALS RECEIVED BY THE EDITORIAL OFFICE

Upon receipt, the article is registered, reviewed by the editorial board and sent for review to specialists in the subject. If negative feedback is received, the article is passed to the author for revision.

The author can find out the results of reviewing within 30 days and the fate of his/her article by calling the editorial office by tel. (+992 37) 234 88 02; or sending a request by e-mail to the editorial office E-mail: majala.dbsst@gmail.com.

If the article, revised by the author taking into account the fundamental comments of the reviewer and the editorial board, meets the requirements for publication, it is accepted back by the editorial board of the journal.

## PROCEDURE FOR REVIEWING THE MANUSCRIPT OF AN ARTICLE

Each article submitted to the editorial board of the journal "**CURRENT PROBLEMS OF THE MODERN STATE, SOCIETY AND LAW**" undergoes a mandatory review procedure. This procedure is anonymous for both the author and the reviewer. As reviewers, the editorial board attracts members of the editorial board, as well as external experts from among scientists and specialists. The reviewer should have a degree of candidate or doctor of economic sciences or practical experience in this area.

1. After the article is received by the editorial board, it is registered, reviewed by the editorial board and sent for review to specialists in the relevant profile. The reviewer should evaluate:

- scientific level of the material;
- relevance of the issues covered;
- novelty and informativeness.
- compliance of the volume of the selected topic with the requirements of the editorial board.

2. Within 15 working days the article should be considered by the reviewer and his written feedback should be formalized in the form of a review, which should meet the following requirements:

- remarks and deficiencies, whether there are no elements of plagiarism;
- whether the material should be published;
- whether the material should be returned to the author(s) for revision;
- whether the material should be sent for additional review (indicating possible reviewers);
- or reject the material as unsuitable for publication (with justification of the motivation for rejection).

3. When recommending "to publish the material after revision..." the comments (requirements to the material), which are mandatory, from the reviewer's point of view, and the comments, which can be considered as wishes, should be indicated.

4. In case of disagreement with the reviewer's opinion, the author of the article has the right to provide a reasoned response to the editorial board of the journal. The article with changes based on the comments is resubmitted to the reviewer for approval. If the article revised by the author and approved by the reviewer meets the requirements of the editorial board, it is published in the journal.

## Маълумот барои тамос:

**Сармуҳаррир:** Асрорзода Убайдулло Саттор
Тел./факс: (+992 37) 2-34-88-02
E-mail: dsx_ips@mail.ru

**Ҷонишини сармуҳаррир:** Қудратов Некруз Абдунабиевич
Тел./факс: (+992) 935777900; (+992 37) 2-34-88-02
E-mail: majala.dbsst@gmail.com

**Котибони масъул:** Матробов Матроб Хуррамович, Шоҳзода Назира Изатулло
Тел./факс: (+992 37) 2-34-88-02
E-mail: majala.dbsst@gmail.com

## Контактная информация:

**Главный редактор журнала:** Асрорзода Убайдулло Саттор
Тел./факс: (+992 37) 2-34-88-02
E-mail: dsx_ips@mail.ru

**Зам. гл. редактора журнала:** Қудратов Некруз Абдунабиевич
тел./факс: (+992) 935777900; (+992 37) 2-34-88-02
E-mail: majala.dbsst@gmail.com

**Ответственные секретары журнала:** Матробов Матроб Хуррамович, Шоҳзода Назира Изатулло
Тел./факс: (+992 37) 2-34-88-02
E-mail: majala.dbsst@gmail.com

## Contact information:

**Editor-in-chief of the journal:**
Asrorzoda Ubaidullo Sattor
Tel./Fax: (+992 37) 2-34-88-02
E-mail: dsx_ips@mail.ru

**Deputy editor-in-chief of the journal:**
Kudratov Nekruz Abdunabievich
Tel./Fax: (+992) 935777900; (+992 37) 2-34-88-02
E-Mail: majala.dbsst@gmail.com

**Responsible secretaries of the journal:** Matrobov Matrob Khurramovich, Shohzoda Nazira Izatullo
Tel./Fax: (+992 37) 2-34-88-02
E-mail: majala.dbsst@gmail.com

---------------------------------------------------------------------------------------------------
Ба чопаш 22.09.2025 имзо шуд.
Андозаи коғаз 60x84 1/8. Коғази офсетӣ.
Ҷузъи чопӣ 11,86. Адади нашр 100 нусха.
---------------------------------------------------------------------------------------------------

«Соҳибкор»,
ш. Душанбе, х. Борбад 48/5
---------------------------------------------------------------------------------------------------